ISSN 0235 - 005X

# А Х Б О Р И
# ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# И З В Е С Т И Я
# ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# PROCEEDINGS
# OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW NAMED AFTER A. BAHOVADDINOV OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

№ 2

Душанбе – 2019

**АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Сармуҳаррир:** Назар М. А. – номзади илмҳои фалсафа, дотсент
**Муовини сармуҳаррир:** Ҳайдаров Р. Ҷ. – доктори илмҳои фалсафа
**Котиби масъул:** Закиров Н. М. – номзади илмҳои фалсафа

**Аъзои ҳайати таҳририя:**
1. Диноршоев М.Д. – академики АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа , профессор
2. Олимов К.О. – академики АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
3. Муҳаммад А.Н. – аъзо - корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
4. Ятимов С.С. – аъзо - корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
5. Додихудоев Х.Д. – аъзо - корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
6. Шоисматуллоев Ш. – аъзо-корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои сотсиология, профессор
7. Раҳимзода М.З – аъзо - корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
8. Музаффар М. – аъзо - корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
9. Искандаров А. – доктори илмҳои сиёсӣ
10. Саидов А. С. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
11. Раҳимов С.Х. – доктори илмҳои фалсафа
12. Раҷабов С.А. – доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент
13. Маҳмадҷонова М.Т. – доктори илмҳои фалсафа, дотсент
14. Нуриддинов Р.Ш. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
15. Қаҳоров Ғ.Ғ. – доктори илмҳои фалсафа

**Масъулони таҳия:** Закиров Н.М. – номзади илмҳои фалсафа
Иброҳимова С.Ҳ.
**Таҳриру такмили матнҳо:** Ҳоҷиматова Г.М., Юсуфҷонов Ф.М., Шарипов А.

*Мақолаҳо таҳрир мешаванд.*
*Матни мақолаҳо дар таҳрири муаллиф нашр мешаванд.*
*Фикри ҳайати таҳририя бо фикри муаллиф метавонанд мувофиқ набошад.*
*Ҳангоми истифода аз мавод ва иқтибос ҳавола ба “Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳатмӣ аст.*

## МУНДАРИҶА

### ФАЛСАФА

**Назар М. А.** Таҳаввули тасаввурот доир ба адолат дар фалсафаи атиқа ва асримиёнагии Ғарб ........ 11
**Закиров Н.М.** Ҷойгоҳи дин дар ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш........ 19
**Бандалиева Ш.Н.** Гуногунандешӣ аз назари Носири Хусрав ва Ҷалолуддини Балхӣ….. 24
**Соибшо Ш.** Масъалаи таҳлили ҷомеашиносии муваффақиятҳо дар соҳаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ........ 32
**Хуррамӣ Ҳ.** Нақши фарҳанг дар низоми сиёсӣ........ 36
**Музаффар М.** Андешаҳо дар бораи сохтори равонии инсон........ 43
**Муҳаммадҷони Т.** Масъалаи ташаккули шахсият дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII........ 48
**МуродоваТ.** Масъалаи ҳастӣ ва маърифат аз нигоҳи Ҳаким Сафо........ 56
**Шамсов М.С., Каримова Н.Ф**. Баъзе масъалаҳои ахлоқӣ дар «Тибби рӯҳонӣ»....... 63
**Мирзоев Н. М.** Мақом ва нақши агентҳои ташаккули сиёсӣ дар раванди пешгирӣ намудани тундгароии ҷавонон ва тавсеаи экстремизм дар шароити муосир........ 67
**Қаландаров М. И., Туйчиева М. Ҳ.** Таъсири андешаҳои Фахриддини Розӣ ба рушди фалсафаи калом........ 72
**Беков К.** Ибни Муқаффаъ ва ҷаҳонбинии ӯ........ 77
**Қорихонов С. О.** Ақидаҳои фалсафии А.Форобӣ оид ба нақши инсон дар ташаккули ҷомеа........ 83
**Ҷонбобоев С.** Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ: масъалаҳо ва дурнамои таҳқиқоти илмӣ ........ 89
**Садуллоева М.С.** Фазои рамзии хонаи бадахшӣ ва муҳимияти он........ 97
**Раҳимов С.Х., Мирзораҳимов Ф**. Фалсафа ва синамо........ 102
**Табарова Г.М.** Муҳоҷирати меҳнатӣ ва мутобиқшавии муҳоҷирони меҳнатӣ........ 109
**Назаров Ф.** Мактаби фиқҳии ҳанафӣ ва сарчашмаҳои идеявии пайдоиши он (таҳлили фалсафӣ-диншиносӣ)........ 114
**Сулаймонӣ П.** Таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба масъалаи ворисият ва мухолифати наслҳо........ 118
**Раҳмонзода Г. Р.** Асосҳои назариявии ташаккули гендер ҳамчун равияи илмӣ........ 124
**Норова Н.Н.** Шароитҳои амалигардонии иқтидори инфрасохтори коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 129

### СИЁСАТШИНОСӢ

**Муҳаммад А.Н., Ахмедов Ф. А.** Ҳузури молиявии Чин дар Осиёи Марказӣ ва таассури иҷтимоӣ нисбати он........ 136
**Саидов А.С., Исмоилзода З.М.** Фурӯпошии ИҶШС – яке аз омилҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон........ 145
**Ҳайдаров Р.Ҷ. Махсумова М.А.** Таъсири ВАО дар ташаккули афкори ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 152
**Раҳмон Ю.А.** Ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва таҳдиди он ба манфиатҳои миллӣ ........ 158
**Ҳайдаров Р.Ҷ.** Аҳамияти ташаббуси чинии “Як камарбанд – Як роҳ” барои Тоҷикистон........ 162
**Акмалова М. А.** Ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мустаҳкамнамоии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон........ 167
**Баротов И.И.** Имиҷи геополитикии Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ: гузариш аз «қудрати нарм» ба «гегемонияи нарм»........ 174
**Шамсов Т. И.** Омилҳои зуҳур ва пешгирии коррупсия дар шароити Тоҷикистони муосир........ 181
**Абдуҷалилов А.** Асосҳои равонии терроризм ва хусусиятҳои он дар ҷомеаи муосири тоҷик........ 187
**Муродов Т.Н.** Оид ба масъалаи ташаккул ва рушди илмҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон........ 192

**Мубориз А.** Заминаҳои ицтимоӣ ва фарҳангии бунёди давлатдории миллӣ дар Афғонистон……………………………………………………………………....… **199**
**Муҳаммадзода П. А., Шарипов А. Н.** Дурнамои рушди ҳамгироии минтақавӣ ва таҳдидҳои нави амниятии Осиёи Марказӣ дар шароити муосир …………………... **204**
**Мирзоев С.Т.** Афғонистон дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон.................. **215**
**Файзалиев Ш. М.** Ҷанбаҳои асосии таъсири ҷаҳонишавӣ ба раванди тағйирёбии системаи сиёсии ҷомеа........................................................................................ **224**
**Дороншоева Н.Ш**. Муносибатҳои фарҳангӣ, илмӣ ва таълимии Тоҷикистон ва ИМА дар шароити муосир......................................................................................... **229**
**Муродов С. А.**, **Гадоев М. М.** Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи хоси геополитикӣ……………………………………………………………………… **234**
**Шоисматуллоев Ш., Ализода Н.А.** Ташаккул ва инкишофи назарияҳои элитаи сиёсӣ……………………………………………………………………….............. **242**
**Маҳмадизода Н. Музаффарзода Ф.** Таснифи манфиатҳои миллӣ ва моҳияти онҳо.. **248**
**Искандаров А. И. Сангинов Н.Н.** Масъалаҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатисионии «ҷангҳои омехта» ва хусусияти онҳо...................................... **254**
**Алимов Б. Ҳ.** Стратегияи инкишофи муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар ибтидои асри XXI...................................... **261**
**Гулмирзоев А.Ш**. Амнияти энергетикӣ: моҳият ва хусусиятҳои он.......................... **268**
**Саидова Ф.С.** Маданияти суханварӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар осори мутафаккирони форсу тоҷик........................................................................... **272**

**ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМЕНИ А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**Главный редактор**: Назар М. А. – кандидат философских наук, доцент
**Заместитель главного редактора**: Хайдаров Р. Дж. – доктор философских наук
**Ответственный секретарь**: Закиров Н. М. – кандидат философских наук

**Члены редколлегии:**

1. Диноршоев М.Д. – академик АН РТ, доктор философских наук, профессор
2. Олимов К. О. – академик, доктор философских наук, профессор
3. Мухаммад А.Н. – член-корр. АН РТ, доктор политических наук, профессор
4. Ятимов С.С. – член-корр. АН РТ, доктор политических наук, профессор
5. Додихудоев Х.Д. – член-корр. АН РТ, доктор философских наук, профессор
6. Шоисматуллоев Ш. – член-корр. АН РТ, доктор социологических наук, профессор
7. Рахимзода М.З. – член-корр. АН РТ , доктор юридических наук, профессор
8. Музаффар М. – член-корр. АН РТ, доктор философских наук, профессор
9. Искандаров А. И. – доктор политических наук
10. Саидов А.С. – доктор философских наук, профессор
11. Рахимов С.Х. – доктор философских наук, профессор
12. Раджабов С.А. – доктор юридических наук, доцент
13. Махмаджонова М.Т. – доктор философскихнаук, доцент
14. Нуриддинов Р.Ш. – доктор политических наук, профессор
15. Гаюров Г.Г. – доктор философских наук,

**Ответственные**
**за подготовку к печати**: Закиров Н.М. – кандидат философских наук
Ибрагимова С.Х.
**Редакция и корректура**: Ходжиматова Г.М., Юсуфджонов Ф.М., Шарипов А.

*Статьи рецензируются.*
*Тексты статей даются в авторской редакции.*
*Мнение редакции может не совпадать с мнением авторов.*
*При использовании и цитировании материалов ссылка на “Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова АН Республики Таджикистан” обязательна.*

**http://www.ifppanrt.tj/**

## ОГЛАВЛЕНИЕ

### ФИЛОСОФИЯ

**Назар М. А**. Эволюция представлений о справедливости в античной и средневековой западной философии…………………………………………………… 11
**Закиров Н.М.** Роль религии в мировоззрении Ахмада Дониша…………………… 19
**Бандалиева Ш.Н.** Мир идей и размышлений Джалолуддина Румия и Насира Хусрава о плюрализме........................................................................................ 24
**Соибшо Ш.** Социологический анализ достижений всеобщего начального образования…………………………………………………………………………… 32
**Хуррами Х.** Роль культуры в политической системе……………………………….. 36
**Музаффар М.** Идеи о строении человеческой психики……………………………… 43
**Мухаммадджони Т. Р.** Проблема формирования личности в творчестве таджикских мыслителей IX-XIII вв……………………………………………….. 48
**Муродова Т.** Проблема онтологии и эпистемологии в учении Хаким Сафа……… 56
**Шамсов М., Каримова Н.Ф.** Некоторые этические вопросы в «Духовной медицине» Рази……………………………………………………………………… 63
**Мирзоев Н. М**. Место и роль агентов политической социализации в предотвращении радикализации молодежи и распространении экстремизма в современных условиях……………………………………………………………………………. 67
**Каландаров М. И., Туйчиева М. Х.** Влияние идей Фахриддина Рази на развитие философии калама………………………………………………………………….. 72
**Беков К.** Ибн Мукаффа' и его мировоззрение........................................................ 77
**Корихонов С. О.** Философские размышления А.Фараби о роли человека в развитии общества………………………………………………………………………… 83
**Джонбобоев С.** Центр авиценноведения Института философии, политологии и права АН РТ: проблемы и перспективы научных исследований………………… 89
**Садуллоева М.С.** Символическое пространство памирского дома и его значимость… 97
**Рахимов С.Х., Мирзораҳимов Ф.** Философия и кино……………………………… 102
**Табарова Г.М.** Трудовая миграция и процесс адаптации трудовых мигрантов… 109
**Назаров Ф.** Ханафитская правовая школа и ее идейные истоки (философско-религиоведчекий анализ)………………………………………………………………….. 114
**Сулаймони П.** Влияние процесса глобализации на проблему преемственности и конфликта поколений……………………………………………………………… 118
**Рахмонзода Г. Р.** Теоретические основы формирования гендера как научного направления……………………………………………………………………… 124
**Норова Н. Н.** Условия реализации коммуникативного потенциала туризма в Республике Таджикистан……………………………………………………………….. 129

### ПОЛИТОЛОГИЯ

**Мухаммад А.Н, Ахмедов Ф. А.** Китайское финансовое присутствие в ЦА и его социальное восприятие………………………………………………………… 136
**Саидов А.С., Исмоилзода З.М.** Распад СССР – один из факторов обретения Таджикистаном государственного суверенитета…………………………………… 145
**Хайдаров Р.Дж., Махсумова М.А**. Влияние СМИ на формирование общественного мнения в РТ......................................................................................... 152
**Рахмон Ю. А.** Религиозно-политический экстремизм и его угрозы национальным интересам……………………………………………………… 158
**Хайдаров Р. Дж.** Значение китайской инициативы «Один пояс–один путь» для РТ…. 162
**Акмалова М. А** Сотрудничество государственных и неправительственных институ-

тов в укреплении государственного суверенитета Республики Таджикистан 167
**Баротов И.И.** Геополитический имидж Китая в Центрально-азиатском регионе: переход от «мягкой силы» к «мягкой гегемонии»…………………………………… 174
**Шамсов Т.И.** Факторы возникновения и предотвращения коррупции в условиях современного Таджикистана……………………….………………………………… 181
**Абдуджалилов А.** Психология терроризма и его особенности в современном таджикском обществе……………………………………………………………………….. 187
**Муродов Т. Н.** К вопросу о становлении и развитии политической науки в Таджикистане………………………………………………………………………………… 192
**Мубориз А.** Социально-культурные предпосылки строительства национальной государственности в Афганистане………………..………………………………….. 199
**Мухаммадзода П. А. Шарипов А. Н.** Перспективы развития региональной интеграции и новые угрозы безопасности Центральной Азии в современных условиях…………….. 204
**Мирзоев С.Т.** Афганистан во внешней политике Республики Узбекистан……….. 215
**Файзалиев Ш. М.** Основные аспекты влияния глобализации на процессы трансформации политической системы общества………………………………… 224
**Доронпоева Н.Ш.** Культурные и научно-образовательные отношения Таджикистана и США в современных условиях…………………………………….. 229
**Муродов С. А.**, **Гадоев М. М.** Центральная Азия как особый геополитический регион…………………………………………………………………………………… 234
**Шоисматуллоев Ш., Ализода Н.** Формирование и развитие теории политической элиты............................................................................................................ 242
**Махмадизода Н. Музаффарзода Ф.** Классификация национальных интересов и их сущности…………………………………………………………………………… 248
**Искандаров А. И., Сангинов Н. Н.** Проблемы технологии «гибридных войн» против Республики Таджикистан…………………………………………………… 254
**Алимов Б. Х. С**тратегия развития межгосударственных отношений Республики Таджикистан и Российской Федерации в начале XXI века…………..……………… 261
**Гулмирзоев А. Ш.** Энергобезопасность: сущность и особенности……………..……… 268
**Саидова Ф.С.** Культура риторики и его особенности в наследии персидско-таджикских мыслителей.......................................................................................... 272

**PROCEEDINGS OF THE BAHOVADDINOV INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Editor-in-Chief:** Nazar M. A. – Candidate of Philosophical Sciences
**Deputy Editor-in-Chief:** Haydarov R. Dj. – Doctor of Philosophical Sciences
**Executive Secretary:** Zakirov N. M. – Candidate of Philosophical Sciences

**Editorial Board Members:**
1. Dinorshoev M.D. – Academician, AS RT, Doctor of Philosophical Sciences, Professor
2. Olimov K.O. – Academician, AS RT, Doctor of Philosophical Sciences, Professor
3. Muhammad A.N. – Corresponding Member, AS RT, Doctor of Political Sciences, Professor
4. Yatimov S.S. – Corresponding Member, AS RT, Doctor of Political Sciences, Professor
5. Dodikhudoev Kh.D. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
6. Shoismattulloev Sh. – Corresponding Member, AS RT, Doctor of Sociologocalal Sciences
7. Rahimzoda M.Z. – Corresponding Member, AS RT, Doctor of Law (Jurudical Sciences)
8. Muzaffar M. – Corresponding Member, AS RT, Doctor of Philosophical Sciences, Professor
9. Iskandarov A. – Doctor of Political Sciences
10. Saidov A.S. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
11. Rahimov S.H. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
12. Radjabov S.A. –Doctor of Law (Jurudical Sciences), Docent
13. Mahmadjonova M.T. – Doctor Philosophical Sciences, Docent
14. Nuriddinov R.Sh. – Doctor of Political Sciences, Professor
15. Ghayurov G.G. – Doctor Philosophical Sciences

**Responsible for Preparation for Printing:**
Zakirov N.M. – Candidate of Philosophical Sciences
Ibrohimova S.Kh. – Candidate of Philosophical Sciences
**Editing and Proofreading:** Yusufjonov F.M, Candidate of Political Sciences, Hojimatova G.M., Sharipov A.

*All articles are being reviewed.*
*Articles are to be submitted by the authors.*
*Opinion of the Editorial Board may vary from the one of the authors.*
*While using citing materials, reference must be shown to Proceedings of the Institute of Philosophy, Political Science and Law after A. Bahovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan.*

**http://www.ifppanrt.tj/**

## PHYLOSOPHY

**Nazar M. A.** Evolution of Imagination about Justice in Ancient and Medieval Western Philosophy……………………………………………………………………….. **11**
**Zakirov N. M.** The Role of Religion in the Worldview of Ahmad Donish……….. **19**
**Bandalieva Sh. N.** The Word of Ideas and Reflection Jalallidin Rumi and Nasir Khusraw about Pluralism………………………………………………………………… **24**
**Soibsho Sh.** Sociological Analysis of Achievements of All-General Primary Education. **32**
**Khurami H.** The Role of Culture in Political System…………………………………… **36**
**Muzaffar M.** Ideas about the Structure of the Human Psyche…………………… **43**
**Abduraupova Kh.N.** The Role of the Youth in Protecting National Interests of Tajikistan... **48**
**Muhammadjon T.R.** The Problem of Personality Formation in the Works of Tajik Thinkers of IX-XIII Centuries……………………………………………………………. **56**
**Murodova T.** The Problem of Ontology and Epistemology in the Teachings of Hakim Safa.. **63**
**Shamsov M., Karimova N.F.** Some Ethical Issues in "Spiritual Medicine" of Muhammad Zakariya Razi……………………………………………………………………………… **67**
**Mirzoev N. M.** The Place and Role of Political Socialization Agents in Preventing Radicalization of Youth and Spread of Extremism in the Current Context………….. **72**
**Kalandarov M. I., Tuychieva M. H**. The Influence of Fahriddin Razi on Development of the Kalam Philosophy…………………………………………………………….. **77**
**Bekov K.** Ibn Mukaffa and His Worldview……………………………………………… **83**
**Korikhonov S. O.** The Essence and Mission of Human in Philosophy of Abu Nasr Al-Farabi........................................................................................................... **89**
**Jonboboev S.** Center for Avcenna Studies of the Bahovadinov Institute of Philosophy, Political Science and Law of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan: Issues and Prospects of Scientific Researches/Studies………………………………… **97**
**Sadulloeva M. S.** Symbolical Space of Pamiri House and Its Significance……………. **102**
**Rahimov S. H., Mirzorahimov F.** Philosophy and Cinema…………………………… **109**
**Tabarova G.M.** Labor Migration and Adaptation Process of the Labor Migrants…… **114**
**Nazarov F.** Hanafi Legal School and its Ideological Sources (Philosophical and Religious Analysis)……………………………………………………………………… **118**
**Sulaimoni P.** The Influence of Globalization Process on the Issue of Succession and Conflict of Generations…………………………………………………………………….. **124**
**Rahmonzoda G. R.** Theoretical Foundations of the Gender Formation as a Scientific Direction……………………………………………………………………………… **129**
**Norova N. N.** Conditions for Implementation of Communicative Potential Tourism in the Republic of Tajikistan……………………………………………………………….

## POLITICAL SCIENCE

**Muhammad A. N., Akhmedov F. A.** Chinese Financial Presence in Central Asia and its Social Perception……………………………………………………………………….. **136**
**Saidov A. S., Ismoilzoda Z. M.** The Collapse of the USSR – one of the Factors of Achieving State Sovereignty by Tajikistan………………………………………… **145**
**Haydarov R. J., Makhsumova M.A.** Influence of the Mass Media on Formation of Public Opinion in the Republic of Tajikistan………………………………………… **152**
**Rahmon U. A.** Religious-political extremism and its threat to the national interests of the state……………………………………………………………………………… **158**
**Haydarov R. J.** Significance of the Chinese initiative The "Belt and Road Initiative (BRI)" for Tajikistan…………………………………………………………………… **162**
**Akmalova M. A.** Cooperation of State and Non-Governmental Institutions in Strengthening of State Sovereignty of the Republic of Tajikistan…………………… **167**
**Barotov I. I.** Geopolitical Image of China in the Centralasian Region: Transition from "Soft Power" to the "Soft Hegemony"…………………………………………………… **174**
**Shamsov T. I.** Factors of Emergence and Prevention of Corruption in Conditions of Modern Tajikistan………………………………………………………………………… **181**

**Abdujalilov A.** Psychology of Terrorism and its Features in the Modern Tajik Society. **187**
**Mubariz A.** Social and Cultural Preconditions of Construction of National Statehood in Afghanistan………………………………………………………………………… **192**
**Muhammadzoda P.A., Sharipov A.N.** Prospects for Development of Regional Integration and new Threats to the Security of Central Asia in the Current Context… **199**
**Mirzoev S.T.** Afghanistan in the Foreign Policy of the Republic of Uzbekistan............ **204**
**Fayzaliev Sh. M.** Basic Aspects of Globalization Influence on the Processes of Transformation of Political System of the Society……………………………………… **215**
**Doronshoeva N. Sh.** Cultural, Scientific and Educational Relations of Tajikistan with the USA…………………………………………………………………………….. **224**
**Murodov S. A., Gadoev M. M**. Central Asia as a Special Geopolitical Region………… **229**
**Shoismatulloev Sh., Alizoda N. A.** Formation and Development of the Theory of Political Elite........................................................................................................ **234**
**Mahmadizoda N., Muzaffarzoda F.** Classification of National Interests and its Essence. **242**
**Iskandarov A. I., Sanginov N. N.** The Problems of Technology of “Hybrid Wars” Against Tajikistan……………………………………………………………………… **248**
**Alimov B. H.** Strategies of Promotion of Intergovernmental Relations of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation in Early XXI Century……………………….. **254**
**Gulmirzoev A. Sh.** Energy Security: Essence and Peculiarities…………………………… **261**
**Saidova F. S.** Culture speech and its characteristics in the literary Persian-Tajik thinkers... **268**

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

## ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ

# ТАҲАВВУЛИ ТАСАВВУРОТ ДОИР БА АДОЛАТ ДАР ФАЛСАФАИ АТИҚА ВА АСРИМИЁНАГИИ ҒАРБ

**Назар М.А.** – н.и.ф., дотсент, ИФСҲ АИ ҶТ

*Дар мақола масъалаҳои таҳаввули тасаввуроти мутафаккирони машҳури давраҳои атиқа ва асримиёнагии Ғарб доир ба адолат мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Алалхусус, ба фаҳмиши адолат ҳамчун некӯӣ, зарурати риояи адолат, таснифи адолат ба адолати ҷузъӣ ва умумӣ, адолати баробаркунанда ва тақсимкунанда, таносуби адолат ва қонун, адолат ва ҳақиқат, қонуни табиӣ ва сунъӣ дар афкори мутафаккирони атиқа, тафсири илоҳиётии падидаи адолат дар асрҳои миёнаи Ғарб таваҷҷӯҳ карда шудааст. Маълум мегардад, ки тасмимҳои ҳал кардани масъалаи адолат ҳам дар давраи атиқа, ҳам дар асрҳои миёна дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ ҷойгоҳи хоссаи худро доштанд.*

***Калидвожаҳо:*** *адолат, беадолатӣ, баробарӣ, нобаробарӣ, некӯӣ, адолати баробаркунанда ва тақсимкунанда, подоши меҳнат, қонунҳои табиӣ, ҳуқуқ.*

Мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ дар таълимоти худ ба масъалаи адолат диққати хосса зоҳир намуда, ба инсоният роҳҳои ҳалли онро пешниҳод кардаанд. Як зумраи олимони давраи муосир низ тасмим гирифтаанд, ки мафҳуми адолатро тавзеҳ диҳанд. Ба саволи «барои чӣ то имрӯз масъалаи адолат дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ мубрам боқӣ мондааст?» ҷавоб ин аст, ки масъалаи адолат ҳам ба ҷомеа, ҳам ба ҳар як фарди алоҳидаи он дахл дорад, зеро одамон дар ҳамаи замонаҳои таърихӣ ташнаи адолат буданд. Гоҳе, агар дар ягон мамлакат марҳилаи сангини зиндагӣ фаро мерасид, сокинони он «асри тиллоӣ»-ро ёдоварӣ мекарданд, ки гӯё он дар гузаштаи дур замони сулҳу оромӣ ва адолат будааст. Қариб дар ҳамаи фарҳангҳои миллӣ устураҳо дар бораи чунин давраи пур аз хайру баракат вуҷуд доранд. Асрҳо паси сар мегардиданд, вале ривояту достонҳо дар бораи ҳокимони одил, адолатпарвар ва корҳои неки онҳо дар байни мардум боқӣ мемонанд. Дар давраи муосир низ мардум, на камтар аз ниёгони худ, барои расидан ба ҳақиқат кӯшиш дорад.

Дар соҳаи дониши иҷтимоӣ-гуманитарӣ андешаи анъанавӣ устувор шудааст, ки тибқи он дар марҳилаҳои ибтидоии инкишофи инсоният, вобаста ба паст будани дараҷаи инкишофи шуури ҷамъиятӣ ва фардӣ, адолат ба инобат гирифта намешуд. Ҳар як чизи арзишу аҳамиятдошта пурра ва комилан ба ин ё он умумияти одамон тааллуқ дошт. То ҳадде метавон тасдиқ кард, ки дар ибтидо адолат ҳамчун баробарии одӣ тасаввур карда мешуд. Ҳар як аъзои ҷомеаи ибтидоӣ ба қисми ғанимати бадастовардаи ҳар нафари дигар ё ҳамаи аъзои ин коллектив ҳақ дошт. Одамони ибтидоӣ дар ҳоли басо сода будани тарзи истеҳсолот ва муносибатҳои ҷамъиятиашон ба ҳамин тарзи муносиб рафтор мекарданд, чунки ба ин мустақиман шароити зиндагиашон водор мекард.

Шуури инсони давраи қадим, ки ҳанӯз принсипи подоши боадолатонаи натиҷаҳои ин ё он амалро ҷудо намекард, барои баҳо додан ба рафтор аз категорияҳои хайр ва шарр, некӣ ва бадӣ дар шакли архаикӣ истифода мекард. Тахмин кардан мумкин, ки дар Дунёи Қадим ба сифати яке аз меъёрҳои хайр ва шарр аз мафҳуми «баробарӣ», бидуни дарки мазмуни амиқи он, истифода карда мешуд. Дар ҷараёни инкишофи ҷомеаҳои ибтидоӣ дар онҳо қонунҳои нонавишта, як навъ қоидаю одатҳо пайдо мешуданд. Дар шароити ҷамъияти қадим системаи муайяни рафторҳои маҳкумшаванда (мамнӯъӣ) амал мекард ва нисбати содиркунандагони он ҷомеа ҷораҳои қатъӣ медид. Фард қариб ҳеҷ гоҳ худро ба коллектив зид намегузошт, зеро риоя накардани мамнӯъҳо аз ҷониби ягон нафар аъзои қабила ҳамчун таҳдиди хатару бадбахтӣ ба тамоми қабила фаҳмида мешуд. Нисба-

ти «озору ранҷдиҳӣ» тадриҷан чунин тарзҳои вокуниши коллективона, ба мисли қоидаи мутаносибии ҷазо ба гуноҳ («дандон бар ивази дандон»), қасосгирии хунӣ аз ҷинояткор ва хешовандони ӯ, баъдтар – пулу молситонӣ ба фоидаи ҷабрдида ё қабила ба миён омаданд.

Шароити ҳаёту фаъолияти дастаҷамъонаи одамон дар аҳди қадим муқаррар кардани баробарии воқеиро талаб мекард. Бинобар ин, адолат аз ҷониби онҳо ҳамчун зарурати иҷро кардани урфу одатҳои деринаю табарруки аҷдодон фаҳмида мешуд. Тибқи хулосаи муҳаққиқон, аз замони мартабавӣ шудани коллективҳои ибтидоии инсонӣ бақайдгирии адолат дар шуури ҷамъиятӣ оғоз гардидааст. Он ҳамчун вокуниши шуури асотирӣ ба тақсимоти нобаробари неъматҳо, дар инкишофи сохторҳои аввалини ҷомеаи ибтидоӣ зуҳур меёфт. Дар ин самт асотир ва достонҳои фарҳангҳои қадим маълумоти муайян дода метавонанд. Дар онҳо қоидаҳои рафтор, муносибаҳои муайяни ахлоқӣ нисбати подоши боадолатона ба некӯкорӣ ва бадрафторӣ ифода гардидаанд.

Дар фарҳанг ва фалсафаи Юнони Қадим низ ба масъалаи адолат таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардаанд. Аз таҳлили фарҳанги Юнони Қадим хулоса бармеояд, ки дар марҳилаҳои аввалини ташаккулёбиаш файласуфон адолатро ҳамчун тартиби муносибу лозимаи чизҳо, ҳамчун ҳолати «некӯ», ки мушаххасгардонии мафҳуми «некию хубӣ» буд, мефаҳмиданд. Чунончи, Плутарх (тахм. 45-127) дар «Тарҷимаи ҳоли муқоисавӣ» [1] қайд намудааст, ки шахсиятҳои маъруфи юнонӣ ва римӣ ғамхори адолат буданд.

Мутафаккири маъруфи Юнони Қадим Гераклит (тахм. 544-тахм. 480 то м.) чунин ақида дошт, ки адолат аз сарнавишти инсон ҷудонопазир аст ва ҳама чиз аз рӯи тақдир, ки ба зарурат айният дорад, сурат мегирад. Ӯ адолатро дар ҷорӣ будани қонунияти ҳодисоти табиат таъкид менамояд: «Хирадманд ҳамон аст, ки ҳақиқатро мегӯяд ва мувофиқ ба табиат амал мекунад». Гераклит нахустин шуда, ба нисбият дар мазмуни мафҳуми «адолат» диққат додаст. Аз назари ӯ, сухан сари он меравад, ки гуногунии завқу салиқа, манфиатҳо, баҳогузориҳо ва ғайра дар байни одамон фаҳмишҳои мухталифи адолатро ба миён меорад. Ин файласуфи номӣ мӯътақид бар он буд, ки адолат ва беадолатӣ ҳукмҳои бартаридоштаи хиради инсон мебошанд, зеро барои худоҳо ҳама чиз неку боадолатона аст, вале одамон як чизро беадолатӣ ва чизи дигарро боадолатӣ эътироф кардаанд.

Мутафаккири дигари замони атиқа Демокрит (тахм. 470-тахм. 366 то м.) тасдиқ менамуд, ки «Худоҳо фақат ба нафароне меҳрубонанд, ки нисбати беадолатӣ нафрат доранд» [2, с. 72, 86-87]. Тибқи ақидаи Демокрит, худи адолат ин пайравӣ ба табиат мебошад. Яъне дар фалсафаи Демокрит табиати объективии адолат дар мадди аввал гузошта шудааст, ки он на аз ақидаҳои нисбию тағйирпазири одамон, балки аз ифода кардани ҳолатҳои объективӣ, табиӣ иборат мебошад. Демокрит идеяи мавҷуд будани арзишҳои устуворро ҷонибдорӣ карда, адолатро аз ҳамин зумари арзишҳо ҳисобидааст. Ҳамзамон, ӯ хусусияти муассиру фаъоли меъёрҳои адолатро таъкид намудааст. Чунончи, ба ақидаи Демокрит, адолат иҷрои вазифаю масъулият аст. Ноадолатӣ ва ё беадолатӣ – иҷро накардани он чӣ ки бояд иҷро карда мешуд. Рафторҳои беадолатонаро пешгирӣ карда, ба касоне, ки аз беадолатӣ ҷафо мекашанд, бояд пуштбонӣ кард ва ба таҳқир шудани ҳеҷ нафаре набояд роҳ дод. Чунки ин тарзи рафтор боадолатона ва некӯ аст, иҷро накардани он беадолатӣ ва бадӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ба туфайли таълимоти мактабҳои софистӣ ва суқротӣ, дар фаҳмиши адолат тобишҳои нав ба миён омаданд. Намояндагони ин мактабҳо хусусиятҳои танзимкунандагӣ ва антропологии адолатро ошкор карданд. Дар ин замина софистҳо адолатро ба «адолат аз рӯи табиат» ва «адолат аз рӯи қонун» тақсим карданд [3]. Вобаста ба ин, таваҷҷӯҳи файласуфон ба олами ботини маънавии инсон афзуда, онҳо фаҳмиши ягонаю умумии адолатро, мувофиқи таълимоти софистҳо, қабул надоштанд. Аз назари онҳо, инсон дар масъалаҳои ахлоқӣ соҳибихтиёр буда, худи арзишҳои ахлоқӣ субъективию нисбӣ мебошанд. Чунин муносибат мусоидат намуд, ки арзишҳои ахлоқӣ, аз ҷумла адолат, нисбӣ ҳисобида шавад.

Як зумра мутафаккирон, ба монанди Гиппий, Горгий, Калликл, Протагор, қо-

нунҳои табиии нонавиштаро ба қонунҳои сунъӣ, сабтшуда, эҷодкардаи одамон муқобил мегузоштанд. Аз ин нигоҳ, ба туфайли худпарастии одамон, дар аксари ҳолатҳо қонунҳои сабтшуда (ҳуқуқи позитивӣ) ба адолати табиӣ мухолифат мекунанд. Ин нуктаро софистҳо якдилона ҷонибдорӣ мекарданд, аммо дар тафсири моҳияти адолати табиӣ онҳо ақидаи ягона надоштанд. Масалан, Антифонт ва Горгий дар он идеяи баробарии табиии ҳамаи одамонро медиданд, аммо Калликл, баръакс, таъкид мекард, ки аз рӯи табиат адолатона мебуд, агар вақте, ки беҳтарин аз бадтарин боло аст ва пурқувват аз камқувват бартарӣ дорад. Ҳамин тавр, софистҳо суду фоида ба нерӯмандро дар мазмуни адолат ҷой доданд, ки ин дар асл мазмуни куллии адолатро инкор мекард [3, с. 32-38].

Дар таълимоти худ Суқрот (тахм. 469-399 то м.) кӯшиш намудааст, ки мафҳуми адолатро бо падидаи хушахлоқӣ ва дониш пайваст намояд. Аз нигоҳи ӯ, беадолатӣ самари нодонӣ ва гумроҳӣ аст. Адолатро ҳамчун риояи қонунҳои илоҳӣ ва инсонӣ фаҳмида, ин мутафаккири машҳури Юнони Қадим иброз кардааст, ки кулли ҳаёт бояд бо принсипи фазилат, адолат, ақли солим асос ёбад. Аз ин рӯ, ӯ дурандешӣ, адолатпешагӣ, хирадмандӣ, парҳезкорӣ, солимақлиро аз қабили некӯиҳои асосӣ мешуморад.

Аз нуқтаи назари Суқрот, масъалаи адолат дар воқеияти иҷтимоӣ ҷойи хоса дорад, чунки ӯ инсонро объекти муҳимми маърифат ва худшиносӣ меҳисобид. Аз як тараф, ин мутафаккир баъзе аз унсурҳои таълимоти софистиро қабул кард, аз тарафи дигар, релятивизми ахлоқӣ ва шаккокияти софистиро рад намуд. Суқрот кӯшиш мекард, ки ягонаю умумӣ будани мафҳуми адолатро исбот сохта, онро бо дониш ва ахлоқ пайваст намояд. Ӯ мӯътақид буд, ки беадолатӣ табиӣ набуда, балки маҳсули нодонию гумроҳӣ мебошад («Адолат некӯбахшӣ ба дигарон аст»). Инсони некӯкор, ки рӯҳияи хайрандешӣ дорад, бо роҳи беадолатӣ намеравад. Зиёда аз ин, ба қавли Суқрот, аз беадолатӣ ҷафо кашидан беҳ аз он, ки беадолатӣ кунӣ.

Тибқи ақидаи Суқрот, беадолатӣ ба нафари содиркарда зарари бештар меорад, нисбат ба он касе, ки ҷабр дидааст. Хиёнат ба масъулияту ӯҳдадорӣ ва идеалҳои худ, аз ҷумла ба тасаввуроти хеш дар бораи адолатро, ки пеши роҳи ҳар гуна беадолатиро мегирад, Суқрот аз марг бадтар меҳисобад.

Афлотун (тахм. 427-тахм. 347 то м.) ишорат кардааст, ки асари ӯ «Давлат» махсус барои таҳқиқ кардани мазмуни адолат навишта шудааст. Дар ин самт хулосаи асосии Афлотун чунин аст: «адолат хайри бузург аст, беадолатӣ шарри азим аст, то ҳамон андоза, ки рӯҳ дар худ фаро гирифта метавонад» [4, с.565-574.]. Чунончи, яке аз қаҳрамонони рисола, Фрасимах, аз Суқрот дар бораи чӣ будани адолат пурсон шуда, таъкид мекунад, ки ӯ адолатро «даркорӣ ё... муфид, ё оқилона, ё фоидаовар, ё лозима» [5, с.113.] наномад, зеро ин худ аз худ маълум аст. Тибқи ибрози Фрасимах, инсони одил нисбат ба инсони ноодил дар зиндагӣ бештар бохт мекунад: «беадолатӣ басо паҳншуда, нисбат ба адолат шадидтар аст, дар он нерӯ, озодӣ ва салобат бартарӣ дорад, адолат... ин ҳамон аст, ки қудратмандро ба кор меояд, ноадолатӣ бошад, худ аз худ қабул ва истифода мешавад» [5, с.124.]. Суқрот посух медиҳад, ки «адолат чизест, ки аз ҳар гуна зару зевар гаронарзиш», чунки «сухан на дар бораи чизи беҳуда, балки дар бораи он меравад, ки чи гуна бояд зист» [5, с.136.] Ин ба ҳамаи одамон, ки дар ҷомеаи муштарак манфиатҳо, талаботҳо, қобилиятҳои гуногун доранд, дахл дорад. Ғаразнок вайрон кардани меъёрҳои ягонаи иҷтимоӣ бар фоидаи ягон нафар – ин худ беадолатӣ аст.

Дар ин росто ақидаҳои Афлотун дар бораи давлат ҷолибанд. Мувофиқи назарияи ӯ, дар ҷамъият кулли ҳодисот қонунятӣ ва объективӣ аст. Аз ҷумла, мавҷудияти тартиботи тоифагӣ дар ҷомеа қонунӣ ва боадолатона мебошад. Аз назари ӯ, ҳамаи он чиро ки инкишофи қонуниятии ҷамъиятро ифода мекунад, боадолатона ҳисобидан мумкин аст. Пайдошавии ҷамъият бо талаботи қонеъ гардонидани ниёзҳои иҷтимоӣ вобаста буда, аз ин сабаб давлат пайдо мешавад. Тибқи баҳогузории Афлотун, давлат фозил, ҷасур, оқил ва одил аст. Ҳар як инсони алоҳида бояд бо ягон коре, ки бар нафъи давлат аст, вобаста аз қобилиятҳои табиии хеш машғул

бошад. Саргарми кори худ будан ва ба кори дигарон дахолат накардан асли адолат аст. Яъне барои Афлотун адолат асосан хидмати оқилонаю содиқона ба давлати худ мебошад.

Сохтори умумии универсум (кайҳон) ва сохтори рӯҳи инсонро Афлотун намунаи шаҳр-давлати худ медонад. Ба мисли муносибатҳои ибтидоҳои ақлонӣ-хирадӣ ва ҷисмонӣ дар табиат, дар шаҳр-давлати фозилаю адолатпеша як қисми шаҳрвандон (шахсиятҳои оқилу донотар) бояд аз болои қисми дигар, ки қобилияти баланди дарку эҳсос надоранд, ҳукмронӣ кунанд. Фаҳмиши адолат, ҳамчун ҳукмронии Хирад аз болои ҳиссӣ-моддӣ, ки дар таҷрибаи сиёсии шаҳр-давлати идеалӣ (ормонӣ) бояд татбиқ мешуд, эътиқоди юнониёни қадимро ба хирадгароӣ, ҳамчун ба шакли олии таҷрибаи инсонӣ, инъикос менамуд.

Барои фаҳмидани ақидаҳои Афлотун дар бораи адолат, бояд бо муҳокимаҳои ӯ дар бораи адолати табиӣ ва адолати инсонӣ шинос шавем. Ин муҳокимаҳо аз ду ҷиҳат ҷолиб мебошанд. Якум, мутафаккир ба суолҳое посух гуфтан хостааст, ки аз ҷониби файласуфони гузашта, аз ҷумла аз тарафи софистҳо гузошта шуда буданд. Дар муқоиса бо файласуфони гузашта, Афлотун дар шинохти адолат ба фардиятӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намекунад, балки ба умумӣ, тағйирнопазирӣ ва зарурияти он диққат медиҳад. Дуюм, Афлотун масъалаеро пеш гузошт, ки минбаъд мавзӯи баҳс ва муҳокимаҳои файласуфон доир ба сарчашмаҳои пайдоиши ҳуқуқи табиӣ шуд. Ин масъалаи асосҳои табиии адолат ва таносуби онҳо бо ниҳодҳои иҷтимоӣ мебошад. Ҳамин тавр, аз нигоҳи Афлотун, адолат – ин шаъну эътибори умумӣ, сиёсӣ буда, барои манфиати давлат тавассути тарбия ташаккул дода мешавад. Шояд ба хамин хотир бошад, ки дар асари ӯ «Давлат» яке аз фаслҳояш «Адолатро дар инсон аз кӯдакӣ тарбия мекунанд» [6, с. 287-290] номгузорӣ шудааст.

Афлотун чунин сохти ҷамъиятиро тарафдорӣ мекунад, ки дар он некӯии давлат арзиши олӣ ва хостаи ҳар як шаҳрванд бошад. Ӯ адолатро яке аз хайру некӯиҳои давлати идеалӣ дониста, таъкид мекунад, ки он «гули сари сабад»-и ин хайру накӯиҳо (фазилат, ҷасорат, оқилӣ ва ғ.) аст ва бидуни он давлат вуҷуд дошта наметавонад. Дар пояи хайру некӯиҳои дигар адолат ба ҳар як тоифа, ба ҳар як инсон имкон медиҳад, ки рисолати хешро анҷом дода тавонад [5, с. 224-228].

Мутафаккири дигари барҷастаи замони атиқа Арасту (384-322 то м.) низ ба масъалаи адолат таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардааст. Дар таълифоташ «Ахлоқи Никомахӣ», «Ахлоқи эвдемӣ» ва «Ахлоқи бузург» ӯ андешаро дар бораи он такмил медиҳад, ки фақат инсон қобилияти дарк кардани мафҳумҳои «некӣ» ва «бадӣ», «адолат» ва «беадолатӣ» ва ғайраро дорад. Тибқи ақидаи ӯ, адолат дар кору кирдори инсон падидор мегардад. Инсон бояд дар бораи адолат биандешад, онро дарк кунад ва фаҳмад. Арасту бар он ақида буд, ки адолат аз табиат ва аз рӯи қонун буда метавонад. Адолати табиӣ аз адолате, ки тибқи қонун аст, болотар меистад. Дар мулоҳизаҳои хеш ин мутафаккир нисбати адолати шаҳрвандӣ басо бодиққат аст. Боадолат будан – ин иҷро кардани ҳамаи талаботҳои қонун аст. Қонун, дар навбати худ, аз инсон ҷасурӣ, оқил будан ва ғайраро талаб мекунад. Арасту қайд мекунад, ки адолат, ҳамчун некӯӣ, одамони аз он баҳравар бударо ба адолатхоҳӣ ва адолатпешагӣ ҳидоят менамояд.

Аз назари Арасту, адолат бояд яке аз пояҳои оила ва давлат бошад. Дар қисматҳои амалии таълифоти ахлоқии хеш Арасту ба одатҳои гуногун ишора мекунад, ки дар асоси онҳо аҳолӣ худро дар рӯҳияи шаҳрвандӣ тарбия карда, ба таври мақбул рафтор карда тавонад. Вале на ҳар як хайру некӯиро тасвир ва ба тартиб даровардан имконпазир аст. Адолат ягона некӯӣ аст, ки тобеи қоидаҳои ҷиддӣ мебошад. Адолат, пеш аз ҳама, дар муносибат нисбати дигарон ифода меёбад. Бинобар ин, принсипи аввали адолат – ин принсипи баробарӣ мебошад. Вобаста ба ин, файласуф ду навъи адолатро ҷудо мекунад: адолати баробаркунанда ва адолати тақсимкунанда. Адолати баробаркунанда подоши баробар ба ашхоси баробарро дар назар дошта, ба принсипҳои эквивалентӣ, ҳамандозагӣ такя мекунад. Адолати тақсимкунанда имкони тақсимоти нобаробари неъматҳоро, бо назардошти хосиятҳои субъект (баромади иҷтимоӣ, ҷинс, қобилият, ҳиссагузорӣ), тақозо мекунад.

Арасту итминон дошт, ки одамон аз рӯи имкониятҳои ҷисмонӣ ва ақлӣ фарқ мекунанд, шароитҳои кору амали онҳо низ якхела нестанд. Бинобар ин, татбиқи принсипи баробарӣ на ҳамеша адолатро кафолат дода метавонад. Бо назардошти ин ҳолат, мутафаккир принсипи мутаносибиро пешбарӣ мекунад. Мазмуни баробарии мутаносибӣ чунин аст: нафари сарватманд бештар саҳмгузорӣ мекунад, камбизоат – камтар; нафаре, ки бештар меҳнат кардааст, подоши бештар мегирад, нисбати он нафаре, ки камтар кор кардааст ва ғайра. Ба ақидаи ӯ, мазмуни адолати мутаносибии табиӣ дар он зоҳир мегардад, ки дасти чап нисбати дасти рост аз рӯи адолат камтар кор мекунад, кӯдак нисбати шахси болиғ камтар меҳнат мекунад ва ғайра.

Дар асари худ «Сиёсат» Арасту масъалаи нобаробарии иҷтимоиро дақиқтар дида баромада, таъкид мекунад, ки алҳол дар давлатҳо се унсур вуҷуд доранд: як синф басо сарватманд аст, дигараш хеле қашшоқ аст, сеюмаш миёнаҳол аст. Дар ин маҷмӯъ синфи сеюм беҳтар аст, чунки аъзоёни он аз рӯи шароити зиндагӣ барои пайравӣ ба принсипи оқилӣ (ратсионалӣ) омода ҳастанд. Дар бораи оромию осудагии давлат муҳокимаронӣ карда, Арасту қайд мекунад, ки дар фикри камбизоату қашшоқон бояд буд, чунки агар шумораи бештари камбизоатҳо аз тахти идора берун монанд, пас ҳатман сафи душманон зиёд хоҳад шуд. Ҳам ҳукмрон будани қашшоқон ва ҳам ҳукмрон будани гурӯҳи сарватмандон (плутократия)-ро Арасту қабул надошт. Ӯ мутмаин буд, ки ҷомеаи беҳтарин аз синфи миёнаҳолон ташкил мешавад. Дар ҳоле, ки синфи миёнаҳолон нисбати ҳарду синфҳои дигар дар маҷмӯъ сершумору бақувват аст, давлат беҳтар идора карда мешавад, чунки дар чунин ҷомеа адолату мувозинати ҷамъиятӣ таъмин хоҳад буд.

Аз назари Арасту, адолат дар мобайни ду намуди беадолатӣ аст: вайрон кардани қонун ва муносибати ҳархела доштан ба шахсиятҳои бо ҳам баробар. Адолат – якмаром аз ҳар дуи ин ноадолатиҳо дур шудан аст. Ҳукми мазкур аз муқаррароти машҳури ахлоқии бо ном – «миёнаи тиллоӣ», бармеояд. Азбаски барои ӯ некӯкорӣ дар ҳудудҳои байни шавқу рағбатҳои ба ҳам зид аст, аз рӯи ҳамин нақша адолат ҳамчун некӯии содиршуда муайян карда мешавад.

Таълимоти Эпикур (341-270 то м.) барои муҳокимаҳои файласуфони марҳилаҳои минбаъда дар бораи адолат ва беадолатӣ ғояи асосӣ гардид. Чунонки маълум аст, Эпикур бекулфатӣ, саломатии ҷисмонӣ ва оромиши рӯҳӣ (атараксия)-ро мақсади зиндагонӣ меҳисобид. Саодат гуфта, ӯ озод шудан аз азобҳои ҷисмонӣ ва таҳлукаи рӯҳиро дар назар дошт. Ибтидои ҳамаи ин ва неъмати бузург барои инсон, ба қавли Эпикур, ақли солим ва некандешӣ аст. Ӯ таълим медод, ки бидуни зиндагонии оқилона, боодобона ва боадолатона, инсон ҳаёти гуворо дошта наметавонад ва баръакс, бе ҳаёти гуворо инсон наметавонад оқилона, боодобона ва боадолатона зиндагӣ кунад. Мувофиқи ақидаи Эпикур, агар инсон зиндагиашро боадолатона пеш барад, пас ӯ ба дигарон зиён намерасонад, инчунин зиёни аз дигарон расидаро низ тоқат надорад. Азбаски саодати ҳаёти инсонӣ абадӣ нест, пас адолат низ абадӣ буда наметавонад, бо гузашти айём он низ тағйир меёбад. Аз назари ин мутафаккир, адолат аз рӯи моҳияти худ духела аст: он асоси табииро доро буда, ҳамзамон бо муносибатҳои одамон, ки дар аҳдномаю қарордодҳои гуногуни иҷтимоӣ-ахлоқӣ инъикос ёфтаанд, муайян карда мешавад. Эпикур мӯътақид аст, ки ҷомеа ба таври сунъӣ, яъне дар асоси аҳдномаҳои байни одамон пайдо шудааст. Ин аҳднома дар бораи фоидаи тарафайн буда, мақсади он зарар нарасонидани фардҳо ба ҳамдигар мебошад. Азбаски одамон дар бораи адолат тасаввуроти якхела доранд, пас адолат ин фоида гирифтан дар муносибати байниҳамдигарӣ аст [7, с. 91, 229].

Дар таълимоти Эпикур нисбӣ будани мафҳуми адолат аниқ дарк карда мешавад. Ӯ қайд мекунад, ки амалҳои дар як шароит боадолатона, дар шароити дигар бо тасаввуроти муқаррарӣ дар бораи адолат мувофиқат накарда, беадолатӣ ҳисобида шуданаш имконпазир аст. Дар ин асос Эпикур ба хулосаи дуруст мерасад, ки адолати тағйирнопазиру абадӣ вуҷуд надорад.

Вобаста аз инкишофи ҷамъият ва тақсимоти меҳнат, вусъат ёфтани қишришавии ҷомеа дар Юнони Қадим, чунонки дар боло қайд кардем, таваҷҷӯҳи файласуфон беш аз пеш ба ҷаҳони ботинии инсон

нигаронида шуда буд. Агар дар давлати Афина мафҳуми адолат, пеш аз ҳама, мавзӯи муҳокимаҳои фалсафӣ бошад, пас дар Рими Қадим адолат бештар хусусияти категорияи ҳуқуқиро касб мекард.

Ба инкишофи минбаъдаи идея дар бораи адолат равоқиён саҳми арзанда гузоштаанд. Дар заминаи дониши ҳуқуқи римӣ онҳо ба фалсафа ва назарияи ҳуқуқ таъсири калон расонидаанд. Албатта, ин таъсир ба туфайли он шароити таърихӣ муяссар гардид, ки фаҳмиши равоқии мафҳуми ҳуқуқи табиӣ аз ҷониби дин дастгирӣ ёфт ва дар доираи илоҳиётшиносӣ ҷой гирифт. Дар фалсафаи равоқиён ба асос гирифта мешуд, ки олам сохтори оқилона дошта, он аз рӯи қонунҳои куллӣ амал мекунад. Азбаски инсон мавҷуди соҳибхирад аст, ӯ ин қонунҳоро дониста метавонад. Бинобар ин, ба инсон идеали адолати умумӣ, ақлонӣ то он ҳадде дастрас аст, чунонки дар қонунгузорӣ имкон дорад. Аз рӯи моҳияташ ин эътино ба хирад ҳамчун ба меъёри муносибатҳои боадолатонаи байни одамон дар соҳаҳои сиёсат ва ҳуқуқ буд. Ҳуқуқи римӣ, дар навбати худ, ба фалсафаи равоқиён роҳ ёфта, дар фаҳмишҳои назариявӣ ва амалӣ нақши муассир гузошт.

Алоқамандии мафҳуми адолати римиҳои қадим бо таълимоти мутафаккирони юнонӣ нисбатан возеҳтар дар эҷодиёти Ситсерон (106-43 то м.) зоҳир шудааст. Ӯ дар пайравӣ ба Арасту, адолатро ба қадркунию подошдиҳии муносиб айниятдор меҳисобад. Вале ӯ ақидаи Эпикурро ҷонибдорӣ карда, қоил мешавад, ки талаботи якуми адолат – ин ба ягон нафар зиён наовардан, касеро наранҷондан аст.

Дар такя ба таълимоти равоқиён, Ситсерон мафҳуми адолатро аз хирад ва табиат ҳосил кардан хоста, бо ҳамин то дараҷае ба ибтидо ёфтани назарияҳои табиӣ-ҳуқуқӣ таъсир расонид [7, с. 91, 229]. Аз нигоҳи ӯ, адолат бо ҳуқуқ алоқаи ногусастанӣ дорад ва аз ин рӯ, ҳоким бояд аз асосҳои ҳуқуқ бохабар бошад, чунки бе донистани қонун одил наметавон буд. Гузашта аз ин, дар фаҳмиши Ситсерон, адолат хосияти тағйирнопазир ва ҷудонашавандаи ҳам табиат умуман, ҳам табиати инсонӣ, ки сарчашмаи ҳуқуқ аст, ҳисобида мешавад. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, агар қонун ноадолатона бошад ва ба қонуни табиӣ мухолифат дошта бошад, пас он аз қарори қабулкардаи роҳзанҳо фарқ надорад. Адолат, аз назари ӯ, имкон медиҳад, ки ба қонун баҳои ахлоқӣ дода шавад.

Ситсерон дар бораи сохти омехтаи давлат, ҳамчун сохти устувору пойдор, муҳокимаи доманадор мекунад, чунки монархия, аристократия ва демократия имкони ба осонӣ ба мухолифи худ табдил ёфтанро доранд. Пойдории давлат, инчунин, аз устувории қонунҳо вобастагӣ дорад. Тибқи андешаи ӯ, қонун қарор аст, ки адолатро аз беадолатӣ ҷудо мекунад, дар мувофиқат ба табиат ифода шуда, одамони фасодро ба қатл маҳкум мекунад ва одамони ростқавлро ҳифзу ҳимоя менамояд. Ҳамзамон Ситсерон, дар партави таълимоти ҳамзамононаш, қайд мекунад, ки ғуломдорӣ боадолатона аст, чунки ба одамони беҳтарин ҳукмронӣ аз болои нотавононро (ба манфиати худи нотавонон) таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, аксари идеяҳои ба адолат дахл доштаи мутафаккирони юнонӣ дар консепсияҳои фалсафӣ-ҳуқуқии Рими Қадим инъикоси худро дарёфтаанд. Ҳуқуқи римӣ таҳти таъсири мурофиаҳои судӣ, ки дар он ҳуқуқшиносон асосан принсипи адолати баробаркунандаро ба инобат мегирифтанд, инкишоф меёфт. Вале ин маънои онро надорад, ки ҳуқуқи римӣ фақат дар пояи принсипи адолат инкишоф меёфт. Сарфи назар аз ин, маҳз дар Рими атиқа мафҳуми адолат аз забони муҳокимаҳои фалсафӣ ба забони дақиқи тавсифҳои ҳуқуқӣ интиқол дода шуда буд.

Дар марҳилаи навбатии таърихӣ, яъне асримиёнагӣ, дар давоми қариби ҳазор сол адолат категорияи ҷаҳонбинии илоҳиётӣ эътироф гардид. Дар марҳилаи ибтидоии феодализм фаҳмиши маънии адолат дар ҳудуди таълимотҳои динӣ ва анъанаҳои гуманистии фалсафаи атиқа, ки дар баъзеи муқарраротҳои иҷтимоӣ-сиёсии ҳуқуқи римӣ инъикос шуда буд, инкишоф меёфт.

Мусаллам аст, ки ходимони дини масеҳӣ дар мавриди тарҳрезӣ кардани таълимоти худ ақидаҳои файласуфони атиқаро ба ҳадафҳои худ мувофиқ гардонида, васеъ истифода кардаанд. Бо ҳамин тарз онҳо кӯшидаанд, ки тасаввуроти мутафаккирони атиқа дар бораи адолатро ба идеологияи динӣ тобеъ гардонанд. Дар

шуури оммавии асримиёнагӣ адолат ҳамчун эътирофи «тартиботи илоҳӣ» ва хости Худо таҷассум ёфта, василаи ҷазодиҳии динӣ ба рафторҳои номатлуб гардид. Чунин нуктаи назарро, аз ҷумла, Августин Аврелий (Авлиё) ва Фомаи Аквинӣ ҷонибдорӣ кардаанд.

Августини Авлиё (354-430) дар асарҳояш ба тасаввуротҳои схоластӣ дар бораи инкишофи ҷомеа ва инсон такя кардааст. Аз назари ӯ, ҷомеа майдони муҳорибаи ду салтанат аст: салтанати гуноҳу ҷаҳолат ва салтанати илоҳӣ-масеҳӣ. Дар ҷодаи расидан ба адолат, тартибот ва ҳақиқат маҳз дин ва ҳокимияти динӣ дар ҷомеа нақши муҳим доранд. Тибқи назари Августин, ҳокимияти динӣ бояд нисбати ҳокимияти давлатии дунявӣ боло истад. Ғуломӣ, тибқи назари ӯ, офаридаи илоҳӣ нест. Худи одамон ба барқароршавии ғуломӣ мусоидат кардаанд, он падидаи воқеъӣ аст. Августин даъват мекунад, ки одамон онро ҳамчун зарурияти ҷаҳони муосир тоқат кунанд. Гузашта аз ин, ӯ зӯҳду парҳезкорӣ ва ҳаёти ондунёиро, ки дар он хайру адолат ҳукмрон аст, таблиғу ташвиқ мекунад. Августин асосан ба тафсири афлотунӣ ва арастуии адолат такя кардааст [8].

Яке аз ҳомиёни боризи фаҳмиши илоҳиётии адолат дар асрҳои миёна Фомаи Аквинӣ (1225-1274) буд. Ф. Аквинӣ асосан таълимоти Арасту дар бораи адолатро эҳё карда, ба он тобиши динӣ дод. Дар фаҳмиши ӯ, адолат ин мутаносибӣ бо қонунҳои табиӣ аст. Худи ин қонунҳо инъикоси ҳикмати илоҳӣ дар ақлу ҳиради инсонӣ ҳисобида мешавад. Мутафаккир адолатро ҳамчун некӯкорӣ ва ибтидое, ки асоси муомилаҳои байни одамонро ташкил медиҳад, дида баромадааст. Ф. Аквинӣ таснифи арастуии адолатро доир ба адолати баробаркунанда ва тақсимкунанда (подошдиҳӣ) пазируфта, дар ин навъи адолатҳо мутаносибӣ бо қонунҳои табииро, ки инъикоси ҳикмати илоҳӣ аст, эътироф менамояд. Гузашта аз ин, бо мақсади мутобиқ гардондани идеяи ҳуқуқи табиӣ ба ниёзҳои идеологии калисои масеҳӣ, ӯ ҳуқуқи табииро ба «ҳуқуқи абадӣ» тобеъ гардонид. «Ҳуқуқи абадӣ», дар тафсири Ф. Аквинӣ, адолати олӣ ба ҳисоб меравад ва аз маҷмӯъи принсипҳои илоҳии идоракунии олам иборат мебошад. Бояд тазаккур дод, ки чунин муносибат ба адолати илоҳӣ ва инсонӣ то имрӯз асоси консепсияи неотомистии адолатро, ки дар ҷаҳонӣ католикӣ интишор шудааст, ташкил медиҳад.

Тибқи андешаи Ф. Аквинӣ, адолат натиҷаи таъсирбахшиҳои илоҳӣ, ҳастии Худо дар инсону ҷомеа мебошад. Дар адолат аз ҳама муҳимтаринаш муҳаббат ба Худо мебошад ва ин шакли олии адолат аст. Ф. Аквинӣ қонунҳои илоҳӣ ва табиии ҳаёти одамонро ҷудо мекунад. Қонуни табиии ҳаёти одамон бо табиати ашё муайн шудааст ва онро Худо ба замири одамон ҷо кардааст. Ин гуна қонун барои он зарур аст, ки одамон худашонро бозсозӣ ва ҳифз карда, зиндагиашонро худашон пеш бурда тавонанд. Қонуни илоҳӣ, ки болотар аз қонуни табиӣ аст, ба шаклҳои рӯҳии ҷону ҷисми инсон дахл дорад. Тибқи ақидаи Ф. Аквинӣ, қонуни илоҳӣ бояд қонуни табииро барбод надиҳад, онҳо дар якҷоягӣ вуҷуд дошта бошад. Инро Ф. Аквинӣ адолати олӣ меҳисобад. Тибқи фалсафаи ӯ, қонуни табиӣ ба қонуни илоҳӣ айният дошта, тафсири қонун бояд аз соҳаи фаҳми одии инсонӣ берун бошад ва мавзӯи махсуси илоҳиёт шавад. Дар муддати вақти тӯлонӣ ин фаҳмиши адолат, ки бо принсипҳои «баҳснопазир»-и таълимоти масеҳӣ асос меёфт, бе тағйир боқӣ монд. Ҳаёти инсонро ин илоҳиётшинос ва файласуф бидуни некӯкориҳои илоҳиётӣ – имон, орзу ва муҳаббат, тасаввур карда наметавонист. Баъди некӯкориҳои илоҳиётӣ инчунин чор некӯиҳои муҳимтарин – некандешӣ, адолат, далерӣ ва қаноат ҷой доранд, ки кулли некӯкориҳои дигар бо онҳо алоқаманданд. Чуноне ки гуфтем, Ф. Аквинӣ адолатро дар қатори некӯкориҳои дигар асоситарин ва муҳимтарин донистааст.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои дар боло зикргардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки масъалаи адолат яке аз мавзӯъҳои муҳими фалсафаи давраҳои атиқа ва асримиёнагии аврупоӣ буд. Таълимоти мутафаккирони аҳди қадим ва асримиёнагӣ дар бораи адолат заминаи ташаккули минбаъдаи тасаввурот дар бораи адолат гардид.

**Адабиёт**

1. Плутарх. Сравнительное жизнеописание в дух томах. М.: «Наука», 1994. Т. 1. – 702 с.; Т. 2. – 672с.
2. Попов Л.А. Десять лекций по этике. М.: «Ось-89», 2001. – 192 с.
3. Симонов Д.А. История философии. М.: Проспект, 2006. – 272 с.
4. Бородай Т. Ю. Платон // Античная философия: Энциклопед. словарь. М.: Прогресс-Традиция, 2008. – 896 с.
5. Платон. Сочинения в четырех томах. Т. 3. Ч. 1. – СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та; «Изд-во Олега Абышко», 2007. – 752 с.
6. Платон. Избранное. М.: АСТ, 2004. – 491 с.
7. Чанышев А.И. Курс лекций по Древней и Средневековой философии. М.: Высшая школа, 1991. – 512 с.
8. Эриксен Т. Б. Августин. Беспокойное сердце. М.: Прогресс-Традиция, 2003. – 384 с.

## ЭВОЛЮЦИЯ ПРЕДСТАВЛЕНИЙ О СПРАВЕДЛИВОСТИ В АНТИЧНОЙ И СРЕДНЕВЕКОВОЙ ЗАПАДНОЙ ФИЛОСОФИИ

**Назар М. А.**

В статье рассматриваются проблемы эволюции представлений знаменитых западных мыслителей античности и средневековья о справедливости. Особое внимание уделяется пониманию справедливости как добродетели, необходимость соблюдения справедливости, классификации справедливости на частную и общую, уравнивающую и распределительную справедливость, соотношению справедливости и закона, справедливости и истины в учениях античных философов, а также на теологическую интерпретацию феномена справедливости в средневековой западной философии. Выяснено, что подходы к рассмотрению и разрешению проблемы справедливости в теории и практике общественной жизни, как в античности, так и в средние века имели свои особенности.

**Ключевые слова:** справедливость, несправедливость, равенство, неравенство, добродетели, возмещение, уравнивающая и распределительная справедливость, естественные законы, право.

## EVOLUTION OF IMAGINATION ABOUT JUSTICE IN ANCIENT AND MEDIEVAL WESTERN PHILOSOPHY

**Nazar M. A.**

The article deals with the problems of the evolution of ideas of the famous Western thinkers of antiquity and the Middle Ages about justice. Special attention is paid to understanding justice as a virtue, the need for justice, the classification of justice into private and general, equalizing and distributive justice, the correlation between justice and law, justice and truth in the teachings of ancient philosophers, as well as the theological interpretation of the justice phenomenon in the medieval western philosophy. It is found out that the approaches to the review and resolution of the problem of justice in the theory and practice of public life, both in antiquity and in the Middle Ages, had their own characteristics and features.

**Keywords:** justice, injustice, equality, inequality, virtues, compensation, equalizing and distributive justice, natural laws, the law.

# РОЛЬ РЕЛИГИИ В МИРОВОЗЗРЕНИИ АХМАДА ДОНИША

Закиров Н.М., к.ф.н., ИФПП АН РТ

*В статье рассматриваются религиозные воззрения основоположника таджикского просветительства Ахмада Дониша, произведения которого занимают важное место в политической, социальной и культурной мысли таджикского народа. Религия занимает важное место в мировоззрении таджикских просветителей конца XIX и начала XX вв. Особенно анализ произведений Ахмада Дониша показывает, что он никогда не выходил за рамки религиозной идеологии. Причина этого фактора заключается в том, что религия господствовала во всех сферах духовной и общественной жизни Бухарского эмирата.*

***Ключевые слова:*** *религия, мировоззрение, ханафитский мазхаб, иджтихад, ислам, религиозность, доктрина.*

Родоначальником таджикского просветительства в конце XIX века был Ахмад Дониш (1826–1897), внесший огромный вклад в развитие общественно-политической и философской мысли таджикского народа. Ахмад Дониш, будучи великим мыслителем своего времени, отразил в своем творчестве самые актуальные философские, социально-политические и этические идеи, распространенные на Востоке в конце XIX и начале XX в. Анализ произведений Ахмада Дониша показывает, что этот мыслитель действительно был одной из выдающихся личностей конца XIX – начала XX в. Дониш внес крупный вклад в развитие общественно-политической и философской мысли таджикского народа. Он был великим мыслителем, отразившим в своем творчестве философские, социально-политические и этические идеи своей эпохи.

Ахмад Дониш излагает свои идеи, прежде всего, на основе своих религиозных воззрений и никогда не выходит за рамки религиозной идеологии. Анализируя произведения Ахмада Дониша, можно заключить, что на формирование его социально-философских взглядов оказали значительное влияние Коран, сунна Пророка и таджикские мыслители – Мухаммад Газзали, Мирзо Бедиль, Саади Ширази, Хафиз Ширази и др. При изложении и обосновании своих взглядов он часто приводит аяты, хадисы Пророка, а также стихи и высказывания вышеназванных классиков. В основном его религиозно-реформаторские идеи опираются на нормы ислама. Он выступает как умеренный мусульманин ханафитского мазхаба суннитского толка ислама. Мы видим, что свои идеи он подкрепляет, апеллируя к авторитету Корана, хадисов пророка Мухаммеда. Нужно подчеркнуть, что он никогда не отступал от этого принципа. Этого мнение поддерживают многие исследователи произведении Ахмада Дониша: «Вообще, А.Дониш на протяжении всей своей жизни никогда не переставал быть мусульманином и излагал свои просветительские взгляды исходя из основ ислама».[8.91] Во всех своих произведениях он выступает как религиозный человек, т.е. в его мировоззрении религия играет особую роль. В большинстве случаев причину отсталости и беззакония в обществе он видит именно в отступлении от установленных норм религии, о чем указывается почти во всех научных работах об Ахмаде Донише. Ш.Абдуллаев также отмечает, что «в мировоззрении Ахмада Дониша религия занимала важное и особое место».[1.50]

Следует отметить, что идеи таджикских просветителей конца XIX и начале XX вв., особенно идеи Ахмада Дониша, былы основаны на идеологии ислама, которая господствовала во всех сферах духовной и общественной жизни Бухарского эмирата в этом периоде. Естественно, что в мировоззрении всех исламских просветителей религия играет весьма важную роль, потому что их мировоззрение складывалось в рамках ислама. Иначе и быть не могло.

Религиозные воззрения Ахмада Дониша изложены в основном в таких произведениях как «Наводир-ул-вакое'» («Редкостные события»), «Ме'ёр-ут-тадаюн» («Мерило вероисповедания») и «Рисала ё мухтасаре аз таърихи хонадони

мангития» («Трактат, или Краткое описание правления мангитской династии»). Он выступал против религиозной схоластики, против тех представителей духовенства и правителей, которые от имени религии совершали насилие и творили несправедливость. В то же время эмирский режим свое правление основывал на установлениях ислама, хотя в большинстве случаев не соблюдал его законы. Именно просветители начали проводить «реформу религиозного сознания путем разъяснения и пропаганды исламских ценностей».[1.67]

А.Дониша можно назвать исламским реформатором своего времени, который твердо стоял на исламских позициях и все реформы предлагал проводить на основе исламских законов. Как он сам отмечает, "в исламском шариате (своде мусульманских правовых и теологических нормативов. – *Н.З.*) никогда не приказано свыше человеческих норм».[3.26]

В отличие от своих современников, Ахмад Дониш религию ислама трактовал более рационально. Так, он осуждал религиозный фанатизм мангитских правителей и призывал народ к уважению религиозных ценностей. С этой позиции он подходит и к понятию «тадайюн» («набожность, религиозность»). Во введении своего трактата «Ме'ёр-ут-тадаюн» («Мерило вероисповедания») он отмечает, что «тадайюн» включает в себя пять основных компонентов. Ахмад Дониш, будучи знатоком калама, в этом трактате изложил свои взгляды на законы ислама и вероисповедание. Он пишет: «Вера в Единого Всевышнего должна быть искренней и чистой. Для того чтобы человек был более близким к своему Творцу, надо соблюдать пять так называемых «тахара» («очищений»):

1. Очищение в вере в Единого и Всемогущего Аллаха и его посланников.

2. Очищение в своем способе заработка (*касб*), чтобы не было в нем гнета и несправедливости.

3. Очищение в браке и в издержках семьи.

4. При упоминании Всевышнего – очищение внешнее и избежание дурных поступков.

5. При общении с Богом – внутреннее очищение и хорошие отношения с людьми.[2.22]

Соблюдение этих условий, по мнению Ахмада Дониша, является долгом и обязанностью каждого человека. Мыслитель отмечает, что исполнение этих пяти заповедей приводит человека к совершенству, соблюдая пять заповедей, он достигает стадии «инсани камил» («совершенного человека»).

Ахмад Дониш, в своем произведении «Ме'ёр-ут-тадаюн» превозносит роль ислама как религии единобожия. При этом он, чтобы не быть голословным, излагает основные принципы трех мировых религий – иудаизма, христианства и ислама, а также шиитского направления ислама. Ахмад Дониш, будучи религиозным человеком, был твердо убежден, что ислам является путеводителем души человека, благодаря ему человек совершенствуется. Это совершенствование приближает человека к Богу. Дониш заключает: «Счастливый тот, кто предпочитает это сообщество (ислам), и удачливый тот, кто следует (подчиняется) этому шариату».[2.28] Для подтверждения своей мысли Ахмад Дониш приводит аят (стих) из Корана, который звучит так: «Кто не ищет ислама как религии, от того не будет принято, и он в конце окажется в числе потерпевших убыток».[7.3:85] Ахмад Дониш считает религию ислама самой совершенной и правдивой религией. Он отмечает, что мусульмане должны гордиться тем, что они входят в общину ислама (Ал-уммат-улисламия). И в подтверждение сказанному приводит аят 110 суры «Оли Имрани» («Семейство Имрана»): «Вы были лучшей из общин, которая выведена перед людьми, вы призывали одобряемое и удерживали от неодобряемого и веровали в Аллаха. А если бы уверовали обладатели Писания, было бы лучше для них. Среди них есть верующие, но большая часть распутники».[7.3:110]

Кроме того, Ахмад Дониш в «Ме'ёрут-тадаюн» излагает свои философские размышления о душе и теле. Он убежден, что совместить душу и тело без влияния божественной воли невозможно. Именно это и является примером того, что Божественная сила существует: «Имеются связанность души и тела и приверженность тела и души. Невозможно объединить две противоположных вещи, а составление и

соединение двух противоположных является ярким признаком и блестящим аргументом существования Всевышнего».[2.22]

Итак, анализ религиозно-философских воззрений Ахмада Дониша показывает, что он стоял на религиозно-идеалистических позициях, признавая не только существование Бога, но и сотворенность всего сущего.

Надо сказать, что никто из исламских реформаторов этой эпохи, никогда не отрицал существования Творца, их несогласие с представителями традиционной исламской теологической доктрины состояло в различном понимании других вопросов религии. Абунаср Курсави и Шехабутдин Марджани были первыми религиозными реформаторами Средней Азии и России конца XIX – начала XX в. Они в своих взглядах обращали внимание на необходимость соответствия веры современной действительности и выступали с концепцией внесения иджтихада (с араб. «старание, усердие»), т.е. признавали возможность достижения высшей степени знаний, выступали за право самостоятельно решать некоторые вопросы юридико-богословского характера, опираясь на собственные суждения по общественно-правовым вопросам. Внесение иджтихада, наряду с категорией адат (урф) – местного обычая, существовавшего до ислама и не противоречащего шариату, – по их мнению, позволяет считать ханафитский мазхаб наиболее подходящим по сравнению с другими мазхабами (правовыми исламскими школами). Как отмечает профессор М.Т.Степанянц, «закрытие двери иджтихада являлось религиозным обоснованием отвержения всего нового. Попытки изменить что-либо в мусульманском вероучении и применение кияса (т.е. решения по аналогии. – *Н.З.*) были обусловлены иджмой».[9.64] Иджма и кияс были приняты улемами-законоведами как основа и корень фикха. Естественно, поэтому исламские реформаторы, и Мухаммад Икбал в частности, выступили с требованием «открытия дверей иджтихада», т.е. признания права вынесения самостоятельного суждения.[5.76]

Следует отметить, что и среди самих мусульманских ученых не было единодушия в решении этого вопроса. Так, Ахмад Дониш, напротив, не являлся сторонником «открытия дверей иджтихада». Он считал, что теологи и религиозные деятели до настоящего времени уже ответили на все возможные вопросы. Любой человек, приложив усердие, если постарается, может найти в исламе ответ на возникающие правовые проблемы во все времена. Он писал: «Но причина закрытия «иджтихада» в том, что ученые религии, да будет доволен ими Аллах, усилено старались и положили заслугу и достоинство так, что если кто захочет, легко найдет из сказанного ими ответы на возникшие проблемы с фактами и доказательствами во все периоды, согласно времени и местности».[3.28] Судя по его высказываниям, Дониш был сторонником «закрытых дверей иджтихада». Он несколько раз в своих произведениях подтверждает это и в основном поддерживает Абу Ханифу, приводя его слова: «Недопустимо принимать мои слова, если не знаете, откуда я взял их».[3.30]

Ядром философской и религиозной концепции Ахмада Дониша является опора на человеческий разум. Всякое материальное, духовное творение должно находиться под контролем человеческого разума, который с помощью науки и благодаря приобретению знаний постоянно развивается и совершенствуется. Ахмад Дониш был глубоко убежден в могуществе человеческого разума, который способен разрешить все проблемы общественного развития. Но его размышления покоились на исламской (т.е. религиозной) идеологической основе, поскольку, согласно его воззрениям, высший разум дарован Всевышним.

Дониш полагает, что все надо делать, опираясь на разум. Он отмечает, что Всевышний, создавая человека, одарил его разумом, посредством которого он должен познать своего Творца. Человек узнает мир и Создателя посредством разума. Каждый человек осознает ту или иную проблему соответственно своему пониманию. Например, говорит мыслитель, в настоящее время существует несколько тафсиров (толкований) Корана. Но Коран один, только комментаторы толкуют его каждый по-своему, в силу своих способностей и понимания, т.е. каждый человек все

осознает и понимает по своему усмотрению. И Дониш с горечью и негодованием отмечает, что улемы (ученые богословы, духовенство), которых посланник Аллаха Мухаммед назвал наследниками посланников, отошли от основных принципов шариата. Их поступки и деяния не соответствуют Корану и сунне Пророка. Ахмад Дониш пишет: «Улемы, для того чтобы занять должности, закрывают глаза на истинность религиозных предписаний. От признаков ислама остались только чалмы на головах, а от признаков веры – только азан (призыв на молитву), и в словах только: “сказал Абу Ханифа”».[3.29] Ахмад Дониш презирал и осуждал служителей религии, кадиев, которые занимались мошенничеством и различными способами взимали с населения как можно больше денег.

Следует отметить, что в условиях Бухарского эмирата, его просветительские идеи являлись очень прогрессивными. Ахмад Дониш был социологом и аналитиком своего времени. Анализируя жизнь бухарского общества, он резко критикует его социальную верхушку: «Люди эти видели и ценили только себя. И все бешено спешили заработать милость эмира, все жаждали, чтобы казий посадил рядом с собой, раис ел с ним из одной тарелки, ночной страж был бы соседом. Но хуже всего было поведение самого султана – оно развратное, злобное, кровожадное. Казий – взяточник, узурпатор, дармоед; раис – продавец женских тел, бесчестный; ночной страж – начальник бандитов на дорогах и главарь воров»[4.95].

Именно в результате анализа причин культурной отсталости Бухарского эмирата Ахмад Дониш разрабатывает свои реформаторско-религиозные идеи. Он критикует не только эмиров и чиновников эмирата, но и преподавателей медресе, и официальных духовных лиц, критикует интеллигенцию своего времени, тех, кто считал себя «достигшим вершины наук»: «Каждый из них думает, что они достигли вершины наук, каждый из них считает себя Авиценной и Платоном; жаль, что они не видели мир…».[3.56] Ахмад Дониш весьма негативно оценивал знания и деятельность мударрисов (преподавателей) и учебные программы медресе. Он считал, что уже настала пора обновить образовательные программы медресе и включить в них, наравне с религиозными предметами, и светские дисциплины. Надо убрать из программ старые предметы, которые не могут принести никакой пользы обществу. Такая позиция во многом сформировалась под впечатлением всего увиденного в России, где Ахмад Дониш, как было сказано, побывал трижды. Он с сожалением и горечью отмечает, что его соотечественники слишком отсталые и малообразованные. «В чем причина того, что вся наука в руках только ученых Европы, и почему все наши умные люди – неучи (не знают современные науки)? Разве мы, несчастные, не являемся людьми?» – вопрошает Ахмад Дониш.[3.52]

Ахмад Дониш считал виновниками всех трудностей и бедствий, обрушившихся на народ, прежде всего правителей и улемов, отошедших от законов ислама. Он был убежден, что если бы улемы соблюдали предписания ислама и призывали правоверных к единству, то они смогли бы сохранить свою славу и достоинство. Главным препятствием на пути возрождения общества Дониш считает фанатизм и извращение религиозных установлений врагами ислама.

«Муллы и их прихлебатели, – пишет Ахмад Дониш, – призывают народ молить Бога, чтобы их эмир стал владыкой мира… и лишь некоторые люди, которые понимают все, плачут, глядя на этих подлецов и своего эмира».[4.23] И в другом месте он отмечает: «Очень жаль, что в наш век нет ушей, которые слышат, и глаз, которые видят; остается только одно: написать все, известное тебе, и плакать самому, перечитывая написанное, другого выхода нет».[4.68]

Следует подчеркнуть, что реформаторские этико-политические идеи исламских мыслителей формировались под влиянием традиционных религиозных и политических устоев общественной жизни. Основные цели средневековых мусульманских мыслителей заключались в реформе системы правления, воспитании правителей, «справедливого царя». Как отмечает Х.Камолова, «анализ работ средневековых моралистов мусульманского Востока позволяет сделать вывод, что главной целью, которую они ставили перед собой, было нравственное и политическое воспи-

тание и совершенствование характера правителей».[6.9]

Таким образом, хотя религия занимало важное место в мировоззрения Ахмада Дониша, но он считается прогрессивным и авторитетным личностью среди своих современников. Излагая все недостатки своего времени и отсталость своих современников, А.Дониш считал себя ответственным перед обществом: я должен это сказать, потому что я обязан перед Богом и человечеством. Он пишет: «Когда Платон выступил со словами мудрости, один из окружающих ему сказал: «Эти слова, которые ты излагаешь, никто у тебя не примет». Платон ответил: «Я обязан говорить и писать мудрые слова, но я не имею права заставлять людей принимать или не принимать их».[3.29]

**Литературы**


1. Абдуллоев Ш. Маорифпарвари ва озодфикри. Душанбе, 1990..
2. Ахмад Дониш Меъёр-ут-тадаюн (Меры вероисповедания). . Рукопись Института востоковедения и письменного наследия АН РТ № 383. С.28.
3. Ахмад Дониш Наводир-ул-вакоеъ (Редкостные события). Душанбе, 1988. С. 28.
4. Ахмад Дониш. Рисола ё мухтасари аз таърихи хонадони манғития. С.23.
5. Икбал Мухаммад. Реконструкция исламской мысли в исламе / Пер. с англ., предисл. и коммент. М.Т. Степанянц. М., 2002.
6. Камолова Х. Взаимосвязь политики и этики в трудах таджикских мыслителей средневековья // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: философия и правоведение. 2006. № 1-2. С.9.
7. Коран. Сура 3 (Семейство Имрана), аят 85.
8. Раджабов З. Выдающийся просветитель таджикского народа А. Дониш.
9. Степанянц М.Т. Ислам в философской и общественной мысли зарубежного Востока (XIX–XX вв.). М.: Наука, 1974. С.64.


## ҶОЙГОҲИ ДИН ДАР ҶАҲОНБИНИИ АҲМАДИ ДОНИШ


**Закиров Н. М.**



Аҳмади Дониш яке аз асосгузорони маорифпарварии тоҷик аст, ки осори ӯ дар афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик нақши муҳим гузоштааст. Дин дар ҷаҳонбинии маорифпарварони охири асри XIX ва аввали асри XX тоҷик ҷойгоҳи махсус дошт. Махсусан таҳқиқи осори Аҳмади Дониш нишон медиҳад, ки ӯ ҳеҷ гоҳ аз доираи идеологияи динӣ набаромадааст. Ин албатта бе сабаб нест, барои он ки идеологияи динӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавии Аморати Бухоро ҳукмрон буд.



***Калидвожаҳо***: дин, ҷаҳонбинӣ, мазҳаби ҳанафӣ, иҷтиҳод, ислом, диндорӣ, таълимот.


## THE ROLE OF RELIGION IN THE WORLDVIEWOF AHMAD DONISH


**Zakirov N. M.**



Ahmad Donish is the founder of the Tajik Enlightenment, whose works occupy an important place in the political, social and cultural thought of the Tajik people. Religion occupies an important place in the worldview of the Tajik Enlightenment of the late XIX and early XX centuries. Especially analysis of the work of Ahmad Donish shows that he once did not go beyond the framework of religious ideology. The reason for this factor is that religion dominated all spheres of the spiritual and social life of the Bukhara Emirate.



***Keywords:*** *religion, worldview, Hanafi madhhab, ijtihad, Islam, religiosity, doctrine.*

# ГУНОГУНАНДЕШӢ АЗ НАЗАРИ НОСИРИ ХУСРАВ ВА ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

**Бандалиева Ш.Н.,** ходими илмии ИФСҲ АИ ҶТ

*Ин мақола маънии касратгароиро аз нуқтаи назари Румӣ ва Носири Хусрав баррасӣ мекунад. Масъалаи мазкур таваҷҷуҳи касро бештар оиди масоили мубраме маҳтуф мегардонад, ки ҳанӯз дар асрҳои миёна дар асарҳои Румӣ ва дигар мутафакирони низ ба таври рамзу масал муаррифӣ шудаанд. Бо вуҷуди ин, калимаи "плюрализм" аввалин бор дар ибтидои асри XVIII аз тарафи Кристиан Волф, дар муқобили пайравони Лейбнитс оиди монада ва шаклиҳои мутафовути дуализм пешгӯӣ шуда буд. Мақсади тадқиқоти зерин ба он нуқта равона гардид, ки назарияи андешаи касратгароиро аз нуқтаи назари Носири Хусрав ва Мавлавӣ шарҳ диҳем. Ҳар ду мутафаккир, махсусан дар асоси баҳсу мунозираи илмӣ-амалӣ, бо тамаддуну халқияти гуногун шинос шуда, усули касратгароии донишҳои гуногунро омӯхтанд.*

***Калидвожаҳо:*** *касратгароӣ, фарҳанг, асрҳои миёна, рамзӣ, эътиқодҳо, қобилиятҳои ақлонӣ.*

Масъалаи бисёрандешӣ аз масоили мубрами ҷаҳони имрӯза дониста мешавад, ки бештар бо мафҳуми «плюрализм» маъруф аст. Маънои «плюрализм» - системаи ҷаҳонбинии фалсафиест, ки намудҳои гуногуни назария, таълимот, институтҳои иҷтимоӣ ва мавҷудияти якчанд ва ё маҷмуъи мабдаи мустақили навъҳои ҳастиро ифода мекунад». [1.с.40] Ин мафҳум бештар дар ҳастишиносӣ, маърифат, ахлоқ, сиёсатшиносӣ ва арзишиносӣ ба кор бурда мешавад. Албатта, касратгароӣ на танҳо ба маънои гуногунандешӣ ва ихтилофот, балки ба маънои инъикоси шаклҳои гуногуни ҳастӣ ва созмонҳои иҷтимоии ҷомеа истифода мешавад. Ин мафҳум дар фалсафа аз тарафи файласуфи машҳур Лейбнитс пешниҳод гардид. Барои рушду нумуъи ҷомеа, ба ашхос зарур аст, ки бо андешаҳои гуногун ва таълимоти нав озодона фикри худро иброз намуда ва ҳатто андешаи интиқодии худро бе ҳаросу тарс ифшо намояд. Бояд гуфт, ки ин мафҳум дар давраи асримиёнагӣ нcorrectly-баста бар арзиши ҳуқуқӣ мақоми хоса дошт. Ин андешаро дар китоби «Таърихи тасаввуф дар ислом» Қосим Ғанӣ хеле хуб баён намудааст. Ин донишманд «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоноро ба нардбон мушобеҳ дода, мегӯяд ки Мавлоно дар «Маснавӣ» навиштааст: «Маснавиро ба ҷиҳати он нагуфтаам, ки амоил кунанд ва такрор кунанд, балки то зери по ниҳанд ва болои осмон раванд, ки Маснавӣ нардбони меъроҷи ҳақоиқ аст, на он ки нардбонро ба гардан гирӣ ва шаҳр ба шаҳр гардӣ, ҳаргиз бар боми мақсуд наравӣ ва ба муроди дил нарасӣ». [2.с.121]

Ба қавли Мавлоно, инсон бояд зина ба зина маърифати ҳақиқиро тай намояд, зоҳиру ботини инсон бояд ба воситаи ҳис ва ақл омӯхта шуда, шахс аз содир кардани афъоли зишт канораҷӯӣ намояд. Барои ин зарур аст, ки аз андеша ва таҷрибаи рӯзгори мардумони мухталиф панде бигирад. Бахусус Мавлоно Балхӣ аз тариқи баҳсу мунозира тавониста буд, ки бо лаҳни ширину пандомези худ қалб ва тафаккури мардуми зиёдеро мафтуни худ созад.

Масъалаи плюрализм ва ё гуногунандешӣ дар таълимоти фалсафии Мавлоно Балхӣ ва Носири Хусрав дар шакли заминаҳои ақидатӣ мушоҳида мешавад. Дар таълимоти ҳар ду мутафаккир «касратгароӣ», аз як тараф ба маънои имконияти озодбаёнкунии фикру андеша, заминаи вуҷуд доштани зиддияти ақидавиро кафолат диҳад, аз тарафи дигар, он як тариқаест, ки тафаккури одамонро дар иртибот ба дарки масоили гуногун ба таҳрик оварда, барои дар ҳолати шахшуда (аҳком) боқӣ намондани ақида ва таълимоти бемағз монеъ мегардад. Ин муборизаи фикрӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир гардад. Барои Носири Хусрав сатҳи ақлонии инсон, дараҷаи камолоти маънавӣ, тафаккури мантиқӣ аҳамияти бештаре дошт. Мавлоно низ маърифати ақлониро хислати асосии ориф медонист, зеро сарфи назар аз қаробати ориф ба Ху-

до, вай қобилияти интиқоли таълимоти Ҳақро ба омма надошт. Ба андешаи Ҷалолуддини Балхӣ вазифаи инсони оқил дар рӯи замин маърифати Ҳақ дар худ ва ҳақи умумиҷаҳонӣ аст, ки моҳияти зуҳури ҳикмати илоҳиро ташкил медиҳад. Ба ин маънӣ Носири Хусрав низ маъсулияти инсонро дар рӯи замин воло медонад. Носири Хусрав инсонро ба сӯи маърифати ҳикмат бар он муваҷҷеҳ месозад, ки чашми хиради одамонро кушояд ва роҳи камолотро барояшон ба мисли Балхӣ нишон диҳад. Ин усули маърифат, ки минбаъд дар ҷаҳони Мавлоно як таҳаввулоти фикрӣ аз андешаи тозаеро ворид кард, аз мулоқот бо Шамс буд.

Роҳу усул ва тариқи ба вуҷуд омадани гуногунандешӣ дар осори ин ду мутафаккир як ҷунбиши тозае буд, ки минбаъд барои такомули фикрии онҳо кӯмак кард. Ба вижа мулоқот бо Шамси Табрезӣ дар зиндагии ӯ як таҳаввулоти фикрӣ ва ошкор мегардад|:

Ҷон фишон, ай офтоби маънавӣ,
Мар ҷаҳони кӯҳнаро бинмой нав.

[3.с.224]

Аз ин байт бармеояд, ки пас аз мулоқот бо Шамси Табрезӣ дар ҷаҳони ботинӣ ва андешаи фикрии Румӣ як дигаргунии куллие ба вуҷуд омад. Шамси Табрезӣ чи гуна тавониста ҷаҳони андешаи як суфиро дигаргун намояд. Аз тарафи дигар, вохурии Шамси Табрезӣ бо Мавлонои Балхӣ сабаб шуд, ки Мавлоно мусоҳибат ва ҳамроҳии вайро баргузинад ва тарки маҷлиси шогирдон кунад. Чунонки қаблан овардем, ин дидор дар ҷаҳони маънавии Мавлоно Балхӣ нақши ҷолибе мегузорад. Аз ин ҷо иддае талош намудаанд, ки омили воридшавии Мавлоно ба тариқат ва ирфон дидори он ду орифи баландпарвозро бидонанд, ки асари он ба шахсияти Мавлоно якбора тағйири рӯҳонӣ медиҳад. Аз ин ҷост, ки андеша ва таҳаммули фикрии ӯ дигар шуда, дар суҳбат бо Шамс, Мавлоно дониш ва андешаҳои навин ва дунёи дигареро пайдо мекунад, ки барои рушди маънавии минбаъдаи ӯ роҳи тозаеро кушодаанд. Рафтори Шамс, барои Мавлоно нишон медиҳад, ки дониши ҳақиқиро инсон танҳо дар сафар ва суҳбат бо мардумони мухталиф ва ошноӣ бо тамаддун ва фарҳангҳои гуногун дастрас кардан метавонад. Чунин бархурд, метавонад инсонро аз ҷаҳолат ба олами дониш маърифат бирасонад. Пас аз суҳбату баҳсу мунозираҳо ва аз худ кардани илму андешаҳои навин, байни Балхӣ ва Шамси Табрезӣ минбаъд барои Мавлоно ҷудоӣ аз ӯ хеле сангин буд, ки дар байте овардааст:

Гуфт, ки шайх ва сирри пешраву ва роҳбаре,
Шайх наям, пеш наям, амри туро банда шудам.

[4.с. 44]

Вохӯрии Шамс бо Мавлоно олами маънавиёти ӯро равнақу ривоҷ дода, минбаъд саъю кушиш намудааст, ки дар арсаи зиндагии моддӣ ва маънавии хеш амалан ин назарияҳоро сайқал диҳад. Ба гуфтаи Ҷалолуддини Балхӣ андешаҳои гуногун метавонанд ба натиҷаи муфиде бирасонанд:

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,
Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад.

[5.40]

Назари гуногунандешии Носири Хусрав ва Мавлоно Балхӣ дар ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки дар зиндагӣ ва андешаи ҳар ду мутафаккир нуқоти муштараке вуҷуд дорад. Носири Хусрав дар муқаддимаи «Сафарнома» менависад, ки бо худ гуфтам, «ки аз хоби душин бедор шудам акнун, бояд ки аз хоби чиҳилсола низ бедор шавам»[6.С.7]. Андешидам, ки то ҳамаи афъол ва аъмоли худ бадал накунам, фараҷ наёбам. Ҳамчунин дар зиндагии Мавлоно низ мулоқот бо Шамс оғоз мегардад. Бахше аз зиндагии Носири Хусрав ва Мавлоно дар даврони ғафлат аст ва пас аз он онҳо вориди ҷаҳони нав мешаванд. Чунон ки Носири Хусрав дар ин бора мегӯяд:

Бедор шав аз хоби хуш, ай хуфта чиҳил сол,
Бингар зи ёронат намонанд кас айдар.

[7.с.40]

Аз назари Носири Хусрав инсон вақте дармеояд, ки ҳангоми даромехтани нафсу бадан, гирифтори қудрат ва олудагӣ мегардад ва ҳангоми нигаристан ба худ дармеояд, ки мураккаб аз як амри абадӣ бо лақва (фалаҷ) бо як унсури маҳдуди заминӣ ва замонмандӣ меёбад. Аммо пас аз дарки ташхиси ин ки инсонҳо аз тану ҷон, ҷисму рӯҳ таркиб ёфтаанд, як ҷузъи вобастаи ин ҷаҳонанд. Зеро ин бахши абадӣ ва ҷовидон вуҷуди инсон аст, ки донишомузӣ мекунад. Дар ин ҷо, мақоми нафс дар

пешравӣ ва такомули инсон бузург аст. Ин нафс аст, ки мавҷуди инсонро ба сӯи ҷустуҷӯи дониш мебарад ва қувваест, ки донишро ба даст меоварад ва нигаҳ медорад. Аз назари Носири Хусрав «дониш асоси ҳастии инсон аст, ҳамонгуна, ки тилло дар санги маъдан ва бӯй дар мушк асоси ҳастии онҳо аст» [8.с.42] . Ҳадаф ва ҷустуҷӯӣ Носири Хусрав илму дониш аст ва ин роҳе буд, дар ҳадди сафар ҳаким онро вусъат дод. Ва ҳангоми суҳбат ва баҳсу мунозира бо мардум, аҳли фалосифа ва дину мазоҳиби мухталиф дар ниҳоди ӯ таҳаввулоти наве пайдо шуд. Ин гуногугандешӣ боиси он гардид, ки бо афкор ва андешаи мардумон шинос шуда, фикр ва андешаи наверо дар дар ҷаҳони худ маҳтуф намояд.

Аз ин ҷо, ин мутафаккирони бузург новобаста бар он, ки дар муҳити исломӣ таълиму тарбия ёфта, ҳатто мехостанд, бо андешаи навин ва илму дониши васеъ бахри ба даст овардани адолати иҷтимоӣ бо усул ва равишҳои мухталифе мубориза баранд. Мавлоно бо роҳи панду андарз дар китоби машҳури худ «Маснавии Маънавӣ» мехост, ба зимомдорони даври хеш таълим диҳад, ки инсон танҳо бо илму дониши амиқ ва ахлоқи писандида метавонад дар ҷомеа ба натиҷаи судбахше расад. Яъне тавассути дониши замонавӣ ва усули нави таълимӣ дар ҷомеа як эҳёи нави фикриро дар тафаккури инсонҳо пайдо намояд. Мутафаккир рӯи рост наметавонист доир ба беадолатии иҷтимоӣ ҳарф занад, аз ин рӯ, тавассути ҳикоёти пурмазмуни тамсили худ бо лафзи бурро ва сухани ҳак норозогии худро баён намуда, роҳҳои навинеро барои ҳалл ва кушодани ин гиреҳҳо нишон дода буд. Асосан яке аз ин усулҳо бохабар будан аз фарҳангу тамаддун ва ахлоқиёти халқиятҳои мухталиф буда, дар афкори маънавӣ ва иҷтимоӣ буньёд намудани роҳи бисёрандеширо асос медонист. Назарияи касратгароӣ дар ҷаҳонбинии Ҷалолуддини Балхӣ ҷои асосисро ишғол мекунад. Асосан дар ҳикояи «ихтилоф кардан дар чигунагии шакли пил» [9.с.384] ин мафҳум баръало нишон дода шудааст. Мазмуни асосии ин масал дарак аз он медиҳад, ки рӯзе, фил дар хонаи торике таваҷҷӯҳи ашхоси зиёдеро ба худ ҷалб мекунад. Чун хона торик буд, аз дидани фил ноумед шуданд. Аз ин рӯ, ҳар яке аз онҳо саъю талош намуданд, бо кафи худ нишонае аз пил дарёфт намоянд. Яке аз он нафарон дасти худро ба хартуми пил ниҳод, ки ба назараш он новардон менамуд. Шахси дигар кафи худро ба гӯши фил бимонд ва он чун бодбизан шуд падид, шахси саввум кафи худро ба пои пил зад, ки ба назараш сутуни чубин менамуд, шахси чаҳорум чун каф бар пушти ӯ бизад, гуфт ин пил чун тахте аст. Умуман ҳар яке аз ин ашхос назар ва андешаи шахсии худро оиди ин ҷонвар дошта аз рӯи фаҳмиши ниҳонии худ ба ӯ баҳо медодаанд. Ногуфта намонад, ки дар чунин маврид агар шамъи рушноӣ дар ин хона мавҷуд буд, он гоҳ чунин ихтилофоти зид вуҷуд надошт. Аммо аз тарафи дигар иллат ин буд, ки инсон бояд, тавассути афкору андеша ва ҳисси ҷӯёи хеш ба ҳар як падидаи офоқу анфус аз нигоҳи бурҳони илмӣ ва таҳқиқотӣ диққат диҳад. Ин ҳикояи оварда мазмуни рамзӣ дорад (10.с. 360). Пас мақсад аз овардани маънои рамзи ин ҳикоя дар нақши фил ин нишонаи зоҳирӣ ва ботинии инсон аст. Ишора ба хонаи торик бошад дар масал назария ва андешаҳои гуногуни инсон оварда шудааст. Ҳадаф аз шамъ дар он аст, агар ин мардумон бо чашми ҳақиқат ва ё ботини дин сарфаҳм мерафтанд, он гоҳ кулли ин фирқаҳо ва равияҳо дар асоси принсипи ахлоқӣ аз назария ва андешаҳои ҳамдигар бохабар шуда дар асоси системаи инсони зиндагӣ карда, пули иттиҳод ва ҳамоҳангиро бунёд месозанд. Хулосаи ин достон аз он иборат аст, ки ба чашми зоҳир инсон наметавонад асрори падидаҳои рӯи оламро бидонад, зеро дар зери мафҳуми ҳар зоҳире ботини он нуҳуфтааст. Аз ин ҷост ки мавлоно мегуяд:

Мо чу киштиҳо ба ҳам мезанем,
Тира гаштему дар оби равшанем
[11.32).

Носири Хусрав низ ба мисли Мавлонои Балхӣ дар масъалаи идроки ашёи ботинӣ ва назарияву андешаҳои гуногуни илмӣ-мантиқӣ назария плюрализми илмиро пуштибонӣ карда дар ин бора фармудааст:

Ба чашми ниҳон бин ниҳони ҷаҳонро,
Ки чашми аён бин набинад ниҳонро.
Ниҳон дар ҷаҳон чист? Озода мардум,
Бибини ниҳонро, набини аёнро.

Ҷаҳон бо ҳин бибоядаш бастан,
Ба занҷири ҳикмат бибанд ин ҷаҳонро.
Ду чиз аст банди ҷаҳон илму тоат,
Агар чи гушод аст мар ҳар давонро.
Танат кону, ҷон гавҳар, илму тоат,
Бад ин ҳар ду бигумор тану ҷонр*о*
[11.с.10].

Яъне инсон панҷ ҳавводи зоҳир ва ботине дорад, ки барои дарки ашёи моддӣ ва маърифат зарурият ва ниёзе ба онҳо дорад. Дар ин масъала Носири Хусрав низ дар баробари Румӣ ин панҷ ҳаввоси зоҳири инсонро аз қабили «босира, сомиа, бӯянда, чашанда ва басованда» - ро барои дарки ашёи моддӣ муҳим медонистанд. Тавасути ин ҳаввоси панҷгона инсон зарурият ба муносибат ва дарки ҷаҳони беруна дорад. Аммо бояд ишора кард, ки панҷ ҳаввоси дигари инсон аз қабили ҳавводи ботини панҷгона ҳисобида мешаванд ва иборатанд аз ҳавосси зокира, тахайола, ваҳмия, ҳофиза ва хотира. Носири Хусрав дар китобаш «Зодеъ-ул - мусофирин» андар шарҳи ҳавосси ботин чунин мегӯяд: «Пас, гӯем ҳавосси ботин маар нафсро чун тахайюл аст ва чун ваҳм аст ва чун ҳифз аст ва чун фикр аст ва чун зикр аст».

Аз ҷаҳонбинии Мавлоно ва Носири Хусрав бармеояд, ки тавассути ҳавоси ботин инсон метавонад рамзи ниҳони ҷаҳони шигифтангез ва ҳақиқати падидаи асрори оламу одамро кашф намояд. Аз хурдтарин офаридаи оламу одам сар карда ва то бузургтарин падидаи он дида бароем дар зери ҳар як мафҳум ва ашё асрори ҷаҳономези ҳар як чизе нуҳуфтааст. Пас, инсон барои кашф намудани асрори оламу одам аз гуногунрангии табиат, ҳайвонот, мадоин ва ғ. баҳра мегирад. Агар дар даруни боғе ба гулҳо нигоҳ кунем, ҳар яки онҳо бӯй, ранг, ва намуди рангоранге доранд. Пас мутафаккирон аз ин латофат ва бисёранги ба ваҷҳ омада, беҳтарин шакли ин тафовутро дар бисёрандешӣ бунёд ниҳоданд. Зеро аз ҷаҳонбинии фалсафии ҳар ду мутафаккир бармеояд, ки танҳо бисёрандешӣ метавонад баҳсу мунозираҳои илмӣ- мантиқӣро ба миён оварда, андеша ва назарияҳои гуногуни халқиятҳо, инчунин боиси беҳтар гардидани сатҳи дониш ва иқтисоду сиёсат ин кишвар мегардонад. Гуногунандешӣ инчунин метавонад, дар байни одамон роҳи рақобати илмӣ, тиҷоратӣ ва сиёсиро падидор намояд. Чун дар байни мардум рақобати илмӣ- ақлонӣ шиддат ёбад, он гоҳ натиҷаи он фоидаовар аст. Ин масъаларо Малавӣ дар ҳикояи «Дарахти дониш», овардааст.

Мавлоно тавассути ин ҳикоя таълим медиҳад, ки танҳо дар ҷустуҷӯи «дарахти дониш» бо илму маърифат, халқият ва фарҳангҳои мухталифи мардумон шинос шуда, метавонад дар асоси баҳсҳо ва суҳбатҳои озод бо мардумони оддӣ чизҳои тозаеро барои худ гирифта, минбаъд барои рушди таҳавуллоти фикрӣ ва ҷаҳонбинии назариявӣ ва амалии ӯ дарси наверо дар асоси таълимот ва ақоиди мутафаккирони адвори мухталиф ба сомон бирасонад. Дар ҳикояи дигари мутафаккир, мазмуни «плюрализм» - ро дар қобилияти забондонӣ дониста буд. Ба фикри ӯ чун он се нафар турк, араб ва эронӣ забони ҳамдигар надонистанд, қариб буд, ки шуру ғавғо бардоштанд. Ва марди донишманде буд, ки забони ҳар серо медонист. Аз ин ҷо, ӯ пай бурд, ки ҳадафи ҳар се марди мусофир ин хӯрдани «ангур» аст. Чун ҳаво тафсон буд, ва аз шиддати гармӣ ва ташнагӣ ҳар се мард мехостанд ангурро бихӯранд. Ва ин марди забондон мушкилии онҳоро ҳал намуд. Мақсади ин ҳикоя аз он иборат буд, ки чунон ки гуфтаанд: «забон донӣ ҷаҳон донӣ» [12. с. 40], яъне донистани забонҳои гуногун ба кас имконият медиҳад, ки аз ҷаҳони андешаи афроди мухталиф ва фарҳанги дигар мардумон бохабар шуда, метавон ба худ дӯстони наверо пайдо кард. Мисоли инро метавон дар таҷрибаи се марди мусофир дид, ки аз сабаби надонистани забони ҳамдигар қариб, буд ки душмани ҳамдигар гарданд. Барои ин ҷавонони имрӯза бояд, ба ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ диҳанд ва кӯшиш намоянд, забонҳои гуногуни байналмилалиро биомӯзанд, зеро омӯхтани забонҳои гуногун ба онҳо имконияти омӯхтани донишҳои нав ва қадимии фарҳангҳои гуногунро фароҳам месозад.

Носири Хусрав бошад ҷаҳони андешаи фикрӣ ва амалии худро бештар ба тариқи баҳсу мунозираи илмӣ- фалсафӣ ва ҳатто сиёсӣ дар баъзе ҳолатҳо рӯирост ва воқеъбинона, ки бо давру замони рушду такомули фардии ӯ иртибот доштаанд, гуфта дод. Носир Хусрав мафҳуми бисёрандеширо на танҳо ба воситаи тамсил чун Мавлоно нишон додааст, балки дар

баъзе мавридҳо озодона ва рӯирост бидуни тарс ва ҳарос аҳдофи сиёсӣ ва ахлоқии худро баён намудааст.

Носири Хусрав низ дар баробари Мавлоно нақши озодии инсонро дар ташаккули тафаккури нави ҷавонон ва ҷомеа тавассути мафҳуми нави плюралистӣ дар аснои сафари тӯлонии хеш ҷойгузин намояд. Ин аст, ки ӯ роҳи сафарро дар пеш мегирад, аз ҳар шахсе, ки мебинад пурсишҳо мекунад, ва дар тамоми тули роҳ сахтиҳои ҷисмониро ба ҷон мехарад:

*Бархостам аз ҷою сафар пеш гирифтам,*
*Н-аз хонаам ёд омаду н-аз гулшану манзар.*
*Аз порсиву тозиву аз ҳиндуву аз турк,*
*В-аз синдиву румӣ в-аз ибрӣ ҳама яксар.*
*В-аз фалсафию монавию собиву даҳрӣ,*
*Дархостам ин ҳоҷату пурсидам бамар….*
*Пурсанда ҳаме рафтам аз ин шаҳр бад он шаҳр,*
*Ҷӯянда ҳамегашт аз ин баҳр бад он баҳр* (13.5).

Яке аз сабабҳои асосии сафари чандинсолаи мутафаккир дар он буд, ки дар ниҳоди ботинии ӯ бисёр суолҳое нисбати одаму олам, табиату, аҷсом ва дину оин пайдо гардидаанд, ки мехост дар мусоҳиба ва баҳсу мунозира бо донишмандон ва мардумони оддӣ посухи аниқе доир ба онҳо дарёфт намояд. Зеро шинос шудан бо ақоид ва орои донишмандон ва халқиятҳои гуногун боиси он мегардид, ки ин бисёрандешӣ ҷаҳонбинии Носири Хусравро дар омӯхтани бисёре аз масоили мубрами ҳаёти инсонӣ ва фалсафӣ комил гардонид. Барои мисол дар тӯли сафари чандинсолаи худ дар ҷойҳои мухталиф сафар намуда, аз ҷойҳои таърихӣ – ҷуғрофӣ ва фарҳангу тамаддуни онҳо ба тафсил нақл мекунад. Бинобар ин мафҳуми бисёрандешӣ дар таълимоти ахлоқии мутафаккир намоён аст. Чунон ки дар боло қайд шуд, Носири Хусрав ҳангоми шинос шудан бо мардумони мухталиф саъю талош мекард, ки бо ягон марди донишманди он диёр шинос шавад, то ки дар баҳсу мунозира ба суолҳои худ ҷавоби қонеъкунандае биёбад. Яъне ӯ мехост, тафаккури фалсафӣ-илмии хешро тақвият диҳад. Аз ин рӯ, дар Симнон ӯ бо донишманди ҷавоне шинос мешавад, ки як гурӯҳе ӯро табиб мехонданд ва гурӯҳи дигаре ӯро Уқлудис мехонанд, худро шогирди Сино дониста буд. Аммо Носири Хусрав аз ҷавоби ин ҷавон қонеъ нагардида гуфта дод, ки « чун худ намедонад ба дигарон чи гуна таълим медиҳад»{6, с.5}. Дар Табрез бо шоире шинос шуд, ки Қатрон ном дошт, ки шеъри нек мегуфт, аммо форсиро хуб намедонист, сипас Носири Хусрав дар хондан ва донистани маънои девони «Мунҷик», ва «Дақиқӣ» ба ӯ кумак мекард.

Дар шаҳри Қурул бо марди араби бадавӣ ки шастсола буд шинос шуд, ки аз Носири Хусрав дар хондани таҷвиди Куръон, махсусан сураи «Нос» ва «Табат ҳамолатал ҳатаб» кумак дархост. Дар шаҳри Сармин бо марде шинос шуд, ки ӯро Абулаллои Маа'рӣ меномиданд. Ин марди нобино раиси шаҳр буда, неъмати зиёде дошт, бо вуҷуди ин марди саховатманд буда ба неъматҳои дунёи ҳеҷ шуғле надошт. Дар фазлу адаб машҳур буда ҳатто китобе бо номи «Фусул-ул - ғоёт» навиштааст. Ба қавли Носири Хусрав ӯро беш аз сад ҳазор байти шеър бошад. Дар шаҳри Асвон Носири Хусрав бо марде ошно гардид, ки ӯро Абуабдулло Муҳаммад ибни Фалиҷ мегуфтанд, ки ӯ марди порсо ва бо силоҳ буда мантиқро хуб медонист. Инчунин бо кӯмаки Фалиҷ Носир дар шаҳри Ҳизоб аз мушикилоти моддӣ раҳо ёфт. Дар шаҳри Тоиф (дар Мадина), роҳнамое Носири Хусрав ва дустонашро ба шаҳри дигаре бурд, ки араб буданд ва пирони ҳафтод сола дар он ҷо ба ҷузъ шири шутур, чун дар ин бодиҳо чизе нест ба ҷузъ алафи шур ки шутур мехурад, чизе надоштанд. Онҳо чунон гумон мебаранд, ки ҳамаи олам чунон бошад. Дар Басра бо вазир ва писари ӯ, ки ҳар ду мардони аҳли илм буданд, шинос шуд. Писари вазир, ки номашро Абуабдулло Аҳмад Ибни Али ибни Аҳмад мегуфтаанд марди шоир ва дабир буд ва ҷавони хирадманд ва парҳезгор байни онҳо баҳсу мунозираи илмӣ дар мавзуъоти гуногун рух додаст. Ин шиносоӣ бо мардони фазлу адаб ва баҳсу мунозираҳои илмӣ боиси он гардида, ки ҷаҳонбинии мутафаккир боз ҳам беҳтар ташаккул ёфт. Худи мафҳуми плюрализм, ки зодаи тафаккури имрӯзаи ғарб аст, дар таълимоти асримиёнагӣ вуҷуд надошт. Аммо роҳу усул ва тариқи ба вуҷуд омадан ва ё овардани гуногунандешагӣ дар ҷомеаи инсонӣ дар осори мутафаккирони Шарқ маълум буд. Далелҳое, ки дар мавриди таҳқиқи афкори Носири Хусрав дар иртибот ба ин мавзӯъ оварда шудаанд возеҳ аз он дарак

медиҳанд. Ҳадафи пажуҳиши ин масъала, пеш аз ҳама дар он аст, ки тавассути ин мавзӯъ мо бояд дарк намоем, ки плюрализм дар самти мавзӯъӣ ахлоқӣ чӣ саҳме дорад. Ҳадафи ахлоқии ин мавзӯъ дар чӣ аст. Носири Хусрав ва Мавлоно Балхӣ бо кадом равиш ахлоқро вусъат медиҳанд. Равиши актуалӣ ва ахлоқӣ дар ҷаҳонбинии ин мутафаккирон чигуна аст. Равиши мафҳуми бисёрандешӣ дар ҷаҳонбинии ин мутафаккирон бештар характери фардӣ – ахлоқӣ дорад. Зеро дар ҷаҳони андешаи мутафаккирон инсон аввал кӯшиш мекунад, ки ҷаҳони ботинии худро биомӯзад. Барои ин ба ӯ лозим аст, ки аввал такзияи нафс намояд, яъне бо нафси худ мубориза барад, сифатҳои хайрро бедор кунад ва аз шарр канорачӯӣ намояд. Носири Хусрав барои расидан ба ин ҳадаф кӯшиш намуд, ки ба сафари тулонӣ баромад, то ки дарбори салҷукиёнро тарк кунад ва бо ақоиди мухталифи мардумони дигар шинос шавад. Аммо бояд тазаккур дод, ки аввалин дараҷаи такомули худшиносии инсон дар худи ҷомеа рух медиҳад. Ва ин фикру андешаҳои гуногуни оиди масъалаҳои мухталиф низ на берун аз ҷомеа, балки дар худи ҷомеа рух медиҳад. Албатта, суол пайдо мешавад, ки аз куҷо дар ниҳоди Носири Хусрав афкори ҷустуҷӯи пайдо шуд. Ҳангоме ки Носири Хусрав дар баҳсу мунозираҳои илмӣ оиди баъзе масъалаҳои ихтилофоти фикри байни адён, мазоҳиб ва равияҳои гуногун дида буд, дар ниҳоди ботиниаш як ҳисси кунҷковӣ пайдо шуд, ки чи гуна ӯ метавонад, заминаи ҷаҳлу ҷаҳолат ва беадолатиро нобуд созад. Он гоҳ дар талоши он буд, ки роҳу равиши тозаеро дар таҳавуллоти андешаҳои донишмандон ва мардумони оддӣ кашф намояд, ки натиҷаовар бошанд. Барои расидан ба чунин ҳадаф, яъне ҷустуҷӯи илму дониши нав ва роҳу равиши маънавиаш танҳо дар сафар ҳангоми шинос шудан бо мардуму халқиятҳои мухталиф ва мазҳабу равияҳои фарҳангҳои гуногунро омӯхта минбаъд барои такомули фикру андешаҳои фалсафӣ, - ахлоқӣ ва иҷтимоияш як пули бузурге сохтааст. Мавлоно бошад, андешаҳои плюралистии худро дар зери пардаи ахлоқӣ таввасути панду андарзҳояш ҳикоят намуда, мехост андешаи миллии худро ба дигарон дар чаҳорчӯбаи ҷаҳонбинии шарқӣ фаҳмонда диҳад. Бо ин равиш андеша ва назари зеҳнии дигар халқиятҳоро низ омӯхта, аз фарҳангу тамаддуни онҳо низ ба дигарон иттилоот диҳад. Андеша ва назарияҳои мухталиф, инсонҳоро бо ҳам муттаҳид месозанд. Андешаи плюрализм дар ҷаҳонбинии ахлоқии Ҷалолуддини Балхӣ ва Носири Хусрав ҷанбаи ду тарафа дорад. Аз як тараф мафҳуми бисёрандешӣ барои сиёсату давлатдорӣ ва ахлоқ хусусияти натиҷаовар ва мусбат дорад ва аз тарафи дигар бошад, хусусияти зиёновар ва манфӣ. Чунон ки Мавлоно Балхӣ дар ин бора овардааст:

*Нест як ранги, ки зи- ӯ хезад малол,*
*Бал мисоли моҳию оби зулол.*
*Гар чӣ дар хушки ҳазорон рангҳост,*
*Моҳиёнро бо юбусат ҷангҳост.*
*Кист моҳӣ, чист дарё дар масал,*
*То бад - он монад малик аззу ҷалл.*
*Сад ҳазорон баҳру моҳӣ дар вуҷуд,*
*Саҷда орад пеши он акрому ҷуд*

[14.55 -505].

Агар ин мафҳум барои нафъи дигарон истифода шавад, онро метавон дар системаи давлатдорӣ ва рушди маънавии инсоният истифода намуд, аммо агар баръакси он бошад аз он бояд канорачӯӣ кард. Барои исботи ин суханон мехостам аз «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ ҳикояе оиди ин масъала барои мисол биёрем. Замоне, подшоҳи ҷуҳуди золиме, ки душмани дини насрониён буд чорае меҷӯст, то ки дини насрониёнро нобуд созад, аммо нақшаи муайне надошт. Новобаста бар он, ки дини ҷуҳудон ва дини насрония шомили як Худо будаанд, шоҳ аз ин амри худ боз нагашт. Ин шоҳи золим вазире дошт, бисёр маккор ва зирак, ки аз ин амри шоҳ бохабар буд ба шоҳ гуфта дод, ки он ҷангу ҷидол ва душмании зоҳири нисбати онҳо таъсире намерасонад, беҳтар ки аз ботини онхо, яъне сирри онҳо хабардор шуда, алайҳи онҳо бишурем.

*Гуфт тарсоён паноҳи ҷон кунанд,*
*Дини худро аз малик пинҳон кунанд.*
*Кам куш эшонро, ки куштан суд нест,*
*Дин надорад бӯй, мушку уд не.*
*Сири пинҳон аст андар сад гилоф,*
*Зоҳираш бо туст ва ботин бар хилоф*

[15.48-340].

Он гоҳ шоҳ аз вазир пурсид, ки чораи ин тадбир чист? Вазир ба шоҳ маслиҳат дод, ки дасту гӯшамро бибур, биниамро бишикоф ва дар зери дор маро овезон кун ва бар сари роҳе, ки чорсу бошад, аз шаҳри худ моро дур соз то дар байни онҳо шуру ғавғо бардошта шавад. Шоҳ ин

насиҳати вазирро қабул карда, вазир бо ҳазор найрангу фиреб дили насрониёнро дармеёфт, чун воизи хуб низ буд.

*Сад ҳазорон марди тарсо сӯи ӯ,*
*Андак андак ҷамъ шуд, дар кӯи ӯ.*
*Ӯ баён мекард бо эшон ба роз,*
*Сирри инҷилу зунору намоз.*
*ӯ ба зоҳир воизи аҳком буд*
*Лек дар ботин сафиру дом буд*
[16.49-365].

Умуман, бо суханони ширин ва найранговари худ тавонист дили дувоздаҳ амирро ба каф дарорад ва аз сирри ботини онхо бохабар шавад, ҳамаи андеша ва корҳои худро ба подшоҳ тавассути номае нақл мекард. Дар муддати шаш сол вазир онҳоро чунон муҳтоҷи худ сохт, ки намитавонистанд бе ӯ муддате тоқат намоянд. Дар баъзе масъалаҳои ахлоқӣ ва аҳкоми дар Инҷил сабтшуда байни онҳо, низоъ ба миён оварда шуд. Новобаста бар он, ки баъзе аз пешвоёни дини насрони мухолифати назарии уро дида бошанд, ҳам вазир аз ин наҳаросида буд, чун рӯё дошт, ки аллакай аксарияти қавми насронӣ ва ба вижа дувоздаҳ амир шефтаи суханони ӯ шуданд:

*Дил бад - ӯ доданд тарсоён тамом,*
*Худ чӣ бошад қуввати тақлиди омм.*
*Дар даруни сина меҳраш коштанд,*
*Ноиби Исояш мепиндоштанд*[4,49].

Аммо вазири маккор барои амалӣ гардонидани нақшаи худ ҳама гуна тарафи масъаларо санҷида, силоҳи беҳтарини ӯ он буд, ки қавми насоро ӯро ноиби Исо паёмбар мепиндоштанд. Бо туфайли ин тарҳ дар муддати чиҳил руз гушанишинӣ карда, ки гӯё Исо ба ӯ пайғом овардааст, ки аз ҳамаи ёрон ва хешони худ дури шуда гӯшанишинӣ кунад, ки вақти марги ӯ омадааст, ки сӯи, осмонҳо назди Исо хоҳад расид. Дувоздаҳ амир бо қавмашон бисёр зориву тавалло карданд, ки онҳоро аз суҳбати худ ноумед насозад, онгоҳ вазир танҳо бо онҳо мехост, дар танҳои бо ҳар яке сухан бигуяд. Ва ба ҳар як амир ваъдаи он кард, ки пас аз марги ӯ халифа ва ноиби Исо мешавад, аммо ин сирр бояд танҳо баъд аз марги ӯ ифшо шавад ва ба ҳар як амир туморе додааст, ки он шаҳодати суханони ӯст:

*Ҳар якеро тегу туморе ба даст,*
*Дар ҳам афтоданд чун пилони маст.*
*Садҳазорон марди тарсо кушта шуд,*
*То зи сарҳои бурида пушта шуд.*
*Хун равон шуд ҳамчу сел аз чапу рост,*
*Кӯҳ кӯҳ андар ҳаво з-ин гирд хост.*
*Тухмҳои фитнаҳо ки -ӯ кишта буд,*
*Офати сарҳои эшон гашта буд.*
(63-700)

Пас аз марги ин вазири ҷоҳил байни вазирон шӯру ғавғо бардошта шуд. Ва қариб сад ҳазор марди тарсо кушта шуд, то он даме ки тоифае аз яҳуд номи Муҳаммад(с) дар Инҷил ба номи Аҳмад дарёфтанд, ва аз ин фитна халос шудаанд:

*Буд дар Инҷил номи Мустафо,*
*Он сари пайғамбарон баҳри сафо.*
*Буд зикри ҳиляҳову шакли ӯ,*
*Буд зикр ғазву савму акил ӯ.*
*Тоифаи насрониён баҳри савоб,*
*Чун расиданди бад он ному хитоб.*
*Бӯса доданди бар он номи шариф,*
*Рӯ ниҳоданди бар он васфи латиф.*
[4,64-740].

Натиҷаи ин қисса аз он иборат аст, ки Румӣ мехост, аз як тараф тавассути ин ҳикоя ба адён ва мазоҳиби давр бифаҳмонад, ки мазмун ва моҳияти ахлоқии тамоми адёни ҷаҳон характери инсондӯстӣ дорад. Аммо аз тарафи дигар, дар ҳикоя ҷиҳати манфии мазмуни плюрализмро низ ба маънои манфӣ тавзеъ додаст. Ин тарафрро дар кирдори вазир нишон медихад. Чӣ гуна ин вазир бо роҳи таассуб мехост аз андеша ва сирри насрониён бохабар шуда байни онхо шӯру гавғо бардошт. Яъне вазир илму фарҳанги насрониёнро на ба хотири рушди фардият ва кӯмак ба дигарон омӯхт, балки барои ғараз ва таассуби шахсӣ ва бар зарари ҷомеаи дигарон онро ба кор бурд. Пас, аз чунин шахсон бояд боэҳтиёт будан даркор. Дар ин маврид бисёрандешӣ мақом ва андешаи инсондӯстиро гум карда характери мухолифат ва иртиҷоиро мегирад. Ба андешаи мутафаккир ин ихтилофот бояд танҳо дар ҷараёни равиш дида шавад, на дар ҳақикати роҳ ва дар байте овардааст:

*Партави дониш зада бар обу тин*
*То ки шуд дона, пазиранда замин*[4,55 -505]

Пас, муваззаф ҳастем, ки масъалаҳои ахлоқие ки барои рушду такомул ҷомеа равон карда шуддаанд, биомӯзем ва на танҳо аз як мазҳаб ва ё дин ҷиҳатҳои ахлоқи - тарбиявиро биомӯзем, балки аз андешаҳои мухталифи халқиятҳо чизҳои тозае биомӯзем, ки моро боз ҳам беҳтар бо ҳам мутаҳид месозад. Барои мисол, агар ба зиндагӣ ва осори назариявии мутафаккир таваҷҷӯҳ намоем, сайри таърихӣ ва

ҷаҳони гуногунандешии ӯ аз худи Тоҷикистон ки маҳали зодаи ӯ дониста мешавад сар карда, то Туркия ки минбаъд фаъолияти эҷодӣ ва рушди такомули илмии ӯ ривоҷу равнақ меёфт ба авҷи камолоти худ расида буд. Ба хусус дар натиҷаи шинос шудан бо фарҳангу тамаддуни мухталифи мардумон табаддулот ва эҳёи фикриаш боз ҳам беҳтар рушд ёфта боис ва ифтихори он шуд, ки имрӯз шаҳомат ва бузургии ӯро ҳама эҳтироф мекунад. Яке аз сабабҳои таваҷҷӯҳи зиёде ба осори Балхӣ зоҳир кардан дар таълимоти бисёрандешии ӯ дидан мумкин аст. Зеро ӯ дар ҷодаи илм омӯхтан бо мардумони мухталиф ва адёни мухталиф баҳсу мунозира карда, андешаҳои нав ва имконияти робита бо адён ва мазоҳиби мухталиф ва ҷаҳони модерни даври хеш нишон додааст.

**Адабиёт:**


1. Новейший философский словарь. - Минск: Книжный Дом. А.А. Грицанов.1999.
2. Носири Хусрав. Сафарнома. Ба тасҳеҳи Муҳаммад Ғанизода. Теҳрон, 1384.1037. с. (ба. заб. форсӣ)
3. Носири Хусрав. Куллиёт осори фалсафӣ ва динӣ. Зодеъ – ул-мусофирин. Душанбе. 2003 .400.с.
4. Носири Хусрав. Девон. Ба тасҳеҳ Муҷтабо Минуӣ ва Маҳди Муҳақиқ. Теҳрон, 1407. Чопи дуввум. (ба. заб. форсӣ). 551с.
5. Раҳмон гул Побшерз. Савоғ Умри. Ҳазрати Мавлонои Рум. Мусабеҳ ба муноқиб - ул-орифин. 396.с.
6. Қосим Ғанӣ. Осор ва афкору аҳволи Ҳофиз. Таърихи тасаввуф дар ислом. Ирон. 1375.694.с.
7. Ҷаъфари Муҳаммад Таќи. Мавлавӣ ва ҷаҳонбиниҳо. Муассисоти интишороти баҳс. (бидуни таърих)224.с.
8. Ҷалолуддини Муҳаммад Мавлавӣ. Маснавии Маънавӣ (ба кушиши Тавфиқ Ҳасбҷонӣ. Теҳрон, 1373.С.


## МИР ИДЕЙ И РАЗМЫШЛЕНИЙ ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИЯ И НАСИРА ХУСРАВА О ПЛЮРАЛИЗМЕ

**Бандалиева Ш. Н.**

В статье рассматривается значение плюрализма с точки зрения Румия и Насира Хусрава. Данная проблема становится интересна тем, что понятие плюрализма ёще в средневековье было сказано метафорически в произведениях Румия и других мыслителей. Однако термин «плюрализм» был впервые предсказан в начале XVIII в. Христианом Вольфом, последователем Лейбница для описания учений, противостоящих теории монад Лейбница, особенно по поводу различных разновидностей дуализма.

Цель данного иследования заключается в разъяснении значения плюрализма с точки зрения Насира Хусрава и Мевляна. Оба мыслители особенно во время дисскусии, знакомясь с интеллектуальными и практическими способностями разных слоев общества, воспринимают плюралистический метод усвоения знаний.

**Ключевые слова:** плюрализм, культура, средневековья, метафорический, верований, интеллектуальные способности.

## THE WORD OF IDEAS AND REFLECTION JALALLIDIN RUMI AND NASIR KHUSRAW ABOUT PLURALISM

**Bandalieva Sh. N.**

This article examines the meaning of pluralism from the point of view of Rumi and Nasir Khusraw. This problem becomes interesting, because the concept of pluralism in the Middle Ages was said metaphorically in the works of Rumiy and other thinkers, who want the term "pluralism" was first said in the early 18th century. Christian Wolff, a follower of Leibniz for describing the teachings opposing the theory of the monads of Leibniz, especially about the different types of dualism.

The purpose of this research is to explain the meaning of pluralism from the point of view of Nasir Khusraw and Mevlyan. Both thinkers, especially during the discussion, getting acquainted with the intellectual and practical abilities of different layers of society, perceive the pluralistic method of learning knowledge.

**Key words:** Plural, culture, medieval, metaphorical, beliefs, intellectual abilities.

УДК: 371 (575.3)

# СОЦИОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ДОСТИЖЕНИЙ ВСЕОБЩЕГО НАЧАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

**Ширини Соибшо,** аспирантка ИФПП АН РТ
тел: (+992) 887001755 e-mail:s.soibsho@gmail.com

*В данной статье рассмотрены проблемы развития начального образования в Республике Таджикистан за период независимости 1994 – 2016 года. В статье рассмотрено качество образования и его финансирование как в густо населенный городах, так и в малонаселенных районах Республики. Также затронуты сферы гендерного неравенства в сфере образования и интеграции детей с ограниченными возможностями во всеобщую систему образования. Рассмотрены и проанализированы стратегические документы и предстоящие реформы в сфере образования.*

***Ключевые слова:*** *образование, политика, гендерный паритет, дети с ограниченными возможностями, подушевое финансирование, индикаторы.*

В целях достижения развития Республика Таджикистан приняла стратегию ПРООН «Цели Развития Тысячелетия», которая была рассчитана на 2000-2015 год. Данная программа задала 8 целей для развития страны. Одной из этих целей является достижение всеобщего начального образования.

Ради достижения этой цели была поставлена задача и указаны координаты: - «К 2015 году обеспечить, чтобы повсеместно дети (мальчики и девочки в равной степени) могли завершить полный курс начальной школы» [1].

В период с 2000 - 2015 уровень начального и среднего образования в стране являлся самым низким в центрально-азиатском регионе, кроме того немаловажную роль играет низкое качество образования, которое с каждым годом ухудшается из-за отсутствия высококвалифицированных педагогов, устаревшей литературы и технологий.

Большую роль в развитии сферы образования играет финансовая составляющая и ее приоритетность в политике государства. По данным отчета ПРООН «Цели развития тысячелетия»: «Расходы государства в сферу образования с 1991г. составили 8,9% от ВВП или 23,6% от общих государственных расходов, тогда как в 2008 году эти показатели составляли 4,1% и 14% . Расходы за счет государственного бюджета за последние 9 лет на образование в абсолютных цифрах возросли в 26 раз (с 42 млн. сомони, в 2000 г. до 1,070 млрд. сомони в 2009 г.). В 2009 году за счет всех источников финансирования завершено строительство и реконструкция 218 школ и создано 40 тыс. мест для школьников»[2].

По охвату уже достигнута поставленная цель, но не возрос процент посещаемости. Процентное соотношение у населения в возрасте от 15 до 24 составляет 99% для мальчиков и практически на 1% меньше у девочек.

Подушевое финансирование учащихся варьируются относительно регионов. В целом по стране финансирование на учащегося составляет 180 сомони, что в 2,3 раза ниже самого высокого показателя подушенного финансирования по ГБАО. При подобных данных важно учитывать тот факт, что в ГБАО высокие затраты, прежде всего, связаны с пространственным распределением населения. Также по этому показателю существуют значительные региональные отклонения в разрезе городов и районов страны. По данным отчета UNDP «Цели развития тысячелетия» за период с 2000 - 2015 гг наблюдается следующее распределение бюджета: - «на Рошткалинский район ГБАО (615 сомони), а наименьшее - на Раштский район РРП (67 сомони)». Такое финансовое распределение в ГБАО объясняется маленьким количеством детей школьного возраста по сравнению с другими регионами страны. Также наивысший коэффициент расходов на образование в ГБАО непо-

средственно связан с финансированием извне, а именно фондом AKF и AKDN.[3]

В наше время среднее образование подразумевает обязательное знание освоение основ компьютерно - технических навыков. Учебный план средних школ включает изучение информационных технологий в количестве 1 часа в неделю в 7-9 класссах, 2 часа в 10-11 классах.

Одной из важнейших причин низкого уровня знаний школьников является отсутствие соответствующих учебников, несоблюдение требований учебных лабораторий и аудиторий по естественным предметам. В среднем на несколько учеников в классе приходится один компьютер, что недостаточно. Имеющиеся компьютеры в учебных заведениях не используются должным образом из-за отсутствия электричества зимой в сельских местностях. Также преподаватели по данному предмету недостаточно квалифицированны в самой столице, не говоря уже о провинции.

Также в области образования были приняты стратегические документы и реформы в связи с переходом на 12-ти летнюю систему образования, на которую перешли многие развитые страны, а также некоторые страны СНГ. Система образования страны, согласно этим планам, должна была перетерпеть серьезные изменения. В соответствии с изменениями, внесенными в законы Республики Таджикистан «Об образовании», до 2016-го года должен был быть введен новый 12-летний цикл обучения [4].

Ссылаясь на эту концепцию, с нового 2010-2011 учебного года в стране должно было введено обязательное 10-летнее образование. Во время перехода на новую систему школьного образования в 2010-2011 году, 9-го выпускного класса не должно было быть, но практика доказывает обратное. Сохранилась модель 11-летки с 9-м выпускным классом. Подготовительным периодом для приёма шестилеток в первый класс должны были быть 2012-2013 и 2013-2014 гг. Согласно этому плану, в течении этого переходного периода к 2014 году для учащихся 6-10 классов должны были быть изданы 12,1 млн экземпляров учебников на сумму 108,9 млн сомони, а также курсы повышения квалификации для учителей. В планы входила масштабная организационная работа по строительству дополнительных классов для первоклассников. Планировалось потратить 108 миллионов сомони на строительство и 16,7 миллионов сомони на издание учебников нового поколения. В дальнейшем, в течение 2011 – 2016 гг. 1050 школ, 1460 классов должны были быть подготовлены к учебному году, в которых 157 тысяк учеников должны были пройти обучение. Для перехода на эту систему образования до 2016 – 2017 гг требовалось 356 млн 273 тыс сомони. На данный момент, в 2019 году, не наблюдаются свершение данных целей.

Руководство республики заявило о низком уровне профессионализма выпускников ВУЗов, что не соответствует потребностям рынка образования. В целях повышения качества образования и прозрачности вступительных экзаменов в ВУЗы был создан Национальный Центр тестирования при Президенте Республики Таджикистан. Согласно постановлению Правительства Республики, Таджикистан от 5-го марта 2008 года, №114 реализация проекта была возложена на Государственное учреждение «Национальный центр тестирования», деятельность которого, прежде всего, была направлена на организацию и проведение ЦВЭ в ОУ ВПО Республики Таджикистан и осуществлялась в тесном сотрудничестве с Министерством образования и науки Республики Таджикистан.[5]

Каждый год большое количество учителей выпускаются из высших учебных заведений страны, все больше потребности в сфере образования в высококвалифицированных специалистах, и единственная причина, по которой подготовленные специалисты не хотят работать в школах – это низкий уровень оплаты труда, который не отвечает даже ниже средним нуждам населения. [5]

В стратегических документах страны, таких как НСР на период 2015 года и ССБ – 3 на 2010 – 2012 гг образованию уделяется достаточное внимание на всех уровнях. За 2010 по 2012 гг. 15,2; 19,8 и 20.2%, соответственно, было выделено в сферу образования от общего бюджета страны. В таких стратегических документах страны, как НСР на период до 2015 г.

Следующей задачей стратегии всеобщего начального образования было устранение гендерного неравенства в начальном и среднем образовании, предпочтительно к 2010 году и на всех уровнях образования не позднее чем к 2015 году. Индекс гендерного равенства наиболее ярко иллюстрирует гендерный разрыв между полами в сфере образования в большей степени в Душанбе и и Хатлонском районе, а наименьших в ГБАО.

Женщины уступают мужчинам в сфере образования. Как в его в наличии таи и качестве, что в обществе обусловлено наличием стереотипов о роли женщины в обществе. Значимый дисбаланс между ними наблюдается после окончания средней школы. К сожалению, девочки, не получив образования – выходят замуж с достижением совершеннолетия. Такая картина наблюдается не только в провинциях страны, но в центральных районах, включая столицу.

Кроме того, целью достижения всеобщего начального образования для всех была интеграция детей с ограниченными возможностями здоровья в систему всеобщего образования. Такие дети обычно посещают специализированные школы. В 2008 году число мест для детей с ограниченными возможностями возросло по сравнению с 2003 годом. Число мест в школах-интернатах составляло в районе 200. Это практически на 20% превышало количество учеников в 2003 году. Однако этого все равно мало относительно количества детей, которое составляло 16,8 тыс. человек. По этой причине многие дети с ограниченными возможностями здоровья не могли получить соответствующее школьное образование.

Нужно учитывать и тот факт, что и тогда и сейчас, в 2019 году, школы не обеспеченны местами для детей с ограниченными возможностями здоровья, причиной того является нехватка финансирования для решения данной проблемы, и может быть, скорее всего, общество еще не готово к восприятию как должного обучения таких детей в обычных общеобразовательных школах.[6]

В целях устранения данной проблемы Министерством образования была разработана государственная программа по ремонту школ, при которой должна была принята во внимание концепция по инклюзивному образованию, которая на тот момент находилась на стадии разработки.

Существует множество общественных объединений, работающих над проблемой интегрирования детей с ограниченными возможностями здоровья в учебных процесс с обычными детьми. Одной из таких организаций является «Ассоциация родителей детей с ограниченными возможностями», которая активно ведет работу не только интегрирования этих детей в процесс образования, но и во всей сфере жизни детей. Данный проект финансируется Европейским Союзом.

В целом, в последние годы наблюдаются улучшение в системе образования страны, о чем свидетельствуют достижения в плане охвата, посещаемости и предоставления компьютерного оборудования по сравнению с 90-ми годами.

Низкий уровень знаний и обучения в школах напрямую влияет на качество дальнейшего образования на более высоких уровнях. Качество образования в школах не соответствует мировым стандартам и требованиям. Родители с финансовыми возможностями позволяют себе самим оплачивать и отдавать своих детей в платные школы, а остальная значительная часть населения не может позволить себе оплачивать образование своих детей. Руководство страны делала попытки в целях устранения хоть какой-то части этой проблемы, создавая президентские лицеи, привлекая в них детей с различных районов страны, заслуживают особого внимания и вселяют надежду, что эти меры будут и впредь поддерживаться и расширяться. Но эти меры смогут только частично решить проблему в системе образования и не затронут население в целом.

Социальная политика страны направленна на развитие человеческого потенциала, выравнивание экономических возможностей населения для доступа к современному образованию, здравоохранению, социальному обеспечению и социальным услугам является одной из основных задач развития страны. В результате Таджикистану удалось и он на пути к достижению результатов в этих значимых сферах человеческого развития. Существующие проблемы в сфере образования

решаемы путем искоренения стереотипов и решением гендерного вопроса относительно проблемы посещаемости школ девочками. Еще одним ключом решения данной проблемы, по моему мнению, является повышение статуса и финансового благополучия учительского состава. Повышение образования педагогов, повышение их квалификации и обмен опытом и знаниями на международном уровне будет способствовать развитию и уровню мотивации преподавателя, что в свою очередь эффективно повлияет на уровень системы образования в стране.

**Литература**

1. Отчет ПРООН «Цели развития тысячилетия» с. 20
2. Из обращения Президента Таджикистана Эмомали Рахмона к членам
Маджлиси Милли и депутатам Маджлиси Намояндагон нового созыва, 28 апреля 2010 г.
3. Отчет ПРООН «Цели развития тысячилетия» - 2010г. С. 26
4. Данный закон был принят 28 апреля 2010 г. депутаты нижней палатой Парламента Республики Таджикистан
5. Сайт Национально Центра тестирования при Президенте Республики Таджикистан. http://ntc.tj/ru/dar-borai-mo/malumoti-umum.html
6. Отчет ПРООН «Цели развития тысячилетия» 2010г. С. 34
7. Отчет ПРООН «Цели развития тысячилетия» 2010г. С. 41
8. Отчет ПРООН «Цели развития тысячилетия» 2010г. С. 28

## МАСЪАЛАИ ТАҲЛИЛИ ҶОМЕАШИНОСИИ МУВАФФАҚИЯТҲО ДАР СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ИБТИДОӢ

**Ширини Соибшо**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои рушди таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми давраи истиқлолият аз соли 1994 - 2016 баррасӣ гардидааст. Дар мақола инчунин масъалахои сифати таҳсилот ва маблағгузории он дар шаҳрҳои сераҳолӣ ва дар минтақаҳои камаҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назар гузаронида шудааст. Инчунин, сохаҳои нобаробарии гендерӣ дар соҳаи маориф ва интеграсияи кӯдакони имконияташон маҳдуд дар низоми умумии маълумот мавриди назар қарор гирифтаанд. Хуҷҷатҳои стратегӣ ва ислоҳотҳои дар пешистода дар соҳаи маориф таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

***Калидвожаҳо:*** *маориф, сиёсат, баробарии гендерӣ, кӯдакони маъюб, як нишондиҳандаи маблағгузорӣ ба сари аҳолӣ, индикаторҳо.*

## SOCIOLOGICAL ANALYSIS OF ACHEIVEMENTS OF ALL-GENERAL PRIMARY EDUCATION

**Shirini Soibsho,** PhD Student, Academy of Science Republic of Tajikistan. A. Bahoviddinov Institute of philosophy, political science and law. tel:(+992) 935011755, e-mail: s.soibsho@gmail.com

*This article, considers problems of development of primary education in the Republic of Tajikistan for the period of independence of 1994 - 2016. This article also considers quality of education and its financing both in densely and sparsely populated areas of the Republic. Spheres of gender inequality in education and integration of children with limited opportunities in general education system are also affected. Strategic documents and forthcoming reforms in education are being considered and analyzed.*

***Keywords:*** *education, policy, gender parity, children with disabilities, per-capita financing, indicators.*

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

# НАҚШИ ФАРҲАНГ ДАР НИЗОМИ СИЁСӢ

***Хуррамӣ Ҳ.**, ҳамкори илмии Донишкадаи ҳуқуқ ва улуми сиёсии Донишгоҳи Балх, Афғонистон. E-mail: hafizakhurami@gmail.com*

*Фарҳанг дар сохтори низоми сиёсӣ нақши бориз дорад ва низоми сиёсии ҳар ҷомеа аз фарҳанг, арзишҳо ва боварҳои як ҷомеа нашъат мегирад. Муаллиф дар мақола таъкид менамояд, ки барои эҷоди як низоми сиёсӣ дар ҷомеа бояд арзишҳои он ҷомеаро дар назар дошт, дар ғайри он низоми сиёсӣ ғайримашруъ буда ва наметавонад вазоифи худро ба шакли дуруст анҷом бидиҳад. Дар сурати адами ҳамоҳангӣ байни фарҳанг ва сиёсат натанҳо ин ду низом аз ҳам мутазаррир мегардад, балки соири низомҳои кӯчаки иҷтимоиро монади иқтисод, ҳуқуқ дар ҷомеа мутазаррир месозад ва монеи таҳаввули иҷтимоӣ мегардад. Кишварҳои пешрафта дорои низоми сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии муваффақ ҳастанд ва баръакс, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф тамоми ин низомҳо шикананда ва нокор аст. Ва иллати он ҳам ин ки ин кишварҳо низоми сиёсии худро на бар асоси фарҳанг ва арзишҳояшон, балки бо тақлиди кӯркӯрона аз кишварҳои дигар сохтаанд.*

***Калидвожаҳо:** фарҳанг, сиёсат, низоми сиёсӣ, низоми иҷтимоӣ, арзишҳо, таҳаввули иҷтимоӣ, ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф, мубодилоти омӯзишӣ ва фарҳангӣ, суннатҳои иҷтимоӣ.*

Имрӯза низомҳои сиёсӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм нокоро ва номашруъ буда, бо фарҳанг ва арзишҳои онҳо ҳамоҳангӣ надоранд. Аз ин рӯ, мавриди қабули ҷомеа қарор намегиранд, зеро ин низомҳо маъмулан хостгоҳи хориҷӣ дошта ва аз берун шакл мегиранд, монанди кишвари Афғонистон. Бо вуҷуде, ки аз умри ин низоми сиёсӣ 17 сол мегузарад, вале натавонистааст эътимоди мардумро бо худ дошта бошад. Ба ҳамин лиҳоз низоми сиёсии Афғонистон суст ва мутазалзил буда, дар иҷрои вазоифи худ муваффақ набудааст. Зеро низоми сиёсӣ дар кишварҳое, ки аз суботи сиёсӣ бархурдоранд, маъмулан, бар асоси арзишҳои фарҳангии ҳамон кишвар шакл мегирад, агар низоми сиёсӣ бо фарҳанги кишвар ҳамхонӣ надошта бошад ва ҳарду ҳамдигарро рад намоянд, дар ин сурат монеи таҳаввули иҷтимоӣ ва сиёсӣ мегарданд.

Фарҳанг ва сиёсат аз ҷумлаи низомҳои иҷтимоӣ буда, ки ҳамвора бо ҳамдигар асарпазирӣ ва асаргузорӣ доштаанд. Аввалин бор давлат-миллат ба шакли имрӯзӣ дар Инглистон шакл гирифт ва сабаб мусоид будани сатҳи фарҳанги ин кишвар бо чунин навъи давлат буд. Дар ҳоле ки тамаддунҳои дигаре монанди тамаддунҳои ҳиндӣ ва чинӣ дар он замон низ вуҷуд доштанд, вале низоми сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ин тамаддунҳо ҳамхонӣ надоштанд ва ба ҳамин асос монеи таҳаввул ва тавсеа дар ин бахшҳо мегардиданд.

Дар сиёсат низ фарҳанг бо таъкид бар ҷанбаҳои хоси он мисли хулқу хӯи миллӣ, одобу русуми ақвом ва мардуми кишварҳои мутафовит мавриди таваҷҷуҳ будааст. Фарҳангзудоӣ, ки истеъморгарон дар мавриди зудудани одоб ва русуми милали истеъморшуда ба кор мебурданд, худ нишонгари таваҷҷуҳи сиёсатмадорон ба омили фарҳанг ва таъсири он бар султаи сиёсӣ мебошад.

Як низоми сиёсии коромад низомест, ки мутаносиб ба сатҳи фарҳанг ва арзишҳои як ҷомеа шакл гирад, вазоифи худро бар асоси арзишҳо ва фарҳанги он ҷомеа анҷом диҳад, зеро низоми арзишии як ҷомеа таъминкунандаи машруияти сиёсии он ҷомеа аст. Суботи низоми сиёсӣ худ мусталзими истимрори таъодул миёни системҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ дар даруни низоми иҷтимоӣ аст.

Фарҳанг маҷмӯаи печидаест, ки дониш, эътиқодот, қавонин, одобу русум ва ҳар омӯхтаи дигари инсонро шомил мешавад. Аз назари Тейлор фарҳанг иборат аз маҷмуи улум, донишҳо, ҳунарҳо, афкору ақоид, ахлоқиёт, муқарраротт, қавонин, одобу русум ва соири омӯхтаҳову одотест, ки инсон ба унвони як узви ҷомеа касб мекунад. [14]

Сиёсат ба маънии тадбири ҳаёти ҷамъӣ ва илми созмондиҳиву сомондиҳӣ –

раҳбарии як иҷтимои сиёсӣ, аъам аз шаҳру кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ мебошад, ки мавзуи он раҳбарии ҳаёти ҷамъӣ аз вазъи мавҷуд ба вазъи матлуб аст. Сиёсат дорои се маншаи ғариза, ақл ва шаръ аст. [8]

Робитаи мустақими байни фарҳангу сиёсат низ мушоҳида мешавад, ки дар қолаби фарҳанги сиёсӣ аз он ёд менамоянд. Аз ин рӯ фарҳанги сиёсӣ иборат аст аз наҳваи нигариш ва биниши ҳар фард нисбат ба низом ва шахсиятҳои сиёсӣ ва нигариши шахсиятҳои сиёсӣ нисбат ба мардум. Алмонд Варбо ҳамсӯии байни фарҳанг ва низоми сиёсиро мӯҷиби суботи низоми сиёсӣ медонад. Ҷомеа ҳамонанди системаест мураккаб аз бахшҳои мухталиф, ки ҳар як вазоифи хоси худро анҷом медиҳад ва байни аҷзои систем равобити мукаммал ва мутақобил вуҷуд дорад. Ҳар систем маҷмӯае аз аҷзои ҳамбаста аст, ки дар даврони муҳити хосе амал мекунад ва бо он муҳит равобити мутақобил дорад. Метавон муҳитро ҷузъи системи бузургтар тасаввур кард. Ҷомеа маҳдудиятҳоеро вазъ мекунад, то ҳамбастагии иҷтимоӣ ҳифз гардад. Низоми иҷтимоӣ инсонро ба сӯи тамаддун ва озодӣ суқ медиҳад. Пас, сиёсат барои ҳифзи фарҳанг ва тадовуми иҷтимоӣ зарурӣ аст. Мавҷудияти кашмакаш ва мунозиа дар ҷомеа як амри оддӣ аст, зеро нудрати манобеъ ва арзишҳо мӯҷиби рақобат мегардад. Аз рақобат мунозиа бармехезад ва мунозиа мумкин аст ҷанбаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дошта бошад. Аз ин рӯ зарурати контроли иҷтимоӣ пеш меояд. Авомили ҳамбастагӣ ва истимрори низоми иҷтимоӣ иборатанд аз: 1) арзишҳо; 2) ҳинҷорҳо; 3) ниҳодҳо; 4) нақшҳо.

Ҳар низоми иҷтимоӣ ҷиҳати истимрори ҳифз ва тадовуми худ чор вазифаро анҷом медиҳад, ки иборатанд аз: 1) ҳифзи инсиҷом ва ҳамбастагии иҷтимоӣ, ки ба василаи ниҳодҳое чун мазҳаб, фарҳанг ва хонавода анҷом мешавад; 2) эҷоди ҳамбастагӣ ва ҳалли мунозиа, ки ба мӯҷиби низоми ҳуқуқии ҳар ҷомеа сурат мегирад; 3) нил ба аҳдоф, ки ба василаи низоми сиёсӣ анҷом мешавад; 4) кори вижаи интибоқ бо шароити мутағайир ва ҷадид, ки ба василаи ниҳодҳои иқтисодӣ сурат мегирад.

Кулли системи иҷтимоӣ вақте босубот аст, ки миёни системҳои фаръии он таодул вуҷуд дошта бошад, аммо тафовути оҳанги тағйир дар байни ин системҳо мӯҷиби адами таодул ва бесуботӣ мегардад. Вақте низоми сиёсӣ коромад аст, ки вазоифи худро бар асоси арзишҳо ва фарҳанги он ҷомеа анҷом диҳад. Низоми арзишӣ таъминкунандаи машрӯияти сиёсӣ аст ва ба вазъи мавҷуд истимрор мебахшад. Суботи низоми сиёсӣ худ мусталзими истимрори таодул миёни системҳои фаръии мухталиф дар даруни низоми иҷтимоӣ аст. [1]

Онон, ки бар фарҳанггароӣ таъкид доранд, бар ин ақидаанд, ки фарҳанг шомили тамоми абзорҳои моддӣ ва ғайримоддии зиндагии инсон, мисли боварҳо ва одот муаррифӣ мешавад, ба инсон иҷоза медиҳад бо масоиле, ки фарорӯи ӯ қарор мегиранд, муқобила кунад. Фарҳанг натанҳо ба рафторҳои фардӣ ҷиҳат медиҳад, балки таъйинкунандаи рафтори ҷамъӣ аст ва равобити инсонҳоро бо якдигар ва бо муҳити онҳо танзим мекунад. Мухтассоти асосии як низоми фарҳангӣ ба шакли зер мебошад:

Фарҳанг идғомгар аст, зеро мӯҷиби пайвандҳои иҷтимоӣ мегардад; Фарҳанг ҷомеъ аст, яъне шабакае, ки тамоми фаъолиятҳо ва равобити як ҷомеаро ба ҳам пайванд медиҳад; Фарҳанг хусусияти комили сиёсӣ дорад, аъам аз ин ки онро дар қолаби фарҳанги умумӣ дар назар бигирем ва ё ба ҳавзаҳои фарҳанги сиёсӣ тақсим кунем, бавижа он ки боварҳо ва устураҳо ба унвони аҷзои як низоми фарҳангӣ таъсири мустақим бар рафтори сиёсии инсонҳо доранд.

Стенли Ҳофман муътақид аст, сиёсати хориҷии кишварҳо таҳти таъсири фарҳанги умумии онҳо қарор дорад, ки вай дар қолаби сабки миллӣ аз он ёд мекунад. Барои мисол, ӯ муътақид аст, ки мудохилаи амрикоиҳо дар умури соири кишварҳо ношӣ аз сабки миллии онҳост, ки нигоҳе муаллимгуна ба ҷаҳон дошта, худро ноҷии милали дигар мепиндоранд.

Жан Жак Рувйе, устоди Донишгоҳи Сорбонн аз хулқу хӯи миллӣ ба унвони хатти мумтадди фарҳанг ва таъйинкунандаи рафтори сиёсӣ ва иҷтимоии милали мухталиф ёд мекунад. Ин хулқу хӯи миллӣ аст, ки ниҳодҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меоварад ва рафтори як миллатро бо миллатҳои дигар назм медиҳад.

ҷавомеъи навбунёд, ки торихи тӯлонӣ надоранд, беҳуввиятии фарҳангиашон мунҷар ба беҳувиятии сиёсӣ гардидааст, ки яке аз ғамангезтарин вижагиҳои ин кишварҳост, ки бар сиёсати дохилӣ ва хориҷии онҳо таъсир мегузорад. [17]

Ҳастаи асосии ҳар фарҳангро эътиқодот ва арзишҳои як ҷомеа ташкил медиҳад, пас низомҳои сиёсӣ, ки бар мабнои эътиқодот ва арзишҳои як ҷомеа шакл гирифта бошад, ин эътиқодот ва арзишҳо боиси тасбити авлавиятҳо ва ҳадафҳои сиёсӣ мешаванд. Ва илова бар ин, арзишҳо – эҳсосот бар рафтори сиёсии фард таъсир мегузоранд. [11]

Барои таҳлили сиёсат дар як ҷомеа бояд бар шинохти муштарак миёни мардуме, ки ҳувияти муштарак доранд таъкид кард. Баррасии фарҳанги як ҷомеа метавонад бар навъи пурсишҳое, ки дар зиндагии сиёсӣ матраҳ мегарданд таъсир мегузоранд. Мунокишот ва мушкилот дар тамоми ҷавомеъ вуҷуд доштааст ва куллияи фарҳангҳо дар мавриди барои бархурд бо таъорузот ва мушкилоти дорои арзишҳои махсус ба худ ҳастанд. Бар ин асос фарҳангҳо метавонанд дар шаклгирии мунокишот низ нақши асосӣ дошта, бархурдҳои иҷтимоӣ ва сиёсии муносибро таъриф мекунад. Ва ҳамчунон фарҳанг кумак мекунад, ки чи гуна ба дарки ангезаҳои дигарон мубодират варзида ва чӣ чизҳое арзиши мубориза кардан доранд. Фарҳанг ҳувиятҳои фардӣ ва ҷамъиро ба якдигар пайванд дода, марзҳои гурӯҳҳоро таъриф ва ба равобити миёни онҳо сомон мебахшад. Дар ин раванд чаҳорчӯберо ҳам ҷиҳати тафсири равобит ва ангезаҳои дигарон фароҳам оварда, билахира он ки фарҳанг амалан манобеъро барои созмони сиёсӣ таҷҳиз ва тадорук мебинад. Бояд азҳон намуд, ки усулан фарҳанг манобеи муҳимеро дар ихтиёри раҳбарон ва гурӯҳҳои сиёсӣ омода месозад. Бар ин асос порае аз муҳаққиқон ба баҳрагирии сиёсӣ аз фарҳанг ишора дошта ва ба аҳамияти созмонҳои фарҳангӣ ба унвони абзори сиёсӣ таъкид меварзанд. Ин созмонҳо метавонанд як идеоложии сиёсиро, ки ағлаб дар забони хешовандӣ ва оинҳо реша дошта ва ба қудрат машрӯъият додааст ва дар ҳақиқат қудратро табдил ба иқтидор мекунанд, ба вуҷуд оваранд. Бад-ин тариқ, онҳо боиси эҷоди иқтидори лозим ҷиҳати иҷрои тасмимот бар гурӯҳи фурӯдаст мешаванд. [10]

Ҳамчунин, қудрати сиёсӣ дар таъсиси худ муттакӣ ба унсури қавмият аст ва дар идомаи ҳаёти хеш низ шадидан мутаассир аз унсури қавмият аст. Қавмият ба дидгоҳҳо ва шеваҳои амали фарҳанге, ки иҷтимоии муайяне аз мардумро мутамоиз месозад итлоқ мешавад. Гурӯҳҳои қавмӣ бар асоси боварҳо ва меъёрҳои хос, ки дидгоҳҳо ва кирдорҳои ононро шакл медиҳад, сар бармеоваранд. Бинобар ин, қавмият – вуҷуди боварҳо дидгоҳҳои мутафовит ва аҳёнан мутаориз дар заминаи сиёсат ва иҷтимоъ аз аҳамияти бисёре бархурдор аст. [6]. Иттико ба унсури қавмият ба ҳамон сон, ки дар касби қудрати сиёсӣ нақши асосӣ ифо мекунад, дар тасбити пояҳои қудрат низ аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст. Сиёсати хушунат ва саркӯб бо истифода аз нерӯи ақвоми алайҳи якдигар аз намунаҳои муҳими истифода аз сиёсати қавмӣ барои тасбити қудрати сиёсӣ аст.

Бо истифода аз аносири фарҳангӣ натанҳо як ҳувияти қавмӣ ҷудо аз ҳувияти дигар афрод барои як гуруҳ қавме месозад, балки дар рақобат бар сари касби қудрати сиёсӣ байни гурӯҳҳои қавмӣ низ шикоф эҷод мекунад. Барои басиҷ гурӯҳи қавмӣ дар баробари рақобо ё давлати марказӣ талош мекунад намодҳои ҷудогонаи гурӯҳро ба сурати мунсаҷим ва воҳид дароваранд ва истидлол мекунад, ки аъзои гурӯҳ натанҳо аз як лиҳоз, балки аз ҷанбаҳои мухталиф бо дигарон мутафовит ҳастанд. Бад-ин тартиб унсури қавмият барои касб ва тасбити қудрати сиёсӣ ба гунаи шикофи қавмӣ нақши боризро дар баъзе ҷавомеъ, бахусус ҷавомеъи рӯ ба инкишоф бозӣ мекунад. [6]

Сиёсат ҳамон фанну ҳунари амалӣ аст. Ҷаҳонбиниҳо, идиоложиҳо ва мабонии эътиқодӣ ва арзишиву ахлоқии мутааддиде аст, ки дар гузаштаҳо ва ҳол эътибор ва ҳатто гоҳе эътибори мутлақ доштаанд ва басо дар оянда боз эътибор пайдо мекунанд, аммо сиёсат ҳунари мудирияти авзоъ ва аҳволи билфеъл аст, на он ки илзоман аз мабонии эътиқодӣ ва ахлоқиву арзишӣ тиҳӣ бошад. Вале ин мабонӣ дастмояи ононанд, на он ки омили ғолиб ва ҷиҳатдиҳанда бо он бошанд. [2]. Дарки дуруст аз низоми сиёсӣ ин аст, ки ин ни-

зомро дар хало тасаввур накунем, чаро ки низом дар иртибот бо муҳити хос амал мекунад. Ҳар фарҳанг мухтассоти мунҳасир ба фарди худро дорад, ки бар як намуди хоси рафторӣ таъкид мекунад. Ҳамин таъкидҳост, ки онро дар мавриди тарҳи тақозоҳо аз соирин мутамоиз месозад. Бархе аз фарҳангҳо ба хостҳои иқтисодӣ ва короии мантиқӣ таъкид доранд, дар ҳоле ки гурӯҳе дигар қудрат ва эътиборро мумтаҳи назар қарор медиҳанд. Бад-ин тартиб дарки тақозоҳо дар ҷомеа мусталзими бардошти саҳеҳ ва дақиқ аз мухтассоти фарҳангӣ аст.

Усулан, дар маҷмуъ ҳеҷ низоми сиёсӣ наметавонад аз пуштибонии пойдор бархурдор бошад, магар ин ки низоми сиёсӣ барои табдили тақозоҳо ба тасмимоти қодир ба истихроҷи энержӣ аз аъзои худ бошад. Ва дар сурате, ки низоми сиёсӣ посухгӯи тақозоҳои аъзои ҷомеа бошад, ҳимояти ҷомеаро ба даст меоварад. [11]

Дар ағлаби мавориди низомҳои сиёсӣ вориси мушкилоти нажодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз замонҳои бисёр дур ҳастанд. Барои намуна нотавонии роҳбарони ИМА баъд аз ҳудуси Ҷанги дохилӣ аз лиҳози бархурди яксон бо сафедпӯстон ва сиёҳон меросро аз худ боқӣ гузоштанд, ки пас аз пушти сар гузоштани чандин насл ҳанӯз нухбагони сиёсии ин кишвар бо хусуматҳои нажодӣ ва иҷтимоӣ даст ба гиребонанд. Ҳамчунин таркиби ноҳамгуни ҷамъият дар як сарзамин бо воситаи ҳоким будани касратгароии фарҳангӣ дар шароите, ки даврони миллатсозӣ бо муваффақият тай нашуда бошад, метавонад омили умдаи боздорандаи суботи сиёсӣ дар кишвар гардад.

Таорузоти миёни фарҳангҳои гуногун, ки дар як воҳиди сиёсии мушаххас ба сар мебаранд, омили бисёре аз мушкилоти сиёсии кунунӣ ба шумор меравад. Барои мисол, имрӯза Британиё пас аз сипарӣ шудани чандин қарн бо муноқишоте миёни протестантҳо ва католикҳо дар Ирланди Шимолӣ рӯбарӯст, ки бахши умдаи ин таорузоти сиёсӣ вориси як силсила ихтилофоти табақотии амиқе ҳастанд, ки аз гузаштаҳои бисёр дур ба онҳо ирс расидааст. [11]

Мубодилоти омӯзишӣ ва фарҳангӣ яке аз аркони дипломатияи умумӣ ба ҳисоб, ки ин мубодилоти омӯзишӣ ва фарҳангӣ иборатанд аз: 1) Барномаи табодули устод, донишҷӯ ва пажуҳишгар; 2) мубодилаҳои илмӣ ва академӣ; 3) Омӯзиши забон; 4) дидорҳои байналмилалӣ; 5) мубодила ва муомилаҳои шаҳрвандон, ки худ нақши фарҳангро эъмоли султаи як кишвар болои кишвари дигар нишон медиҳад. Яъне, кишварҳои истеъморгари имрӯза ин равишҳоро барои расидан ба аҳдофи истеъмории худ сода ва осон медонанд. [16]

К. Маркс ва М. Вебер ҳарду бар ин боваранд, ки қудрати фарҳангҳои мухталифе, ки бо якдигар дар рақобат қарор доранд, тобеъи мустақим аз қудратҳои иҷтимоии гурӯҳҳое аст, ки ҳомии ин фарҳангҳо ҳастанд. Ба назари Маркс фарҳанг бозтобе аз шароити иҷтимоӣ аст ва фарҳанг чизе ҷуз аз арзишҳо ва боварҳои ҳамон табақаи мусаллат нест. Дар шароити сиёсии хос як фарҳанг бар фарҳангҳои дигар ғалаба меёбад. Ва яке аз далоили пирӯзии протестантизм дар Аврупои шимолӣ ҳаводории шоҳзодагони ин навоҳӣ аз мазҳаби ҷадид буд. Як низоми арзишӣ ба унвони рукни аслии низоми фарҳангӣ бидуни ҳимояти як қудрати ниҳодина имкони нашру пойдорӣ пайдо намекунад. Яъне, ин ки султаи як гурӯҳ ҳамроҳ бо қабулонидани арзишҳои он гурӯҳ ба зерсултагон мебошад. Намунаи боризи он туркони усмонӣ дар таи қуруни 11-12-ум ҳамроҳ бо густариши нуфуз ва қудрати худ забони туркӣ ва мазҳаби аҳли суннатро низ густариш доданд ва пояҳои машруияти худро аз ҳамин тариқ тасбит карданд. Ва пас аз фатҳи Қустантания дар соли 1453 забони туркӣ ва мазҳаби ҳанафиро ба унвони симбули вафодорӣ ба қудрати сиёсии усмонӣ аҳамияти хосе ёфтанд. [17]

Навъ ва чигунагии як низоми сиёсӣ вобаста ба сатҳи фарҳанг ва пешрафти як ҷомеа мебошад, ба ин маънӣ, ки дар ҷомеаи суннатӣ ва ақибмонда қудрати сиёсӣ низ ба таври суннатӣ дар дасти хонаводаҳои бонуфуз қарор мегирад. Қудрати давлат ба ҷои он ки дар хидмати манофеи миллӣ – маслиҳати умумӣ қарор гирад, дар хидмати манофеи ҳукуматдорон қарор мегирад, зеро заъфи фарҳанги умумӣ – ҷомеаи мадании заиф ва набудани ташаккулҳое, ки битавонанд дар баробари қудрати давлатӣ як зидди қудрати созмонёфта ва ниҳодина ба вуҷуд оварад, вуҷуд

надорад. Вале, қудрати сиёсӣ дар ҷавомеи санъатӣ бинобар доштани фарҳанги боло, ношӣ аз огоҳии мардум ҳокимияти миллат бидуни чуну чаро ба унвони асли асосии ҳукумат пазируфта шудааст. Ва қудрати давлат дар хидмати аҳдофи миллӣ ва ғайришахсӣ қарор дорад. Ва ҷомеаи мадании қавӣ ва ниҳодина бо низоми назорати коромад бар аъмоли давлат – таҷдиди қудрати давлат ва итоат аз қонунро тазмин мекунад. [17]

Ҷавомеи рустоӣ намунае аз ҷавомеи суннатӣ ҳастанд, ки дар он навъе тағйир вуҷуд дошта, ки таи наслҳои мутамодӣ сурат мегирад. Ҳар тозагӣ беш аз он ки қабули ом пайдо кунад, бояд дар шолудаи иҷтимоии суннатӣ ҷазб гардад ва ҷузъе аз он шавад. Ба ибораи дигар ҳар тозагӣ бояд он қадар тӯл бикашад, то тоза буданашро аз даст бидиҳад ва он гоҳ ҷузъи он ҷомеа ва фарҳанг гардад. Баръакс, дар ҷомеаи санъатӣ тозагӣ ба худии худ писандида аст, зеро тозагӣ дорад ва ин тазод тазоди асосӣ аст. [15]

Аз сӯи дигар мавҷудияти давлат ва ҳукумат дар як ҷомеа намоёнгари сатҳи пешрафти он ҷомеа мебошад. Сиёсат, ки бо ҳифзи назму корбурди зӯр сару кор дорад, пас оё дар ҷавомеи ибтидоӣ, ки мардум дорои фарҳанги поин ва бадавӣ буданд, ин гуна ҷавомеъ дорои сиёсат буданд ё на? Онҳо васоиле ибтидоӣ назар ба сатҳи фарҳанги ҷомеаи хеш барои ҳалли ихтилофот ва таъорузҳо доштаанд ва афроде вуҷуд дошт, ки ба манзалаи миёнҷӣ дар ихтилофот ва ҳаллу фаслкунанда амал мекард. Инҳо намунаҳое аз сиёсати ҳадди ақал ҳастанд, яъне вуҷуди як василаи ба расмият шинохташудаи ҳалли ихтилофот ва на чизе бештар. Ҳамчунон марҳилаи баъдӣ ҳукумати ҳадди ақал зуҳур мекунанд. Хоҳ фарде бо фарде, ё ҷамъеву гурӯҳе барои мақосиди муайяне монанди шикор ё ҷангидан ё ҷустуҷӯи об. Баъд аз он раҳбарони мухталиф зуҳур мекунанд, ки саранҷом ба зуҳури як раҳбар ё гурӯҳе аз раҳбарон ё иқтидори куллитар мунҷар мешавад. Ва ҳамчунон пайдоиши давлат дар тамоми ҷавомеъ яксон ва ҳамзамон набудааст, балки назар ба шароити фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа давлат шакл гирифтааст. [4.25]

Шояд далели ин ки чаро фашизм тавонист дар Олмон ва Ҷопон рушд намояд ин буд, ки дар ин кишварҳо гароишҳои фашистӣ дар батни фарҳанг ва суннатҳои иҷтимоӣ нуҳуфта аст. Дар ин кишварҳо суннатҳои омирона қарнҳо ғолиб будаанд, дар ҳоле ки фалсафаи демократӣ фалсафае навпой ва осебпазир мебошад. Дар натиҷа як фарди олмонии дорои гароишоти фашистӣ матруд набуда ва мумкин аст, комилан ҳамоҳанг бо ҷомеааш ба назар ояд, зеро бештари одобу русуми зиндагии мардуми Олмон ва Ҷопон тамоил ба шеваҳои султаҷӯёна доранд ва аз султаҷӯӣ то фашизм як гом фосила аст. Ва ҳаёти як ҷунбиши султаталаби тӯдаӣ ҳамчун фашизм бастагӣ ба тамоюл ба таслим ва инқиёди афроди ҷомеа дорад. [9]

Натиҷагирӣ. Фарҳанг ва сиёсат ҳарду лозим ва малзуми ҳамдигаранд. Низоми сиёсии ҳар ҷомеа бар мабнои сатҳи фарҳанг ва арзишҳои як ҷомеа ҳамвора шакл мегирад. Мутолиаи таърихи афкори сиёсӣ нишон медиҳад, ки аввалин андешаи инсон андешаи мазҳабӣ мебошад. Инсонҳои аввалия муътақид ба ин буданд, ки як қудрати бартар ва болотаре вуҷуд дорад, ки ҳаёт ва мамоти онҳоро дар ихтиёр дорад. Бар ҳамин лиҳоз дар ин давра шоҳ худро намояндаи Худо бар рӯи замин муаррифӣ мекард ва итоат аз худро итоат аз Худо медонист ва замоне ки нофармонӣ аз шоҳ менамуданд, онро нофармонӣ аз Худо медонистанд ва худро мустаҳаққи ҷазои дунявӣ ва ухравӣ медонистанд. Яъне ин ки низоми сиёсӣ дар ин давра бар асоси эътиқодоти мардум (низоми илоҳӣ) будааст. Низоми сиёсӣ назар ба сатҳи фарҳангу огаҳии мардум дар мурури замон шакл мегирад, зеро дар ҷомеаи суннатӣ низоми сиёсӣ шакли суннатӣ ва ибтидоии худро доштааст. Яъне ин ки дар чунин ҷавомеъ ришсафед ва калони қабиларо ба унвони раиси қабила таъйин менамуданд ва итоат аз онро бар худ зарур медонистанд. Ба ҳамин шакл низомҳои сиёсӣ дар мурури замон назар ба сатҳи огоҳии ҷомеа пешрафт намудааст. Имрӯз низ низомҳои сиёсии ҳар ҷомеа ба сатҳи фарҳанг ва пешрафти як ҷомеа мебошад. Кишварҳои пешрафта ва мутамаддин дорои низоми сиёсии пешрафта буда ва аз суботи сиёсии хубе бархурдоранд. Кишварҳои ҷаҳони сеюм бинобар ноҳамоҳангии байни фарҳанг ва низоми сиёсиашон аз низоми сиёсии нокоромад

бархурдоранд ва аз суботи сиёсии хубе бархурдор нестанд.

Аз сӯи дигар, таззодҳои сиёсӣ дар дохили як ҷомеа низ ношӣ аз доштани фарҳанги чандгуна ва ноҳамгуни он мебошад. Маъмулан дар як кишвар ақвоми мухталиф бо фарҳангҳо ва боварҳои мухталиф зиндагӣ менамоянд ва миёни фарҳангҳо ва арзишҳои онҳо таорузот ва ихтилофот табиатан вуҷуд дорад. Ин амр боис мешавад, ки ин ихтилофот дар ҷомеа сабаби ҷангҳо ва инқилобҳо гардад ва таъсиротро болои авзои сиёсии кишвар биандозад ва онро мутаассир созад. Вазифаи низоми сиёсӣ дар кишвар ин аст, ки бо вазъи қавонин ҳамоҳангӣ ва якпорчагиро байни ақвом ва фарҳангҳои мухталиф, ки дар дохили як кишвар зиндагӣ менамоянд, таъмин намояд. Вале, баъзе низомҳои сиёсӣ, бахусус кишварҳои ҷаҳони сеюм, дар ин қисмат нотавон будаанд ва натавониста чунин шигифтиҳоро ношӣ аз ихтилофоти фарҳангӣ ва қавмӣ дар кишвар ҳал намоянд. Ва ба ҳамин далел натавонистаанд низоми сиёсии коромад дошта бошанд, то аз суботи сиёсӣ бархурдор гарданд.

Донишмандон муддаиянд, далели ин ки Амрико ба чунин пешрафтҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ даст ёфтаанд, ин аст, ки аввалин муҳоҷирони англисӣ, ки ба қорраи Амрико муҳоҷират намуданд, мардони бофарҳангу тамаддун буданд, ки тавонистанд ба зудтарин фурсат низоми сиёсии муваффақро ташкил диҳанд. Ин гуфта инро ба мо мефаҳмонад, ки тавоноии низоми сиёсӣ низ марбут ба сатҳи фарҳанги он кишварҳо мебошад.

Ҷомеашиносии сиёсӣ таъсиротеро, ки ҷомеа, фарҳанг, гурӯҳҳои болоии сиёсат доранд, мавриди баҳс қарор медиҳад. Чунончи Макиавелли дар робита ба аҳамияти ҷомеа (ба гурӯҳе аз афроде гуфта мешавад, ки таҳти фарҳанги муштарак зиндагӣ менамоянд) болои сиёсат гуфтааст, далели идомаи қудрати ҳоким тарси атбоъ аз эшон аст. Фарҳанг ва арзишҳои як ҷомеа натанҳо дар таъйини сиёсати дохилии кишварҳо нақши барозанда дорад, балки дар равобити хориҷии кишварҳо низ таъсиргузор аст. Кишварҳое, ки якдигар худро аз нигоҳи фарҳангӣ ба ҳам наздик мебинанд, аз нигоҳи сиёсӣ низ бо ҳам равобити наздик доранд. Монанди кишварҳои ғарбӣ, ки дорои фарҳанги муштарак ҳастанд, равобити наздики сиёсӣ низ бо ҳамдигар доранд. Ба ҳамин қисм кишварҳои исломӣ, ки дорои фарҳанги муштараки ислом ҳастанд, худро ба ҳам наздик медонанд ва бар асоси он равобити сиёсии хубе доранд ва ҳамчунон ҷангҳо ва ноамниҳое, ки дар ҷаҳон вуҷуд дорад, боз ҳам бар мабнои ихтилофоти фарҳангӣ ва арзишӣ мебошад.

**Адабиёт**


1. Бушрия Ҳусейн. Ҷомеашиносии сиёсии нақши неруҳои иҷтимоӣ дар зиндагии сиёсӣ. Теҳрон: нашри «Най», 1374. С.85-87.
2. Танси Стивен. Муқаддамоти сиёсат. Тарҷ. Ҳурмуз Ҳумоюнпур. Теҳрон: нашри «Най», 1390. С.171, 39, 21.
3. Дурже Морис. Боистаҳои ҷомеашиносии сиёсӣ. Тарҷ. Абулфазл Қозӣ Шариатпаноҳӣ. Теҳрон: нашри «Додгустар», 1378. С.27.
4. Рош Майкл. Ҷомеа ва сиёсат. Тарҷ. Манучеҳри Сабурӣ. Теҳрон: нашри «Самт». С.25.
5. Руше Ги. Муқаддима бар ҷомеашиносии сиёсӣ. Тарҷ. Ҳумо Занҷонизода. Теҳрон: нашри «Самт», 1387. С.116-118.
6. Саҷҷодӣ Абдулқаюм. Ҷомеашиносии сиёсии Афғонистон. Афғонистон: нашри «Фарҳанг», 1391. С.76-77.
7. Тулӯъӣ Маҳмуд. Фарҳанги ҷомеи сиёсӣ. Теҳрон: нашри «Ҳайдарӣ», 1377. С.578.
8. Тӯсӣ Хоҷа Насируддин. Андешаи сиёсии Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Теҳрон: нашри «Қум», 1380. С.107-109.
9. Алӣ Нузарӣ. Макотиби сиёсии муосир. Теҳрон: нашри «Густура», 1388. С.162.
10. Қавом Абдулалӣ. Сиёсатшиносӣ мабонии илми сиёсат. Теҳрон: нашри «Самт», 1390. С.103-104.
11. Қавом Абдулалӣ. Сиёсатҳои муқоисавӣ. Теҳрон: нашри «Самт», 1390. С.127, 15, 18, 35, 159, 160.
12. Кевин Брюс. Даромаде бар ҷомеашиносӣ. Тарҷ. Муҳсин Салосӣ. Теҳрон: нашри «Тӯтиё», 1388. С.56.
13. Лин Маккейн. Фарҳанги сиёсии Оксфорд. Тарҷ. Ҳамид Аҳмадӣ. Теҳрон: нашри «Мизон», 1381. С.636.
14. Муҳсинӣ Манучеҳр. Ҷомеашиносии умумӣ. Теҳрон: нашри «Таҳурӣ», 1383. С.203-205.

15. Мендрос Ҳенри. Мабонии ҷомеашиносии сиёсӣ. Тарҷ. Боқир пур Ҳом. Теҳрон: нашри «Амири Кабир», 1384. С.207.
16. Мансурӣ Ҷавод. Амрико ва Ховари Миёна. Теҳрон: нашри Маркази аснод ва торихи диплумосӣ, 1389. С.54-60.
17. Нақибзода Аҳмад. Даромаде бар ҷомеашиносии сиёсӣ. Теҳрон: нашри «Самт», 1391. С.72, 74, 79, 80, 198, 200.

## РОЛЬ КУЛЬТУРЫ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ

***Хуррами Х.***

Культура играет особую роль в политической системе и политическая система каждого общества берёт своё начало от культуры, ценностей и верований того общества. Автор статьи утверждает, что для создания одной политической системы в обществе необходимо иметь в виду ценности того общества, в противном случае политическая система становится незаконной и не сможет правильно выполнять свои задачи. В случае отсутствия гармонии между культурой и политикой не только эти две системы получат ущерб, но страдают и другие меньшие социальные системы, как экономика и право, появится барьер для социальной эволюции. Передовые страны имеют развитые политические, культурные и экономические системы, наоборот, в развивающих странах все эти системы неэффективны. Причина же заключается в том, что эти страны строили свои политические системы не опираясь на культуру и свои ценности, а на основе слепого подражания другим странам.

**Ключевые слова:** *культура, политика, политическая система, социальная система, ценности, социальная эволюция, развивающиеся общества, образовательные и культурные обмены, социальные традиции.*

## THE ROLE OF CULTURE IN POLITICAL SYSTEM

**Hafiza Khurami**

Culture plays a special role in the political system and the political system of each society originates from the culture, values and beliefs of that society. The author of the article argues that in order to create a single political system in society, one must keep in mind the values of that society, otherwise the political system becomes illegal and will not be able to properly carry out its tasks. In the case of a lack of harmony between culture and politics, not only these two systems suffer damage, but other lesser social systems like economics and law suffer, and a barrier to social evolution will appear. The advanced countries have developed political, cultural and economic systems; on the contrary, in developing countries all these systems are ineffective. The reason is that these countries built their political systems without relying on culture and their values, but on the basis of blind imitation of other countries.

**Keywords:** *culture, politics, political system, social system, values, social evolution, developing societies, educational and cultural exchanges, social traditions.*

# АНДЕШАҲО ДАР БОРАИ СОХТОРИ РАВОНИИ ИНСОН

М.Музаффар – д.и.ф., профессор, аъзо-корр. АИ ҶТ

*Дар мақола сухан дар бораи таркиб ва сохтори равонии инсон меравад. Амиқтараш, мақоми субстансионалии «Ман»-и инсон таъкид шудааст.*

*Дар алоқамандӣ бо ин масъала андешаҳои ба ҳам наздик, ки дар фарҳангҳои классикӣ ба назар мерасанд ва мафҳумҳои бо «Ман»-и инсон муродифанд, ҷамъ оварда шудаанд.*

*Бояд қайд намуд, ки дар матнҳои китобҳои муқаддас мафҳумҳои «Худо», «Аҳурамаздо», «Браҳман» ва ғайра бо мафҳуми «Ман»-и инсон, муродифанд.*

***Калидвожаҳо**: Дао, Эйдос, Монада, объект, тинат, анъана, субстансия, хирад, мантиқ.*

Дар раванди дарки олами атроф, одатан инсон бештар саргарми муносибатҳои субъект ва объект буда, нисбат ба шакл ва механизми маърифатии худ ва таъсири сохтори равонӣ ба ин раванд, бетафовутӣ зоҳир менамояд.

Аз тарафи дигар, инсон ба чунин хулоса омадааст, ки кӯшиши фикрии он ҳеҷ гоҳ принсипҳои аввалини сарчашмаи маърифатии ӯро равшан нахоҳад кард. Чунки «Ман»-и инсон то андозае аз тасаввури ӯ дар зери ниқобест, ки донистан ва чизеро ба ӯ нисбат додан нашояд. Аз ин сабаб, инсон дар раванди омӯзиши худ, ҳамеша аз натиҷа ба сабаб раҳсипор аст. Ба ибораи дигар, аз натиҷаи фаъолияти худ субъекти (мани) фаъолиятро шарҳ доданӣ мешавад.

Агар мо маълумоти дақиқтаре дар бораи «Ман»-и инсонӣ хостгор бошем, пас маълум мегардад, ки «Ман» ҳамчун ҳолат ё худ ҷавҳари ҳастии инсон на ҳолати қаноатмандист, на узви ҳис ва на маҷмӯи онҳо. Узвҳои ҳис худ бeташаббус, беқувва буда, «Ман» бошад дорандаи қувваи ҳаётбахш ва роҳнамои хирад аст. «Ман» [1] ҳамчун ҷавҳари нахустин дар ҷисми инсон аз хиради (дар муносибати субъект ва объект буда), фарқ дорад. «Ман» ҳамчун субстансияи ноб, худ қобилияти тафовутро дарккунанда набуда, ҳисси худӣ низ нест. Ҳама ҳолатҳои дар боло зикршуда, ҳолатҳои хиради инсонӣ ба шумор меравaнд. Пас, дар тинати равонии инсон боз чӣ боқӣ мемонад? Дар тинати инсон шуури фардӣ боқист, ки он ҳам дар муносибатҳои субъект ва объект махлут ва саргардон аст. Он чи ки предмети маърифат аст, дар доираи амали хирад ҷой дорад.

«Ман»-и инсонро бо ягон ҳолати равонию хиради ӯ омехта намудан, нашояд. Пас, «Ман»-и инсон чист?

Дар таърихи фарҳанг, аниктараш дар таърихи фалсафа, андешаҳои гуногуне дар бораи ҷавҳари олам ва одам гуфта шудааст. Мақсад аз ин андешаҳо дар он аст, ки мутафаккирон мехостанд, то ки нахустасос, таҳкурсӣ, яъне хишти аввали бунёди олами моддиро равшан созанд. Натиҷаи кофтукоби ақлонӣ ба он оварда расонд, ки нахустасоси олам берун аз шакли ҳодисоти олам буда, ҳеҷ гоҳ объекти фаҳмидашаванда, даркшаванда ва дидашаванда нест. Вайро бо ҳеҷ усул дар доираи хиради фаҳманда ва дарккунанда ворид сохтан, нашояд. Чунки ӯ худ оғози ҳастӣ, таҳкурсии фаҳмиш, сабаби фаҳмиш ва поянда будани ҳамагуна амал, аз он ҷумла, раванди фаҳмиш аст. Ин гуфтаҳо ба он далолат мекунанд, ки «Ман»-и инсонӣ худ донанда ва фаҳманда аст. Пас, субъекти донанда ва фаҳмандаро донистан ва фаҳмидан нашояд. Бозиҳои хирад ва ҷилваҳои олами моддӣ аз он сабаб дар назар даркшавандаанд, ки чунин субъекти донистанашаванда ва нахустасос вуҷуд дорад. Агар чунин субъект дар шакли ягона, бесифат, беоғоз, беохир, бениёз, озод, пок, беолоиш, абадӣ ва худбасанда мавҷуд намебуд, пас майдони бозиҳои хирад ва ҷилваҳои дар назар намоёни олами моддӣ низ ғайри имкон мебуд.

Акнун, ковиши ақлонӣ баҳри дарёфти нахустасоси ҳастӣ ба он оварда

расонд, ки тамоми мутафаккирони олам, мавҷуд будани ин нахустасоси оламро, масалан дар тинати одам, эътироф намудаанд. Ҳар як мутафаккири замони худ чунин нахустасосро бо забони фарҳанги худ номгузорӣ намудааст. Масалан, онҳо ин нахустасоси ҳастиро «эйдос» (Афлотун) [2], «энтелехия» (Арасту), «Ягона» (Флутин), «монада» (Лейбнитс), «ашёи дар худ» (Кант) [3], «рӯҳи мутлақ» (Гегел), «ирода» (Шопенгауэр) [4], «ақли кулл» (Мавлавии Балхӣ), «брахман» (Шанкара) [5], «дао» (Лаот-Сзӣ) [6] ва дигарон номгузорӣ намудаанд. Ин номҳои зикршуда ҳаммаъноянд, ки бо мафҳуми лотинӣ онҳоро «субстансия» номанд.

Ҳадафи ҷустуҷӯи намояндагони динҳо низ равшан намудани чунин нахустасос буд. Тафовути аслӣ миёни мутафаккирони файласуф ва мутафаккирони ортодоксалии дин дар он буд, ки файласуфон дар раванди ҷустуҷӯи нахустасос ба хиради ратсионалӣ (ақлӣ) такя намудаанд. Мутафаккирону пайравони дин дар мавҷуд будани чунин нахустасос эътимод доранд.

Тафовути дигари чунин фаҳмиш миёни андешаи фалсафӣ ва динӣ дар он аст, ки субстансия, яъне нахустасосро файласуфон бо усули истифода аз дониши ақлӣ (мантиқӣ) исбот ё шарҳ додаанд, вале аз дидгоҳи динӣ бошад, ҳоҷат ба далелу бурҳони мантиқиро напиндоштаанд. Дар натича, сифатҳое, ки файласуфон ба субстансия нисбат медиҳанд, аз доираи сифатҳои ифодашавандаи инсон болотар ва ба ҳама мавҷудот тааллуқдошта, яъне сифатҳои умумикайҳонианд. Пас, шарҳи динӣ бошад, дар симои номуайяни одамшакл ва «шахсияти нотакрор», ба ҳар ҳол сифатҳои инсонӣ дошта ба анҷом мерасад. Дар таърихи дин, чунин симои номуайянро дар «Зевс» (Юнон), «Амонара» (Миср), «Яҳво» (Яҳудия), «Аҳуро-Маздо» (форсиён), «Исо» (Массеҳия), «Аллоҳ» (мусулмонон), «Браҳмон» (Ҳиндустон), «Дао» (Чин), мушоҳида намудан мумкин аст.

Чунин нахустасосе (субстансия), ки мавҷудияти вай бунёди ҳастии олами моддй ва маънавиро ташкил додааст, дар забони илмӣ- антропологӣ ба воситаи мафҳуми «Ман» ифода меёбад. Аз ин рӯ, миёни «нахустасос»-и кайҳон ва нахустасоси инсон, ки бо мафҳуми «Ман» ифода шудааст, тафовуте вуҷуд надорад. Бинобарин ҷавҳари олами беинтиҳо ваҷавҳари инсони ягона ва якто мебошанд. Ба монанди он ки ҷавҳари олам, нопайдо ва берун аз шаклу сифат аст, ҷавҳари инсонӣ дар ботини худи ӯ низ чунин аст. Ин ҷавҳарро «Ман»-и инсон ном ниҳодаанд.

Бо хадафи шарҳ ва тафсири ҷавҳари инсонӣ дар баробари мафҳуми «Ман», мафҳуми «хирад»-ро истифода мебаранд, чунки мафҳуми «хирад» миёни форсзабонон дар истифодаи умум қарор дорад.

Аз тарафи дигар, ҷавҳари кайҳон ва инсон, ки ягонаанд «Ман»-и инсонӣ дорои се сифати бунёдист, ки яке аз ин сифатҳо хирад аст. Сифати якуми «Ман» ҳастии ноб, дуюм хиради ноб, сеюм бениёзӣ. Ин сифатҳои ҷавҳари инсонӣ ва кайҳонӣ ба шумор меравaнд. Гуфтан лозим аст, ки хирад ҳамчун яке аз се сифат, худ сифати байни ҳисобида шуда, маънои аслии ҷавҳари инсониро бар дӯш дорад. Ба ибораи дигар, ҳастии ноб чист? Ҷавоб: хиради ноб. Чист бениёз? Бениёз - хиради ноб аст.

Аз ин рӯ, масъалаи хирад, мақоми он дар колбади равонии инсон мавқеи хосеро соҳиб буда, дар ду маънӣ истифодашаванда аст. Дар маънои «хиради ноб» ва «хиради бо дониш ва фаҳмиш инъикосшаванда». «Хиради ноб» [ 7 ] муродифи мафҳуми «субстансия» ва ё «таҳкурсии олами моддӣ» (дар физикаи квантӣ номи майдони имкониятро гирифтааст) буда, хиради бо дониш алоқамандбуда, яке аз қувваҳои равониест, ки амали дарк, ҳуш, ҳисси худӣ, хотира ва ғайра ҳолатҳоро зери тасарруфи худ қарор додааст. Бо чунин мақом «хирад» дар маънои «субъект» сабаби муносибатҳои субъект ва объектгаштааст. Бесабаб нест, ки андешаи он ки субъект бе объект вуҷуд надорад ва баръакс бо чунин маъно истифода мешавад.

Албатта, дар доираи андешаронӣ нисбат ба муносибати субъект ва объект бояд ҳамеша дар назар дошт, ки ду хирад, яъне «хиради ноб» ва «хиради

дар доираи дониш» вуҷуд надорад. Хирад дар кадом муносибате қарор надошта бошад сифати асосиаш ноб аст. Агар олами моддӣ вуҷуд намедошт ва дар назар ҷилвагар намегашт, хирад низ дар доираи муносибатҳои субъект ва объект қарор намегирифт. Вале чунин маҳдудӣ таъсиррасоне ба ҳолати «хиради ноб» ҳамчун субстансия нест. Аз ин ҷо, ҳангоме ки сухан дар бораи «Ман»-и инсонӣ меравад, бояд бифаҳмем, ки «хиради ноб» ва «Ман»-и инсонӣ як ва ягонаанд. Ҳангоме, ки мо дар чаҳорчубаи муносибатҳои объект ва субъект қарор дорем, бояд қабул дошта бошем, ки андешаҳои мо дар бораи хирад, худ андешаҳои ҳолатҳои равонии худи мо мебошанд. Ин аст ду маъное, ки мо дар таърифи хирад онҳоро мавриди фаҳмиш қарор хохем дод.

Масъалаи хирад дар таърихи фалсафа яке аз масъалаҳои мушкилтарин ҳисобида мешуд, ки баҳсу мунозира дар бораи он то имрӯз идома доранд. Аз дидгоҳи реалистон хирад худ дониш аст. Дониш бошад, яке аз сифатҳои мавҷудияти равон аст.

Гурӯҳе чунин меҳисобанд, ки дониш вазифаи ақл аст. Гуруҳе дар чунин ақидаанд, ки хирад маҳсули кимиёист, ки аз элементҳои моддӣ иборат аст.

Аз нуқтаи назари монистӣ [8] хирад (хиради ноб) ягона ҳақиқати тағйирнаёбанда ва реалӣ ҳисобида мешавад. Маънои мафҳуми «ноб» нисбат ба хирад дар он аст, ки хирад, чунон ки гуфта шуд, дар сифати худӣ берун аз донишест, ки дар асоси муносибатҳои субъект ва объект пайдо мешавад. Дар чунин ҳолат хирад пок ва беолоиш аст.

Чунин фаҳмиш дар бораи хирад мушкилдаркшаванда аст, вале бояд иқрор шуд, ки фаҳмиши хирад дар маънои ҷавҳар, яъне хиради ноб ягона андешаи мантиқӣ ва қаноатмандкунанда ба шумор меравад.

Бисёре аз таҳқиқотчиён, аз он ҷумла, равоншиносон бар чунин ақидаанд, ки ҳангоми дар бораи хирад андеша намудан мо пеш аз ҳама кадом як донишеро дар назар дорем, ки субъекти фаҳманда баҳри фаҳмидани объект кӯшиш намуда, маълумотеро ба даст меоварад. Нуктаи назари реалистӣ низхирадро ҳамчун ҳолати инъикоси акси ашё дар «оинаи» субъект медонад.

Аз фаҳмиши монистӣ бармеояд, ки хиради ноб на дониш, на сифати иловагию дуюмдараҷа ва на вазифаи касе ё чизе, вай моҳияти ба исбот эҳтиёҷ надошта, мебошад. Вале дар лаҳзае, ки хирад дар муносибати объект ва субъект омӯхта шавад, мо онро ҳамчун дониш дарк менамоем. Чунин ҳолат рӯшноиеро ба ёд меоварад, ки агар ашёе пайдо набошад ва шӯълаи рӯшноӣ ашёро равшан насозад, худи рӯшноиро дарк намудан аз имкон берун аст. Акнун пас аз муайян намудани маънои «Ман»-и инсон, ки худ муродифи мафҳуми «хиради ноб» аст, метавонем ба шарҳи сохтори равонии инсон бипардозем. Пеш аз ҳама, мо бояд дар назар дошта бошем, ки инсон аз се колбад иборат аст:

а) «колбад»-и ҷисмонӣ,

б)«колбад»-и равонӣ,

в) «колбад»-и хирадӣ. Бо забонҳои аврупоӣ онҳоро колбадҳои анатомию физиологӣ, астралӣ ва менталӣ меноманд.

Шинохт ва донистани колбади ҷисмонии инсон он қадар душвор нест, чунки вай дидашаванда ва пурра даркшаванда аст, вале дарки ду колбади дигар, яъне равонию хирадӣ, ки бо сабаби ноаён будани сохторашон боиси гуногунфаҳмӣ миёни мутафаккирон қарор гирифтаанд, хеле душвор аст.

Аз ин рӯ муайян намудани сохтори равонии инсон яке аз масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст. Ягонагӣ ва якдигарфаҳмӣ миёни файласуфон ва равоншиносон дар масъалаи сохтори равонии инсон, то ҳол вуҷуд надорад. Бе сабаб нест, ки миёни самтҳои илмӣ-гносеология ва равоншиносӣ робитаи ба ҳам пайвасти таҳқиқотӣ вуҷуд надорад. Ин ҳолатҳо, ба рӯзмарра будани масъалаи сохтори равонии инсон далолат мекунанд. Пажӯҳиши сохтори равонии инсон аввал барои дуруст сарфаҳм рафтан ва хусусияти характери инсонро донистан, дуввум барои муайян намудани қобилияти тафаккури шахс, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Таркиби равонии инсон аз панҷ

қувваи нисбатан мустақили фаъолияташон мураккаб иборат аст:

а) ҳуш, (ақли ба мафҳум такякунанда);

б) хиради ҳадсӣ;

в) хотира;

г) хисси худӣ;

д) «селоби» хиради худинъикосшаванда ва худфаҳманда.

Ҳама гуна ҳолатҳо ва раваидҳои равонӣ ба монанди: ирода, ният, хаёл, қувваи баёдоварӣ, қобилияти шинохт, сайри хаёлот ва ғайра дар доираи сохтори панҷгона шакл гирифта, амал мекунанд.

1. Ҳуш (ақл) қувваеро номанд, ки ҳамеша такя ба мафҳум дошта, амалҳояш дар тарозуи мантиқ баркашида мешаванд. Ҳуш (ақл) доимо арзишгузор, мулоҳизакунанда, пазиранда ва радкунанда аст. Ҳуш (ақл) дорои рӯшноии худӣ набуда, ба монанди олотест, ки хиради ҳадсӣ онро истифода мебарад. Вазифаҳои асосии хуш иборат аст аз:

а) ба фаъолият омода намудани ирода, ният баҳри иҷрои амали лозимӣ ва инкори амали нолозим;

б) сайри хаёлот, хаёл, шубҳа;

в) фикрҳои ҳамеша ба ягон натиҷа оварда расонанда.

Дар дараҷаи ҳуш доимо мубscore ризаи иродаю ният мухолифи сайри хаёл ва шубҳа ҷой дорад.

2. Хиради ҳадсӣ[9] ин қувваест, ки фаъолияти хушро назорат мекунад, амалҳо ва натиҷагирии ҳушро дар мизони худ месанҷад ва ба ягон қароре меояд. Сифатҳои асосии хирад аз:

а) фаҳмидани тафовут миёни ҳақиқат ва ғайри он;

б) ташкил, ҳаяҷонпазирӣ, ҳиссиётро ба даст гирифтан;

в) қаноатмандӣ;

г) оромӣ;

д) тоқат, сабр.

3. Ҳисси худӣ (Эго) - қувваест, ки ҳама ҳолатҳои равониро ҷамъ намуда, ба онҳо ҳисси нотакрорӣ ва муҳимияти худӣ мебахшад.

Вазифаҳояш иборатанд аз:

а) фахр, худбинӣ, ғурур;

б) ҳисси аз худ шуморидани ҳама гуна ҳолатҳои равонӣ;

в) ҳисси он, ки ҳама хушбахтию бадбахтӣ ба ман тааллук доранд;

г) ҳисси «ҳама чиз аз ман», хоҳиши ҳама он чи ки ба ман писанд аст, бояд аз ман бошад. Бояд лаҷоми ин ҳис гирифта шавад.

4. Хотира - суратархивест, ки акси ҳама гуна хотирот дар он ҷой дорад (акси фикрӣ низ). Маҳз ҳамин бойгонист, ки ба интихоби роҳи зиндагӣ, арзишфаҳмӣ, гузоштани хадаф ва дарнатиҷа тақдирофарӣ, мусоидат мекунад. Хотира дар асоси ёддоштҳои гузашта ташаккул меёбад. Тоза намудани хотироти манфӣ - роҳ кушодан ба дигаргун намудани тақдир аст. Суратархивро тоза намудан, дар дасти худи инсон аст. Сифатҳои асосии хотира иборат аз:

а) ҷамъ намудани ёддоштҳо, санҷидан ва дар амал иҷро намудан;

б) устувории андешаи пазируфташуда;

5.Селоби хиради худинъикосшаванда, худфаҳманда гуфта равандеро меноманд, ки дар он ҳолатҳои:

а) худандешаронӣ, анализ (таҳлил), синтез, хулосабарорӣ аз натиҷаҳои дарки ҳиссӣ;

б) қобилияти дарки субстансионалӣ, асрори худӣ;

в) худташаккулдиҳӣ;

г) боз доштани майли интихоб;

д) қатъият, ҳатмӣ будан.

Шинохти тафовут дар натиҷа ҳама гуна роҳгумии фардиро аз байн хоҳад бурд. Фаҳмиши дуруст дар бораи сохтори равонии инсон, агар аз як тараф, барои муайян намудани шахсияти инсон бошад, аз тарафи дигар, барои сарфаҳм рафтан ба ҷузъиёт ва шаклҳои маърифати инсон ва дар маҷмӯъ барои мақсаднок ташаккул ёфтани ҷаҳонбинӣ хизмат мекунад.

**Адабиёт**

1. Асмолов А.Г. По ту сторону сознания: методологические проблемы неклассической психологии. – М., 2002.

2. Барсков А.Г. Научный метод: возможности и иллюзии. – М., 1994.

3. Гадамер Г.Х. Истина и метод. – М., 1998.

4. Гейзенберг В. Шаги за горизонт. – М., 1987.

5. Кун Т. Логика открытия, или психология исследована. – М., 2002.
6. Полан М. Личностное знание. – М., 1989.
7. Тулмин С. Человеческое понимание. – М., 1983.

## ИДЕИ О СТРОЕНИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОЙ ПСИХИКИ

**Музаффар М.**

В статье речь идет о структуре и строении человеческой психики. В частности, говорится о субстанциональном статусе человеческого «Я». В связи с утверждением данного статуса, приводятся параллельные идеи и синонимичные понятия, которые в разных культурных традициях, подразумеваются «один единственный феномен – «Я» человека. Правда в религиозном контексте синонимами человеческого «Я» выступают сакральные понятия в роде: «Бог», «Яхве», «Ахура Маздо», «Брахман» и др.

**Ключевые слова**: *Дао, Эйдос, монада, объект, традиция, субстанция, логика, натура, разум.*

## IDEAS ABOUT THE STRUCTURE OF THE HUMAN PSYCHE

**Muzaffar M.**

The article deals with the structure and create of the human psyche. In particular, it refers to the substantive status of the human "I". In connection with the approval of this status, parallel ideas and synonymous concepts are given, which in different cultural traditions are said, or rather, meant "one single Hairdryer – "I" of a person. However, in a religious context, synonyms of the human "I" are sacred concepts in the genus: "God", "Yahweh", "Ahura Mazda", "Brahman", etc.

**Key words**: *«Dao», Eydos, Manado, object, tradition, substance, logic, nature, mind.*

# МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ IX-XIII

**Муҳаммадҷони Т. Р.,** докторанти PhD (доктор аз руи ихтисос), ДМТ

*Дар мақолаи мазкур муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ масъалаи ташаккули шахсият дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII-ро баррасӣ намудааст. Муаллиф паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур, аз қабили усулҳои таълимию тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII, консепсияи таълиму тарбияи шахсият ва марҳилаҳои асososии ташаккули он, ҳадафҳои таълиму тарбият, инчунин нақши омӯзгор дар ташаккули шахсият ва ғайраро мавриди тадқиқ қарор додааст.*

***Калидвожаҳо****: Ташаккули шахсият, эҳёи фарҳангӣ, форсу тоҷик, таълим, тарбият, омӯзгор, маориф, илм, фарҳанг, мутафаккирон.*

Масъалаи ташаккули шахсияти инсон аз масъалаҳои муҳими илм ва ҷомеа ба шумор меравад. Ин масъаларо мутафаккирони форсу тоҷик дар асрҳои IX-XIII низ мавриди баррасӣ қарор дода, нисбати паҳлӯҳои гуногуни он андешаҳои ҷолиб баён кардаанд. Дар осори мутафаккирони маъруфи илму адаби тоҷику форс, ки дар ин давра ҳаёт ба сар бурдаанд, масъалаи таълиму тарбият ба сифати яке аз проблемаҳои асосӣ арзёбӣ гардидааст.

Асрҳои IX-XIII яке аз давраҳои асосиест, ки мутафаккирони варзидаи халқи тоҷик ҳаёту фаъолият карда доир ба масъалаи таълим ва тарбият асарҳо эҷод намуда, дар асарҳояшон роҳҳои гуногуни ташаккули шахсиятро баён кардаанд. [7:88]

Дар асрҳои IX-XIII мутафаккирони тоҷик дар ҳамаи соҳаҳо шоҳкориҳои азиме ба анҷом расонданд, ки идеяҳои онҳо дар фарҳанги ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Бо дар назардошти дастовардҳои бузургаш ин давраро «Асрҳои заррин», ё замони «Эҳёи Аҷам» унвон карданд. [1:77] Ба зумраи ин мутафаккирон метавон Закариёи Розӣ, Абунасри Форобӣ, Котиби Хоразмӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Ҳаким Саноӣ, Низоми Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Румӣ, Абуҳомид Ғаззолӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ ва даҳҳо дигаронро метавон дохил намуд, ки осори гаронбаҳои тарбиявӣ ва ахлоқии пурарзише аз худ боқӣ гузоштаанд.

Дар эҷодиёти онҳо метавон афкори пешқадамонаи фалсафаи маорифро пайдо намуд, ки баъдан ҳамчун методологияи илми таълиму тарбия- педагогика гардида буданд. Осори ин бузургон дар худ пеш аз ҳама ақидаҳои инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ доштанд, ки барои ташаккули шахсияти олӣ нақши муҳим доранд. Ташаккули шахсиятро мутафаккирони форсу тоҷик асосан дар таълиму тарбият ва ба роҳ мондани усулҳои пешқадами таълимию тарбиявӣ дар оила, муассисаҳои таълимӣ ва муҳити иҷтимоӣ медонистанд.

Қобили зикр аст, ки вақте мо осори тарбиявӣ ва ахлоқии мутафаккирони ин давраро мавриди омӯзиш қарор медиҳем, мебинем, ки ин мутафаккирон дар эҷоди осори худ ба кадом сарчашмаҳо такя намуданд ва чӣ гуна манбаъҳо ба онҳо таъсир гузоштааст. Аз ин рӯ, мутафаккирон ва файласуфони ин давраро метавон ба ду қисмат ҷудо намуд:

1. Мутафаккироне, ки дар осори онҳо нақши фалсафаи юнонӣ бештар аст, ба монанди Абуалӣ ибни Сино, Ибни Мискавайҳ ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ.
2. Мутафаккироне, ки бештар дар осори онҳо таъсири сарчашмаҳои исломӣ – Қуръон ва ҳадис бештар мушоҳида мегардад ба монанди Абуҳомиди Ғаззолӣ, Саъдӣ Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон.

Дар мавриди фалсафаи таълиму тарбият ва ташаккули шахсият бошад ҳаминро бояд қайд намуд, ки мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои IX-XIII ба ин масъала таваҷҷӯҳи бештар намуда, дар маҷмуъ онҳо мӯҳтавои таълим ва тарбиятро дорои вижагиҳои махсусе донистаанд, ки иборатанд аз:

1) ҳадафҳои таълиму тарбия;
2) мушаххас намудани марҳила ё давраҳои таълиму тарбия;

3) усул ва намудҳои таълиму тарбия;
4) маводи омӯзишие, ки дар асоси он таълиму тарбия сурат мегирад;
5) вазифа, мақом, шахсият ва усулҳои таълиму тарбияи устод.

Яке аз намояндагони маъруфи тоҷик, ки дар давраи эҳёи фарҳангии тоҷику форс зиндагӣ намуда аст, ин Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ба шумор меравад. Рӯдакӣ дар системаи таълиму тарбияти худ ба шахсияти инсон, ба хусусиятҳои ахлоқию психикӣ ва тарбияи дурусти онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Ба андешаи ӯ шароити ҳаётии одамон ва тарбия омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсон дониста шудааст. Ба қавли Рӯдакӣ, ҳамаи одамон табиатан нотавону заифанд ва бо туфайли «таҷрибаи рӯзгор» обутоб мееёбанд, оқилу доно мешаванд ва ҳақро аз ботил фарқ мекунанд. Пас, омили ташаккули шахсияти инсон ин таҷрибаи ҳаётӣ ва фаъолиятест, ки инсонро тарбият менамояд. Тарбият бошад равандест, ки чунин хислатҳои хирадмандӣ, ростқавлӣ, хоксорӣ, эҳтироми инсон, кордонӣ, накӯкорӣ, мардонагӣ ва ғайраҳоро дар шахсияти инсон рушд медиҳад[3:267]. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ таъкид мекунад, ки инсон ҳамеша бояд ба камбудиҳо муносибати танқидона дошта бошад ва табиати покиза ва беолоиши ибтидоии худро нигоҳ дорад. Агар инсон ба худтарбиякунӣ мунтазам машғул шавад, шахсияти худро ташаккул дода, ба камоли маънавӣ даст мееёбад [4:265]

Рӯдакӣ яке аз сифатҳои баланди ахлоқӣ, ки дар расидан ба камоли маънавии шахс мусоидат мекунад, мардонагӣ медонист. Мардонагӣ сифати муҳимтаринест, ки дар идора намудани иродаи инсон нақши бориз мебозад. Ба ҳамин хотир Рӯдакӣ ташаккул додани ин сифатро дар шахсияти инсон таъкид мекунад.

Дар афкори таълимию тарбиявӣ ва ахлоқии Рӯдакӣ, ки тавассути образҳои бадеӣ ифода шудааст, мақоми тарбия баланд аст. Ӯ нақши муассири тарбияро дар ташаккули инсон эътироф мекунанд. Дар воқеъ тарбияи фарзанди нексиришт аз вазифаи муҳимми падарон аст. Зеро бидуни тарбия дуруст ба камол расондани фарзандони қобилу фозил аз имкон берун аст. Аз ин ҷост, ки Рӯдакӣ аз ҳодисаи ба воя расидани фарзанди бехираду нохалаф аз падари хирадманд афсӯси зиёд мехӯрад:

*Эй дарего, ки хирадмандро,*
*Бошад фарзанду хирадманд не.*
*В-арчи адаб дораду дониш падар,*
*Ҳосили мерос ба фарзанд не.* [11:113]

Рудакӣ бо андешаҳои инсонпарваронаи худ мекӯшад дар замири афроди ҷомеа сифатҳои баланди ахлоқиро тарбия намояд. Аз ин хотир яке аз сифатҳои асосии ахлоқӣ ва воситаи муҳимми ташаккули шахсиятро дар қаноатпешагӣ ва мағрур набудан медонад. Ин аст, ки Рӯдакӣ тарафдори ин хислати шоистаи ахлоқиро ташвиқ намуда, ва одамони оддию бенавои қаноатмандро муътабару комил меҳисобад. Қаноат ва ҳиммати баланд нафси одамро озод медорад, ӯро аз банду басти худфиребӣ наҷот медиҳад.

Такаллуф варзидан, яъне ҳавобаландию худписандӣ кардан, кирдори нохубеанд, ки камоли пастфитратию беақлӣ мебошанд. Ин чизҳо аксар аз давлату боигарии барзиёд даст медиҳанд, ки дар замони шоир бештар ба феодалону сарватмандон насиб буданд. Аз ин ҷо устод Рӯдакӣ байни дорову бенаво фарқ ниҳода, якеро бо қаноат сарбаланд мебинад ва дигареро бо ақли пучу паст, бо вуҷуди бодавлатиаш, зараррасон меҳисобад. Худро дидан, дар камии худ қаноат кардан ва аз ин дилтанг набуданро Рӯдакӣ шодмонии ҳақиқӣ унвон карда таъкид карда аст, ки:

*Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,*
*Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ.*
*Дар беҳ зи худӣ назар макун, гусса махӯр,*
*Дар кам зи худӣ назар куну шод бизӣ.* [3:156]

Аз таҳлили мухтасари андешаҳои таълимию тарбиявӣ ва ахлоқии Рӯдакӣ бармеояд, ки моҳияти онро ташаккули шахсияти инсон дар бар мегирад. Ин андешаҳои инсонпарваронаи Рӯдакӣ асрҳост, ки дар рушду ташаккули шахсияти ҷомеъаҳои гуногун таъсиргузор буда, ин андешаҳо то имрӯз аҳамияти худро гум накардааст.

Яке аз чеҳраи намоёни маорифпарвари тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ ба шумор меравад, ки бо таълифи «Шоҳнома» дар таърихи тамаддуни башарӣ шуҳрат ёфтааст.

Мазмуну мундариҷаи «Шоҳнома» аз масоили сулҳ, дӯстӣ, хирад, ватанпарастӣ ва ғайра иборат аст. Вале ҷавҳари он ва идеяи марказии онро масъалаҳои ахлоқӣ, тарбияи

шахс, муттаҳидиву ягонагӣ, ростӣ, ватандӯстию адолатхоҳӣ ташкил медиҳанд. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асаре ба ҳисоб меравад, ки дар он ақидаҳои таълиму тарбиявӣ, панду ахлоқӣ ва афкори фалсафӣ таҷассум ёфтаанд. Шоири инсондӯст ва ватанпарвар ҳангоми тасвири воқеа ва ҳодисаҳо дар достонҳояш бисёр фикрҳои пешқадами таълимию тарбиявӣ ва ахлоқиро тарғиб намудааст, ки ҳоло ҳам аҳамияти хешро гум накардааст.

Дар ғояҳои фалсафаи маорифи Фирдавсӣ масъалаи хирад ва хирадмандӣ мавқеъи асосӣ дорад ва ин мавзӯъ дар «Шоҳнома» бисёр ҳакимона васф шудааст.

*Хирад роҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳарду сарой.*
*Аз ӯ шодмонӣ в -аз ӯят гамист,*
*В-аз ӯят фузунӣ в-аз ӯят камист.* [10:13]

Ҳаким Фирдавсӣ дар инкишофи ақлу хиради инсон, нақши илму донишро басо бузург медонад. Ба андешаи мутафаккир омӯхтани илму дониш ва таҷрибаи рӯзгор, яке аз омили асосии такмил бахшидани ақлу хиради инсонӣ ба шумор меравад. Дар афкори таълимию тарбиявии Фирдавсӣ масъалаи омӯхтани касбу ҳунар мавқеи калонро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ аз худ намудани касбу ҳунар сарчашмаи хушбахтии одамон аст.

Ҳунар ҷӯю бо марди доно нишин,
Чу мо хоҳӣ ки ёбӣ зи бахт офарин. [10:48]

Фирдавсӣ дар афкори маорифпарваронаи худ тарбияи хусусиятҳои ахлоқиро дар кӯдакону ҷавонон кори савоб ҳисоб намуда, дар баробари ин сифатҳои пасти ахлоқиро аз қабили бадӣ, ситамкорӣ, чизпарастӣ, пурхурӣ, айбҷӯйӣ, пургӯйӣ, бешармӣ, таънакорӣ, бахилӣ, суханчинӣ ва ғайраро ба зери тозиёнаи танқид гирифта мазаммат кардааст. Масалан, ӯ пурхуриро ҳамчун хусусияти бад мазаммат намуда, чунин мешуморад, ки шахси пурхур ҳеч гоҳ саломату тансиҳат нест:

*Бад-ӯ гуфт: "Ҳар кас, ки афзун х(в)арад,*
*Чу бар хон нишинад хуриш нашмарад.*
*Набошад фаровонхуриш тандуруст,*
*Бузург он, ки ӯ тандурустӣ биҷуст.* [3:48]

Баъди омӯзиш ва тадқиқи ғояҳои фалсафаи маорифи Фирдавсӣ бароямон муайян гардид, ки ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият аз қабили хираду хирадмандӣ, некӣ, омӯзиши илму дониш, сулҳу дӯстӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми падару модар, калонсолон, ёрӣ ба ятимону бечорагон ва ғайра аз нуктаҳои асосии ғояҳои фалсафаи маорифӣ ӯ ба ҳисоб меравад.

Ибни Сино оиди масъалаҳои таълим ва тарбият мулоҳизаронӣ намуда, онро ба се навъ ҷудо менамояд:

1. Илми ахлоқ, ки танзими робитаҳои шахсии фардро дар назар дорад.

2. Тадбири манзил, ки робитаҳои фардро дар муҳити хонавода дар назар дорад.

3. Илми сиёсат, ки танзими робитаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии фардро дар ҷомеа дар назар дорад. Абуалӣ ибни Сино, чуноне, ки мебинем таълим ва тарбияти инсонро ҳам дар оила ва ҳам дар ҷомеа ҳатмӣ медонад. Дар баробари ин ӯ тарбият ва таълимро дорои ҳадафҳои муайян медонад, ки иборат аст:

1) имон (боварӣ ва эътиқод) ба офаридгор;

2) ахлоқи некӯ ва одатҳои писандида;

3) тандурустӣ;

4) касбу ҳунар.

Дар ин маврид аз назари Ибни Сино, ки таълим ва тарбияро як василаи зарурӣ ва ҳатмӣ барои инсон медонад, вале он дорои ҳадафҳои муайян низ бояд бошад. Асосан таълим ва тарбият барои саодат ва хушбахтии ҳар як инсон бояд нигаронда шуда бошад. Дар ин маврид Ибни Сино дар марҳалаи таълим ва тарбият имон ва эътиқод ба офаридгорро ҳадафи якум ва асосӣ шуморида, соҳиби ахлоқи накӯ ва ҳамида будан ва инчунин тандурусту саломат буданро низ аз ҷумлаи ҳадафҳои таълим ва тарбият медонад. Инчунин ҳадафи ниҳоӣ аз назари ӯ дар низоми маориф ин касбу ҳунар аст, ки дастоварди ниҳоии таълиму тарбият бояд бошад.

Ҳамин тариқ вақте мо масъалаҳои таълиму тарбиятро дар осори Ибни Сино мавриди омӯзиш қарор медиҳем мебинем, ки мутафаккир раванди таълиму тарбиятро ба марҳалаҳои гуногун ҷудо карда, аз назари ӯ ҳар давра бояд ба хусусиятҳои синусолии кудак мутобиқ гардонида шавад.

Марҳалаи аввал пеш аз мактабӣ мебошад. Ибни Сино ин давраро ҳанӯз аз даврони ҷанинӣ, яъне аз давраи дар батни модар будани кӯдак ҳисоб намуда, таъкид менамояд, ки модар дар ин давра бояд ба ҳолати равонии худ таваҷҷуҳи бештар намояд. Фишорҳои равонии модар метавонад таъсири

манфӣ ба кӯдаки дар батн буда расонад. Инчуни ӯ тарбияи ҷисмониро якҷоя бо тарбияи маънавӣ донистa ин ду чизро ба ҳамдигар алоқаманд медонад. Вазифаи аввалини волидайн баъд аз таваллуди кӯдак бояд ба ӯ номи накӯ гузорад. Дуюм он ки дар сурати ба доя супоридани кӯдак, доя бояд соҳибмаърифат, оқил, тифлдуст ва саломат бошад. Инчунин гизои кӯдак бояд дар ҳоли эътидол дуруст бошад. Бино ба тавсияи Сино кӯдак бояд дар синни шашсолагӣ ба мактаб равад. [5:33] Дар тарбияи мактабӣ бошад, ӯ тарбияи гурӯҳиро назар ба тарбияи фардӣ афзал медонад, чунки дар натиҷаи гуфтугӯ, баҳсҳои гурӯҳӣ ва алоқаҳои гуногуни раванди таълиму тарбияи кудак рушд менамояд. Дар фалсафаи маорифи Ибни Сино марҳилаи ҳирфаомӯзии тарбиятгиранда хело ҳам муҳим арзёбӣ мегардад. Баъд аз синни кӯдакӣ, давраи ба воя расидан ва балоғат оғоз мeёбад, ки бояд мувофиқи завқ ва салиқаи худ касбу ҳунар интихоб кунаду биомӯзад.

Консепсияи таълим ва тарбияи муафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII махсусан Ибни Сино аз он ҷиҳат муҳим аст, ки тамоми марҳалаҳои омӯзиш ва парваришро дарбар мегирад. Ибни Сино мегӯяд, ки вақте кӯдак ба сухан гуфтан оғоз намуд, бояд сараввал ба ӯ Қуръон хондан, усули дин ва қоидаҳои забон, одобу ахлоқ ва фикр карданро омӯхт. Инчунин барои тарбияи бадан ва рӯҳи инсон Ибни Сино омӯзиши варзишу мусиқиро таъкид менамояд. Махсусан дар варзиш ӯ гуштигирӣ, шамшербозӣ, завракрониву шиновариро ҳатмӣ медонад.

Оид ба мақому манзалат ва вазифаҳои устод қариб ҳамаи бузӯргони аҳли илму адаб гуфтаанд, ки дар маҷмуъ дар осори онҳо муаллим ҳамчун як шахси арзанда ва дорои масъулияти бузург тасвир гаштааст. Дар мавриди интихоби муаллим низ бояд падару модар ба иштибоҳ роҳ надиҳанд ва бидонанд, ки фарзандашонро ба кӣ месупоранд. Яъне мувофиқи назари онҳо муаллим бояд бомаърифат, нексиришт, покдоману соҳибкасбу хушахлоқ бошад. Абуалӣ ибни Сино дар «Тадбири манзил» чанд вижагии муаллим ва омӯзгори беҳтаринро баён менамояд, ки онҳоро ба ин тарз ҷудо намудан бомаврид аст:

1. Хирадманд бошад. Яъне муаллим бо ақлу фитрат ва соҳибмаърифат бошад, ва аз фане, ки дарс медиҳад хуб огоҳ бошад, то ба саволҳои шогирдон ҷавоб дода тавонад.

2. Боимон бошад. Ин аз он лиҳоз аст, ки муаллим парҳезгор ва мутадайин бошад, то ки ба ӯ эътимод карда шавад ва масъулияти бузурги тадриси шогирдонро дарк намояд.

3. Усул ва методҳои тарбиявиро хуб донад, махсусан ба ниёзҳо ва зарурияtҳои кӯдак, ки дар марҳалаҳои гуногуни синну соли он ба таври хос аст, ошно бошад.

**4.** Муаллим бояд сахтгир бошад. Дар ин маврид ҳаминро бояд қайд намуд, ки шуғли муаллимӣ масъулияти бузургест, чунки муаллим бо кароматӣ инсон сару кор дорад. Ба ақидаи ӯ агар муаллим бовиқор ва ҷиддӣ набошад дар назари шогирдон ҳақир ва кӯчак намудор мешавад. Агар муаллим ҷиддӣ ва бовиқор бошад эҳтироми шогирдон нисбати ӯ беандоза гардида, суханҳои ҳакимонаи ӯро қабул хоҳанд намуд ва тадрис натиҷаҳои хуб ба бор хоҳад овард. Инчунин ӯ серталабу сахтгир бошад ва дар лаҳзаҳои лозимӣ ба шогирдон усулҳои насиҳат, таъкид, ҷазо ва ғайраро истифода намояд. [5:34]

5. Бомурувват ва ҳалим бошад. Чунки муаллим бо кӯдакон ва хурдсолон сару кор дорад ва онҳо зеҳни латиф ва беолоиш доранд. Дар ҳолати сангину дуруштрафтории бемавриди муаллим ба зеҳни латифи хурдсолон таъсири манфӣ ва бад хоҳад расид. Муаллим бояд нармдил бошад, чунки кӯдакону наврасон аз ҷиҳати хурсол будан ва таҷрибаи кофӣ надоштан метавонанд иштибоҳҳои зиёдеро анҷом диҳанд. Дар ин ҳолат муаллим бояд гузашт карданро ба иштибоҳҳои шогирдон тавонад ва онҳоро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ намояд.

6. Покдоман бошад. Дар ин маврид ҳаминро бояд қайд намуд, ки бино ба назари Ибни Сино кӯдакон ба муаллими худ бештар эътимод ва боварӣ доранд ва дар симои ӯ як шахсияти тарбиятгар, покдоман ва боэътимодро мебинанд. Бояд донист, ки агар муаллим дар ин раванд ба ягон иштибоҳ рӯ ба рӯ гардад, пас ба шогирдон зарбаи амиқ хоҳад зад, ки илоҷи он хело ҳам сангин аст [5:35]

Ҳамин тариқ, Абӯалӣ ибни Сино дар низоми таълим ва тарбия барои омӯзгор масъулияти хоссае ҷудо менамояд ва боварӣ дорад дар симои муаллим шогирдон

беҳтарин инсон, идеал ва ғояи асосӣ барои пайравӣ намуданро бояд дарёфт намоянд.

Абӯмуиниддин Носири Хусрав ал-Қубодиёнӣ ал-Марвазӣ (1004-1088) дар осори худ масъалаи таълиму тарбияро хеле нуктасанҷона баррасӣ карда онро яке аз омилҳои асосии саодату хушбахтӣ ва ташаккули шахсияти инсон ҳисобидааст.

Фалсафаи маорифи Носири Хусрав дар чунин рисолаҳояш ба монанди «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Хон-ул-ихвон», «Кушоиш ва раҳоиш» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Носири Хусрав, омӯхтани илму дониш ва маърифатро барои ҳар як шахс ҳатмӣ медонад ва онро воситаи асосии обрӯманд шудани инсон дар ҷамъият медонад. Дар ин хусус худи Носири Хусрав чунин мегӯяд:

*Агар ту зи омӯхтан сар натобӣ,*
*Биҷӯяд сари ту ҳаме сарвариро.*
*Дарахти ту гар бори дониш бигирад,*
*Ба зер оварӣ чархи нилуфариро.* [12:138]

Файласуф дар системаи фалсафаи маорифи хеш исбот карданӣ мешавад, ки дар раванди инкишоф ва ташаккули шахсият омӯзиши илму дониш ва аз худ намудани арзишҳои волои фарҳангиву маърифатии тамаддунӣ, ки асосан тавассути таълиму тарбият сурат мегирад барои инсоният яке аз роҳу усулҳои беҳтарин ба шумор меравад. Мутафаккир ростгӯӣ, илмварзӣ ва тоатро ба ақли муқтасаб (бо роҳи тарбия ҳосилшуда) мансуб медонад:

*Рост гӯям, илм варзам, тоати Яздон кунам,*
*Ин се чиз аст, эй供 бародар, кори ақли муқтасаб.* [13:154]

Вобаста ба ин, мутафаккир нақши илму донишро дар инкишофи шахсияти ҳар як инсон махсус таъкид намуда, нисбати қудрат ва тавоноии он дар ташаккули инсони комил афзалияти бузургеро раво дидааст:

*Тан ба ҷон зинда асту, ҷон зинда ба илм,*
*Дониш андар ҷону ҷонат гавҳар аст.*
*Илм ҷони ҷони туст, эй ҳушёр,*
*Гар биҷӯӣ ҷони ҷонро, дархӯр аст.* [12:199]

Файласуф дар ғояҳои фалсафаи маорифи хеш илму донишро яке аз воситаҳои муҳими ба ахлоқи волои инсонӣ расидан дониста, бовар дорад, ки касе ки рӯ ба илм меораду ба дониш мегаравад, номи ӯ доимӣ дар вирди забони мардум мемонад. Нодонӣ инсонро ба сӯи торикию ҷаҳл бурда, аз зиндагонии осудаву осоишта маҳрум мегардонад.

*Зи дониш зинда монӣ ҷовидонӣ,*
*Зи нодонӣ наёбӣ зиндагонӣ.* [12:149]

Хулоса дар ғояҳои фалсафаи маорифи Носири Хусрав масъалаи илму дониш ва ақлу хирад, қобилият ва истеъдод аз мавқеи гнеосологӣ-ахлоқӣ ва ҳам мазҳабӣ мавриди тадқиқ қарор ёфтааст.

Намояндаи барҷастаи илмию фалсафӣ ва маорифпарвари тоҷику форс, ки дар ин давра зиндагӣ кардааст ин Хоҷа Насириддини Тӯсӣ мебошад. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Ҳасани Тӯсӣ (1218-1293 м) маъруф ба Хоҷа Насириддини Тӯсӣ аз донишмандон ва чеҳраҳои илмии тоҷику форс ва умуман Машриқзамин ба шумор меравад. Ақидаҳои фалсафию иҷтимоии Насириддини Тӯсӣ дар «Асос- иқтибос», «Авсоф-ул-ашроф», «Равзат-ул-таслим», «Ахлоқи Носирӣ», «Шарҳ-ул-ишорот», «Ахлоқи Мӯҳташамӣ», «Қавоид-ул-ақоид», «Таҷрид-ул ақоид», «Таҷрид-ал-калом», Насиҳат нома ба Обокоҳон» ва ғайра мебошанд, ки дар онҳо пеш аз ҳама, масъалаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва таълимию тарбиявӣ ҳарҷониба матраҳ гардидаанд. Ин маорифпарвари машриқзамин фаро гирифтани ҳикмати амалӣ, хусусан таълиму тарбияи ахлоқиро аз пояҳои асосии саодати инсонӣ дониста, нисбат ба дигар илмҳо онро муқаддам донистааст. Афкори маорифпарваронаи Хоҷаи Тӯсӣ баёнгари он аст, ки ӯ дар ҷамъият аз ҳама беш аввал ба аҳли қалам монанди арбоби илму маориф таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуда, мавҷудияти онҳоро дар ҷамият ба монанди «вуҷуди об дар табиат»[14:92] ташбеҳ кардааст.

Дар мавриди таълиму тарбияи фарзанд Насириддини Тӯсӣ дар «Ахлоқи Носирӣ» -и худ афкори арзишманди хешро баён намудааст. Ӯ дар таълиму тарбияи фарзанд волидайнро вазифадор мекунад, ки дар парвариши ҷисмии кудак ҷиддан таваҷҷӯҳ намоянд, зеро таълиму тарбияи рӯҳ ва маънавиёти кудак ба тани солими ӯ алоқаманд аст.

Яке аз масъалаҳое, ки ба назари мутафаккир барои такомули ахлоқӣ нақши муассир дорад ин интихоби муаллим-омӯзгор барои таълиму тарбияи маънавии кӯдак маҳсуб меёбад. Ӯ мегӯяд: «Ва бояд ки муаллими ӯ оқил ва диндор бувад ва бар риёзати ахлоқ ва таҳриҷи кӯдакон воқиф ва ба ши-

ринсуханӣ ва виқор ва ҳайбату мурувват ва назофат машҳур»[14:98].

Афкори таълимию тарбиявии Насириддини Тӯсӣ саршор аз гуманизм аст. Ӯ гуманизми худро туфайли панду ҳиматҳо ифода кардааст, ки дар онҳо ба мақому мартабаи инсон баҳои баланд дода мешавад. Ва ин ҷо инсонро беҳтарин мавҷудоти олам донista мегӯяд, ки ҳурмату эҳтироми он шарту зарур аст[15:294]. Насириддини Тӯсӣ тавассути афкори ахлоқӣ ва таълимию тарбиявии худ золимон, муфтхӯрон ва каззобону фиребгаронро танқид намуда, ба онҳо беҳтарин сифатҳои ахлоқиро муқобил гузошта, риояи онҳоро барои ташаккули шахсиёти инсон ва саодати он ҳатмӣ медонад.

Аз таҳлили ғояҳои фалсафаи маорифи Насириддини Тӯсӣ метавон хулоса кард, ки ӯ ба унвони як шахсияти ахлоқшинос бештар афкори маорифпарваронаи худро дар пояи категорияҳои ахлоқӣ матраҳ карда аст.

Дар таърихи фалсафаи маорифи тоҷик саҳми Саъдӣ Шерозӣ (1203-1292) мақоми муҳим дорад. Саъдӣ ба таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ на танҳо чун шоири соҳибэъҷоз ва устоди моҳири наср, балки ҳамчун мутафаккири борикбин, муаллими ахлоқ ва инсондӯсти бузург машҳур буда, бо андешаҳои таълимию тарбиявӣ ва илмию фалсафиаш ба илму фарҳанги ҷаҳонӣ хидмати бузурге анҷом додааст. Саъдӣ Шерозӣ ҳамчун муаллими ахлоқ панду андарзро дар асарҳояш махсусан "Гулистон" ва «Бӯстон» фаровон истифода кардааст. Саъдӣ дар андешаҳои таълимию тарбиявиаш махсусан гуманизм, инсондӯстӣ ё ба таъбири худи Саъдӣ «одамият» -ро бештар баррасӣ намудааст.

Саъдии Шерозӣ дар ғазалиёти ахлоқиаш мафҳумҳои ба ҳиссиёти ахлоқӣ алоқамандбударо истифода мебарад, ки онҳо ҳиссиёти ишқ, дӯстӣ, вафо, аҳду паймон ва ғайраҳо мебошанд. Ӯ бо ин андеша ҳояш тарбияю инкишоф додани ҳиссиёти ахлоқиро дар насли наврас талқин мекунад.

Саъдии Шерозӣ ба ин маънӣ чунин мегӯяд:

*Ҳар к-ӯ шарбати фурқат рӯзе чашида бошад,*
*Донад, ки сахт бошад қатъи умедворон* [16:233].

Бояд қайд намуд, ки Саъдӣ Шерозиро падари ахлоқ меноманд. Ӯ ташаккули хислатҳои накӯ ва шоистаро тарғибу ситоиш мекунад ва хислатҳои пасту зишти ба ҷамъият бегонаро зери танқид мегирад.

Ғояҳои фалсафаи маорифи Саъдӣ Шерозӣ низ баҳри ташаккули шахсияти инсон равона гардида буд. Саъдӣ яке аз омилҳои ташаккули шахсияти инсонро дар муҳити солим мешуморад ва камолоти инсонро дар тарбияти дуруст дидааст. Мутафаккир ба қувваи тарбия бовар дорад ва дар инкишофи маънавиёти шахс онро муҳим мешуморад. Аммо ӯ тарбияро яксон вале хислати одамиро гуногун мебинад. Ба фикраш, одамӣ аслан баду нобакор бо тарбия дуруст намешавад ва тарбият ҷавҳару асли одамиро тағйир дода наметавонад. Дар ин хусус ҳикояти ӯ оид ба тарбияти ҷавоне, ки каме нек гардида, вале боз аз рӯи табиат бо авбошон ҳамроҳ шуда, корҳои номашрӯъ мекунад, машҳур мебошад, Ҳикоя бо ин байт хулоса гардидааст:

*Оқибат гургзода гург шавад,*
*Гарчӣ бо одами бузург шавад.* [16:236]

Саъдӣ Шерозӣ воситаи асосии ташаккули шахсияти инсонро илму дониш медонад. Саъдӣ шахсонеро, ки дониши хуб доранду дар самти илму маърифат кӯшиданду муваффақ гардиданд, вале фаъолият кардан намехоҳанд, илми доштаашонро дар худ нигоҳ медоранд, яъне дониши хешро дар амал татбиқ наменамоянд, мазаммат карда ин амали онҳоро кори нобахшиданӣ медонад.

Саъдии дар ин хусус фикри масалмонанд гуфтаанд: "якеро гуфтаанд: "Олими бе амал ба чӣ монад? Гуфт: "Ба замбӯри бе асал". [17:280] Ба фикри Саъдӣ шахсе, ки дониш омӯхта ва онро амалӣ мекунад, дар ҳаёт мавқеи сазовори хешро меёбад ва дар ҷомеа қадру манзалат пайдо мекунад: "Туро хоҳам пурсид ки амалат чист, нагӯям падарат кист?". [18:160]

Хулоса, афкори таълимию тарбиявии Саъдӣ Шерозӣ дар осари бадеии ӯ «Гулистон» хело ҳам хуб баён ёфтааст. «Гулистон» асари комилан адабӣ, тарбиявӣ ва ахлоқист. Масъалаҳои ташаккули шахсият дар он ба тарзи хулосаҳои илмӣ баён карда нашудааст. Ин мақсад дар бештари андарзҳои он ҳувайдо мегардад.

Аз тадқиқи андешаҳои таълимию тарбиявии мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои IX-XIII ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки танҳо тавассути таълиму тарбият ва омӯхтани таҷрибаҳои илмию

ахлоқӣ ҳар фард шахсияти худро ташаккул диҳад ва ин раванд меъёри асосӣ барои расидан ба дараҷаи «Инсони комил» мебошад. Ба фатҳи ин қулла камолоти маънавӣ, яъне «Инсони комил» онҳое мерасанд, ки дорои илму дониш ва ахлоқи ҳамида бошанд. Аммо ташаккули шахс ва умуман расидан ба мақоми «Инсони комил» масири осон набуда, балки раванди мураккаб ва бисёрзинаи камолотест, ки аз инсон дар роҳи пиёда намудани ин мақсад доштани сифатҳои баланди инсонӣ, аз қабили хирадмандӣ, иродаи матин, шикастнафсӣ ва дигар фазилатҳои поки инсониро тақозо мекунад. Раванди ташаккули шахсият, ин раванди худшиносӣ буда, натиҷаи он пайдо гардидани маҳорату қобилиятҳое мебошанд, ки инсон бо такя ба интихоби бошууронаи худ байни хайр ва шарр фосила гузошта, фаъолияти худро дар чорчубаи категорияҳои неки ахлоқӣ медарорад.

Таҳлили мухтасари андешаҳои таълимию тарбиявии мутафаккирону маорифпарварони тоҷик дар асрҳои IX-XIII нишон медиҳад, ки моҳияти ғояҳои фалсафаи маорифи онҳоро илова ба ҳадафҳои дар боло зикр гардида, инчунин ташаккули шахсияти инсон дар бар мегирад. Маълум гардид, ки тибқи андешаи маорифпарварони ин замон сифатҳои пасти ахлоқӣ аз қабили бадӣ, ситамкорӣ, чизпарастӣ, пурхурӣ, айбҷӯйӣ, пургӯйӣ, бешармӣ, таънакорӣ, бахилӣ, суханчинӣ ва ғайра монеи ташаккули шахсияти инсон шуда, ва парвариши сифатҳои ҳамида инсонӣ аз қабили хираду хирадмандӣ, некӣ, омӯзиши илму дониш, сулҳу дӯстӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, қаноатпешагӣ меҳнатдӯстӣ, эҳтироми падару модару калонсолон, ёрӣ ба ятимону бечорагон ва ғайра омилҳои асосии рушди шахсияти инсон ба ҳисоб меравaнд.

Дар натиҷаи таҳқиқиқоти афкори маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои IX-XIII муайян гардид:

1. Ақидаҳои маорифпарваронаи мутафаккирони классикии тоҷику форс манбаи ғаниест, ки барои ба роҳ мондани таълиму тарбия дар замони ҳозира. Аз ин хотир дар амалия тадбиқ намудани онҳо барои беҳтар гардидани низоми маориф мусоидат мекунад.

2. Барои омӯзиш ва татбиқ намудани ақидаҳои пешқадаму маорифпарваронаи ин мутафаккирон дар амалия бояд дар асоси осори онҳо воситаҳои таълимӣ тартиб дода шавад. [6:45]

3. Фалсафаи маорифи миллии тоҷик, ки имрӯзҳо дар раванди ислоҳотҳои навин ва пайвастани он бо системаҳои пешқадами фалсафаи маорифи ҷаҳонӣ қарор дорад, бинобар ин бояд аз таҷрибаҳои бузургони гузаштаи худ дар самти таълиму тарбия ва андешаҳои маорифпарваронаи онҳо истифода намуд. Зеро истифода аз ин андешаҳои таълимию тарбиявӣ ва таҷрибаҳои пешқадам, метавонад дар рушду ташаккули фалсафаи маорифи миллӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

**Адабиёт**


1. Акбар Турсунов. Эҳёи Аҷам. Воситаи таълимӣ / А. Турсунов. – Душанбе «Ирфон», 1984 –340 с.
2. Муллоаҳмад М. Равзанаи хирад. Воситаи таълимӣ / М. Муллоаҳмад – Душанбе, 2017. – 322 с.
3. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. Воситаи таълимӣ / А. Рӯдакӣ. – Душанбе: «Адиб», 2007. – 416 с.
4. Гулмадов Ф. Инъикоси образи муаллим дар мероси педагогии мутафаккирони форсу тоҷик. Воситаи таълимӣ / Ф. Гулмадов – Душанбе, 1997. –340 с.
5. Авиценна. Семейное воспитание. / Избранные произведения. Т. 2. - Душанбе: Ирфон,1980. – 540 с.
6. Хайрулло Афзалӣ. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик. Воситаи таълимӣ / Х. Афзалӣ. – Душанбе, 2008. – 340 с.
7. Н. Тоҷов, К., Ҳусейнов. Р., Назаров., М. Тоҷиев. Фарҳангшиносӣ. Воситаи таълимӣ / – Душанбе, 2008. – 340 с.
8. Назаров Р. Философия образования таджикского народа. Р. Назаров А. Қурбанов. – Душанбе, 2010. – 215 с.
9. Бартельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. Е.Э Бартельс. – М.,1960. – 420 с.
10. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома иборат аз 9 ҷилд. Воситаи таълимӣ / А. Фирдавсӣ. –Душанбе,1964. Ҷ,1. – 460 с.

11. Рӯдакӣ А. Осор. Воситаи таълимӣ / А. Рӯдакӣ. – Сталинобод, 1958. – 354 с.
12. Арабзода Н. Носири Хусрав. Воситаи таълимӣ / Н. Арабзода. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 456 с.
13. Носири Хусрав. Девони ашъор ва маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» (Таҳия ва тадвини А. Девонақулов, А. Алимардонов ва Ф. Бобоев) Воситаи таълимӣ / Н.Хусрав. – Душанбе, 2003 – 955 с.
14. Насириддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. Воситаи таълимӣ / Н.Тӯсӣ. – Душанбе, 2009. – 434 с.
15. Армакӣ Нақӣ Озод. Андешаҳои иҷтимоии Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Таърихи тафаккури иҷтимоӣ дар Ислом: Аз оғоз то давраи муосир. Воситаи таълимӣ / О.Н.Армакӣ. – Теҳрон: Нашри илм, 1386. – 294 с.
16. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. Куллиёт,Ҷилди4.(мураттиб С. Сиддиқов). Воситаи таълимӣ / С. Шерозӣ. – Душанбе: Адиб. 1990. – 453 с.
17. Адабиёти тоҷик. Воситаи таълимӣ / – Душанбе: Маориф, 1990.– 280 с.
18. Саъдӣ Шерозӣ. Гулистон. Воситаи таълимӣ / – Душанбе, 2008. – 456 с.

## ПРОБЛЕМА ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ В ТВОРЧЕСТВЕ ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛИ IX-XIII вв.

**Мухаммадджони Т. Р.**

В статье автор рассматривает проблему формирования личности в творчестве таджикских мыслителей IX-XIII вв. Автором исследованы такие различные стороны данной проблемы, как учебно-воспитательная методика таджикских мыслителей IX-XIII вв, концепция обучения и воспитания личности и её основные этапы формирования, а также роль учителя в формировании личности и.т.п.

**Ключевые слова:** формирование личности, возрождение культуры, персидско-таджикское образование, обучение, воспитание, учитель, наука, культура, мыслители

## THE PROBLEM OF PERSONALITY FORMATION IN THE WORKS OF TAJIK THINKERS OF IX-XIII CENTURIES

**Mukhammaddzhoni T. R**. is the doctoral candidate of Ph.D (the doctor in the specialty), of the Tajik National University

In this article the author, leaning on reliable scientific sources, subjects to consideration formation of the personality in heritage of tajik thinkers of IX-XIII centuries. The author investigated such various parties of this problem as a teaching and educational technique of the Tajik thinkers of IX-XIII centuries, the concept of training and education of the personality and her main stages of formation and also a role of the teacher in formation of the personality and. etc.

**Keywords**: Formation of the personality, culture's renaissance, persian-tajik educations, training, education, foster and behaviour, teachers, science, culture, thinkers

***Information about the author:*** **Mukhammadzhon Tagoymurod** – PhD doctor (doctor by specialty), student of Tajik National University. **Address:** Republic of Tajikistan, 734019, Dushanbe city, Mayakovskiy street, 37/52. E-mail: Muhammad_90.12@mail.ru, tel.: 903-00-22-30

# МАСЪАЛАИ ҲАСТӢ ВА МАЪРИФАТ АЗ НИГОҲИ ҲАКИМ САФО

**Муродова Т.,** ходими калони илмии ИФСҲ АИ ҶТ

*Ҳаким Сафо аз мутафаккири намоёни асри ХУ111 буда, дар илми фалсафа, мантиқ, ҳикмату ахлоқ ва ирфон мақоми хосе дошт.*

*Аз мутолиа ва баррасии ашъори ӯ бармеояд, ки вай фалсафаву ирфон ва иҷтимоиётро аз ҳам дур накарда, балки онҳоро тавассути якдигар ба ҳаёту зиндагии воқеъӣ ва маънавии инсон омезиш додааст, ки ин як қадами бузурге буд дар беҳбуду пешрафти фалсафаву маърифат ва ҳамчунин ахлоқиёти ҷомеа. Зеро ки дар давоми асрҳо илму фалсафа ва маърифат сар ба сукут гузошта буд ва аҳли илму адаб дар баробари зулму кашмокашӣ ва нооромиҳои замона минбаъд зери парда лаб ба сухан мекушоданд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи таълимоти фалсафиву маърифатии Ҳаким Сафо барои замони муосир моҳияти актуалӣ дорад.*

*Ҷомеаи муосири мо имрӯз ҳам ба фалсафаву маънавиёт ва ҳам ба одобу ахлоқи ҳамида ва эътиқоду ихлос ба зиндагӣ эҳтиёҷ дорад. Яъне аз маънавиёт ва фарҳанги хеш дур шудан боиси аз даст додани зеҳнияти фикрӣ, худшиносиву ҳувияти миллӣ ва тамаддуни гузашта ва ҳатто имрӯза мегардад.*

*Калидвожа: ҳастӣ, ақл, маърифат, илм, ишқ, нафс, фалсафа, олам, мутлақ, инсони комил, кулл, ҷузъ, ҷавҳар, мумкинот, эътиқод*

Ҳаким Сафо (1269-1343ҳ.) яке аз донишмандон ва устодон дар илми фалсафа, мантиқ, ҳикмат, тафсир ва калом буд.

Осори Ҳаким Сафо иборат аз қасоидот, тарҷебанд, ғазаллиёт, рубоиёт ва маснавие, ки бо равиши «Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабустарӣ суруда шудааст, суолу ҷавобҳои гуногунро доир ба масъалаи ҳастӣ, илму маърифат, сайру сулуки ирфонӣ, шикоят аз замона ва ахлоқро дар бар гирифтааст. Чунонки худи Ҳаким Сафо дар муқаддимаи он мефармояд:

*Суоле чанд моро бувад з-ин пеш,*
*На аз дунёпараст аз сирри дарвеш.*
*На аз дунёпарастон дидаме ком,*
*На аз дарвеш дил бигирифт ором.*
*Ки дарвешони маънӣ дар қабобанд,*
*Дагалбозон сурати ком ёбанд.*
*Фалак гардидаву ядуни чанд сол аст,*
*К-ин сайёра дар хонаи вабол аст.*
*Маро дархалидӣ, ки гаҳе хор,*
*Ки то кай бишкуфад ин гул ба гулзор*.[2.288]

Аз мутолиаи аксари шеърҳои Ҳаким Сафо ба назар мерасад, ки таълимоти ирфонии ӯ бо дар пайвандӣ бо андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии ӯ баёноти худро ёфтааст. Аз ин ҷиҳат хусусиятҳои ашъори Ҳаким Сафо дар он аст, ки ӯ ирфонро аз фалсафаву ахлоқ ва иҷтимоиёт дур накардааст, балки онҳоро тавассути якдигар ба ҳаёту зиндагии воқеъӣ ва маънавии инсонӣ омезиш додааст. Ин ба он маъно аст, ки олами ҳастӣ, яъне оламу одам ва табиат ба ҳадафе офарида шудааст. Аз ин ҷо, инсон дар дунёе, ки фаъолияту зиндагӣ мекунад, нисбати он масъулиятпазир аст ва ӯ аз неъматҳои муҳайё буда дуруст ва аз рӯи ақлу маърифат баҳрабарӣ менамояд. Бинобар ин, Ҳаким Сафо мақом ва арзиши инсонро ҳам аз лиҳози дунёӣ ва ҳам аз назари маънавӣ хеле боло медонад.

Дар масъалаи ҳастӣ ва офариниши олам Ҳаким Сафо мисли соири мутафаккирони асримиёнагӣ Боязиди Бистомӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Ибни Арабӣ, Азизи Насафӣ ва дигарон дар он ақида буд, ки асоси олами ҳастиро вуҷуди мутлақ ташкил медиҳад:

*Вуҷуди мутлақ сорист, дар ҳақиқати кулл,*
*Ки дар ҳақиқат аҷзо аст куллу кулл аҷзо.*
*Ба шаҳри ваҳдат аз ҷузв то ба кулл ҳама ӯст,*
*Ки ҳаст боқиву бе мухтам асту бе мабдо.*

Дар системаи фалсафии ӯ вуҷуди мутлақ сарчашмаи олами ҳастӣ буда, ҳама олами ашё аз ӯ падид омадааст ва боз ба ҳамон мабдаъ бармегарданд. Аз ин ҷо, таълимоти фалсафии Ҳаким Сафо ба идеализми объективӣ тамоюл дорад, аммо андешаҳои ирфонии ӯ доираи васеътарро дар бар мегирад, ки дар дохили он на танҳо ақидаҳои фалсафӣ, балки масъалаҳои инсону инсоният, инсони комил ва мақоми ӯ дар тарбияи маънавии инсонҳо,

ахлоқ, илм, маърифат мавриди диққати мутафаккир гардидааст. Дар ин бора муҳаққиқ Аҳмад Суҳайли Хонсорӣ фармудааст: «Ҳаким Сафо дар улуми фалсафаву мантиқ, ҳикмату тафсир ва калом устод буд, ашъораш аксар ҳовии нукоти тасаввуфӣ ва омехта бо ин улум мебошад.»[3.6]

Ҳаким Сафо аз зумраи мутафаккироне буд, ки аз илми фалсафаву ирфон ба хубӣ огаҳӣ дошт ва аз таҳлилу баррасии девони ашъори ӯ бармеояд, ки осори ӯро масоили ҳастӣ – оламу инсон, офаридагору офарида, маърифату маърифатпазирии оламро фаро гирифтааст.

Мувофиқи таълимоти Ҳаким Сафо вуҷуди мутлақ асоси кулли олами ашё ва мафҳумҳои ақл, илм, эътиқод, нафс, ишқ буда, дар айни ҳол иллати иллатҳост ва ба назму низом даровараңдаи олами ҳастӣ мебошад:

Тавҳид мабдаъ асту маод, эй дил,
Зидди маод машмур мабдоро.[3.7]

Ба андешаи ӯ пас аз он ки олами мавҷудот офарида шуд, равиши хоси инкишофи худро доранд ва аммо ба офаридгори хеш ҳеҷ умумияте надоранд. Дар ин бора чунин системаи офариништро ба қалам медиҳад:

*Сайри ҷамод карда шудам номӣ,*
*Ҳайвон чарид ёсуману хорам.*
*Ҳайвон шудам на хору на гул будам,*
*Зи одам шукуфт навгул гулзорам.*
*Инсон шудам ба кор талаб рафтам,*
*Матлуб гашта боз табкорам….[*2.72]

Ҳаким Сафо дар системаи офариниш ҳарчандки раванди хоси инкишофи табиат ва олами ашёро тарафдорӣ кунад ҳам, вале ҳамзамон ба системаи ирфонии хеш бармегардад, зеро ки ирфон ба рӯҳу равони ӯ ҷо гирифта, ҷавҳари зиндагиашро ташкил дода будааст:

*Сайри манозил сафари сонӣ,*
*Берун бувад зи ҳайиз гуфторам.*
*Берун бувад зи хобу хуру гафлат,*
*Сайри аволам дили бедорам.*[2.78]

Дар ҷараёни фикрӣ Ҳаким Сафо тамоюл ба ирфон намуда, эътирофи ваҳдати вуҷуд менамояд, ки он асоси таълимоти ирфонии мутафаккирро ташкил медиҳад. Чунонки маълум аст ваҳдати вуҷуд ба маънои ҷиддӣ ва илмӣ вориди баҳси аҳли маърифат ва тариқат гардида буд ва бархурдҳои ҳокимону арбобон нисбати аҳли тасаввуфу ирфон ба рӯҳияи онҳо бетаъсир набуд. Махсусан дар анҷоми қатли Мансури Ҳаллоҷ[7.289] онҳо равиши сахтеро пеш гирифта буданд ва ин боис шуд, ки орифон аз ин баъд вориди тасмимгириҳои муҳими сиёсиву иҷтимоӣ гарданд. То ки ҳадақл сиёсатмадорон хостаҳо ва пайомадҳои баъдии дидгоҳи урафоро низ дар назар дошта бошанд.

Ҳаким Сафо дар масъалаи ваҳдати вуҷуд бештар ба Ибни Арабӣ пайравӣ намуда, дар он ақида буд, ки вуҷуди ҳақиқӣ воҳид ва азалӣ аст ва онро ба унвони васфу сифат набояд тасаввур кард. Аз тарафе вуҷуд дар ҳақиқат воҳид аст ва касрат дар ӯ роҳ надорад, аммо ҷаҳони ҳастӣ вуҷуде мустақил нест ва аз вуҷуди ҳақиқӣ вобастагӣ дорад. Аз назари Ибни Арабӣ ҳам «олами касрат ҳама мазоҳир ва шууни ҳақиқати воҳид аст… ва ин омуза асоси тафаккури ирфонии ӯ қарор гирифтааст».[1.182]

Ҳаким Сафо Офаридгорро дар ҳама ҷо, дар ҳама ашё мебинад ва ташбеҳи офтобу нур мекунад, ҳамаззот будан ва ҷудо набудани онҳоро таъкид менамояд, ки дар ин ҳолат таълимоти ӯ дар бораи Офаридгору офарида комилан мазмуни пантеистӣ мегирад:

*Чу Офтоб зи шарқ ҷило дамиду гирифт,*
*Самои рӯҳу тамом арозиву аҷсом.*
*Ҳақиқате, ки ниҳон бувад дар ҳиҷоби зуҳур,*
*Қадам ба арсаи таъйин ниҳод аз ибҳом.*
[3.82]

Мувофиқи таълимоти Ибни Арабӣ набояд барои Худову халқ ду вуҷуди мустақил тасаввур кард, балки бояд вуҷуди воҳидеро ба назар гирифт, ки аз ваҷҳе Ҳақ аст ва аз ваҷҳе халқ. …Ин ҳақиқати воҳид дар олами таквин ду таҷаллӣ дорад, ки ба таъбири ӯ яке файзи ақдас ва дигаре файзи муқаддас ном дорад.[1.182]

Ҳаким Сафо дар пайравӣ аз Ибни Арабӣ мефармояд, ки файзи ақдас иборат аст аз таҷаллии зоти илоҳӣ дар сувар ва ҳақоиқи ҷамии мумкинот дар зарфи илми ҳақ, ки ба ин маънӣ навиштааст:

*Ба илми ӯст мавҷудот қоим,*
*Ба ҳар маълум илми ӯст доим.*
*Ба гайр аз илми ӯ чизи дигар нест,*
*Ки гайр аз илми зот додгар нест.*[2.295]

Мувофиқи таълимоти Ҳаким Сафо зуҳури ҳар мавҷуде дар ин олам мутобиқ аст бо субуте, ки дар илми ҳақ доштааст.

Ин олам бо ҳама густараи худ чизе хориҷ аз қаламрави (марзи) субуташ дар илми ҳақ нест. Вуҷуди ҳақиқиро агар аз ҷиҳати зот бингаранд ҳақ меноманд ва агар аз лиҳози зуҳуру шуун ва мазоҳир таваҷҷуҳ кунанд халқ меноманд.[1.183]

Аз ин ҷо, аз назари Ҳаким Сафо олами мазоҳир ва касрат айни ҳақ нест, вале аз ҳақ низ ҷудо нест, зеро ҳама олам мазҳар ва шууни ҳаққанд, ки дар ин ҳолат тафовути ҳақ ва халқ эътиборӣ аст. Бо ин ҳама аз он ҷо, ки ҷузъҳо рӯ сӯи кулл доранд, ин масъала монеи он нест, ки халқ ба ҳақ ишқ дошта бошад:

*Сирри ишқи дӯстро гар сайр инсоне кунад,*
*Дар мақоми қалб бар руҳ-ул-қудс талқин кунам….*
*Рӯи ваҳдатро кунам бе парда чунон офтоб,*
*Хокиёнро бе ниёз аз моҳу аз парвин кунам.*[2.257]

Ҳаким Сафо доир ба офариниш ва фитрат, яъне хилқат баҳс намуда менависад, ки фитрат ваҳдат ё нурест, ки тавассути он торикии мумкинот шикофта мешавад ва дар натиҷа зоҳиру ботини он муайян мегардад.

Омили зуҳури осор ва аҳкоми айёни собита дар олами хориҷ таҷаллии дӯюми илоҳӣ аст, ки файзи зоти муқаддас ном дорад:

*Таҷаллӣ кард пеш аз халқи олам,*
*Худо дар ҳайкали масҷуди одам.*[1.284]

Чунонки дар боло қайд намудем дар таълимоти фалсафӣ-ирфонии Ҳаким Сафо инсон мақом ва мавқеъи хосе дорад. Мувофиқи таълимоти вай Худованд инсонро бар гунаи худ офарид ва сирати ӯ зотӣ аст. Аз ин ҷо, ба фикри ӯ инсон бояд худро бишносад ва агар шахсе, ки ҳақиқати хешро ба тамомӣ нашиносад, бар худ хиёнат намудааст ва ҳаргиз инсони комил нахоҳад буд:

*Набошад гар вуҷуд гавси машҳуд,*
*Камоли исми аъзам нест мавҷуд.*[1.302]

Ҳаким Сафо чун Ибни Арабӣ инсонро дорои ду ҷанба: яке лоҳутӣ ва дигаре носутӣ медонад ва аз назари ӯ танҳо инсон аст, ки дар миёни соири мавҷудот мумтоз ба сурати илоҳӣ аст. Қабл аз Ҳаким Сафо мутафаккирони асримиёнагӣ Мансури Ҳаллоҷ, Боязиди Бистомӣ, Ибни Арабӣ муътақид ба санавияти лоҳут ва носут ва омехта шудани ин ду бо якдигар шуданд, ки Мансури Ҳаллоҷро ба ҳамин ҷиҳат рӯҳониён ба ширк гуфтан мутаҳам сохтанд. Дар ин хусус Ҳаким Сафо фармудааст:

*Пеши мувваҳид, ки натарсад зи дор,*
*Кист дар ин дор, ки Мансур нест[1.24]*
*Аналҳақ гӯяд ин Мансур, дам ба дори расвоӣ,*
*Шарораи куҳсӯз аст ин макан дар банди пинҳонаш.*

[1.60]

Бояд қайд намуд, ки таълимоти Ҳаким Сафо дар бораи инсон низ бештар ба таълимоти Ибни Арабӣ наздикӣ дорад. Аз назари Ибни Арабӣ дар навбати аввал «…инсон ҳақ аст ба хотири сурати ботину рӯҳи илоҳӣ ва халқ аст ба сабаби сурати зоҳир ва ҷисмонӣ». Аз ин ҷо, тамоми олами кабир дар инсон ба сурати муҷмал, яъне мухтасар вуҷуд дорад, ки онро «кавни ҷомеъ гӯянд»,[1.185] зеро ки ҳақоиқи асмои илоҳӣ ва хулоса ҳар он чи дар олами офариниш аст, дар ӯ ҷамъ шудааст. Ба ҳамин сабаб аст, ки ҳам мутафаккирони исмоилия ва ҳам аҳли тасаввуф инсонро олами акбар, яъне кабир ва дунёи ба хотири инсон офаридашударо олами асғар, яъне олами сағир гуфтаанд. Ба ин мазмун Ҳаким Сафо дар маснавии хеш навиштааст:

*Шунидастам ба дарси мударриси дил,*
*Ки исми аъзам аст инсони комил.*
*Худо пайдову исми ӯст пайдо,*
*Ба исми ӯст қоим кулли ашё.*[3.202]

Бунёд ва асоси тафаккуроти фалсафӣ тақсими ҳастии олам ба воҷиб-ал-вуҷуд ва мумкин-ал-вуҷуд аст, зеро ки дар нигоҳи ибтидоӣ ба ҳастӣ ҳеҷ мавҷуде аз ин ду хориҷ нест. Аз нигоҳи гурӯҳе аз мутафаккирони шарқи исломӣ Ҳақтаъоло танҳо воҷиб-ал-вуҷуди олам буда, бақияи мавҷудот, куллан мумкиноте ҳастанд, ки дар ҳастии худ муҳтоҷ ба воҷибанд. Ҳамчунонки дар боло гуфтем Ҳаким Сафо низ воҷиб ва ё вуҷуди ҳақро асоси тамоми ҳастиёт, ва кули олами ашё ва аз он ҷумла инсон ва илму маърифати ӯро мумкинот, яъне мумкин-ал-вуҷуд донистааст. Бинобар ин аз назари мутафаккир тамоми мумкинот шуун ва атвори Ӯ ҳастанд, ки ин гувоҳи нигоҳи нахустасос донистани воҷибот нисбат ба мумкинот аст:

*Ӯст бар сурати ман пайдо, ё худ ҳама ӯст,*
*Ман ним ҳастӣ агар бошад товони ман аст.*

Ҳаким Сафо дар бораи олами мумкинот, яъне олами чизҳо сухан мекунад, ӯ масъалаи ақлу нафсро ба миён мегузорад. Дар таълимоти фалсафии ӯ мақоми ақл

болотар аз нафс аст. Ақл воситаи муҳими дарки олам ва аз бар намудани илму дониш буда, дар сохтану ташаккули дунёи мумкинот арзише волое дорад. Бинобар ин аз назари мутафаккир нақши ақл дар маърифати ояндабинӣ, ояндасозӣ, давлатдорӣ ва сохтори он, маърифати шаръӣ ва дигар умур ниҳоят бузург аст. Вале дар ҳолате, ки дар бораи офариниши кулл андешаҳои хешро баён мекунад, мақоми ақл нисбатан аз байн бардошта мешавад ва ба ақидаи ӯ ин асрор аз ақли инсонӣ дур аст:

*Бувад бе ҳадду ҳаср он зоти бечун,*
*Вале зи ҳадди дарки мост берун.*
*Мадоре нест ин, к-аз дури ақл аст,*
*К-ин тур аз варои тури ақл аст.*[3.284]

Аммо муҳим ин аст, ки Ҳаким Сафо нақши ақлро дар дарку сохтори олами ашё ва аз бар намудани илму дониш нисбати олами мавҷудот рад намекунад. Маҳз бо кумаки ақл инсон дар шинохти олами чизҳо ва ҳодисаҳои дунё ва кашфи он маърифат пайдо мекунад, аммо вақте ки сухан дар бораи офариниши олами предметҳо ва категорияҳои куллу ҷузв меравад, масъала ранги дигар гирифта, мутафаккир тарафдори деизм будани худро ҳифз мекунад:

*Зи одам кард дар олам таназзул,*
*Ба аҷзо гашт зоҳир давлати кулл.*
*На он кулл аст, ин к-аз ҷузв барпост,*
*Бувад кулле, ки сар то пой аҷзост.*

[3.285]

Аз ин ҷо, Ҳаким Сафо зиддияти ашёву ҳодисаҳои оламро дарк намуда, онҳоро на тасоддуфӣ, балки хоси қонунҳои олами моддӣ донистааст. Вале сарчашмаи асосии зиддиятҳои дохилии табиату тафаккуроти инсонро на дар умқи олами ҳастӣ мебинад, балки дар хост ва амри Офаридгор медонад ва дар ин ҳолат аз диалектика ба идеализми объективӣ рӯй меорад:

*Тилисми ҳайкали маҷмуи олам,*
*Таҷаллигоҳи айни исми аъзам.*
*Дар омад шоҳ дар бозору дар кӯй,*
*Талотум кард баҳру рехт дар ҷӯй.*
*Аз ин дарёст ин ҷӯйгаҳ ҷорист,*
*Ки номи ин ҳақиқати гайб сорист.*

[3.285]

Ҳаким Сафо онҳоеро, ки ақлро дар дарк ва шинохти олами моддӣ дар мадди аввал гузоштаанд инкор намекунад, вале ҳангоме ки сухан дар бораи олами маънавиёт меравад, ӯ дар он ақида буд, ки танҳо бо доштани ақл ба дарк кардан ва расидан ба умқи олами воҷиб номумкин аст. Аз ин ҷо, ин амал на тавассути ақл, балки танҳо тавассути ишқ дастраси инсон мегардад:

*Гадои ишқаму бар ақлу нафс султонам,*
*Бубин шарофати ин ҷавҳари ҳаюлонӣ.*

[3.185]

Ишқ ва тавоноии ӯ дар таълимоти фалсафӣ-ирфонии Ҳаким Сафо манзалаи хосе дорад, ки он воситаи ба маъшуқи азалӣ, яъне ҳақиқати кулл пайвастан мебошад:

*Ақл чи бошад, ки кунад дарки ӯ,*
*Ақл заиф асту тавоност ишқ,*
*Рӯҳ, ки чашми ҳама умедҳост,*
*Кур шуд аз фурқату биност ишқ.*

[3.85]

Ҳаким Сафо дар сулуки ирфонии хеш дар ибтидо ба хилвату танҳоӣ ва гушанишинӣ рӯй оварда, сипас дар роҳи ишқ иқдом мегирад ва то охири умр бад-ин шева пойбанд ва қавию устувор мемонад.

Ҳаким Сафоро метавон аз пуршуртарин орифони мактаби Хуросон дар асри ХУ111 ҳисобид. Яке аз омили муҳиме, ки боис шудааст Ҳаким Сафо чунин роҳро интихоб кунад, ин илҳоме буд, ки вуҷуди ӯро фаро гирифта, аз ҷавонӣ майлу рағбати қалбӣ ба фалсафа ва сайру сулуки ирфонӣ пайдо мекунад:

*Сайр кунӣ дар сулук водӣ водӣ,*
*Аз дари ислом то ба каъбаи эҳсон.*
*Эҳсон хоҳӣ зи куфру имон бигзар,*
*Як қадами ин поя бартар аст зи имон.*
*Пой гузор, эй молик ба мулкати дарвеш,*
*К-он ҷо бошад гадову султон яксон.*

[3.102]

Ҳаким Сафо сайру сулук, яъне сафари рӯҳониро барои ҳидояти инсонҳо лозим мешуморад ва ба ин хотир ӯ тарки зодгоҳи хеш намуда, ба Хуросон сафар мекунад ва дар он ҷо ҳарчанд ки бо азобу ранҷ умр ба сар мебарад бо вуҷуди ин қалбан аз ин ғурбат розӣ буд, зеро ки ҳадафи олии ӯ ирфон буд, ба фикри худаш ба он мерасад:

*Толиб зи фано расид бар дӯст,*
*Гар толиби дӯстӣ, фано шав.*
*Мардона зи ҳар чи ҳаст бигзар,*
*Риндона биёву бериё шав….*
*Хоҳӣ расӣ ар ба сирри итлоқ,*
*Аз банди худ, эй писар раҳо шав.*

[2.169]

Ҳаким Сафо дар ҳаллу фасли таълимоти фалсафӣ-ирфонии хеш бештар аз мавқеъи идеализми ирфонӣ баромад намудааст, вале дар айни ҳол ба масоили ҳастӣ аз нигоҳи пантеистӣ бархурд менамояд. Аз ин ҷо, ба фикри Ҳаким Сафо инсон ҳар ҷо, ки бошад Ҳақ(қ) бо ӯст. Мутафаккир дар ин робита дар суоли шашуми маснавии хеш чунин тавзеҳотеро меорад:

*Яке зи аҳли сулук аз пири золе,*
*Намуда аз рӯи дарвешӣ суоле,*
*Ки Ҳақ(қ)-ро дар куҷо ҷӯям, ки ояд,*
*Ба дасту доманаш бар даст пояд.*
*Бигуфт, эй карда ҳастӣ пойбастат,*
*Куҷо ҷустӣ, ки ӯ монд ба дастат.*
*Ба ҳар ҷое, ки ҷӯӣ он накуро,*
*Ба даст ояд агар бишносӣ ӯро.*
*Ки раҳравро дар ин хат қиёсе,*
*Набошад офате чун ношиносе.*

[2.310]

Мутафаккир дар идомаи фикри худ ҷавоб ба ин тавзеҳот чунин мисраҳоро баён мекунад:

*Чу Ансорӣ зи мижгон кард раҳи рафт,*
*Ба боби пир Харақонӣ ба ӯ гуфт,*
*Зи дарё омадӣ, аз худ ҷудо шав,*
*Дар о, чун ман дар ин машкую мо шав.*
*Ки Абдуллоҳ гӯяд орамидам,*
*Аз ин як ҳарф бар манзил расидам.*

[2.310]

Абдуллоҳи Ансорӣ[4.12]аз орифони машҳури қарни панҷуми ҳиҷрӣ буда, маши ирфонии ӯ ҷамъи тариқат ва шариат буд ва шогирдону муридони бешуморе доштааст. Ва баъдан ҳам ӯ пайравон ва мухлисони зиёде дошт ва ҳатто дар асри ҳаждаҳ Ҳаким Сафо барин мутафаккирон дар ахлоқу ирфон аз ин шахсияти бузург ва пири тариқат дар осори хеш ёд намуданд.

Чунонки дар боло гуфтем Ҳаким Сафо дар масъалаи ваҳдати вуҷуд ва аҳадияти вуҷуди Ҳақ(қ) бештар ба Абусайиди Харроз, Боязиди Бистомӣ, Мансури Ҳаллоҷ ва Ҷунайди Бағдодӣ пайравӣ намудааст, ки мисраҳои поён гувоҳи ин фикр аст:

*Сирри дил Боязиду Мансур,*
*Савдои сар Ҷунайду Харроз.*
*Дар ишқ нишон шудему ҷуз ашк,*
*Дар хонаи мо набувад гаммоз.*[2.186]

Боязиди Бистомӣ дар ирфони исломӣ бо унвони пешгоми мактаби Хуросон ва барҷастатарин шахсияту маъруфтарин шатҳиёти ирфонӣ сабт шудааст.[1.92] Иборати «субҳони, мо аъзама шаънӣ»-и Боязиди Бистомӣ мукаррар бар ҳифзу риояти усул ва асоси шаръӣ таъкид мекунад ва ӯ бар ин эътиқод буд, ки замоне ориф ба мақсад хоҳад расид,ки аз ҳифзи ҳудуди шаръӣ лаҳзае ғофил намонад.[1.92-93] Албатта, он қадар, ки Боязиди Бистомӣ аз қонунҳои шаръӣ риоят мекард, Ҳаким Сафо ҳаргиз побанди ин қонунҳо нашудааст ва баръакс зидди ҳаргуна аъмолу рафтор ва кирдори гуфтори қолабӣ баромада, бештар инсонро аз ҷиҳати ахлоқӣ ва маърифатӣ пайгирӣ мекунад:

*Хӯи инсон гир чун ҳашарат ба хӯй ғолиб аст,*
*Хоҳӣ ар дар маҳшар ин сурат, ки дорӣ, доштан.*
*Хӯи инсон илм-ул-асмост, к-андар исми зот,*
*Метавон зоти Сафоро, зинҳорӣ доштан.*

[2.114]

Ҳаким Сафо дар ҷараёни фикрии хеш ба ахлоқи инсонӣ ва ахлоқу рафтори аҳли ирфон ва асҳоби маърифати шуҳудӣ мепардозад:

*Тан кай шавад муҳити дили ориф,*
*Аз ман шунав, ки маркази ирфонам.*
*Дарёст хотири ману бар дарё,*
*Тан абру, илму ирфон боронам.*[2.67]

Мутафаккир аз аҳли ирфони қабл аз худ бо як ҳусну таваҷҷуҳи хосе ёд мекунад ва нисбати онҳо ва умуман орифон назари мусбат дошт. Бинобар ин дар системаи ирфонии ӯ мақоми ориф хеле боло буда, дар он ақида буд, ки дили ориф он қадар равшан аст, ки дигар ӯ ба маорифу маърифати дунёӣ чандон ниёзмандӣ надорад:

*Дили ориф нигини хотами ҷам,*
*Бурд илми маориф фасси хотам.*[2.296]

Ба қавли худи Ҳаким Сафо, ориф побастаи дунё нест ва аз неъматҳои фаровони он даст кашида, рӯ ба илму маърифат ва нури ҳақиқат меорад, зеро ҳама чиз ҳаст, вале аз ӯ нест ва агар ба тарзи дигар баён кунем ориф ба фақр рӯ меорад:

*Хирқаи ориф раде кибриёист,*
*Ҷомаи ҳақ атласи васиқур нест.*[2.25]

Ҳоло, ки мо дар бораи ба фақр рӯ овардани аҳли ирфон сухан кушодем, бояд донем, ки фақр чи маънову мафҳуме дар доираи ирфон дорад. Фақр аз як тараф ниёзи моддӣ аст ва аз тарафи дигар фақир касе аст, ки молу мулки дунёӣ дар ихтиёр надошта бошад ва дар тангдастӣ зиндагӣ кунад. Аммо аз дидгоҳи ирфонӣ, надо-

штани хост ва орзуву муродҳои дунёӣ мебошад. Бар асоси ин дидгоҳ фақир он касе нест, ки аз зоду матои дунёи холӣ бошад, балки фақир он аст, ки табиаташ ҳеҷ орзуву хосте надошта бошад. Яъне аз ҳирсу ҷуши молу амволи дунё барӣ бошад. Ба ин маънӣ ориф ва суфии бузурги асри нуҳуми ҳиҷрӣ Шамсиддин Муҳаммад Асирии Лоҳиҷӣ фармудааст:

*Фахр дар фақр аст, шав ҷӯёи фақр,*
*То тавонӣ кард бар кавнайн фахр*. [6.168]

Аз ин ҷо, фақир касе аст, ки андарунаш аз ғаразҳо маҳфуз ва танаш аз офот масун ва аҳкому фароиз бар вай ҷорӣ бошад.[1.238] Ҳаким Сафо мефармояд:

*Ба ғайри хоки сари кӯи дил паноҳе нест,*
*Ба ҷуз гадои дари фақр подшоҳе нест.*
*Марост салтанати фақр бо кулоҳи намад,*
*Аз ин намад ба сари подшаҳ кулоҳе нест.*
[2.181]

Расми фақр он аст, ки солик ҳам ба дунё берағбат бошад ва ҳам соҳиби чизе набошад ва аз ин ҷо, ҳақиқати фақр бе таваҷҷуҳии комил ба ғайри Худост, зеро аҳли ҳақиқат ба сабаби он ки ҳамаи олами чизҳоро тасарруф ва милкияти Ҳақ мебинанд, наметавонанд тасаввур кунанд, ки молики чизе бошанд.[1.139] Аз ин рӯ, ба фикри Ҳаким Сафо ба молу ҷоҳ фирефта нашудани банда ва аз доираи ғафлати нафс худро канор кашидан аз вазифаи муҳими аҳли тақво аст:

*Фиреби ҷоҳ нахоҳем хурду ғабтаи мол,*
*Гадои фақр муқайид ба молу ҷоҳе нест.*
[2.181]

Ба андешаи Ҳаким Сафо ҳаргиз ин маънои онро надорад, ки инсон дар тангдастӣ зиндагӣ кунад, балки меъёри фақр дил набастан ба дунёст. Ба ин маъно ба андешаи аҳли ирфон солик замоне ба фақр роҳ меёбад, ки ба таври комил фонӣ шуда бошад, яъне фано шудани солик ин фақри воқеъӣ аст. Бинобар ин касе ба ин мақом мерасад, ки ӯ дар зоҳиру ботин ва дунёву охират вуҷуде боқӣ намондааст. Дар ин бора Шамсиддин Муҳаммад Асирӣ Лоҳиҷӣ навиштааст:

*Ҳаркӣ ғолиб гашт бар нафсу ҳаво,*
*Ӯст бе шак(к) толиби роҳи Худо.*
*Ҳаркӣ дарди ишқ сӯзад доманаш,*
*Ҷону дил бигирифт аз ӯ мову манаш.*
[7.87]

Аҳли ирфон фақрро дорои исму расм ва ҳақиқат дониста, ҳар якро чунин шарҳ додаанд: исми фақр, яъне дар солик рағбат ба дунё вуҷуд дошта бошад, аммо молики чизе набошад; расми фақр беаҳмиятии пурра ба тамоми дунёву дунёи вуҷуди хеш ба ҷуз вуҷуди ҳақ аст; солики роҳи ҳақиқат ҳақро молики кулли олами ҳастӣ мебинад ва худро аз молик будан раҳо мекунад:

*Фақрро маҳкамтар астӣ поя аз бунёни куҳ,*
*Куҳро дар фақр бахшанд устуворӣ доштан.*
[2.112]

Дар сайру сулуки солик сабр мақоми хосе дорад. Аз ин ҷо дар фақри фақир собир будан ин амри муҳим аст, яъне сабр меҳваре аст, ки ба солик дар мухолифат бо нафс ва амалиётҳои нафсонӣ кумак мекунад. Ин ба он маънӣ аст, ки он чи мувофиқ ба нафс аст анҷом нагирад ва он чи бар хилофи амалҳои нафсонӣ аст анҷом бигирад.

Мутафаккири бузург, муаллими ахлоқи ҳасана Файзи Кошонӣ дар боби сабр фармудаанд, ки сабр оромише аст, ки ҳар гоҳ дар шахс пайдо шавад муҷиби устуворӣ ва мустаҳкамии маърифату имони ӯст.[5.129]

Ҳамин тариқ, пас аз солҳо, ки илму фалсафаву ирфон сар ба сукут гузошта буд ва мутафаккирону аҳли илму адаб дар баробари ноороmиву кашмакашиҳои замона минбаъд зери парда лаб ба сухан мекушоданд. Ҳаким Сафо аз мутафаккироне буд, ки дар қарни ҳаждаҳи мелодӣ боз аз нав фалсафаву ирфонро дар пайванди бо ахлоқу адаб рӯ ба тараққӣ дод, ки ин як қадами бузурге буд дар беҳбуду пешрафти фалсафаву ирфон ва ҳамчунин ахлоқиёти ҷомеа.

Таълимоти фалсафиву ирфонии Ҳаким Сафо дар омезиш бо илму ахлоқ барои замони муосир моҳияти актуалӣ дорад ва дар тарбияи аҳли илму адаб ва насли муосир метавонад як дастури муфиде бошад.Ҷомеаи муосири мо имрӯз ҳам ба фалсафаву маънавиёт ва ҳам ба одобу ахлоқи ҳасана ва эътиқоду ихлос ба зиндагӣ эҳтиёҷ дорад, зеро ки дар ин замони илму техника ва авҷи васоили техникӣ-компютерӣ агар мардум аз маънавиёт дур шаванд, онҳо зеҳнияти фикрӣ ва худшиносии хешро аз даст медиҳанд. Ин ҳолатҳо боиси аз байн рафтани фарҳангу суннат ва тамаддуни гузашта ва ҳатто имрӯзаи мо мегардад. Бинобар ин омӯхтану аз бар намудани зиндагиву мероси

гузаштагонамон, эҳтиром гузоштан ба онҳо барои насли ҷавон як таҷриба ва раҳнамоии хубе барои пешрафту созандагӣ ба шумор меравад, ки дар ин хусус метавонем аз суханрониҳои Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чакидае биёварем: «Таърих сабақомӯз аст ва ягон халқу миллат бе арҷ гузоштан ба гузаштаи хеш ба қадри истиқлолият ва оини давлатдориаш расида наметавонад».[8.250-251]

### Адабиёт


1.Маҳдии Даҳбошӣ, Сайид Алиасғар Мирбоқирии Фард. Таърихи тасаввуф. Теҳрон, 1391.-С.182

2.Ҳаким Сафо Девони ашъор. Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Аҳмад Суҳайли Хонсорӣ. Интишороти «Иқбол», 1372.-С.288

3.Ҳаким Сафо. Чопи сеюм. Теҳрон, 1372.

4.Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ. Душанбе, 1988.

5.Файзи Кошонӣ. Ахлоқи ҳасана. Тарҷумаи Муҳаммад Боқир Соъдӣ. Теҳрон, 1369.-С.129

6.Шамсиддин Муҳаммад Асирии Лоҳиҷӣ. Асрор-уш-шуҳуд. Теҳрон, 1388.-С.289.

7.Шамсиддин Муҳаммад Асирӣ Лоҳиҷӣ. Асрор-уш-шуҳуд. Чопи дуюм. Теҳрон, 1388.-С.168

8.Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.. 6. Душанбе, 2006.-С.250-251


## ПРОБЛЕМА ОНТОЛОГИИ И ЭПИСТЕМОЛОГИИ В УЧЕНИИ ХАКИМ САФА


**Муродова Т.**



Хаким Сафа – известный мыслитель XVIII-го века, сыгравший особенно важную роль в области философии науки, мудрости, этики и ирфана. Из списка его работ становится ясно, что он серьезно занимался и стремился к изучению философии, ирфана и социологии и не оставлял их; напротив, он пытался воссоединить названные науки в материальной и духовной жизни человека. Следует отметить, что для мыслителя это был первый отличный шаг в развитии философии, эпистемологии и этики науки. С тех пор на протяжении многих веков наука, философия и эпистемология перестали существовать и многие ученые и интеллектуальные круги, находясь в нестабильном и ожесточенном положении того времени, пытались выразить свое мнение в скрытой форме. Таким образом, изучение螺 названой в наше время считается актуальным. Так как в обществе, котором мы живем, сегодня становится необходимо изучать философию и мораль. То есть, отчуждение от своей культуры становится причиной утраты самопознания, самосознания прошлой и настоящей культуры.



**Ключевые слова**: бытие, разум, просветление, наука, любовь, душа, философия, мир, абсолют, совершенный человек, общее, частное, возможность, вера.


## THE PROBLEM OF ONTOLOGY AND EPISTEMOLOGY IN THE TEACHINGS OF HAKIM SAFA


**Murodova T.**



Hakim Safa is a famous XVIIIth century thinker who played a particularly important role in the philosophy of science, wisdom, ethics and Irfan. From the list of his works it becomes clear that he was seriously engaged and sought to study philosophy, Irfan and sociology and did not leave them; on the contrary, he tried to reunite these sciences in the material and spiritual life of man. Since for many centuries science, philosophy and epistemology ceased to exist and many scientists and intellectual circles of the unstable and fierce situation of the time, tried to Express their opinion in a hidden form. It should be noted that for the thinker it was the first great step in the development of philosophy, epistemology and ethics of science. Since then, for many centuries, science, philosophy and epistemology have ceased to exist, and many scientists and intellectual circles, being in an unstable and violent position at the time, tried to express their opinion in a hidden form. .Thus, the study named in our time is considered relevant. As in the society we live in, today it becomes necessary to study philosophy and morality. That is, alienation from their culture becomes the cause of loss of self-knowledge, self-awareness of the past and present culture.



**Keyword:** Existence, reason, enlightenment, science, love, soul, philosophy, the world, the absolute, the perfect man, General, private, opportunity., faith

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АХЛОҚӢ ДАР «ТИББИ РӮҲОНӢ»

**Шамсов М.С.**– н.и.ф., мудири шуъбаи ИФСҲ АИ ҶТ
**Каримова Н.Ф**. магистранти ИФСҲ АИ ҶТ

*Муаллифон дар мақолаи мазкур нақши Муҳаммад Закариёи Розиро дар масоили ахлоқӣ дар «Тибби рӯҳонӣ» – таҳзиби ахлоқ, одоби муоширати,одоби истеъмоли хӯрок ва истифодаи либос, хулқу атвори нек баррасӣ намудааст. Дар мақола андеша ва парвози хаёли муаллиф бо шеваи хеле ҷолибу ҷаззоб баён гардидааст. Инчунин дар асоси китоби «Тибби руҳонӣ» хулосабарорӣ мешавад, ки фалсафаи ҳастӣ ва ахлоқии Розиро баррасӣ менамояд. Ҳастии инсон дар ҷомеа дар асоси се мақула: ақл, нафс ва ҳаловат ҷараён мегирад. Аз ин рӯ, инсон ба василаи ақли худ бояд нафси худро идора намояд ва аз арзишҳои неки инсонӣ ҳаловат барад.*

***Калидвожаҳо:*** *фалсафа, тиб, кимиё, илму дониш, риёзиёт, нуҷум, илоҳиёт,таърихи беморпешгирии бемори, ҷарроҳии саратон, қудамои хамса, нафс, нубуват, ҳаюло, замон, макон, ҷавҳар ва араз, ақл, ахлоқи ҳамида, фалсафаи амалӣ, ҳадди эътидол.*

Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ донишманди бузург дар илмҳои фалсафа, тиб, кимиё, физика, риёзиёт ва ғайра дар саддаи чаҳорум ба ҳисоб меравад. Абӯбакри Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ дар шаҳри Рай соли 251 ҳ. (865 м.) дар оилаи косибе таваллуд ёфтааст. Солҳои тифлию айёми ҷавонии ӯ дар зодгоҳаш мегузарад. Аз «Китоб-ул-мансурӣ» бармеояд, ки донишманд дар аввалҳои умр бо касби заргариву сарфофӣ шуғл варзида, дар як давраи муайян бо ҳаваси кимиёгарӣ дар паи омӯхтани илми кимиё меафтад.

Абубакри Розӣ аз ҷавонӣ ба илму дониш шавқу рағбати беандоза зоҳир намуд ва бо мурури замон онро такмил кард. Вазъи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, тиҷорату косибии шаҳри Райи асрҳои VIII-IX ба инмусоидат мекард.

Худи мутафаккир барои дарёфту андӯхти илму дониш ба гӯшаю канорҳо сафар карда аз илму дониши халқҳои дигар илҳом мегирифт. Абубакр Муҳаммад ибни Закариё аз ибтидо улуми тиббӣ ва илми кимиё шуғл варзида, дар ин самт ба натоиҷе расид, ки то имрӯз қисме аз он моҳияти худро аз даст надодаанд.

Бозёфтҳои илмии Абубакри Розӣ хусусан дар соҳаи тиб («Ҳовӣ», «Тибби мансурӣ») бесобиқа буда, тарҷумаҳои лотинии таълифоти ӯ асрҳои зиёд дар Ғарб дастуриамалӣ ва китоби рӯйи мизӣ буданд. Бисёр пешниҳодоту дастовардҳо дар соҳаи тиб аз ҷониби Розӣ бесобиқа буданд ва илми тибро ғанӣ гардониданд. Шуғли муттасил бо ошкор сохтани ҷиҳатҳои мухталифи озмоишҳои кимиёвӣ боиси заъфи босира гашт. Вале ҳамин сайу талош буд, ки тадқиқоти мутафаккир аз алхимияи асримиёнагӣ ба илми кимиё бештар қаробат дошт. Тухми коштаи Абубакри Розӣ аксари улуми давр – нуҷум, илоҳиёт, риёзиёт, мантиқ, фалсафа ва ғайраро ба зинаи нав бардошт[3].

Бояд ёдовар шуд, ки дар замони Закариёи Розӣ ҳаёти илмӣ-фарҳангӣ хеле пурҷӯшухурӯш буда, аз ҷумлаи равия ва орову андешаи фалсафӣ қариб ҳамаи намуди он - идеализм, материализм, фалсафаи динӣ, ирфон, равияҳои дигари фикрӣ мавҷуд ва дар баҳсу мунозираи ҷолиби зинда қарор доштаанд. Аломатҳои ин падида дар осор ва зиндагиномаи аксарияти мутафаккирони ҳудуди Хилофати араби он вақта дарҷ ва таъсиргузор будааст[2].

Мақому манзалати Абубакри Розӣ дар тадқиқ, омӯзиш, таҳлилу баррасии илми тиб хеле баланд буда, роҷеъ ба паҳлӯҳои мухталифи ин соҳаи илм беш аз панҷоҳ рисола таълиф намудааст. «Ҷомеи кабир» ё «Ҳовӣ», «Куноши мансурӣ» (бо номи «Тибби мансурӣ» маъмул аст), «Тибби мулукӣ» («Пизишкии шоҳона»), «Тибби фуқаро» («Мин яҳзара ал-табиб»), «Сайдана», «Тақсими бемориҳо» (ба гурӯҳҳо тақсим кардани бемориҳо, «Доруҳои осонёфт», «Обила ва сурхак» китобҳоеанд, ки аллакай дар асри XV ба баъд ба лотинӣ ва дигар забонҳои аврупоӣ тарҷума шудаанд. Масалан, «Тибби мансурӣ» асрҳои XV-XVI дар Венетсияи Италия ва Базели Швецария беш аз даҳ ма-

ротиба нашр шуда, дар бемористонҳо ҳамчун дастуру роҳнамо истифода мешуд[3].

Баробари таҳлили дигар масъалаҳо мутафаккир ба масъали ахлоқ низ диққати махсус дода, рисолаи «Тибби рӯҳонӣ»-ро дар заминаи ду рисолаи муҳими Ҷолинус, яъне «Ахлоқи нафс» ва «Шинохти уюни нафси хешовандӣ» таълиф намудааст. Ҳамчунинду рисолаи дигаре низ бо номи: «Рисолае дар чистии лаззот» ва «Сайри фалсафа»навишаааст. Баробари осори Ҷолинус Розӣ аз осори Афлотуну Арасту, таълимоти фалсафии ҳиндуён, эрониён…истифода кардааст.

Назарияи ахлоқии Розӣ дар асоси назарияи саломатии нафс ташаккул ёфта, он ақлро сарчашма медонад. Ӯ ақлро ба манзалаи бузургтарин неъмати илоҳӣ, асоси маърифат медонад. Ба ақидаи Розӣ инсон аз дигар ҳайвонот бо ақл, нутқ фарқ мекунад. Ба қавли ӯ манзалати ақл, фармонраво будан аст ва саломатии нафс ҳифзи он (ақл). Ба қавли ӯ ахлоқ ҳуввияте дорад, ки онро метавон ба ҳайси як барномаи пешгирии мариз ё айби нафс донист. Зеро ҳадафи он пеш аз ҳама салоҳи нафс ва нигоҳдории саломатӣ аст. Беҳуда нест, ки асоси саломатии нафс, ақлро донистаанд ва ақлро ҳамчун бузургтарин неъмати илоҳӣ, дарёфти манофеъ ва дараҷаи камолоти инсонӣ донистаанд. Розӣ хусусияти асосии афзалияти инсонро аз дигар мавҷудот дар доштани ақл ва фармонравоии ӯ дониста, саломатии танро вобастаи кушишҳои фитрӣ ва ақлонӣ шумурдааст.

Мутафаккир хираду ақлро дар асари машҳури тиббияш «Тибби рӯҳонӣ» чунин шарҳу тавзеҳ додааст: «Ҳеч чизе дар судмандӣ бар мо бартар аз хирад нест. Мо бо ёрии хирад бар чорпоёни ногӯё бартарӣ ёфтаем, то бар онон чирагӣ меварзем. Ононро ба кори худ мегардонем ва ба шеваҳое, ки ҳам барои мо ва ҳам барои онҳо судбахш аст, бар онон фармонфармоӣ мекунем. Бо ёрии хирад ба ҳамаи он чи, ки моро бартар месозад ва зиндагии моро ширину гуворо месозад, даст меёбем ва ба хост ва орзуи худ мерасем. Бо мадади ақл аст, ки сохтан ва ба кор бурдани киштиҳоро дарёфтаем ва ба сарзаминҳои дур, ки ба василаи дарёҳо аз якдигар ҷудо шудаанд, мерасем. Пизишкӣ бо ҳама судҳое, ки барои тани мо дорад ва тамоми улуми дигари барои мо фоидабахш дар партави хирад моро ҳосил шудааст. Бо хирад умури ғализ ва чизҳоеро, ки аз мо ниҳон ва пӯшида будааст, дарёфтем. Бо ёрии он шакли замину осмон, азамати хуршед, моҳ, ситорагон ва бӯъду ҳаракатҳои онҳоро донистем[1].

Хирад чизест, ки бе он ҳоли мо ҳамоно ҳоли чорпоён, кӯдакон ва девонагон хоҳад буд. Вай чизест, ки бо ёрии он афъоли ақлии худро пеш аз он, ки дар ҳавос ошкор шаванд, тасаввур мекунем ва онҳоро гуногун дармеёбем, ки гӯё эҳсасашон карда бошем. Сипас ин суратҳоро дар афъоли ҳисси худ намоён мекунем ва мутобиқати онҳоро бо он чи, ки пештар суратгирӣ ва тахайюл карда будем, ошкор мекунем».

Муроди ӯ аз ин ақли амалӣ ва санҷишгаро аст, вале нишонаи ақли назарӣ ва афзалияту бартарии он дар «Тибби рӯҳонӣ» дида намешавад. Зеро таносуби байни кул, нафс яке аз муҳимтарин бахшҳои ахлоқии Розӣ маҳсуб меёбад. Саломатию бемории нафс дар итоатпазирӣ аз ақлу ҳуввият буда, ҳар ду калиди саъодати инсонианд. Ҳамин тавр, назарияи ахлоқии Розӣ дар се унсур устувор гардидааст:

1) назарияи саломатии нафс;
2) таърифи лаззат;
3) шинохт ва пешгирии осебҳои нафс.

Унсури аввал, ки бар асоси назарияи саломатии нафс дар асоси се дидгоҳи Афлотун усувор аст: нафси наботӣ, ҳайвонӣ ё ғазабӣ ва нафси нотиқа. Нафси наботӣ барои парвариш ва нумӯъи ҷисм аст, то дар хидмати нафси ғазбия (хашмгирифта) бошад ва нафси нотиқа абзори нафс дар нигоҳдошти қувваи шуҳудӣ аз иффат аст. Суботи се навъи нафс таъбири дар Арасту асоси худро дар «Тибби рӯҳонӣ» ёфтааст. Унсури дӯюми низоми ахлоқии Розӣ, ки таърифи вай аз лаззот аст, бахше аз таърифоти лаззотро дар «Тибби рӯҳонӣ» фаро мегирад.

Нававарии Розӣ дар таърифи лаззат, санавию масбуқ (огоҳӣ)-и вай аз ранҷ дониста мешавад. Лаззот баргашт ба ҳолате аст, ки амри мӯъзии фардро аз он ҳолат берун месозад. Чунин таъриф дар низоми ахлоқи Розӣ ду нақш дорад:

1) лаззати табиии афроде, ки дар пайи шаҳвати бепоёнанд, бо далели он ки лаззат абадӣ аст, дар воқеъ чунин лаззат нест. Онҳое ки аз пайи лаззат пиндориянд ва ҳақиқати ин лаззат ҷуз ранҷ чизе нест, аз вазъияти табиӣ ба вуҷуд меоянд;

2) лаззат ё ҳаде, ки мизони лаззат бо андозаи ранҷи бартарафшуда мутаносиб аст ва он ҳад муҷози лаззатро нишон медиҳад. Масалан, хӯрдан, нӯшидан ва бисёре аз умур ба чунин ҳадде, ки гоҳе онро ҳадди кайфиёт мехонад, муҷоз мешуморад. Чунин ақидаро дар андешаҳои Форобию Сино низ метавон баръало мушоҳида кард.

Унсури сеюм, шинохт, пешгирӣ ва дармону оседи нафс аст. Ин аст, ки понздаҳ фасли «Тибби рӯҳонӣ» дар баёни оседҳо монанди: ишқу дӯстӣ, уҷубу ҳасад, росту дурӯғ, фақру фаровонӣ, ғаму андӯҳ, пурхӯрӣ, мастӣ, ҷимоъ, беҳудагӣ, таассубҳои мазҳабӣ, касбу кор, тарс аз марг… бахшида шудааст. Дар ин ҷода Розӣ маншаи ин осеб, ҳавову ҳавасҳои инсониро дониста, гоми нахусти онро шинохти айби нафс мешуморад.

Барои мисол метавон чанд осеберо дар ин асар ном бурд, ки Розӣ ёдоварӣ намудааст:

1) Ахлоқи истидлолӣ - Розӣ ба муваҷҷеҳ будани дастурҳои ахлоқӣ таваҷҷӯҳ дода, пазируфтани онро дар маъқул будани он медонад. Рафтори ахлоқӣ аз малакаи нафсонӣ содир мешавад, на ба илзоми берунии ин матлаб, ки тавзеҳ медиҳанд. Бо вуҷуди он ки ин омӯзаҳои ахлоқӣ содда аст, мутафаккир кушиш менамояд дастурҳои ахлоқиро барои касоне, ки ба бақои нафс бовар надоранд, нишон диҳад. Дар ҳоле, ки барои исботи ин ақидаи худ на аз оятҳои қуръониву аҳодис, балки аз ақволи файласуфон истифода намудааст. Масалан, далоили ақлиеро дар дармони тарс аз марг меоварад: «ин тарс дармон намешавад, магар бо исботи ин ки марг интиқол ба он чи барои нафс аслаҳ аст».

2) Тағйири рафтори тадриҷӣ - Розӣ барномаи саломатӣ ва равону боздошти нафс аз ҳавою ҳавас амри тадриҷӣ дониста, се марҳиларо дар боздошти нафс аз ҳавас ёдовар мешавад:

а) манъи умури шаҳвонии инсон ва тарки бархе аз ҳавову ҳавасе, ки аз зарурат ва авлавият бархӯрдоранд;

б) талош барои манъи бештар ба гунае, ки бо тамрин ба хулқ ва одат табдил гардидаанд;

в) ҳокимияти ақл бар ҳама фаъолият ва дурии комил аз ҳавову ҳавас. Ҳама он аъмоле, ки тадриҷӣ будани тағйири рафторро дар бархе аз фаъолияти ахлоқӣ, ки Розӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳад, метавон дарёфт намуд.

3) Таваҷҷӯҳ ба тафоввути фардӣ - ҷиҳатгирии саломатӣ дар низоми ахлоқӣ бо таваҷҷӯҳ ба тафоввути фардию осебпазирӣ ва дармони осебҳои устувор. Ин аст, ки Розӣ дар баъзе қисматҳои ин асар зикр месозад: «ин табоъи одамӣ дар мақоми боздошти ҳаво аз ҳайси осонӣ ва душворию ахлоқ маротиб вуҷуд дорад». Аҳамияти ин мавзӯъро дар афкори Форобӣ метавон ба хубӣ мушоҳида кард.

4) Таъриф ва табйин - орои таъриф аз осебҳои ахлоқӣ ва табйин (ошкорсозӣ) пайдоиши онҳо яке аз нукоти «Тибби рӯҳонӣ» аст. Бояд гуфт, ки албатта ин амр дар хусуси ҳама мабоҳису мафоҳими ин асар дуруст нест, зеро таърифҳои амалиётию ошкорсозии равоншиносӣ аст. Таърифи мафҳумҳое чун лаззат, тафовути лаззати ҳақиқӣ аз лаззатпазирӣ, уҷб, хайру шарр, ҳасад ва хусусиятҳои он, таърифи дуруғ ба ахбор, ва оё он хақиқате доранд ё не, на амри изтирорӣ ва на матлаби бузург. Таърифи бухл низ ба амсок (нигоҳдории нафс) бидуни ғарз намунае аз таърифи мафҳумҳои «Тибби рӯҳонӣ» аст. Таҳлили ҳасад ба иҷтимоъ,бухлушаръ ваин ки ҳасад холӣ аз ҳуби нафс аст, сабаби сабқатҷӯӣ аст. Сабаби сабқатҷӯйӣ ин аст, ки фард аз дидани сабқати дигарон ва масбуқ будани хеш, ҳасад мекунад. Ва ё таҳлили ғам ба тасвири фақидони маҳбуб низ намунае аз бахшҳои равоншиносӣ дар осебҳои ахлоқӣ аст.

5) Таваҷҷуҳ ба пешгирӣ ва дармон - нигоҳдории саломатӣ дар низоми ахлоқӣ сабаби таваҷҷуҳи пешгирӣ ва дармони осебҳои ахлоқӣ мешавад. Ин аст, ки Розӣ бахше аз ин осебҳороба ҳарду ишора намуда, роҳҳои пешгирии ин бемориҳоро ҷӯё мешавад.

Бо вуҷуди он ки таҳлили Розӣ дар ин мавзӯъ доираи фарогирияш маҳдуд аст,

вале наметавон нақши ӯро нодида гирифт. Агар аз як ҷониб ниёз ва талаботи ҷомеа дар чунин вазъият қарор дошта бошад,аз сӯи дигар зуҳури фарҳангҳои гуногун дар ҳоли рушт буд ва ахлоқпажуҳӣ баробари дигар бахшҳо ба таври умумӣ омӯхта мешуд. Омӯзиши як тарафа дар чунин шароит наметавонист ҷавобгӯи арзишҳои ҳамарофарогиранда дар ҳама давру замон бошад. Таҳлилу баррасии масоили ахлоқии Розӣ низ наметавонад ифодагари низомҳои фарҳангҳои умумӣ монанди масеҳӣ, ислом, юнон, эрон ва ғайра.

### Адабиёт


1. Абу Бакр-ар-Рази. Избранные трактаты. (Пер. с арабс. и комм. М.Диноршоева и Т.Мардони. Вст. ст. М.Диноршоева). - Душанбе, 2006.
2. Маҳмадҷонова М. Ғояи «камол» дар афкори иҷтимоӣ-ахлоқии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ/Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИҶТ.2016. №3. С.43-48.
3. Шарипов А. Аҳамияти таълимоти Абубакри Розӣ барои илм (Тухми дониш кошту маъруф гашт)//Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИҶТ.2016. №3. С.48-52.


## НЕКОТОРЫЕ ЭТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ В «ДУХОВНОЙ МЕДИЦИНЕ» РАЗИ


**Шамсов М.С., Каримова Н.Ф.**



В статье авторы рассматривают этическое проблемы – нравственные принципы, правила поведения, правила приема пищи и ношения одежды, добропорядочность, благородство, проанализированные в «Духовной медицине» Мухаммада Закария Рази. В статье воззрения и представления автора объясненны очень ярко и красочно. Автор исходя из положений «Духовной медицины доступно раскрывает философию бытия и этику Рази. Бытие человека зиждется на трех принципах: разум, душа и наслаждение. Поэтому, подчеркивает автор статьи, человек посредством своего разума контролирует свою душу, наслаждаясь добрыми ценностями человечества.



***Ключевые слова:*** Философия, медицина, химия, знание, наука, математика, астрономия, метафизика, богословие, профилактика болезней, операция рака, пророчество, материя, время, место, субстанция, акциденция, этика, практическая философия.


## SOME ETHICAL ISSUES IN “SPIRITUAL MEDICINE” OF MUHAMMAD ZAKARIYA RAZI


**Shamsov M. S., Karimova N.**



In the article the author considers ethical problems – moral principles, rules of behavior, rules of eating and wearing clothes, integrity, nobility analyzed in the "Spiritual medicine" of Muhammad Zakariya Razi. In the article the author's views and ideas are explained very clearly and figuratively. The author based on the provisions of "Spiritual medicine is available reveals the philosophy of life and ethics Razi. Human existence is based on three principles: mind, soul and pleasure. Therefore, the author of the article emphasizes, a person controls his soul through his mind, enjoying the good values of mankind.



**Keywords:** Philosophy, medicine, chemistry, knowledge, science, mathematics, astronomy, metaphysics, theology, prevention.


About the author:

# МЕСТО И РОЛЬ АГЕНТОВ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СОЦИАЛИЗАЦИИ В ПРЕДОТВРАЩЕНИИ РАДИКАЛИЗАЦИИ МОЛОДЕЖИ И РАСПРОСТРАНЕНИИ ЭКСТРЕМИЗМА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Мирзоев Н. М.**, соискатель ИФПП АН РТ

*В статье рассматривается вопрос о связи «пороков» социализации с радикализацией таджикской молодежи. Автор выдвигает тезис о необходимости более широкого использования категорий феноменологической и интеракционистской социологии в изучении явлений радикализма и экстремизма. Также проводится анализ потенциала различных агентов политической социализации по предотвращению негативной трансформации сознания и поведения молодежи Республики Таджикистан и возможные меры государственной поддержки социально-позитивной деятельности этих агентов.*

***Ключевые слова:*** *политическая социализация, радикализм, экстремизм, молодежь, семья, армия, средства массовой информации, агент социализации.*

За годы государственного суверенитета и независимости РТ сформированы эффективно действующие органы государственной власти и разработаны меры по предотвращению распространения экстремизма различного вида среди населения республики.

Однако остаются трудности в социализации подрастающего поколения, усвоении им исторического наследия таджикского народа, сохранении культурного и мировоззренческого потенциала и самобытности, усвоении достижений мировой культуры.

Для профилактики радикализма, успешному противостояния ему, важнейшее значение имеет научно обоснованное, систематическое, профессиональное воздействие на различных агентов социализации, то есть на те институты и личности, которые оказывают влияние на формирующуюся личность, предлагают ей определенный набор ценностей, взглядов и мотивов поведения.

Для анализа процесса большое значение имеет то, что социализация происходит в конкретном социальном пространстве, которое, хотя и основывается на конкретном физическом пространстве, далеко не сводится к нему. Большими аналитическими перспективами в этом плане имеет категория «жизненного мира», позволяющая «очеловечить», наделить социальным и личностным смыслом категории физического пространства и применить их в конкретном социальном контексте.

Для научного анализа социализации имеет большое значение системный подход, позволяющий рассматривать ее как процесс адаптации и самоорганизации двух открытых сложных систем, - личности и социума. Этот процесс происходит как раскрытие потенциала, как личности, так и общества, в отношении друг друга. Через социум личность включает себя и во все многообразие мироздания, постепенно расширяя свой жизненный мир, за счет все более глобальных и сложных процессов и структур, их адаптации и освоения через призму уже имеющегося жизненного опыта. Все, что не включено индивидом в собственные внутри личностные структуры и не стало их содержанием, что не входит в его жизненный мир, остается за границами его личности и не оказывает на него какого-либо воздействия. В процессе социализации происходит превращение пространства жизненного мира из потенциальной возможности в личностную реальность, включение в него различных объектов, имеющих определенный личностный смысл и устанавливающий связи между объектами физического и личностного пространства.

Социализация личности охватывает не всю полноту общественной жизни, а лишь определенный ее срез. То, на сколько этот срез обширен и многообразен, является показателем успешности и глубины процесса социализации. Одной из гипотез нашего исследования выступает положение о том, что узость охватываемого со-

циализацией конкретной личности среза многообразной социальной действительности является одной из причин, способствующих усвоению человеком радикальных и экстремистских взглядов.

Социализация является процессом формирования и самоорганизации внутри личностных структур. Для успешности социализации принципиально важным становится то, чтобы все структуры личности и их содержание были взаимосогласованными и представляли собой определенную целостность. Разрыв этой целостности приводит к внутри личностному конфликту, напряженности. Усвоение радикальных идей и стереотипов поведения как раз и способствуют снятию этой напряженности, но не общепринятым, цивилизованным способом, а именно тем путем, который наиболее доступен для личности с ограниченным жизненным миром. Способы преодоления указанного конфликта формируются не самой личностью, а предлагаются ей социальными элитами, как носителями определенных мыслительных и деятельностных «эталонов»[1].

Успешность социализации во многом предопределяется тем, кто именно оказывает воздействие на конкретную личность, с кем она находится во взаимодействии, кто предлагает ей определенную систему ценностей, знаний о действительности и образцы поведения в различных ситуациях. Те социальные институты и группы, которые оказывают непосредственное воздействие на социализацию личности, называются ее агентами [2].

Для политической социализации важнейшими агентами выступают: семья, школа, политические и социальные элиты, средства массовой информации, армия, общественные и политические организации, территориальные общины. В условиях Республики Таджикистан большое значение имеют и религиозные организации, а также непосредственные группы верующих (джамоаты). В последние годы все большее значение в качестве агента политической социализации приобретает и социальная наука, в первую очередь, правоведение и политология, институциональные формы ее деятельности (академия наук, научно-исследовательские институты и центры, аналитические учреждения и организации и т.д.).

Не все из перечисленных институтов оказывают равное влияние на личность конкретного человека. Выделение ведущего института социализации на личностном уровне является важнейшей технологической задачей для управления социализацией. Для этого необходимо развитие соответствующих социологических и психологических служб, более активное внедрение социологических, психологических и педагогических исследований, охватывающих всех представителей соответствующих социальных групп, кардинальное реформирование индивидуальной работы педагогов и специалистов создаваемых социальных служб. Но, индивидуальную работу, никоим образом нельзя ограничивать только работой с детьми и молодежью. Опыт последних лет, связанный с вовлечением граждан Таджикистана в деятельность международных террористических организаций, показал важность такой работы и в отношении женщин, а также лиц старшего возраста. Необходимо отметить и то, что в последние годы заметно снизилась и активность социальной работы с джамоатами и в территориальных общинах. Многие из мероприятий, проводимых в них, являются достаточно формализованными и «для отчета», что заметно снижает их социализирующий эффект.

В современном Таджикистане недостаточное внимание уделяется такому агенту социализации, как политические и социальные элиты. Хотя, в целом, большинство государственных служащих республики и специалистов, лидеров мнения, религиозных деятелей, артистов и художников, проводят социально-конструктивную деятельность, обладают развитым профессиональным и политико-правовым сознанием, активно участвуют в общественно-политической жизни, любой негативный факт их некомпетентности, противоправного и аморального поведения, деформация профессионального сознания, имеет «кумулятивный» эффект, многократно увеличивающий социальный вред подобных действий. Необходимо понимать, что столкновение с подобными случаями приводит к тому, что место «значи-

мого другого», особенно для молодежи, вместо представителя социально-позитивной элитной группы, занимают представители «иной» идеологической доктрины или сторонники «иного» общественно-политического и государственного устройства. И это уже непосредственно является фактором, распространения политического радикализма и экстремистских взглядов.

Семья традиционно выступает социальной, идеологической и нравственной основой таджикского общества, силой, обеспечивающей его целостность и историческую преемственность, носительницей национального менталитета и национальной психологии. К сожалению, как опыт советской власти, так и тяжелые социальные и экономические условия первых лет государственной независимости республики, привели к изменению роли семьи в социализации, ее ослаблению. Нельзя сказать, что подобные негативные тенденции преодолены и в настоящее время. Необходимо четкое понимание того, что место семьи в социализации личности не может быть полностью замещено ни одним другим агентом социализации. При наличии определенных положительных моментов, советский опыт организации исключительно общественного воспитания, в целом, нужно признать негативным. Отказ от подобных подходов произошел еще при существовании Советского Союза. Однако полностью восстановить значение семьи и ее функции, пока не удается. Разрушение же семейных связей, ослабление эмоциональной привязанности человека к семье, психологическая отчужденность личности от родственников, является одним из важнейших факторов, способствующих тому, что личность начинает искать такие привязанности в других социальных группах. Экстремистские и радикальные группировки, зачастую, как раз и предоставляют человеку определенные суррогаты психологической близости, сочувствия и признания, которые выступают важнейшими инструментами рекрутированные новых их сторонников.

Все большее значение среди агентов социализации в Республике Таджикистан приобретает система политико-правового и социального образования и воспитания, осуществляемая, как органами образования, так и специализированными органами по работе с детьми и молодежью. К сожалению, надо признать, что отраслевая разобщенность, отсутствие единого общественного центра организации и осуществления такой работы, заметно негативно сказывается на ее эффективности. Существенной проблемой выступает и отсутствие достаточного числа кадров в системе учреждений по работе с детьми и молодежью. Также требует и изменение самого подхода к такой деятельности. Она должна охватывать не столько детей и молодежь, но и все общество, в целом. В связи с этим необходимо говорить о создании в Таджикистане системы социальных служб различного профиля, а не только служб социального обеспечения и поддержки групп населения с особыми потребностями. Как положительный опыт в формировании у подрастающего поколения гражданских качеств следует отметить введение специализированных обществоведческих курсов в школьную программу и издание соответствующих учебников [3 С.137-149].

Необходима активизация и социализирующей деятельности политических партий и общественных объединений. Пока такая деятельность, хоть и недостаточная по своему объему, проводится лишь правящей партией. Все остальные политические субъекты от нее отстранились.

Радио, телевидение, в последнее время и Интернет оказывают существенное воздействие на индивидуальные и надындивидуальные ценности, установки, стереотипы и нормы поведения. Они становятся в информационном обществе важными средствами социализации и, как следствие, объектом острой политической борьбы.

Всегда большую роль в процессе социализации молодежи играла армия. Весьма многогранной и в целом плодотворной была деятельность различных военно-спортивных и военно-патриотических организаций, в которую в той или иной степени были вовлечены миллионы людей. Армия обязана играть определенную роль в воспитании чувства патриотизма, преданности своей Родине. Актуальным для республики является и активизация работы по военно-патриотическому

воспитанию, вовлечению в нее все более широкого круга общественных организаций. Продолжающееся реформирование таджикской армии, преодоление негативных явлений в организации несения службы и во взаимоотношениях военнослужащих, в организации мобилизационной и призывной работы, обращение к героическому прошлому страны, образам выдающихся полководцев-таджиков (Спитамен, Исмоил Сомони, Деваштидж, Махмуд Тороби, Восе и многие другие), многочисленным примерам беспредельного мужества защитников Отечества — все это обладает значительным положительным социализирующим эффектом [4]. Он также связан и с тем, что именно благодаря действиям таджикской армии и новых правоохранительных органов было прекращено гражданское противостояние в стране, именно они находятся на «передовой» в борьбе с бандитизмом и поддерживают мирную жизнь Таджикистана. Их боевой опыт, - это не просто некие, оторванные от жизни факты, а конкретные действия конкретных людей в конкретных обстоятельствах.

В настоящее время идет напряженный поиск оптимальной модели взаимоотношения между государством и религиозными объединениями. Останавливаться на советской модели взаимоотношения государства и церкви нет необходимости. В большинстве же стран Европы всеми способами стараются поддержать историческое вероисповедание граждан, хорошо понимая зависимость между традиционной религией и государственностью, четко осознавая, что от духовного единства в немалой степени зависит и сила государства [5. С. 54-78.] .

Умелое использование политической символики придает эмоциональный накал восприятию политических знаний, постижению исторических свершений, пробуждает в гражданах чувство гордости за свое Отечество, информационную открытость в обществе. Недостаток достоверной информации ведет к отчуждению власти от общества и не способствует формированию гражданских качеств личности. Одной из основных задач в этом направлении является диалог власти, гражданского общества и средств массовой информации. К сожалению, СМИ больше внимания уделяют подчас отрицательным явлениям (неудачи лидеров, скандалы и т.д.), что формирует негативное отношение к политике и политикам, вызывает нездоровый скептицизм, нигилизм. Трудно рассчитывать на реальные успехи в формировании чувства гражданского долга и ответственности без повышения требовательности к уровню культуры.

**Литература**

1.Абелинскайте В.Э. Влияние политической элиты на трансформации государственных институтов современной России //Автореф…канд.полит.наук. - М., 2016

2.Касаткин П.И., Силантьева М.В. Антропологический аспект глобальных моделей образования: поиски и решения //Порлис. Политические исследования. - 2017. - №6. - С.137-149.

3. Рукинов В.А. Социализация безопасности и политической безопасности в современной России //Автореф...доктора полит.наук. - Спб., 2010

4. Семененко И. С., Лапкин В. В., Бардин А. Л., Пантин В. И. Между государством и нацией: дилеммы политики идентичности на постсоветском пространстве // Полис. политические исследования.- 2017.- № 5.- С. 54-78.

5. Мухаммад А.Н. Политология. - Душанбе: Ирфон, 2018

## МАҚОМ ВА НАҚШИ АГЕНТҲОИ ТАШАККУЛИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ТУНДГАРОИИ ҶАВОНОН ВА ТАВСЕАИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Мирзоев Н. М.**

Дар мақола сабабҳои тундгароии ҷавонон тоҷик баррасӣ мегардад. Муаллиф ақидаеро оид ба зарурати нисбатан комили истифодаи категорияҳои феноменологӣ ва интераксионистии иҷтимоиёт дар омӯзиши зухуроти тундгароӣ ва экстремизм пешниҳод менамояд. Ҳамчунин таълими захираи агентҳои гуногуни ташаккули сиёсӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани тафаккури манфӣ ва ахлоқу одоби ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тадбирҳои имконпазири давлатии фаъолияти

иҷтимоии мусбат чунин агентҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

***Калидвожаҳо***: ташаккули сиёсӣ, тундгароӣ, экстремизм, ҷавонон, оила, артиш, ВАУ, агенти ташаккулёбӣ.

**THE PLACE AND ROLE OF POLITICAL SOCIALIZATION AGENTS IN PREVENTING RADICALIZATION OF YOUTH AND SPREAD OF EXTREMISM IN THE CURRENT CONTEXT**

**Mirzoev N. M.**

It is considered some questions about the connection of "vices" of socialization with radicalization of Tajik youth. The author puts forward a thesis about the neediness wider use of categories of phenomenological and interactionist sociology in the study of radicalism and extremism. The potential of various political agents of socialization to prevent negative transformation of consciousness and behavior of young people of the Republic of Tajikistan and possible measures of state support of social and positive activities of these agents are also analyzed.

***Keywords:*** political socialization, radicalism, extremism, youth, family, army, mass media, socialization agent

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

# ТАЪСИРИ АНДЕШАҲОИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ БА РУШДИ ФАЛСАФАИ КАЛОМ

**Қаландаров М. И**. - ассистенти ДМТ
**Туйчиева М. Ҳ. -** ассистенти Консерваторияи миллии Тоҷикистон

*Дар мақолаи мазкур бештар он масъалаҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки нақш ва мақоми Фахриддини Розиро дар рушди каломи фалсафӣ нишон медиҳад. Мероси Фахриддини Розӣ аҳамияти бузуги илмӣ дорад, зеро он мавқеъ ва таъсири шоистае дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва динии на танҳо форсизабонон, балки дигар мардуми минтақаи мусалмонӣ дорад. Таълифоти ин мутафаккир то ба имрӯз ҳамчун намунаи афкори илмӣ - фалсафӣ ва динӣ-теологӣ хидмат мекунад. Вале бо вуҷуди ин маъруфият, бисёр масоили мероси ӯ, махсусан андешаҳои фалсафии ӯ, «Тафсири кабир» ҳанӯз ҳам ба ҳадди зурурӣ коркард нашудаанд.*

*Аз ин нуқтаи назар, ҳангоми пажӯҳиши воқеъбинонаи илмии эҷодиёти Фахри Розӣ, ба вижа, мероси фалсафӣ-теологии ӯ ба хулосае метавон расид, ки ин мерос бояд бар алайҳи исломи тундрави муосир қарор гирад. Моҳияти ратсионализми ӯ, ки ба хурофот ва кӯҳнапарастии динӣ мухолиф буд, ошкор гардида, арзиши усули хирадгароёнаи ӯ дар маърифати олам ва дин нишон дода шудааст. Фахриддини Розӣ аз ҷумлаи аввалин намояндагони калом аст, ки на фақат ба тарғиби масъалаҳои каломӣ пардохтааст, балки мутафаккирест, ки баробари тарғиби илмҳои гуногун ба кашфиётҳои онҳо низ таваҷҷуҳи зиёд додааст. Муҳокимаҳои фалсафии Фахри Розӣ дар бораи дин тавре баён шудаанд, ки принсипи интерсубъективиеро дар тадқиқотҳояш ворид месозад ва бегонашавии илоҳиётшиносии фалсафиро ҳамчун ғояи сирф динӣ боқӣ мегузорад. Маълум аст, ки ҳадафи асосии Ф. Розӣ табдил додани калом ба илми фалсафӣ - назариявӣ буда, он корерро, ки М. Ғаззолӣ оғоз карда буд, Ф. Розӣ онро анҷом дод. Дар рисола исботу тасдиқи ҳамин нуқтаи назар ба таври асоснок оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *калом, фалсафа, дин, тафсир, шарҳ, ақл, усул, нақл, райъ, мантиқ, истидлол, равиш, холиқ, махлуқ.*

Фахриддини Розӣ яке аз мутакаллимон, муфассирон, фақеҳон, мантиқдонон ва файласуфони қарни 12-13 м. мебошад, ки дар таърихи улуми нақлию ақлӣ таъсири бузурге расондааст. [5, 345]. Доир ба мавқею мақоми мутафаккир дар ташаккули каломи фалсафӣ баҳсу мунозираҳои зиёде мавҷуд аст. Гурӯҳи аввал бар он ақидаанд, ки гӯё каломи фалсафии Ф. Розӣ дар ин ҷода маҳдуд аст ва ӯ натавонистааст як равияи босуботеро ташкил бидиҳад. Аммо гурӯҳи дигар бар он ақидаанд, ки нақши Ф. Розӣ дар таҳаввули калому фалсафа ва мантиқ хело бузург аст, ҳатто ӯро пас аз Арастуву Форобӣ дар мантиқ ба муаллими сеюм донистаанд. Ф. Розӣ илми каломро дар назди падараш Зиёуддин Умар, сипас Камолуддини Симнонӣ ва Маҷдуддини Ҷелӣ гирифта, баъдан дар ин самт пайравӣ аз Имому-л-ҳарамайн Ҷувайнӣ ва Ғаззолӣ намудааст. Дар фалсафа бошад, аз Муҳаммад Закарёи Розӣ, Форобию Ибни Сино ва дар табииёт ҷонибдорӣ аз Абӯлбаракоти Бағдодии муътазилӣ пайравӣ намудааст [7, 335]. Дар натиҷаи омезиши ин афкор ва назарияҳо кӯшиш намуд, онҳоро бо ҳам омезиш дода, дар ташаккули каломи фалсафӣ таҳаввулоти бузургро ба вуҷуд оварад. Ибни Халдун марҳалаи охирини ташаккули илми калом ва фалсафаро (аз М. Ғаззолӣ то ба Ф. Розӣ) ҳамчун марҳалаи таваҷҷуҳи ҷиддии мутакаллимон ба мантиқу фалсафа ном мебарад ва Фахриддини Розиро омезишдиҳандаи калом бо фалсафа медонад [9, 16].

Ф. Розӣ баробари илми калом дар улуми дигар низ хело чирадаст буд, ин мавқеи ӯро Деххудо чунин баён менамояд: «ӯ ҳамчун фуҳули ҳукамо (донов а барҷаста), фалосифа ва уламои шофеия аст, ки ҷомеъу-л-улум»-и ақлию нақлиро ба вуҷуд овард ва дар таърихи илми калом, мантиқ, фиқҳ, усул, тафсир, ҳикмат, улуми адаб ва риёзӣ ягонаи асри худ гардид» [4, Ҷ. 37, 78]. Ҳамин мавқеи мутафак-

кир дар улуми давр буд, ки китобҳои таълифнамудааш ҳанӯз аз замони худаш мавриди омӯзиш қарор гирифта буданд. Масалан, Фахриддини Ғеллонӣ дар Самарқанд доир ба калому фалсафа ва мантиқ аз китобҳои «Мабоҳису-л-машриқия», «Ал-Муҳасил» ва «Ал-Анорот»-и Розӣ ба шогирдонаш дарс медодааст.

Агар чӣ Розӣ дар аввал аз мактаби ашъария ҳимоят дошт, вале дар охир ба хулосае омад, ки таълимоти ин мактаб барои мардуми омма аст. Зеро он фарогирандаи ҳақиқат набуда, аз он танҳо ҳақиқате барои оромиши дил ҳосил мешавад. Бо вуҷуди он ки Ф. Розӣ дар масъалаҳои фурӯи динӣ тобеи Шофеӣ ва дар усул тобеӣ Абӯлҳасани Ашъарӣ буд, ҳатто бо ин ду тоқат накарда, ӯро (Ашъариро) гумроҳӣ туҳмат ва интиқод кард, чуноне ӯ мегӯяд: «Ашъарӣ марди ҷоҳил ва мискин буд, ки ҳамеша дар мазҳаби ҷоҳилият саргардон мондааст» [2, 165].

Ин гуфтаҳои Розӣ баёнгари он мебошанд, ки ӯ нисбати тафаккури догматикӣ ва дар доираи як таълимот амал карданро сахт маҳкум намуда, пайваста касро ба тафаккуру андеша водор месозад. Афкори Ф. Розӣ дар тафовут ба дигар мутакаллимони қаблӣ ба он фарқ менамояд, ки ӯ кӯшиш намудааст на ба нақл, балки ба ақлу райъ ва мантиқу фалсафа бештар такя намояд. Такя намудани Ф. Розӣ ба улуми ақлӣ сабаб дошт, зеро ташаккулёбии равияву ҷараёнҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ ва мазҳабӣ то он ҳадде расида буд, ки бидуни донистани улуми ақлӣ, бахусус фалсафаву мантиқ посух ба онҳо номумкин буд. Ин муносибат боиси он гардид, ки мутакаллимон, аз Ф. Розӣ сар карда, пурра рӯ ба мантиқу фалсафа, ҳамчунин ба калом ҷанбаи фалсафӣ бахшидан, шурӯъ намуданд. Розӣ то ҳадде дар рушди каломи фалсафӣ таъсир гузошт, ки нисбати осори мутакаллимон бештар ба осори файласуфон таваҷҷӯҳ менамуд.

Дар марҳилаи аввали фаъолияти худ Ф. Розӣ зери ақоиди мутакаллимон қарор дошт ва ба радди ақоиди файласуфон сайъ намуд, аммо минбаъд дар натиҷаи омӯзиши осори файласуфон ба хулосае омад, ки каломро ҷанбаи фалсафӣ бахшад ва масоили онро дар асоси далоили мантиқӣ-фалсафӣ баррасӣ намояд, ки дар ин ҷода муваффақ ҳам гардид.

Ф. Розӣ фалсафаи каломро то андозае поягузорӣ намуд, ки пас аз ӯ омӯзишҳои динӣ бо забони фалсафию мантиқӣ баён шуданд. Ин нақши ӯро И. Халдун чунин баён менамояд: «Пас аз Имом Фахри Розӣ, мавзӯъҳои ин ду илмро то ҳадде ба ҳам даромехт, ки тафовут миёни ин ду номумкин гардид [1, Ҷ. 2, 192-193].

Маълум мешавад, ки ин се марҳалаи аз якдигар фарқкунанда дар таърихи илми калом қобили ташхис аст. Давраи аввал, марҳилаи воридшавии муқаддамоти ақлӣ дониста мешавад. Далоилу афкор ва назариёт низ вобастаи онҳо гардида, баъзе аз ин муқаддамот, монанди исботи ҷавҳари фард ва холо бо масоили онҳо вобаста мегардад. Дар ин давра мутакаллимон ҳанӯз таваҷҷуҳи ҷиддие ба фанни мантиқ намедоданд, ҳатто омӯхтани ӯро маъсияту гуноҳ медонистанд. Марҳилаи дуввум, муносибати ҷиддии мутакаллимон ба мантиқу фалсафа аст, ки мутакаллимони ин давра аз мантиқ ба унвони як абзор барои омӯзиши бурҳонҳо истифода мекарданд. Ҳатто бо истифода аз долоили фалсафию мантиқӣ ба радди орои мутакаллимони қаблӣ мепардохтанд. Ба қавли Ибни Халдун Ғаззолӣ ва Фахри Розӣ чеҳраҳои асосии ин давра буда, мантиқи арастуиро ба пояи тамоми улуми динӣ бурда расониданд. Агар аз як ҷониб Розӣ аз шеваҳои Боқилонӣ, Ҷувайнӣ ва Ғаззолӣ истифода бурда бошад, аз ҷониби дигар таъсири афкори мутакаллимони муътазилаю файласуфон низ дар баёни муҳокимаҳояш хело хуб мушоҳида мешавад. Маҳз чунин муносибат тавонист ӯро дар каломи исломӣ ба ҳайси як инқилобгари фикрӣ дар суннати ақлонии ислом шуҳратёр созад. Қайд кардан ба маврид аст, агар чӣ илми калом пас аз Боқилониву Ҷувайнӣ бо кушиши Ғаззолӣ ба марҳалаи наве расонида шуд ва ӯ асари «Мақосиду-л-фалосифа»-ро таълиф намуд, аммо баъдтар дар радди ақоиди файласуфон асари «Таҳофуту-л-фалосифа»-ро таълиф намуда, дар асоси бист масъала ба таври шадид онҳоро зери интиқод қарор дод. Розӣ низ монанди Ғаззолӣ дар аввал асарҳое монанди «Шарҳу-л-ишорот», «Накду-л-фалосифа вал мутакаллимин» ва ғайра навишт. Вале баъдтар

ба ҷонибдории файласуфон баромада, асараҳои «Мабоҳису-л-машриқия», «Лубобу-л-ишорот», «Ал-Муҳассил», «Шарҳи уюну-л-ҳикам», «Ал-Маҳсул» ва ғайаро таълиф намуд ва ҳамфикрии худро бо фалсафа баён кард. Инкишофи фалсафаи калом қабл аз Розӣ аз давраи Имомулҳарамайн Ҷувайнӣ, сипас Ғаззолӣ ба тадриҷ беш аз беш ба фалсафа наздик шуд ва баъдтар дар «Ниҳояту-л-иқдом фи илми калом»-и Шаҳристонӣ ва дар «Ал-Маҳсул»-и Розӣ мавзӯъҳои каломӣ бо фалсафӣ омезиш ёфтанд. Ин аст, ки муҳаққиқон нақши Розиро дар ташаккули каломи фалсафаи ислом дар муқоиса бо Ғаззолӣ бузургтарин устоди ин мактаб хонда, ӯро ҳамчун поягузори мактаби ҷадиди каломи ақлонӣ ҳисобиданд ва «пас аз Арастуву Фороби «муаллими сеюм» [12, 192] ном бурданд.

Нақши Розӣ дар ташаккули калом нисбат ба Ғаззолӣ ин аст, ки ӯ фалсафаро ба хубу бад ҷудо накард, баръакс, кӯшиш намуд, тамоми масоили каломиро бо фалсафа ва фалсафаро бо калом омезиш диҳад. Ҳамин буд, ки ӯ дар шарҳи «Уюну-л-ҳикам» равиши арастуиро бештар ба орои афлотунӣ ва афлотуниро бо арастуӣ омезиш дод. Ин аст, ки марҳалаи ниҳоии шаклгирии илми каломро ба фалсафа Ибни Халдун аз асри Ғаззолӣ то Фахри Розӣ давраи таваҷҷуҳи ҷиддии мутакаллимон ба мантиқ ва фалсафа ном мебарад ва Розиро ба унвони шахсе, ки тавонист калому фалсафаро ба ҳам омезиш диҳад, ном мебарад [1, Ҷ-2, 193]. Бо вуҷуди он ки Розӣ чандин китобҳои фалсафӣ навиштааст, наметавон ӯро пурра файласуф ва ё мутакаллими том ном бурд. Ҷое, ки ӯ ба унвони файласуф сухан мегӯяд, бештар дар мақоми рад аст ва он ҷо ки ба унвони мутакаллим сухан мегӯяд, дар мақоми исбот аст. Аз ин хотир, метавон ӯро ба ҳайси як мутакаллими файласуфмашраб ном бурд.

Ин муносибати Розӣ баёнгари он аст, ки ӯ вижагиҳои як файласуф ва як мутакаллимро дар худ доро мебошад. Дар воқеъ, Ф. Розӣ тавонист, каломро дар равиши фалсафӣ поягузорӣ намояд ва омӯзишҳои диниро ба забони фалсафӣ-мантиқӣ омезиш диҳад. Таҳлилу баррасиҳои каломи ашъарӣ нақши Розиро дар таҳаввули илми калом аз ибтидо то ҷанбаи фалсафӣ касб намудани он ба хубӣ маълум гардонид ва дар ҳар бахше аз улум баёни мақоми волои ӯро дар каломи ақлонӣ ва ҷанбаи фалсафӣ касб намудани он (фиқҳу калом) ошкор сохт.

Бо вуҷуди он ки М. Ғаззолӣ мантиқи арастуиро асоси тамоми улуми динӣ номид, аммо аз фалсафаи арастуӣ шидидан интиқод кард ва инкори фалсафаи ӯро вазифаи мутакаллимон донист. Бархилофи андешаи Ғаззолӣ Ф. Розӣ дар асоси ақоид ва назариёти мутакаллимон, илоҳиётдонон ва файласуфон «Тафсир кабир»-ро таълиф намуда, ҳамрадифи тафсироти маъмулӣ ба муҳокимаи масъалаҳое, монанди офариниши олам, ҳодис ва қидамии он, масоили каломи илоҳӣ, фалсафаю мантиқ ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир кард. Ӯ сидқан ба қудрат ва имконияtҳои хирад дар таълимоти динӣ эътимод дошт.

Хидмати Ф. Розӣ дар ташаккули каломи фалсафӣ бузург аст: ӯ тавонист нуктаҳои муҳими каломи мотуридия, ашъария ва муътазилияро бо ҳам омезиш диҳад ва дар муттаҳид кардани онҳо гомҳои устуворе ниҳад. Маврид ба зикр аст, ки ҳарчанд ӯ дар ҷустуҷӯи ҳақиқат талош меварзид, аммо шаккок набуд, олиму мутакаллиме буд, ки ҳамеша дар пайи омӯзишу кашфи ҳақиқат буд. Бархилофи мутаккалимони қаблӣ метавон ӯро ҳамчун маорифпарвару озодандеш ва ратсионалист дар каломи исломӣ эътироф намуд.

Омӯзиши осори мутафаккир касро ба хулосае меорад, ки ӯ, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои зерин ҷалб шуда:

- муайян кардани хусусиятҳои тафсири ақлонии Қуръон аз ҷониби ӯ;
- баёну таҳлили назарияи ақлонии Ф.Розӣ нисбат ба аҳкоми динӣ, нишон додани хусусиятҳои ақлонии тафсири ӯ ва он навовариҳое, ки ӯ анҷом додааст;
- табдил додани калом ба фалсафаи динӣ;
- нишон додани синкретизми каломи ӯ ва баланд бардоштани мақому таъсири он ба улуми динӣ;
- нишон додани муносибати Фахри Розӣ ба илм ва фалсафа;
- коркарди тавсияҳо роҷеъ ба истифодаи таълимоти Розӣ бар алайҳи ифротгароӣ ва исломи тундрав [10, с-6].

**Адабиёт**
1. Абдӯраҳмон бини Халдун. Мутарҷим. Муҳаммад Парвин Гундободӣ. Муқаддимаи Ибни Халдун / А. б. Халдун.-Теҳрон: Тирмиз, 1390. Ҷ. -440 с.
2. Алӣ Асари Ҳалабӣ. Торихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони Ислом / А. А. Ҳалабӣ.- Теҳрон: Асотир, 1373.- 373 с.
3. Деҳхудо. Луғатнома / Деҳхудо.- Теҳрон: Хуршед, 1341. Ҷ. 37. -780 с.
4. Дуктур Эҳсон Аббосӣ. Вафиёт-ул-аъён ва анбоъу-з-замон / Дуктур Эҳсон Аббосӣ.- Бейрут: Дору-л-кутубу-л-илмия, Ҷ. 4. –248 с.
5. Қаландаров М. И. Андешаҳои фалсафии Фахриддини Розӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2015. №1/8. - 300 с.
6. Қаландаров М. И. Ҳаёт ва фаъолияти Фахриддини Розӣ / М. И. Қаландаров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. №1/4. 342 - с.
7. Қаландаров М.И. Назарияҳои иҷтимоии Ф. Розӣ / М. И. Қаландаров. Маҷмӯи мақолаҳои конфронси ҷумҳуриявӣ оид ба «Нақши фалсафа дар баррасии масоили мубрами замони муосир». – Душанбе, 2018. -206 с.
8. Қаландаров М.И. Назарияҳои сиёсӣ-иҷтимоии Фахридини Розӣ / М. И. Қаландаров. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ. Душанбе, 2018. -361 с.
9. Қаландаров М.И. Философско-теологическое учение Фахриддина Рази (Дисс.) / М. И. Қаландаров.- Душанбе: 2018. -154 с.
10. Қаландаров М.И. Философско-теологическое учение Фахриддина Рази (Автореф.) / М. И. Қаландаров.- Душанбе, 2018.- 48 с.
11. Куръони карим. -Душанбе: ЭР-граф, 2011.-640 с.
12. Сайид Ҳусайни Наср. Суннати ақлонии ислом дар Эрон / С. Ҳ. Наср.
-Теҳрон: Машҳад, 1383.-560 с.

## ВЛИЯНИЕ ФАХРИДДИНА РАЗИ НА РАЗВИТИЕ ФИЛОСОФИИ КАЛАМА

**Каландаров М. И., Туйчиева М. Х.**

Наследие Фахриддина Рази представляет большой научный интерес, связанный с влиянием творчества мыслителя на духовную, культурную и религиозную жизнь персоязычных и других народов региона. Его работы до сих пор служат образцом научно-философской и религиозно-теологической мысли. Но, несмотря на эту известность, сущность его рационального комментария Корана - «Тафсири кабир» (Большой комментарий), всё ещё остается не достаточно исследованной. Фахриддин Рази занимал умеренную позицию по многим дискуссионным вопросам религии и философии, что не учитывают современные радикальные направления ислама. По сути, его взгляды направлены против экстремизма и радикализации ислама.

Показан его рационализм, зачастую противоречащий религиозному консерватизму и суеверию, обоснованию ценностей умственных способов в познании мира и религии. Рази относится к числу первых каламистов, которые не только занимались вопросами его популяризации, но и исследованием математических, биологических и других наук, попытались заложить научную основу для теории совместимости науки и религии. Рази свои философские рассуждения относительно религии излагает на том уровне, где становится возможным введение в своих исследованиях принципа интерсубъективности, в котором отчужденность философского богопознания остаётся как чисто религиозная идея. Известно, что Фахриддин Рази развивал калам с целью превращения его в теоретическую, философскую науку, которую начал ещё Газзали.

***Ключевые слова:*** калам, философия, религия, комментарий, метод, предание, обилие, логика, доказательство, ход, творец.

## THE INFLUENCE OF FAHRIDDIN RAZI ON DEVELOPMENT OF THE KALAM PHILOSOPHY

**Kalandarov M. I. Tuychieva M. H.**

The heritage of Fahriddin Razi is of great scientific interest related to the influence of the creative work of the thinker on the spiritual, cultural and religious life of Persian-speaking and other peoples of the Muslim region. His works still serve as a model of

scientific and philosophical and religious - theological thought. But, despite this fame and influence, many questions of his heritage, in particular his theological and philosophical views, the essence of his rational commentary of the Quran - “Tafsiri kabir” (Great comment), are still not studied sufficiently. In addition, it is known that Fakhriddin Razi held a moderate position on many controversial issues of religion and philosophy, which does not take into account the modern radical trends of Islam. In fact, his views are directed against extremism and the radicalization of Islam.

His rationalism is shown, often contradicting religious conservatism and superstition, the justification of the values of mental means in the knowledge of the world and religion. Razi is one of the first kalamists who not only dealt with its popularization with the propaganda of kalam, but also with the study of mathematical, biological and other sciences, tried to lay the scientific foundation for the theory of compatibility of science and religion. Razi sets out his philosophical arguments about religion on the level where it becomes possible to introduce in his studies the principle of intersubjectivity, in which the alienation of philosophical knowledge of God remains as a purely religious idea. It is known that Fakhriddin Razi developed the Kalam with the aim of turning it into a theoretical, philosophical science, which Ghazali began.

Keywords: Kalam, philosophy, religion, commentary, method, according to legend, abundance, logic, proof, move, creator, co-creator.

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

# ИБН МУКАФФА' И ЕГО МИРОВОЗЗРЕНИЕ

**Беков К.** – к.ф.н., ИИПСАЕ АН РТ

*В статье даются краткие, но яркие эпизоды духовных, религиозных и нравственных исканий Ибн Мукаффа'. Первоначально Рузбех исповедал зороастризм, затем принял ислам. Однако есть немало свидетельств, что он довольно критически относился к исламу. Его современники, фанатики ислама обвиняли его в зиндикизме, в симпатии к манихейству. Ибн Мукаффа' обладал здравым умом и ко всему, что встречалось на его пути относился критически и высмеивал, иронизировал все, что не соответствовало логике жизни, здравого рассудка. При этом он был высоконравственным, верным в дружбе человеком. Он стремился к утверждению таких принципов, как настоящая нерушимая дружба между людьми, стремление к мирной жизни, верность, сердечность и любовь.*

***Ключевые слова:*** *Ибн Мукаффа', Рузбех, Зороастризм, Ислам, Ибн Раванди, Додавайх.*

Философские идеи таджикского народа на протяжении всей истории оказали положительное влияние на философские взгляды других народов. Мы имеем в виду творчество двух славных представителей арены борьбы философских идей – Ибн Мукаффа' и Ибни Раванди, чья роль в истории свободомысливых взглядов и культуры народов Востока, в особенности иранцев и арабов, весьма примечательна и значима даже по сей день. Если заслуга Ибн Мукаффа' заключается в сохранении лучших литературно-философских источников на пехлеви и посредством них совершение интеллектуальной революции в духовном мире человека, то Ибн Раванди впервые в исламском мире изучил религиозное мировоззрение сквозь призму разума и поднял знамя свободомыслия. Это свободомыслие возникло на исторической арене во времена Возрождения Европы и, как показали современные исследователи, получало духовную пищу именно из этих идейных процессов Востока.

Перед тем, как приступить к рассуждению относительно философских взглядов и мировоззренческого свободомыслия этих двух выдающихся представителей культуры нашего народа, следует кратко остановиться на особенностях их времени и социальных тенденциях общества этой эпохи. Период жизни, общественно-политической и творческой деятельности Ибни Мукаффа' и Ибни Раванди приходится на время, когда в исламском мире закладывались оссновы различных религиозных и созреванию политических течений. Особенно наращивание шуубитского движения способствовало появлению политических взглядов VIII-IX века. Одним из заслуживающих внимания аспектов деятельности шуубии было то, что сторонники этого движения поднимали на основе предписаний ислама вопросы истинного равенства всех народов, правомочие других народов. С другой стороны, само исламское учение, вызывая многочисленные споры, становилось причиной многих разногласий и недоразумений.

В результате ссор и противодействий династий Омейядов и Аббасидов на завоеванных ими землях Ирана и Средней Азии нарастали народные движения. За кулисами политическиих выступлений скрывались вопросы экономической, культурной и языковой независимости. С другой стороны, борьба против исламской религии получила свое развитие именно в начале эпохи Аббасидов на землях Аджама.

Как свидетельствует история, движение шуубии и его представители значительно ослабили устои исламского учения, противостояние философских и религиозных учений завершалось порой полным крахом последних. В исламском халифате семена свободомыслия вырастали в зеленое дерево и уже приносили свои плоды. Безусловно, все эти движения не были одинаковы, однако важно то, что для самопознания иранских народов в Согде, Хорасане, Хорезме, Фергане и во всем Иране возникли важные предпосылки. В

начале VII века шуубиты развернули свою пропаганду достаточно широко и создали множество произведений, направленных против арабов и ислама. Деятельность наиболее известных из них была рассмотрена нами в предыдущих главах. Это были поэты, писавшие на арабском языке и достигшие в арабской литературе высоких ступеней совершенства, однако особое место в их творчестве занимали патриотические чувства, свободолюбивые идеи и народно-демократические элементы. Ибн Мукаффа' и Ибн Раванди подобно ярким звездам в мире человеческой нравственности оставили в наследство поколениям лучи свободомыслия, просветительские идеи предков.

Академик Б.Гафуров в одном из своих сочинений отметил имя Ибни Мукаффа' в числе гениев Востока, наряду с Сибавейхом, Мухаммадом ал-Бухараи, Муслимом ал-Кушайри, ат-Тирмизи, Абудовудом ас-Сиджистани, ал-Фергани, ал-Хорезми, ал-Истахри, Ибни Кутайба ад-Динавари, а также великими учеными Абуали ибн Сина, Абурайхан Бируни и Фараби, подчеркнув при этом, что они, независимо от принадлежности к тому или иному народу, имеют отношение ко всей человеческой цивилизации. Помещение Б.Гафуровым Ибн Мукаффа' в число выдающихся ученых неслучайно. Поскольку, по свидетельству исторических источников, весьма значительна заслуга этого ученого VII века в основании культуры, особенно в сочетании философских идей иранских народов с исламским миром, философско-дидактическими традициями наших предков, а также Греции и Индии. Достаточно одного лишь упоминания о таком выдающемся и ценном его произведении как «Калила и Димна», дошедшем до нас именно благодаря усердию и самоотверженности Ибн Мукаффа', чтобы вписать его имя в истории науки и культуры золотыми буквами. Однако, неизвестно в силу каких обстоятельств такая самоотверженность этого правдолюбивого человека и поистине героической личности до сих пор не отмечена по заслугам[9,с.3-8].

Кроме нескольких маленьких статей в энциклопедиях, летописях и ссылках в исследовательских произведениях нет ничего, что дало бы широким кругам таджикских читателей возможность глубже ознакомиться с его произведениями, философскими взглядами, свободолюбивыми идейми, мыслями о жизни, морально-этическиеи воззрениями и т.д.. Более того, следует упомянуть, что Ибн Мукаффа' был также одним из великих общественных личностей, и наследие этого славного человека оставило ощутимыйслед в цивилизованном мире. Он стремился к утверждению таких принципов как настоящая нерушимая дружба между людьми, стремление к мирной жизни, верность, сердечность и любовь. Сведения источников относительно его жизни и творчества весьма кратки и разрозненны. Поиски сведений об отдельных этапах его жизни довольно затруднительны для исследователей.

Жизнь Ибн Мукаффа', которого звали по-персидски Рузбех, а по-арабски Абдулла, можно разделить на два этапа: первый – омейяидский период, протяженностью 25 лет - является временем обучения и научных поисков, второй – аббасидский период, продолжился 10 лет, и это был период творчества и созидания. За это время он создал свои интеллектуальные произведения, оставившие значимый след в мировой культуре.

Рузбех родился в 1106 году хиджри (724 году) в селении Джур на юге Ирана. Это селение ныне называется Фирузабадом. Его отец, Додавайх, был сборщиком поземельной подати. Его назначил Хадджадж, и он же в Басре избил его за неуплату этой подати так, что у него парализовало руку. Поэтому его назвали «Мукаффаъ» - засохший, и сына его назвали также. Когда Рузбех принял ислам, стал называться по-арабски Абдуллах Мухаммад. Рузбех вырос в Персии. У него были наклонности к изучению персидской культуры, он был последователем зороастризма. Позже он перебрался в Басру, где изучил арабский язык, разные науки и литературу. В развитии его духовности сыграли роль два фактора: первый – это знание персидской, греческой и индийской культур, а второй – глубокие познания арабского языка. И все это Рузбех принял при помощи мыслительных и языковых средств [6,с.161-165].

Некоторое время Мукаффа' провел на службе омейядского халифа Марвана

ибн Мухаммада и жил в Кирмане. Позже, когда он стал иметь дело с учеными и чиновниками аббасидского государства, появилась необходимость определить свое будущее. Эта необходимость заключалась в его отношении к религии ислама. Мукаффа’ принял ислам. В книгах по истории повествуют, что однажды после принятия ислама он шел по тесному переулку и неожиданно какой-то ребенок стал громко читать этот аят: «Алам нацъалу-л-арза миҳодан ва-ал-ҷибола…» - («Разве мы землю не создали для вас ложем для сна…»). Мукаффа’ остановился и дослушал суру до конца. Потом он подумал: «На самом деле это не похоже на человеческую речь» [8]. Потом он пошел к Исе ибн Али и сказал: «Ислам проник в мое сердце. Хочу стать мусульманином по твоему свидетельству». Исо ответил: «Для этого дела необходимо, чтобы присутствовали старейшины и народ. Если хочешь стать мусульманином, завтра соберем всех».

Рузбех в тот же вечер принес для Исы ужин и сел с ним за трапезу. Во время еды он напевал по привычке и традиции огнепоклонников. Иса сказал ему: «Хочешь стать мусульманином и напеваешь?» Мукаффа’ ответил: «Не хочу ни дня провести без религии». Когда он стал мусульманином, его назначили секретарем Исы. Несмотря на все духовные и материальные связи и отношения Рузбеха с представителями аббасидского государства, он питал истинную веру в это государство и в свою новую религию. Его склонности были направлены к своему народу – персам и потому в своей личной и научной жизни он отыскивал немало насмешек и иронии в адрес арабов, государственных чиновников и религии ислама. К примеру, в письме с извинениями от лица родственников халифа Мансура он пишет следующее: «Когда эмир всех верующих предал своего дядю Абдуллаха ибн Али, его жены получили талак, скот был конфискован, слуги были освобождены. Мусульмане имеют право выбрать вместо него нового халифа». Мансур в своем ответном письме написал: «Разве ему не достаточно одного человека?». При этом присутствовал Суфьян ибн Муавия ибн Язид ибн Мулаххаб. Он давно питал ненависть к Рузбеху, потому что последний всегда высмеивал Суфьяна. У Суфьяна был большой нос и при встрече Рузбех с ним здоровался следующим образом: «Здравия вам двоим» (то есть «тебе и твоему носу»). В результате Суфьян добивается у халифа разрешения на его убийство, и согласно преданию, убивает его в своем доме. Согласно другому преданию, Рузбеха бросили в яму и завалили камнями. Согласно третьему, его убили в раскаленной бане. А согласно четвертой версии, Рузбеха расчленили и по кусочкам бросали в печь, где пылал огонь и при этом приговаривали: «Клянусь матерью, убьем тебя так, как никого другого не убивали. Эй, потомок зиндика, еще задолго до адского огня ты сгоришь в пламени этого мира» [11,с.14]. Следует отметить, что именно последнее предание более близко к истине.

Нравственный облик Мукаффа’ изображен в истории различными красками. Взгляды современников и предшествующих поколений относительно этого ученого противоречивы. Большинство считают его автором «Калилы и Димны». Другие считают, что Рузбех один из величайших представителей человеческой цивилизации, который сыграл значимую роль в арабской прозе. В своих арабских сочинениях он обладал особым стилем и манерой выражения. В мире совершенства и поэтики он был блестящим мастером, его творчество является результатом проницательности и незаурядного ума. Третьи придерживаются мнения, что Рузбех является одним из переводчиков, чьи сочинения, в дополнение к бесценным его переводам, имели огромное значение и влияние на политическую и социальную жизнь того времени.

Действительно, Рузбех был истинным представителем эпохи, которая воплощала в образе одного человека множество противоречий. Рузбех был совершенным и свободным от уз голосом шуубитов. Он был голосом и возгласом всех ветвей древней доисламской культуры. Он был персидским, аристократическим и эклектическим образом в социальной жизни и научной деятельности. Его истинный образ состоял из того, что он был мудрецом, философом, политиком считался ос-

нователем художественной прозы в арабской литературе.

Личные качества Рузбеха также образцовы, как и его личность. Согласно историкам прошлого, Рузбех был выдающейся и яркой личностью. Его индивидуальными качествами признали ум, прозорливость, подвижность, молниеносную импровизацию, прекрасную внешность и красноречивость. Его характеру были присущи такие черты как подвижность, жизнелюбие, склонности к озорству и остротам, и в то же время отзывчивость, сострадание, многие добродетели и мудрость. Его всесторонние знания и культура были научными и практическими, поскольку говорят, что «Наука без практики подобна бесплодному дереву». Он гордился историей персов, величием и могуществом этого народа и считал духовным наслаждением беседы и диспуты на эту тему. В философии его ум и речь были заняты логическими сопоставлениями категорий древнеперсидской и греческой философии. Он насыщал свою душу и сердце сладкими плодами индийской мудрости.

Читая книги по философии, истории, литературе, Рузбех старался воплотить в себе лучшие и самые благородные общечеловеческие качества. Он претворял в жизнь результаты своих поисков. Известный историк ал-Асма'и повествует, что когда у Ибн Мукаффа' спросили: «Кто научил тебя воспитанности и дал образование?» Он ответил: «Я сам научился». Также рассказывают, что после убийства Марвана, последний халиф династии Омейядов Абдулхамид ибн Яхья бежал и скрылся в доме Рузбеха, с которым он дружил, и когда люди халифа пришли и спросили: «Где Абдулхамид?» Рузбех и Абдулхамид вместе в один голос отозвались: «Это я!» [4,с.47].

Рузбех был преданным человеком, очень мягкосердечным, сладкоречивым и вежливым. Он ненавидел всякого рода зло, не выносил грубости и хамства, не терпел высокомерия. В жизни был щедрым и великодушным человеком. Только по отношению к арабам в силу своих шуубитских принципов он не переставал отпускать остроты и шутки, но делал это весьма тонко и тактично. Политический выбор Рузбеха не совпадал с его мировоззрением. Он занимал позицию в зависимости от складывавшихся обстоятельств. К примеру, он был очевидцем таких социально-исторических событий как падение династии Омейядов, жестокость и насилие пришедшей ей на смену династии Аббасидов, диктат арабов над другими народами и героическое сопротивление этих народов арабским захватчикам. Рузбех занимал антиарабскую позицию, хотя делал вид, что стоит на стороне династии Аббасидов, тогда как в душе он не был с ними. Он поддерживвал политику алавидов (сторонников Али), но разделял интересы персов. Показывая себя другом Аббасидов, он сторонился их зла, и не хотел быть причастным к их деспотичной политике. Он старался сделать для своего народа то, что ему было под силу. Своими сочинениями и переводами он хотел возродить политику и историю своего народа. Он знал недостатки социальной системы своего времени. Призывал к их исправлению. Для осуществления своих идей он избрал систему государственности персов. В возрождении и исправлении наследия своего народа он проявил удивительное мастерство. То есть внешне он показывал свою приверженность аббасидам и арабам, на самом деле таким образом претворял в жизнь свои персидские цели [7,с.145-148].

Относительно религиозной принадлежности Рузбеха до сих пор между учеными идут споры. Одни из них убеждены в том, что Рузбех был истинным мусульманином и принял ислам всей душой и плотью. Другие придерживаются мнения, что Рузбех был зиндиком и остался им до конца жизни.

Однако мнение современного арабского ученого Ханна ал-Фахури более близко к истине. Он утверждает: «Рузбех принадлежит к числу тех людей, которые смотрят на религию с позиций чистого разума. Такие люди бывают в замешательстве в этом вопросе и переживают сильное волнение. Более того, следует учесть, что Рузбех принадлежал к религии Мони и находил утешение в его учении. Потом, как свидеетельствует история, он принял ислам. Однако его мусульманство было не в силу его принципов, а лишь компромиссом с ситуацией и со временем. В книгах «ал-Агани» и «Вафайят ал-а'йян» приве-

дены сведения о его принадлежности к зиндикам. С другой стороны, глава «Барзавайх» книги «Калила и Димна» свидетельствует о религиозных взглядах его автора. Во всяком случае, произведения Рузбеха далеки от божественных идей небесных книг. Его взгляды на природу и человеческое совершенство нашли отражение в его трудах» [10,с.15-19].

Относительно принадлежности Ибн Мукаффа' к зиндикам есть сведения в древнейшей книге по истории - произведении Джахиза, где приводится, что «Ибн Мукаффа', Мутеъ ибн Ийас и Яхья ибн Зияд были обвинены в отрицании новой религии». Ибн Халликан отмечает, что как-будто халиф Махди ягобысказал: «Я не встречал иного писателя-зиндика, кроме Ибн Мукаффа'» [5,с.211]. Махди, аббасидский халиф также говорил, что «никогда не видел такой книги зиндика, чтобы она не была плодом творения Ибн Мукаффа'».

По мнению Ахмада Амина, существующая между Рузбехом и Суфьяном вражда стала подспорьем для различного рода рассказов и суждений. Зиндикство Рузбеха проявилось в том, что он, проходя мимо зороастрийского храма якобы сказал (по содержанию стихотворения Ахвас): «О, храм огнепоклонников, отдаленный от тебя человек также сердцем соединен с тобою. Я клянусь тобой, что несмотря на все преграды в душе, я почитаю тебя» [2,с.223].

Несколько позже такие ученые как Бакиллани и Кази Аяз обвинили его в противоречии к Корану. «Рузбех, - утверждал Ахмад Амин, - большую часть своей жизни и внутренне и внешне провел как зороастриец. Только в конце, когда его назначили на должность секретаря Исы ибн Али, он принял ислам. Он прожил немного после принятия мусульманства. Перед тем, как он принял ислам, о нем не злословили. Все, что случилось с ним, произошло после того, как он стал мусульманином. Наиболее правдоподобной причиной его казни, на наш взгляд, является факт личной неприязни к нему Суфьяна ибн Муовии и якобы посещение им зороастрийского храма. Однако, слухиотносительно его зиндикства явно преувеличены» [3,с.224].

Дело дошло до того, что Абутаммам в «Диван ал-хамаса» приводит два бейта Ибн Мукаффа', а Саълаб отмечает, что в последнем бейте упоминаются религиозные взгляды Рузбеха и подчеркивает то, что «добро смешано со злом, а зло с добром». Между тем, в том бейте невозможно найти ничего подобного.

Хотя Рузбех прожил короткую жизнь (всего 36 лет), достаточно ощутимо его влияние на все средневековые гуманистические, философские, дидактические и иные воззрения персов и арабов, на идеи справедливости и добродетельности, на социальное и политическое наследие исламского мира. Насмешки Рузбеха относительно исламских обычаев, набожности некоторых исторических личностей, впоследствие превратились в привлекательную сатиру утонченных поэтов и ученых. Вызывает интерес тот факт, что за свою короткую жизнь Рузбех сумел соединить культурное, историческое и философское наследие наших предков с будущими поколениями, и это наследие сохранилось до наших дней как передовые идеи таджиков и других фарсиязычных народов. Когда «Калила и Димна» с арабских экземпляров Рузбеха была переведена на таджикский язык, каждый моггордиться тем, что именно те разделы, где Рузбех при переводе внес дополнения из других философских источников (к примеру, идея главы «Барзавайх») обусловили его двойную славу. Более того, именно посредством «Калилы и Димны» и обрамлении его в поэтические рамки классиком таджикской литературы Рудаки стало возможным соединение классической персидско-таджикской литературы, с одной стороны, с мудростью и наставлениями, а с другой стороны с свободомыслием и оптимизмом, критикой набожности и отражением великих социально-политических сражений различных времен и эпох.

Ибн Мукаффа', будучи одним из первостепенных арабоязычных риторов и ораторов, также сочинял стихи. По этому поводу Ибн ан-Надим пишет: «Его язык очень выразителен и меток, он – великий поэт и писатель». Этот иранский ученый муж перевел с пехлеви на арабский язык несколько книг, в частности, «Устав», «Книгу о Боге», «Маздак», «О жизни

Анушервана», «Калилу и Димну», «ад-Дуррат ал-ятима фи тоати-л-мулук», «ал-Адаб-ул-кабир» и «ал-Адаб ас-сагир» и др.

**Литература:**

1. Аббас Джахангари. Ибн Муқаффа'. Тегеран, Издательство «Медресе», 1383 (2004)
2. Амин, Ахмад. Заря ислама, т.1.-С.223.
3. Амин, Ахмад. Заря ислама, т.1.-С.224.
4. Бадави, Абдуррахман. Из истории атеизма в исламе. Бейрут, 1980.-С.47.
5. Ибн Халликан. Жизнеописания великих людей. т.1. Каир, 1376х. (1957г.) -С.211.
6. Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи наҳзатҳои фикрии эрониён аз Зардушт то Розӣ. Теҳрон, 1977.-С.161-165. – Рафи', Абдурафи' История рационалистических движений иранцев от Зороастра до Рази. Тегеран, 1977. – с.161-165.
7. Рафеъ, Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи эронӣ. Теҳрон. 1372.-С.145-148. – Рафи', Абдурафи' Хакикат. История науки и философии Ирана. 1372 (1993). – С.145-148.
8. Современные исследователи убеждены в том, что этот рассказ вымышленный и выдуманный.
9. Страницы из истории свободомыслия. Подготовили К.Беков и М.Миррахимов. Душанбе, «Дониш», 1986.-С.3-8.
10. Ханна ал-Фахури. Ибн ал-Мукаффа'. Каир, 1957.-С.15-19.
11. Ханна ал-Фохури. Ибн Ал-Мукаффа'. Каир, 1957.-С.14.

## ИБНИ МУҚАФФАЪ ВА ҶАҲОНБИНИИ Ӯ

**Беков К.**

Дар ин мақола қиссаҳои маънавӣ, динӣ ва ахлоқии ҳаҷман хурд, вале хеле барҷастаи Ибни Муқаффаъ оварда шудаанд. Дар аввал Рӯзбеҳ пайрави дини зардуштӣ буд ва баъдан исломро қабул намуд. Бо вуҷуди ин, баъзе сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки вай исломро таҳти танқиди сахт қарор дода буд. Ҳамасрони вай, ифротиёни исломӣ ӯро бо рағбату таваҷҷӯҳ доштан ба монигарӣ ва зиндиқия айбдор мекарданд. Ибни Муқаффаъ ақли солим дошт ва тамоми чизе, ки аз пешаш мебаромад, онро танқид ва мазоҳ мекард. Ҳамаи он чизеро, ки ба мантиқи ҳаёт ва хиради солим рост намеомад, тамасхур менамуд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, вай шахси некхӯ ва дӯсти бовафо буд. Вай кӯшиш мекард, ки шартҳои дӯстии ҳақикии ва устувори байни одамон, майлу рағбат ба ҳаёти осуда, вафодорӣ ва муҳаббатро содиқона исбот намояд.

***Калидожаҳо:*** Ибни Муқаффаъ, Рӯзбеҳ, Зардуштия, Ислом, Ибни Ровандӣ, Додавайҳ.

## IBN MUKAFFA AND HIS WORLDVIEW

**Bekov K.**

The article provides brief vivid episodes of spiritual, religious and moral quest of Ibni Mukaffa'. Initially Ruzbeh confessed more to Zoroastrianism, then converted to Islam. However, there isn't enough evidence that he was rather critical of Islam. His contemporary fanatics of Islam accused him of *zindikizm*, sympathy of *manihey*. Ibni Mukaffa' possessed a sound mind, and everything that met on his critical and ridiculed way ironically everything that did not correspond to the logic of life in common sense. At the same time he was a highly moral, loyal and friendship person. He sought to assert such principles as true, indestructible friendship between people, the desire for a peaceful life, loyalty, cordiality and love.

**Key words:** Ibn Mukaffa ', Ruzbeh, Zoroastrianism, Islam, Ibn Ravandi, Dodawayh.

# АҚИДАҲОИ ФАЛСАФИИ А. ФОРОБӢ ОИД БА НАҚШИ ИНСОН ДАР ТАШАККУЛИ ҶОМЕА

**Қорихонов С. -** муаллими кафедраи фарҳангшиносии ДДХ

*Дар мақолаи мазкур масъалаи инсон, моҳияти аслӣ ва шинохти ӯ ҳамчун ҷузъи фаъоли ҷомеа, аз тарафи дигар шинохти нақши инсон дар ташаккули ҷомеа бар асоси таълимоти ахлоқиву фалсафии яке аз мутафаккирони шинохтаи асри 9-10 Абӯнасри Форобӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифи рисола бар он кӯшидааст, ки мафҳумҳои марказии таълимоти фалсафии Форобиро дар мавриди шинохти мақоми инсон дар ҷомеа чун мафҳумҳои саодат, шаҳр, давлат, инсон, иродаи озод, ақли фаъол, ҷомеаи идеалӣ (мадинаи фозила) ҷомеаи ҷоҳила ва ғ. омӯхта, дар ин раванд хусусиятҳои афкори фалсафии ӯро муайян намояд. Чунин бармеояд, ки Форобӣ мақоми воқеии инсонро дар «ҷомеаи фозила»-и худ тасвир намуда, роҳи расидан ба саодатро, ки асоси ҳастии инсониро ташкил медиҳад, муайян месозад ва бар замми ин, аз монеаҳое, ки дар ин роҳ ба вуҷуд меояд, ҳушдор медиҳад.*

***Калидвожаҳо***: *Форобӣ, мутафаккир, афкори фалсафӣ, инсон, саодат, ҷомеаи идеалӣ, мадинаи фозила, мадинаи ҷоҳила.*

Мутафаккири номвари асрҳои IX – X Абӯнаср ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Узлаб ибни Тархони Форобӣ аз зумраи он нобиғагони таърихи инсоният аст, ки бо осори гаронмояаш дар раванди ташаккули афкори фалсафии башарият нақши назаррас дорад. Ӯ, ки ҳудуди солҳои 870-873 дар шаҳристони Васич, мансуб ба Фороб (ҳудуди имрӯзаи Қазоқистон) ба дунё омадаву тахминан дар байни солҳои 950-951 дар Димишқ вафот кардааст, тавонистааст, то дар арсаи улуми фалсафӣ ва ҳастишиносии шарқӣ бо осори худ такони ҷиддие ворид созад.

Омӯзиши зиндагӣ ва тадқиқи осори фалсафии Форобӣ то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ монанди А. Баҳоваддинов, М. Диноршоев, З. Диноршоева, Е. Э. Бертелс, А. В. Саъдиев, М. Хайруллоев, А. Қосимҷонов, А. Ҷоҳид, С. Сатибекова ва ғайра сурат гирифтааст. Илова бар ин, солҳои охир баъзе аз ҷанбаҳои андешаҳои файласуф ба монанди афкори зебоишиносӣ, масъалаи забон ва маданияти гуфтор, арзишҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, афкори педагогӣ аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ чун Э. А. Бегматов, К. А. Исхоқов, Ҳусейнов, Ж. Алтаев ва дигарон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Аммо ҷанбаҳои гуногуни осори ин файласуф боз ҳам омӯзиши амиқ ва таҳқиқи ҷиддиро тақозо дорад ва масоили зиёде аз навиштаҳои ӯ ҳанӯз барои аҳли таҳқиқ пурра равшан нест. Аз он ҷумла, масъалаи инсоншиносии Форобӣ, ки аз масоили меҳварӣ дар осори мутафаккир ба шумор меравад, аз нуқтаи назари муҳаққиқони форобишинос андаке дур мондааст ва ё ба таъбири дигар ин ҷанбаи осори файласуф ба таври мукаммал баррасӣ нагардидааст. Агарчи масъалаи мазкур дар таҳқиқотҳои олимоне чун А. А. Игнатенко, А. М. Ҷоҳид, А. Баҳоваддинов зимни баррасии афкори фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносии Форобӣ дар ҳаҷми мақолаҳо ва бахшҳои кӯтоҳ матраҳ ёфтааст [5, 39-45, 79-103; 6, 56-98]. Омӯзиши моҳияти инсон ва мавқеи он дар фалсафаи Форобӣ диққат ва таҳқиқи бештару амиқтареро тақозо дорад. Бинобар ин, дар навиштаи зерин кӯшиш ба харҷ додем, то масъалаи моҳияти инсон ва шинохти инсонро чун меҳвари асосии фалсафаи ҳастӣ дар ҷаҳони фикрии Абӯнасри Форобӣ таҳқиқ намоем.

Дар сарчашмаҳо зикр гардида, ки Форобӣ аз хурдсолӣ зеҳни даррок ва майли беандоза барои омӯхтан дошт. Ин фазилати мутафаккир боис гардидааст, ки баъдҳо ба марокизи илму тамаддун: Бухоро, Самарқанд, Бағдод, Димишқ,

Ҳалаб Миср, Исфаҳон, Рай, Ҳамадон ва ғ. сафар намояд ва улуми замони худро фаро гирад.

Форобӣ тамоми таълимоти файласуфони гузаштаро медонист ва ба муқобили догматизм ва схоластикаи асримиёнагӣ мубориза мебурд. Аз ин рӯ, афкори фалсафии ӯ диққати бисёр муҳаққиқон ва муаррихонро ба худ ҷалб кардааст. Абӯалӣ ибни Сино, Берунӣ, Ибни Рушд ва дигарон ба эҷодиёти ӯ эътибори зиёд доштанд ва ӯро ҳамчун устоди худ шинохтаанд.

Форобӣ таълимоти Афлотун ва Арастуро омӯхта, таҳлил, таҷзия ва такмил намуда, аз он хулосабарорӣ мекард. Осори ин файласуфон дар андешаву орои Форобӣ дар ҳар сурат нақши марказӣ доранд, аммо азбаски Форобӣ асарҳои Арастуро талхис кард ва ҳудуди улумро аз якдигар имтиёз дод, бад-ин ҷиҳат унвони «муаллими сонӣ»-ро гирифт.

Чунон ки маъхазҳо таъкид кардаанд, Сайфуддавла чун ихлосманди Форобӣ ба сифати ёрӣ ба ӯ маош таъйин карда буд. Вале Форобӣ аз он фақат чаҳор дирҳам, ки барои рӯзгузаронии ӯ кифоя буд, мегирифту халос. Мавқеи илмию адабии Форобӣ хело ҳам баланд буд, аҳли илм ба ӯ эҳтироми бузург доштанд бисёр олимони араб дар назди ӯ дарси маҳорат меомӯхтанд. Назар ба ахбори муаррихони асрҳои XI-XII дар худи Шом шогирдони Форобӣ қариб ба ҳазор нафар мерасид. Дере нагузашта овоза ва шӯҳрати вай дар саросари тамоми мамлакатҳои Шарқи Миёна ва Наздик паҳн мешавад. Ӯ агарчи ҳамчун «муаллими сонӣ» (пас аз Арасту- «муаллими аввал») шинохта шуда буд ва обрӯю этибори зиёд дошт, зиндагии басо одиёна ва фақиронаро интихоб карда буд ва ҳатто барои навиштан чароғе пайдо карда наметавонист. Дар ин бора муаррихи асри XII Ибни Халлиқон чунин менигорад: «Форобӣ дар яке аз боғҳои Димишқ посбонӣ мекард, ӯ бисёр ҳам камбағал буд, ҳатто чароғи посбониро ба кори худ сарф мекард» [7, 901].

Тавре ки аз нуктаҳои фавқуззикр бармеояд, масъалаи пайдоиши инсон ва моҳияти ҳастии он на танҳо дар таълимоти ахлоқии Форобӣ, балки дар зиндагии воқеии ин мутафаккир низ масъалаи меҳварӣ маҳсуб меёбад. Басо ҷолиби диққат аст, ки ин донишманд ҳанӯз дар асри миёна нахустин шуда масъалаи инсонро ба таври комил ба доираи таҳқиқоти фалсафӣ ворид кард ва татбиқи онро дар амалия нахуст аз худаш оғоз мекард. Форобӣ бар он буд, ки таҳқиқи олам ва инсон ҳамчун заминаи ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ дар ҷомеа хидмат хоҳад кард. Ин аст, ки мутафаккирони номваре чун Ибни Сино, Ибни Боҷа, Ибни Рушд ва дигарон ба таълимоти иҷтимоиву сиёсии Форобӣ истинод намуда, андешаҳои фалсафии худро иброз доштаанд [10, 89].

Зимни баррасии мавқеи инсон дар ҷаҳоншиносии Форобӣ ва дар ин замина муайян сохтани асоси ҳастии маънавии инсон ногузир омӯзиши масъалаи ахлоқ, яъне роҳи расидан ба мақсади асосии ҳастӣ пеш меояд ва ҳар ду дар як поя мавриди таҳлил қарор мегиранд. Форобӣ инсонро чун мавҷуди мураккаб мавриди омӯзиш қарор дода, онро аз рӯи меъёрҳои равониву ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва гурӯҳҳо тасниф мекунад. Инсон дар таълимоти фалсафии Форобӣ як ҷузъи ногусастании табиат ва олами ҳастиро ташкил медиҳад ва бо ақли худ аз мавҷудоти дигар имтиёз дорад. Мутафаккир бар хилофи афкори замони худ таъкид медорад, ки масъалаи некиву бадиро танҳо ақли инсон метавонад муайян намояд, бахту саодати одам бошад ба дониш ва кӯшишу ғайрати ӯ вобаста аст. Аз ин хотир, мутафаккир яке аз масъалаҳои асосии ахлоқро роҳи ба саодат расидан медонад. Дар таълимоти ахлоқии Форобӣ категорияи саодат на танҳо як мафҳуми марказист, балки бо умумияти худ аз категорияҳои дигар тафовут дорад, зеро категорияҳои некӣ ва бадӣ, шараф, номус, адолат, виҷдон ва ғ. аз ҷиҳати дараҷа ва моҳияти худ дар нисбати категорияи саодат муайян карда мешаванд. Форобӣ таъкид медорад, ки: «Ҳамаи он чизе, ки барои ба саодат расидан муфид аст, некист ва ҳамаи он чизе, ки барои саодатманд шудан монеъ мегардад, бадист» [1, 48]. Хушбахтӣ низ ба андешаи Форобӣ ду навъ мешавад: воқеӣ

ва хаёлӣ. Инсон хушбахтии воқеиро ҳамон вақт ноил шуда метавонад, ки рӯҳи ӯ оҳиста–оҳиста камол ёфта, нисбат ба материя бениёз мегардад ва бо ақли кул мепайвандад [2, 427]. Шарти зарурии ба даст овардани саодатро бошад, файласуф дар омӯхтани илм ва дониши назариявӣ мебинад. Ба ифодаи дигар, илм муқаддимаи саодат аст. Мутафаккир таъкид дорад, ки дониш бояд бо ахлоқ зинат дода шавад, зеро олими бадахлоқ шахси комил ба ҳисоб намеравад. Тавре ки маҳсули дарахт мева аст, саодат низ натиҷаи ахлоқи нек мебошад.

Нақш ва мақоми инсон дар олами ҳастӣ аз оғоз мавриди баҳс ва ихтилофи назари мутафаккирон будааст. Агар дар андешаи форсҳо ва юнониҳои қадим ин масъала дар асоси омӯзиши кайҳон ва олами ҳастӣ ба роҳ монда шавад, дар осори файласуфони асримиёнагӣ масъалаи мазкур тобиши динӣ пайдо мекунад. Яъне инсон офаридаи Худост ва дар олами ҳастӣ нақши меҳварӣ дорад. Ва осори А. Форобӣ ва мутафаккироне чун ал-Киндӣ, Ибни Сино, Ибни Рушдро низ метавон дар ин замина мавриди таҳқиқ қарор дод.

Бино ба ақидаи Л.В.Скворсов нақши воқеии инсон дар олами ҳастӣ бетағйир ва устувор аст. Инсон худ ихтиёр дорад, то ҳаёти худро тағйир диҳад [8, 93]. Сарчашмаи асосии ин гуна эҷодкорӣ ё созандагии инсон дар сиришти вай аст, ки шахсияти инсонро аз дигарон тамйиз медиҳад. Пас, маълум мегардад, ки инсон аз як тараф шахсият, аз ҷониби дигар бошад, як узви ногусастании ҷомеа мебошад. Ин мақоми инсон на баробари ба дунё омадан, балки дар натиҷаи фаъолияти бошууронаи ӯ дар ҷомеа ба вуҷуд меояд. Ба ибораи дигар инсон дар натиҷаи бархӯрдҳояш бо ҳодисоти олами ҳастӣ моҳияти будани худро дар олами ҳастӣ дарк мекунад.

Оё принсипи ягонае вуҷуд дорад, ки ҳамоҳангии моҳияти ҳастии инсон, ҷомеа ва коинотро дар ягонагӣ биомӯзад? Дар байни файласуфони пайрави Арасту нахустин шуда А. Форобӣ ба ҳалли ин матлаб пардохтааст. Андешаҳои фалсафии ин мутафаккир минбаъд барои шинохти моҳияти инсон ва ҳадафмандона роҳандозӣ намудани қувваи ӯ нақши бориз гузоштанд.

Нуқтаи меҳварӣ ва асосии ақидаҳои фалсафии Форобӣ дар ҷустуҷӯи ягонагии қонуниятҳои олами ҳастӣ ва зиндагонии инсон ҳамоно моҳияти ҳастии худи инсон аст. Тамоми унсурҳое, ки дар ин замина барои устувории мақоми инсон ба кор меоянд ҳамчун саодат ва рӯнамо шудани ҳақиқат дониста мешаванд. Дар ин росто тамоми унсурҳо ва амалиётҳое, ки дар заиф гардидан ва ё вайрон шудани қонуниятҳои он ба назар мерасанд, мавриди мазаммат қарор мегиранд.

Саволе ба миён меояд, ки Форобӣ ҳастии инсонро ҳамчун унсури табиӣ медонад ва ё иҷтимоӣ? Муҳаққиқоне, ки бо қонунҳои фалсафӣ ошноии комил доранд, хуб медонанд, ки ҳастии табиӣ ва иҷтимоӣ ҷузъи ҷудонашавандаи моҳияти ҳастии ҳар як инсон ба шумор меояд.

Ҳастии инсон ҳамчун асоси объективонаи ҳақиқати худшиносӣ гуногун ба назар мерасад. Принсипҳои ягонае, ки ин ихтилофро инъикос менамоянд, гоҳо ҳамдигарро истисно ва гоҳи дигар ба ҳам такя мекунанд.

Ҳамин тавр, Форобӣ алоқамандии инсон ва иҷтимоъро омӯхта, таълимоти фалсафии хешро манзур медорад. Дар раванди омӯзиши ҳаёти иҷтимоиву сиёсии инсон бошад мутафаккир ба хулосае меояд, ки инсон дар навбати худ мавҷуди сиёсӣ низ ҳаст ва дар сиришти худаш кӯшишу ғайрати табиӣ нисбат ба ҳамзистӣ бо одамони дигарро дорад.

Форобӣ муътақид аст, ки ҳар фард як ҷузъи ҷамъият ба ҳисоб меравад. Давлат бошад мавҷудияти ҳар фардро инъикос мекунад, зеро инсон худ бар сари худаш наметавонад зиндагонӣ ба сар бубарад.

Форобӣ дар ин раванд хуб дарк карда буд, ки асоси ҳама гуна ҳастии иҷтимоии инсон истеҳсол ва истифодаи моликият мебошад, ки инсонро ногузир аст. Мутафаккир дар рисолаҳои худ «ас-Сиёсат ал-маданийя» ва «Орои аҳли мадинат ал-фозила» принсипҳои ягонаи созандагиро дар асоси фарди нек, ки адолатро дар зиндагӣ маҳаки асосии

фаъолияти худ қарор додааст, пешбинӣ менамояд. Аз ин рӯ, метавон зикр кард, ки “Мадинату-л-фозила”-и Форобӣ на танҳо утопияи сотсиалӣ, балки қабл аз ҳама модели идеалии ҷамъияти инсонӣ мебошад, ки дар он одамон аз рӯи ҳамоҳангии фаъолияти ақлу таҷриба амал мекунанд. Дар ин ҷамъияти пешбиникардаи файласуф ҳамаи сохторҳо дар заминаи хирад, тарбия ва ахлоқи ҳамида барпо гардидаанд.

Форобӣ дар афкори фалсафии хеш инсонро ҳамчун фард асоси ҷомеа дониста, стратегияи сиёсии худро дар заминаи урфу одатҳои мардуми Шарқи наздик ва миёна ба роҳ мондааст.

Руҷӯъ кардани файласуф ба афкори фалсафии Афлотун ва Арасту тавонист имкони онро ба миён оварад, ки Форобӣ таълимоти худро дар бораи ҳастии иҷтимоии инсон комилтар ва ҷолибтар пешниҳод намояд. Ақидаҳои Форобӣ дар ин росто бо таълимоти қуръонӣ, яъне ба ҳайси “уммат” шинохта шудани ҷомеаи инсонӣ низ мувофиқат дорад.

Форобӣ дар натиҷаи омӯзиши анъанаҳои фалсафаи бостонии Юнон инсонро ҳамчун мавҷуди “шаҳрвандӣ” муайян месозад. Зеро давлат аз нигоҳи ин гурӯҳи мутафаккирон ҳамчун инъикоскунандаи хоҳишҳои ҳар фард дар ҷомеа баррасӣ карда мешавад. Илова бар ин, дар ақидаҳои фалсафии Форобӣ низ мафҳуми “давлат” ва “ҷамъият” бо ҳам ҳаммаъно меоянд.

Форобӣ давлатро ба ҳайси инъикоскунандаи ҷомеаи нисбатан комили одамон медонад. Мафҳуми “шаҳр” бошад дар фалсафаи иҷтимоии ӯ на танҳо ҳудуди маъмурӣ, балки як шакли иттиҳодияи одамон аст, ки бо давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ мувофиқат дорад.

Файласуф иброз медорад, ки «шаҳр» - дараҷаи нисбатан боло дар ҷамъияти инсонҳо мебошад, ки ба ҷои тӯдаи “ҳайвонмонанд”-и шакли ҳаёт, замоне ки гурӯҳи одамон на аз рӯи робитаҳои иҷтимоӣ, балки бо тақозои табиат гирди ҳам ҷамъ мешуданд, ба вуҷуд омадааст [3, 137-138].

“Давлат” аз нигоҳи Форобӣ нисбатан дар дараҷаи поёнтар аз шаҳр қарор дорад. Он қодир аст, ки одамонро бо лавозимоти зиндагонӣ, чи аз лиҳози моддӣ ва чи маънавӣ таъмин намояд. Вале мадинату-л-фозила”-и файласуф шаҳри идеалиест, ки дар он кулли сокинон дар роҳи расидан ба саодат ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд [3, 196 – 197].

Дар консепсияи Форобӣ шаҳр на фақат ҳамчун тимсоли хаёлӣ ва ё идеалӣ барои ҳаёти босаодати мардум шинохта мешавад, балки лоиҳаи хирадмандонае аст, ки дар он ҳақиқати таърихӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам омадаанд.

Яке аз осори арзишманди Форобӣ ақидаҳои ӯ дар бораи шаҳрдорӣ ба шумор меравад. Файласуф шаҳрҳоро ба ду гурӯҳ, “мадинаи фозила”-шаҳри фозилон (накӯкорон) ва “мадинаи ҷоҳила” –шаҳри бадкирдорон ҷудо мекунад. Ин далели он аст, ки файласуф дар ҷамъияти феодалӣ дар бораи давлати идеалӣ ва хушбатии умум меандешид. «Мадинаи фозила»-и Форобӣ идеяи сохтори давлатест, ки дар он некӯкорӣ, адолат ва ҳақиқат, дӯстии байни одамон ҳадафи асосии ҳар як узви ҷомеаи он аст. «Мадинаи ҷоҳила» бошад баръакс, бо шаҳрвандони нокомил, ҷангҷӯ, истисморгар ва ғ. боиси парокандагӣ ва нобаробарии ҷомеаи инсонӣ дар рӯи замин мегардад. Сокинони ин кишвар ба ақидаи Форобӣ саодати ҳақиқиро намедонанд ва барои дарёфти он саъю талош ҳам намекунанд. Ин давлат боз дар навбати худ ба 6 навъ тақсим мешавад: а) мадинаи зарурӣ, б) мадинаи мубодила, в) мадинаи разолат ва бадбахтӣ, г) мадинаи ҳақпараст, ғ) мадинаи мансабпараст, д) мадинаи шаҳватпараст. Дар тамоми навъи мадинаи ҷоҳила хислатҳои гуногуни ахлоқи разилаи инсонӣ ба мушоҳида мерасад. Дар “мадинаи фозила”-и Форобӣ бино ба андешаи форобишинос С. Сатибекова дараҷаи волои ҳамзистиро мардуми дар таҷриба хирадманд ба вуҷуд меоранд [9, 75]. Ба ибораи дигар файласуфон ба шарофати таҷриба ва хиради хеш хушбахтии комилро он ҷо ба миён овардаанд. Зеро ба ақидаи Форобӣ танҳо файласуфон тамоми воситаҳои расидан ба саодат ва хушбахтиро

медонанд ва мардумро дар ин раванд роҳнамо бошанд. Аз ин рӯ, роҳбари “мадинаи фозила”-и Форобӣ низ файласуф дониста мешавад. Мафҳуми “файласуф” дар таълимоти Форобӣ тавонистааст тамоми хислатҳои роҳбари идеалиро таҷассум намояд.

Аз мушоҳидаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки:

1. Мақоми иҷтимоии инсон дар таълимоти Форобӣ ҳамоҳанг бо мақоми сиёсии ӯ шинохта мешавад. Форобӣ ҳанӯз дар ҷамъияти феодалӣ тарҳи сохтори демократӣ ва пойдории ҷомеаи шаҳрвандиро дар он манзур дошта, афкори гуманистии худро иброз дошта буд. Файласуф дар симои сарвари давлати ормонии худ шахси оқил, солим, соҳибфикр, ҳақиқатҷӯ, донишманд, ҷасур ва соҳибистеъдодро тасаввур мекард ва ин ҳама фазилатҳоро дар шахсияти файласуф медид. Аз ин хотир, чунин меандешид, ки файласуф саодатмандии ҷомеаро таъмин карда метавонад. Ин андешаи Форобӣ шоҳиди он аст, ки мутафаккир тибқи мафкураи замони худ ҷонибдори ҳокими фарҳангсолор ва адолатпарвар буд.

2. Форобӣ дар афкори фалсафии хеш инсонро ҳамчун фард асоси ҷомеа дониста, стратегияи сиёсии худро дар заминаи урфу одатҳои мардуми Шарқи наздик ва миёна ба роҳ мондааст. Руҷӯъ кардани файласуф ба афкори фалсафии Афлотун ва Арасту тавонист имкони онро ба миён оварад, ки Форобӣ таълимоти худро дар бораи ҳастии иҷтимоии инсон комилтар ва ҷолибтар пешниҳод намояд. Ақидаҳои Форобӣ дар ин росто бо таълимоти қуръонӣ, яъне ба ҳайси “уммат” шинохта шудани ҷомеаи инсонӣ низ мувофиқат дорад.

3. Дар ақидаи Форобӣ нисбат ба ҷомеаи идеалӣ таъсири афкори фалсафии Афлотун ба мушоҳида мерасад. Хусусияти фарқкунандаи қомеаи иделии Форобӣ дар он аст, ки ӯ сарвари ҷомеаро дар симои намояндаи табақаи муайян намебинад. Гузашта аз ин, сарварии давлат ба фикри Форобӣ набояд ба мерос дода шавад.

4. Ҳамин тавр, Форобӣ алоқамандии инсон ва иҷтимоъро омӯхта, таълимоти фалсафии хешро манзур медорад. Дар раванди омӯзиши ҳаёти иҷтимоиву сиёсии инсон бошад мутафаккир ба хулосае меояд, ки инсон дар навбати худ мавҷуди сиёсӣ низ ҳаст ва дар сиришти худаш кӯшишу ғайрати табиӣ нисбат ба ҳамзистӣ бо одамони дигарро дорад.

Форобӣ муътақид аст, ки ҳар фард як ҷузъи ҷамъият ба ҳисоб меравад. Давлат бошад мавҷудияти ҳар фардро инъикос мекунад, зеро инсон худ бар сари худаш наметавонад зиндагонӣ ба сар бубарад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *фиқҳ, калом, мактаби ҳанафӣ, сарчашмаҳои фиқҳӣ, масъалаҳои фиқҳӣ.*

Мазҳаби ҳанафӣ яке аз чаҳор мазҳаби тасаннун буда, асосгузори он Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит мебошад. Номи пурраи ӯ Нуъмон ибни Собит ибни Марзбони Кӯфӣ (669-767) буда, бино ба гуфтаи муҳаққиқон дар шаҳрии Куфа (ҳозира яке аз шаҳрҳои Ироқ) таваллуд ёфтааст. Аҷдодони Абуҳанифа аз диёри Форс будаанд ва дар аввали паҳншавии ислом аз Кобул ба Куфа сафар намудаанд:

«Дар ин бора шаҳодати набераи Имом - Исмоил ибни Ҳаммод ибни Нуъмон чунин аст: Чадди бобои ман Имоми Аъзам фарзанди Собит, Собит фарзанди Нуъмон, Нуъмон фарзанди Марзбон ва Марзбон аз аҳророни (асилзодагони) форс аст».[9.11]

Куфа шаҳре, ки дар он таваллуд ёфтааст дар он замон яке аз марказҳои илмӣ, сиёсӣ ва мадании замон ба ҳисоб мерафт. Ҳатто чанд муддат , махсусан дар давраи хилофати Алӣ ибни Абитолиб, тахминан дар солҳои 657-661 Куфа маркази хилофат гардид. Инчунин таърихи ин макон яке аз марказҳои тамаддунҳо ба ҳисоб мерафт. Дар ин сарзамин мактабҳои мухталифи фалсафӣ ва ақидавии эронӣ, юнонӣ ва инчунин динҳои зардуштӣ, яҳудӣ, насронӣ ва ислом паҳн гардида буданд. Албатта дар ин замина баҳсу ҷадалҳои пайравони мазҳабу оинҳои гуногун сурат мегирифт, ки ба тафаккур ва ҷаҳонбинии Абуҳанифа бетаъсир намемонд. Ин буд, ки Абуҳанифа ҳамчун мутакаллими асри худ шинохта шудааст:

«Аммо рағбати Имом Абуҳанифа саравваал ба маҷлисҳои каломӣ (илми усули ақоид) бештар буда, ӯ аллакай дар сини 20 солагӣ ҳамчун олими мутакаллим шуҳрат пайдо кард. Дар куҷое баҳси илмӣ буд ӯ бе муҳобо вориди ҷадал мешуд».[9.18]

Ҳамин тариқ, мактаби фиқҳии ҳанафӣ яке аз маъмултарин мактабҳои фиқҳии аҳли тасаннун аст, ки имрӯз дар дунё пайравони зиёд дорад. Мазҳаби ҳанафӣ ва асосҳои он ҳамчун мактаби фиқҳӣ-ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби худи Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит таъсис гардида бошад ҳам, вале баъдтар аз ҷониби шогирдонаш ба як низоми муайян даровварда шуд. Шогирдони вай Абу Юсуф (735-795), Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ (749-805) ва Зуфар ибн ал-Хузайл (732-774) мебошанд, ки дар такмил ва рушди мактаби фиқҳии ҳанафӣ саҳми арзанда доранд. Бояд қайд кард, ки фиқҳи ҳанафӣ дар давраи Абу Юсуф хело машҳур гашт. Абу Юсуф дар давоми нуҳ сол дар назди Абу Ҳанифа таълим гирифтааст. Худи Абу Юсуф дар даврони Хилофати Аббосиҳо ба мансаби қозигӣ таъин гардида буд.

Мактабҳои фиқҳӣ тадриҷан вобаста ба талаботи рӯ ва қонеъ гардонадаи ҳақ ва ҳуқуқи пайравони ислом арзи вуҷуд намудааст. Ин мактабҳо дар маҷмӯъ дарбаргирандаи тамоми масъалаҳои ҳаётӣ, динӣ ва дунявии пайравони дини исломро дарбар гирифта, хулосаҳои фиқҳӣ-ҳуқуқӣ дар асоси сарчашмаҳои зерин баровварда мешуд:

1. Қуръон
2. Суннат, сарчашмаи дуввуми фиқҳи ҳанафӣ ба шумор меравад. Танҳо барои исботи масъалаи фиқҳӣ доштани санади воқеии ҳадис, ба қисмати ҳадисҳои саҳеҳ ва машҳур шомил будани онҳо низ зарур аст. Ин шарт барои он зарур аст, ки барои исботи воқеии ин ва ё он масъала ҳадисҳои сохта ва бофташуда ворид нагарданд.
3. Иҷмои саҳоба. Фикри якҷояи

саҳобагони Пайғамбар, тасдиқи тобиун (насли баъд аз саҳобагон) мебошад.

4. Райъ, хулосаи саҳобагони Пайғамбар (с) оиди ин ва ё он масъалаҳои фиқҳӣ. Гарчанде саҳобагон нисбати баъзе масъалаҳо фикрҳои гуногун доштанд. Абуҳанифа барои исбот ва тасдиқи масъалаҳо фикри ҷолиби саҳобагонро ба назар мегирифт, ки райъ яке аз принсипҳои асосӣ дар мазҳаби вай ба шумор мерафт.

5. Қиёс. Дар мавриди исботи ин ва ё он масъалаи фиқҳӣ хулосаҳои лозима дар сарчашмаҳи болозикр пайдо намегардид. Дар ин ҳол, Абуҳанифа ва шогирдонаш иҷтиҳод намуда, дар асоси принсипи қиёс масъаларо ҳал менамуданд.

6. Истеҳсон (бартарият додан ба қиёс), вале ҳалли мақсадноки масъала. Худи вожаи истеҳсон ба маънои афзалият додан ва бартарият додан мебошад.

7. Урф (расму одати маҳаллӣ ), яъне ба таври бурҳон истифода бурди одати маҳаллӣ, ки ин принсип ба яке аз принсипҳои асосии фиқҳи ҳанафӣ дар оянда гардид.

Дар бораи омӯзиши қавонини динӣ бошад, пас он сараввал дар шаҳри Мадина ба вуҷуд омад, ки маркази ҳамонвақтаи хилофат ба шумор мерафт. Оид ба масъалаҳои динӣ ва дунёвие, ки мусулмонон баъд аз паҳн гардидани ислом рӯ ба рӯ мегардиданд, дар ин ҷо ҳалли худро пайдо менамуданд. Баъдтар марказ ба шаҳрҳои Куфа, Басра ва Бағдод гузашт. Ҳамзамон зарурат пеш омад, ки барои асоснок намудани ин ва ё он масъалаи фиқҳӣ мактабҳои фиқҳӣ ба вуҷуд оянд, ки номи ин мактабҳо бо номи асосгузоронаш баъдтар номида шуд.

Ҳамин тариқ, муассисони мазҳаби ҳанафӣ Абу Ҳанифа ва шогирдони ӯ Абу Юсуф ва Муҳаммад Шайбонӣ мебошанд. Яъне агар ин мактаб бо кӯшиши Абу Ҳанифа бунёд гардида бошад ҳам, бо тавассути шогирдонаш ташаккул гардида ба яке аз мактабҳои фиқҳии устувор ва мустақил табдил гардид:

«Фиқҳи Абу Ҳанифа меъёрҳои ахлоқиро бо меъёрҳои ҳуқуқӣ тавъам сохта, риояти онҳоро шарти камолоти инсонӣ мешуморад. Дар таълимоти Абу Ҳанифа пайванди ҳуқуқ ва ахлоқ ба назар мерасад, ки тибқи он ҷомеаи инсонӣ метавонад дар сатҳи даркорӣ танҳо аз арзишҳои ахлоқӣ ва ё ҳуқуқӣ баҳраманд гардад». [8.65]

Мактаби фиқҳии ҳанафӣ яке аз мактабҳои назариявӣ ва дар навбати худ таҳаммулгаро буда, дар асоси мунозира ва мубоҳисаҳои каломӣ, ақлгароӣ ва мантиқи ( асҳоб-ур-райъ) бино ёфтааст. Асҳоб-ур-райъ, яъне онҳое, ки ин ва ё он масъалаҳои фиқҳиро дар асоси фикри худ ҳал менамуданд дар сурате, ки агар ҳалли он дар сарчашмаҳои муътамади исломӣ – Қуръон ва ҳадис пайдо нагардида бошад. Дар баробари Асҳоб-ур-райъ, намояндагони дигаре ба вуҷуд омаданд, ки ҳамчун Асҳоб-ул-ҳадис номгузорӣ мешуданд ва дар асоси ҳадисҳои пайғамбар хулосаҳо мебарароварданд.[1.222]

Ҳарчанд Абу Ҳанифа дар илмҳои калом ва ахлоқ саҳми бузург гузоштааст, дар таърихи фарҳанги исломӣ бештар ҳамчун фақеҳи соҳибраъй шинохтаанд. Мактаби фиқҳии Абу Ҳанифа дорои ду паҳлӯи тавоно буда, дар он ҳам низоми эътиқодӣ ва ҳам низоми фиқҳӣ шакл гирифтааст.[7.217]

Имоми Аъзам Абуҳанифа аз худ мероси хеле пурарзиши илмӣ ва ибратбахшеро боқӣ гузошт, ки моҳияти он аз шахси закӣ, донишманд ва олими барҷаста будани вай дарак медиҳад. Аз ҷониби дигар, таҷрибаи ибратомӯзи касбии ӯ ҳамчун мураббӣ, фақеҳ-мушовир ва ҳуқуқдон, ки салоҳияти қонунгузории умури қазовии замони худро назорат мекард, барои мо бо тамоми гуногунрангӣ ва махсусиятҳои ҳолат ва чараёни рушди тамаддуни сиёсию ҳуқуқии замонаашро намоиш медиҳад.

Дар баробари таҳлил ва омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Имоми Аъзам ва таҳқиқотҳое, ки вобаста ба осори ӯ анҷом ёфтаанд ба чанд савол ҷавоби қотеъ надодаанд. Яъне, чаро Имоми Аъзам Абуҳанифа мансаби қозигиро қабул накард? Сабаб чи буд? Дар ҳоле, ки садҳо фақеҳон ва қозиёни оянда дар мактаби фиқҳии ӯ таълим гирифтаанд. Ё чаро қонунҳои татбиқии умури қазова тибқи меъёр ва қонунҳои дигари муқарраркардаи Имоми Аъзам аз дигар соҳаҳои хуқуқии тавзеҳкардаи ӯ пешқадамтар аст?

Дар посух ба ин суолҳо метавон қайд кард, ки пеш аз ҳама Имоми Аъзам Абуҳанифа ҷеч гоҳ муқобили мавҷудияти умури қазоват набудааст. Муносибати ӯ

ба қозигӣ зери таъсири фиқҳи замони Паёмбар Муҳаммад (с), фиқҳи давраи саҳобагон ва тобеин, ки ба масъалаи қабули мансаби қозӣ назари гуногун доштанд, ташаккул ёфта буд.

Дар иртибот ба ин масъала метавон қайд кард, ки худ пайдоиши фиқҳ як зарурияти иҷтимоӣ буд, ки ба вуҷуд омад. Барои ҳақ ба ҳақдор расидан, адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ҳукмрон будан ва дар асоси сарчашмаҳои ҳуқуқии исломӣ ҳукм баровардан, зарурат пеш омад, ки ниҳоди қазоват ба вуҷуд ояд. Бинобар ин қариб ҳамаи фақеҳони он давра қобилияти касбии иҷрои салоҳияти қозигиро доштанд. Дар мактабҳои фиқҳӣ насли нав ба наві фақеҳон ва қозиён ба воя мерасиданд. Аз ҷумла, аз саҳобагони Паёмбар Муҳаммад (с) - Алӣ ибни Абутолиб ва Абдуллоҳ ибни Масъуд мактабҳои фиқҳи худро доштанд ва бевосита ба масъалаҳои ба миён омада, қазоват менамуданд.

Ҳангоми таҳлили хусусиятҳои мактаби Имоми Аъзам Абуҳанифа ду ҷанбаи таълимро фарқ кардан мумкин аст: 1) муқаррарӣ; 2) тахассусӣ, касбӣ. Дар асоси ин ду равия тақрибан мактаби Имоми Аъзам Абуҳанифа ба бахшҳои зерин тақсим мешуд:

1) омӯзонидани донишу малакаҳои ҳалли масоили ҳуқуқӣ;
2) омӯзонидани қоидаҳои фатво додан;
3) омӯзонидани муштараки қобилияти татбики ҳуқуқ ва фатво додан;
4) тарбияи омӯзгорон.

Вале самти асосӣ дар таълимоти фиқҳии Имоми Аъзам таълим ва ба воя расондани воқеан шахсони арзанда ба мақоми қозигӣ мебошад. Ин назари касбии Имоми Аъзам Абуҳанифа дар васиятномаҳояш ба шогирдон баръало мушоҳида мешавад:

"Шумо қалби маро шод ва ғами маро дур сохтед. Ман барои шумо фиқҳро зин ва лаҷом задам, шумо метавонед болои он савор шавед, агар мехоҳед. Ман чунин кардам, то одамон аз ақиби шумо раванд ва мунтазири суханони шумо шаванд, онҳоро тобеи шумо гардондам. ".[5.14]

Дар ин мавридд, агар мо ба як қатор асарҳои Имоми Аъзам назар андозем, махсусан ба осори ахлоқии вай, пас он аз рисолаҳои ахлоқӣ, яъне васиятномаҳо иборат мебошанд, мавриди мухотаб ин ва ё он шогирдашро қарор додааст.

Таҳлили рисолаҳои Имоми Аъзам Абуҳанифа нишон медиҳад, ки меъёрҳои бештари танзимкунандаи қоидаҳои таълими қозиҳо ва татбиқи адолати қазоӣ асосан дар рисолаҳои пандомӯзу ҳуқуқии Имоми Аъзам Абуҳанифа ҷой дода шудааст. Аз рӯи мавқеи сохторӣ моҳияти рисолаҳои пандомӯзу ҳуқуқии Имоми Аъзам Абуҳанифа шумораи меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти қазоӣ ва татбиқи ҳокимияти қазоӣ мебошад, ки мавқеи муҳимеро касб кардаанд:

«Тибқи таълимоти мактаби ҳанафӣ барои дарёфти мансаби қозӣ ва бурдани мурофиаи додгоҳ қоидаи зарурӣ – мустаҳаб таҳия шуда буд. Қарори қозӣ бояд дар заминаи адолат бошад, корҳоро боадолатона баррасӣ карда, ҳаққи баррасии корҳои наздикон ва хешовандонашро надорад, гирифтани ришва наиз бар ӯ манъ шуда буд».[2.60]

Ҳамин тариқ, барои насл{ои минбаъда, мактаби фиқҳии ҳанафӣ, тан{о тавассути ёрону шогирдонаш муясар гаштааст. Бояд зикр кард, ки нагши шогирдон ва пайравон дар интишор ва па{н намудани афкору осор ва таълимоту маз{аби Абу{анифа баuоят бузургу назаррас аст. Шогирдони Абу{анифа {ангоми баррасии масоил дар {алгаи дарс бо е музокира ва мубо{иса{ои озод мекарданд то ин, ки ба як хулосаи аниgу муайян ва ихмоъшуда мерасиданд, сипас раъйи мазкур аз тарафи шогирдон китобат мешуд.

Ҳамин тариқ, саҳми шахсиятҳо мисли Абуҳанифа дар раванди инкишофи ҷомеаи инсонӣ саҳми назаррас дошт.. Муҳаққиқон осори ӯро баррасӣ карда 1) «Ал-фиқҳ-ул-акбар», 2) «Ал-фиқҳ-ул-авсат», 3) «Ал-олим вал мутаъаллим», 4) «Ар-рисола», 5) «Китобу-ул-васият», 6) «Китоб-ар-рад ъалал қадарийя» зикр менамоянд, ки дар онҳо зиёда аз 500 масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Адабиёт**

1. Асхаб ар-а'й // Исламский энциклопедический словарь.-М., 2007.-400с.
2. Буриев И.Б. Принсипҳои ҳуқуқӣ дар таълимоти Абу Ҳанифа. Мактаби динию

ҳуқуқии Абу Ҳанифа: таърихи пайдоиш ва аҳамияти он. Душанбе, 2009.
3. Васиятҳои Имом Абу ҳанифа Васиятҳои Имоми Аъзам Абуҳанифа ба шогирдони пешқадамаш. Душанбе. 2007.
4. Васиятҳои Имоми Аъзам Абуҳанифа ба шогирдони пешқадамаш. Душанбе. 2007.
5. Ибн Баззози Муҳаммад ал Кардарӣ.Маноқиб-ул Имом-ил-Аъзам. Бейрут. 1401 ҳ /1981.Ҷ.2.
6. Шамолов А.А. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам. Душанбе, 2009.
7. Эмомали Раҳмон. Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи таммаддунҳо. Маҷмӯи мақолаҳо. Душанбе, 2009. С.65.
8. Убайдуллоев Ф. Имоми Аъзам зиндагӣ, мазҳаб ва васоё. Душанбе, 2009. С.11.

## ХАНАФИТСКАЯ ПРАВОВАЯ ШКОЛА И ЕЕ ИДЕЙНЫЕ ИСТОКИ (философско-религиоведчекий анализ)

**Назаров Ф.**

Ханафитская школа считается одной из суннитских правовых школ фикха, которая была учреждена самим Абуханифа Нуъмана ибн Сабитом. Эта правовая школа отвечала за все жизненые и религиозные проблемы их посследователей. Также ханафитская школа является каламистской.

**Ключевые слова:** фикх, калам, ханафитская школа, источники фикха, проблемы фикха.

## HANAFI LEGAL SCHOOL AND ITS IDEOLOGICAL SOURCES (PHILOSOPHICAL AND RELIGIOUS ANALYSIS)

**Nazarov F**.

The Hanafi school is considered one of the Sunni legal schools of Fiqh, which was established by the most Abuhanif Numan ibn Sabit. This legal school answered all the life and religious problems of their investigators. Also, the Hanafi school is Calamist.

***Keywords:*** *fiqh, kalam, Hanafi school, sources of fiqh, problems of fiqh.*

# ТАЪСИРИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ БА МАСЪАЛАИ ВОРИСИЯТ ВА МУХОЛИФАТИ НАСЛҲО

**Сулаймонӣ П.**, унвонҷӯи ИФСҲ АИ ҶТ

*Дар мақола масъалаи ворисият ва мухолифати наслҳо дар матни ҷаҳонишавии саросарии ҷомеаи башарӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф муътақид аст, ки муносибати наслҳо, махсусан калонсолон ва ҷавонон, дар заминаи эътироф ва инкори арзишҳои якдигар сурат мегирад ва сарчашмаи ихтилофи наслҳо низ бояд дар ҳамин ҷо ҷустуҷӯ карда шавад. Ба андешаи муаллиф дар марҳалаи кунунии зиндагии инсоният раванди ворисият нисбатан заиф гардида, мухолифати наслҳо вусъат ва шиддати тоза меёбад. Хулосаи мақола ин аст, ки баъзе унсурҳои раванди ҷаҳонишавӣ бо таъсиррасонӣ ба тавозуни муносибати байниҳамдигарии наслҳо ва халалдор намудани он боиси бенизомии ҷомеаи башарӣ мегарданд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавӣ, ворисият, мухолифат, ҷавонон, калонсолон, насл, арзишҳо, расму оин, анъана.*

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки асрҳои зиёд мавриди таваҷҷуҳи донишмандони соҳаҳои гуногун қарор дорад, мушкилоти байни наслҳо ба ҳисоб меравад. Ин қазия, бебаҳс, аз қадимтарин мушкилоти ҷомеаи инсонист. Дар матни ин мушкилот ду масъалаи дар назари аввал ба ҳам мухолиф, вале дар асл иртиботи қавидошта, яъне ворисият ва мухолифати наслҳо баррасӣ мешаванд.

Дарки нисбатан пурраи ин масоил ба дарки мафҳумҳои “насл”, “ворисият” ва “мухолифат”-и наслҳо вобастагӣ дорад, бинобар ин баррасии ин мафҳумҳо дар оғози мақола мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Истилоҳи “насл” дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ буда, пеш аз ҳама ифодакунандаи одамони аз ҷиҳати сину сол ба ҳам наздик ва дорои мақсадҳои ягона мебошад. Инчунин ҷамъи хешу табори дар як давра зиндагикунандаро низ насл мегӯянд. “Насл”-ро вобаста ба мавқеъгирии муҳаққиқон ба таври гуногун таснифи намудаанд.[7, 162–164]

Дар ҷомеашиносӣ тахти мафҳуми насл на танҳо маҷмуи одамони аз ҷиҳати сину сол ба ҳам наздик дар назар дошта мешавад, балки ин истилоҳ ифодагари падидаи комили иҷтимоӣ дар шакли гурӯҳҳои иҷтимоӣ-синфӣ-демографӣ низ мебошад. Дар гурӯҳҳои мазкур мардумони гуногунхислат ва дорои тамоюлу хоҳишҳои мухталиф ба ҳам омадаанд, ки бо ҳама гуногунии худ боз ҳам дорои сифат ва нишонаҳои муштараканд. Ва маҳз ҳамин умумиятҳо онҳоро ба гурӯҳ ё сохтори муайяни иҷтимоӣ ва демографӣ табдил додаанд. Паҳлуи демографии наслро вижагиҳои миқдорӣ(сину сол, ҷинсият...) ва паҳлуи иҷтимоӣ-синфии онро нишонаҳои сифатӣ (касбу кор, мансубияти табақавӣ...) ташкил медиҳанд. Ивазшавии пайдарҳами гурӯҳҳои демографӣ ва иҷтимоӣ-синфӣ боиси бақо ва рушди ҷомеа мегардад.[3, 7–8]

Рушд ё пешрафт, ки ба ҳама гуна ҷомеа хос аст, аслан дар шакли тавлид ва интиқоли падидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз як насл ба насли дигар ба мушоҳида мерасад. Ин раванд дар ҷомеашиносӣ ворисият ё виросати наслҳо унвон гирифтааст. Зери ин мафҳум раванди мураккаби интиқол, азхудкунӣ, ҳифз ва истифодаи арзишҳои моддию маънавӣ, меъёру қоида, анъанаву расму оин, иттилоот ва таҷрибаи наслҳои гуногун, ки бо ҳам иртибот доранд, фаҳмида мешавад. Дар сотсиология масъалаи мазкур аз дидгоҳҳои гуногун: иқтисодӣ-иҷтимоӣ (К. Маркс, М. Вебер, В. Зомбарт); иҷтимоӣ-антропологӣ (Э. Тайлор ва Ҷ. Фрэзер); антропологӣ-фарҳангӣ (Маргарет Мид) ва ғайра баррасӣ гардидааст. Аз он ҷиҳат, ки масъалаи мазкур гуногунҷабҳа ва мураккаб аст, баъзан онро дар доираи якчанд илм якҷоя баррасӣ намудаанд.[7,158–162]

Албатта, таҷриба ва дастовардҳои як наслро ба тамоми афроди насли дигар

пурра интиқол додан ғайриимкон аст, ҳатто дар шароити маорифи ҳамагонӣ ва иттилоотонии пешрафтаи муосир. Ба қавли дигар, афрод ва ҷомеаи муосир танҳо муҳимтарин ҷузъиёти наслҳои гузаштаро қабул намуда, мавриди истифода қарор медиҳанд, чунки онҳо аз ҷиҳати замонӣ ҳатто имкони қабул ва истифодаи пурраи офаридаҳои насли худро надоранд. Бинобар ин, айни замон интиқоли мероси гузашта асосан тавассути гурӯҳҳои мақсаднок ё гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ сурат мегирад ва бо ҳамин роҳ иҷтимоишавии наслҳо ба амал меояд.

Ҳарчанд баррасии масъалаи мухолифати наслҳо ҳанӯз дар осори донишмандони Юнони Қадим шакли илмӣ гирифта, дар асрҳои миёна низ мавриди таваҷҷуҳи доимии донишмандон қарор дошт, аммо танҳо дар нимаи аввали асри XX файласуф Хосе Ортега-и-Гассет назарияи илмии мухолифати наслҳоро пешниҳод намуд. Баъдҳо дар рушди ин назария муҳаққиқони ғарбӣ, махсусан Зигмунд Фрейд ва Герберт Маркузе саҳми зиёд гузоштанд. Асоси ин назарияро муборизаи наслҳои якдигарро ивазкунанда барои идоракунии ҷомеа ташкил медиҳад. Ба андешаи муҳаққиқон давомнокии ин мубориза тақрибан 30 сол идома ёфта, дар ҳар давру замон ва вобаста ба ҷомеаҳои гуногун хусусиятҳои алоҳида касб мекунад. Дар ин муддат, аниқтараш дар марҳалаи аввал, насли ҷавон бо андешаву ғоя ва ҳадафҳои нав ба арсаи зиндагӣ ворид шуда, майлу хоҳиш ва орзуву омоли худро барои ҷомеа муаррифӣ ва таблиғу ташвиқ менамояд. Дар марҳалаи дуюм онҳо ба амалӣ намудани мақсадҳои худ шуруъ намуда, гӯё усули зиндагии барои худ ва пасояндагон мувофиқро амалан фароҳам меоранд. Аммо дар ҳамин давра насли дигаре ба камол мерасад, ки он ҳам иддаои сохтани ҷомеаи навро дорад. Ҳамин тариқ ин мубориза то беохир идома меёбад. Қазоват дар ин, ки кадом тараф ҳақ ва кадом тараф ноҳақ аст, ниҳоят душвор мебошад, зеро камбудии ҳар ду насл аз мавқеи худи онҳо афзалият шуморида мешавад.

Агар ба масъалаи “ворисият” ё “виросат” ҳамчун раванди маъмулии пайравӣ ва идомаёбии насли инсон муҳаққиқон диққати нисбатан камтар додабошанд, пас “мухолифат” ба ҳайси масъалаи мураккаб аз тарафи онҳоба таври гуногун тавсифу тафсир шудааст. Зуҳури ин ҳолатро аҳли таҳқиқ ба омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, маънавӣ ва ғайра вобаста намудаанд.

Албатта, мухолифат ва нофаҳмиҳо дар байни тамоми наслҳо: кӯдакону наврасон, наврасону ҷавонон, ҷавонону калонсолон, калонсолону пиронсолон ва дар умум имрӯзиёну гузаштагон ба мушоҳида мерасад. Ихтилоф, низоъ ва задухӯрд ҳатто дар дохили ҳар як насл низ вуҷуд дорад, аммо аз он ҷо, ки ин мухолифат дар байни насли ҷавон ва калонсол хусусияти тезу тунд ва то ҷое оштинопазир пайдо мекунад, таҳти мафҳуми “ворисият ва мухолифати наслҳо” аслан ҳамин ихтилоф дар назар дошта мешавад. Сотсиологи амрикоӣ Л. Фойер иддао дорад, ки таърихи рушди ҷомеа пеш аз ҳама таърихи “ихтилофи наслҳо” мебошад.

Бебаҳс, дар дилхоҳ ҷомеа масъалаи мухолифати наслҳои гуногун вуҷуд дорад ва ин як амри воқеист, зеро имкон надорад, ки ашхоси дар шароиту замони гуногун таълиму тарбия ёфта ба ҳаводиси зиндагӣ нигоҳи якхела дошта бошанд. Мушкилоти волидону фарзандон пеш аз ҳама ба ҳамин омил вобастагӣ дорад. Дар аксар ҳолат сабабгори асосии мунозиша «писарон» ба ҳисоб меравaнд, зеро онҳо усули зиндагии калонсолонро қабул кардан намехоҳанд ва бовар доранд, ки олами идеалии худро месозанд. Гоҳо равову нораво якдигарро гунаҳкор кардани ҷонибҳо мухолифати онҳоро ба дараҷаи душманию муборизаи ошкоро мерасонад.[4,42–49]

Масъалаи ворисият барои тоҷикон аз қадим аҳамияти хоса дошта, он дар шакли эҳтироми вижа ба рӯзгор ва дастоварди гузаштагон инъикос мешуд. Тоҷикон то ҳол ба мероси таърихии худ таваҷҷуҳи зиёд доранд; ҷиҳати эҳёи фарҳангу тамаддуни чандинҳазорсолаи худ талош меварзанд; дастовардҳои бемисли гузаш-

тагони худро бо ифтихор ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд; баъзеҳо ҳафт пушти худро ном ба ном мешиносанд. Масъалаи охирин барои тоҷикон таърихи хеле қадима дорад: ҳанӯз шоҳони ҳахоманишӣ дар баробари дигар ифтихороти худ номи аҷдодашонро барои ояндагон дар лавҳҳои сангин ҳаккокӣ намуда буданд.

Агар насли ҷавон ба урфу одат, расму оин, қонуну қоида ва системаи арзишҳои гузаштагон ва насли калонсол то ҷое майлу рағбат ва эҳтиром дошта бошад, пас инқилоби онҳо бо нармӣ ва бо роҳи осоишта роҳандозӣ мешавад, дар акси ҳол, он метавонад боиси ҷанги шаҳрвандӣ, табаддулоти ҳарбӣ ва дигар нобасомониҳои иҷтимоию давлатӣ гардад. Маҳз ҳамин ҳолати дуюмро баъзе гурӯҳҳои ғаразнок ва душманони дохилию хориҷии давлат метавонанд ба манфиати худ истифода намоянд. Ва ин усули ҷанг ё ҷангандозиро дар замони муосир ё дар раванди ҷаҳонишавӣ баъзе давлатҳо ҳадафмандона ва бо манфиат ба кор мебаранд.

Ҷавонони имрӯзаи тоҷик чун идомадиҳандаи кори пурифтихори гузаштагони худ аз наслҳои пешин бо кӯшишу ғайрати бештар, чусту чолокӣ, ташаббускорӣ, истиқболи фаврӣ ва босуръати навгониҳо, аз ҷумла технологияи навтарин ва муқовимат бо даъватҳои номатлуб фарқ мекунанд. Аммо, мутаассифона, онҳо низ аз таъсири мусбии баъзе падидаҳои манфӣ, ки бо истифода аз раванди ҷаҳонишавӣ бо суръат паҳн карда мешаванд ва аслан ба сӯйи ҷавонон нигаронида шудаанд, дар канор буда наметавонанд.

Маълум аст, ки натиҷаи муҳим ва ниҳоии ҷаҳонишавӣ тақсими меҳнат, интиқоли сармоя, қувваи корӣ, захираҳои истеҳсолӣ, танзими қонунгузорӣ, равандҳои иқтисодӣ ва технологӣ, инчунин наздикшавӣ ва омезиши фарҳангҳои гуногун мебошад. Аммо дар ин баробар, муҳаққиқон бар ин андешаанд, ки айни замон ин равандро кишварҳои пешрафта ва гурӯҳҳои ғаразнок ба манфиати худ ва бар зарари дигарон истифода мекунанд. Айни замон ин раванд аз тарафи чунин гурӯҳҳо ба хотири заиф намудани маънавиёт, руҳоният, ахлоқ, урфу одат, фарҳанг ва дигар унсурҳои иҷтимоӣ истифода мешавад. Тавассути ҷаҳонишавӣ падидаҳои номатлубе аз зумраи ҷинояткории муташаккил, терроризми ҷаҳонӣ, экстремизми динӣ, қочоқи яроқ, гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир суръати тоза гирифта, бархӯрди тамаддунҳо шиддат меёбад.

Ба андешаи У. Бек «...раванди ҷаҳонишавӣ фарогири омилҳои хатарзо мебошад, яъне ҳадафи сиёсати ҷаҳонишавӣ бо хароб намудани сиёсатҳои миллӣ-давлатӣ барҳам задани давлатҳои миллӣ мебошад»[1,12]. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки то замоне, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо мақсадҳои муғризона ба кор рафта, давлатҳои миллӣ монеи тараққиёти инсоният дониста мешаванд, ташаккули худшиносии миллӣ, ки ба масъалаи ворисияти наслҳо сахт алоқаманд аст, ҳамчун яке аз масъалаҳои тезу тунд ва мубрам боқӣ мемонад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки "ҷанги фарҳангӣ", "инқилоби фарҳангӣ", "террори фарҳангӣ" ё "инқилобҳои ранга", ки дар замони муосир зиёд ба қайд гирифта шудаанд, маҳз дар заминаи ихтилофи наслҳо роҳандозӣ мешаванд. Барои амалӣ кардани мақсадҳои ғаразноки худ ашхос ё гурӯҳҳои алоҳида бо шиорҳои гуногун ба ҷавонон муроҷиат намуда, аз бетаҷрибагии онҳо истифода менамоянд ва онҳоро бо "падарон"- ашон душман месозанд. Масалан, шиорҳое аз қабили "Ба нафарони аз 30-сола боло бовар накун!" ва "Мо бо таърих коре надорем!", ки шояд барои ҷавонон ҷолиб ва дилписанд бошанд, дар асли худ даҳшату хиёнати бузургеро ниҳон медоранд, ки ба мухолифати воқеӣ ва зотии наслҳо, ки барои рушди ҷомеа заруранд, иртиботе надоранд.[2]

Чунин мухолифатҳои маснуӣ, ки дидаю дониста дар байни "писарон"-у "падарон" роҳандозӣ мешаванд, то ҳадде расидаанд, ки ҳатто дар Тоҷикистон, ки анъанапарастӣ нақши ниҳоят муҳим дорад, фарзандон бо гаравидан ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, ки аз номи дин баромад мекунанд, дину мазҳаби волидони худро инкор намуда,

онҳоро ба бидъат, илҳод ва куфри ошкоро мутаҳҳам менамоянд.

Афроди бадхоҳ ва гурӯҳҳои даҳшатафкану зӯровар ва ҷудоиандоз тавассути мубаллиғони худ кӯшиш менамоянд, ки пеш аз ҳама ҳолати фарҳангии ҷомеаро нооро сохта, зимоми онро ба ихтиёри худ гиранд. Дар ин кор онҳо аз ҷавонон, ки ташнаи навгонӣ ва дигаргуниҳо ҳастанд, ба таври фаъол истифода мебаранд. Бо ҳамин роҳ бегонашавии ҷавононаз фарҳанги гузаштаи худ сурат гирифта, онҳо ба пайравии ноогоҳона аз фарҳангҳои бегона шуруъ мекунанд, ки ин ҳолат боиси хароб гардидани ҳаёти маънавии онҳо мегардад.

Мухолифатҳои имрӯзаи насли ҷавон бо калонсолон дар умум то рафт хусусияти харобкорӣ касб намуда истодааст. Дигаргунии назаррас ё бекурбшавии ҳаёти маънавии ҷавонон аслан дар коҳиши ахлоқ, сарватпарастӣ, фардгароӣ, худхоҳӣ, роҳатталабӣ, инкори муқаррароти ҷомеа, фақри маънавӣ, дилсардию рӯҳафтодагӣ, заъфи рукнҳои оила, таблиғи хиёнату бевафоӣ, афзоиши тааруз (агрессия)-и ҷавонон, инкори анъана ва урфу одат ва қатъи иртиботи наслҳо инъикос меёбанд. Барои вусъат ва шиддат ёфтани ин ҳолат то ҷое раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат менамояд, ки масъалаи тақлиди ноогоҳона дар самту соҳаҳои гуногунро ба миён оварда, боиси аз байн рафтани фарҳангу маданиятҳои гуногун ва пош хӯрдани системаи арзишҳои маънавӣ, аз ҷумла меъёрҳои ахлоқӣ дар миқёси ҷаҳон гардидааст. Чунин тақлидкорӣ дар самти офариниши тимсолҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ низ ба назар мерасад. Вестернизатсия ё ғарбгароӣ, ки асли ҷаҳонишавиро ташкил медиҳад, тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ симоҳои барҷаста ва идеалҳои миллии мардуми зиёдеро барҳам зада, ба ҷойи онҳо образҳои иҷтимоии барояшон умуман бегонаро таҳмил намояд. Аз ин ҷост, ки насли наврас ва ҷавони мо имрӯз зӯроварию харобкорӣ ва инсонбадбинии қаҳрамонони филмҳои ғарбиро бар қаҳрамонию диловарии гузаштагонамон, ки бар ватанпарастию инсондӯстӣ ва идеалҳои олии башарӣ асос ёфта буданд, тарҷеҳ медиҳанд.

Мушкилоти дигар дар ин самт аз он иборат аст, ки ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон аз рӯйи як консепсияи муайян сурат намегирад. Агар дар оила, мактаб, муассисаҳои беруназмактабӣ як гурӯҳи арзишҳо таблиғу ташвиқ карда шавад, пас тавассути васоити ахбори омма ва шабакаву сомонаҳои гуногуни электронӣ меъёрҳои барои ҷавонони мо бегона таблиғ мешаванд. Ин ҳолат фазои арзишии ҷомеаро тира намуда, раванди хештаншиносӣ ва худтатбиқнамоии ҷавононро душвор месозад.

Ҷаҳонишавӣ ба раванди ворисият ва мухолифати наслҳомушкилоти дигареро зам намудааст, ки он аз истиқболи мероси таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва динии халқу миллатҳои гуногун ё муқобилат бо онҳо иборат мебошад. Ин масъала, пеш аз ҳама, ба муҳоҷирони иҷборӣ ва меҳнатӣ дахл дорад, ки маҷбуранд дар ҷомеаи бегона боз як бори дигар раванди иҷтимоишавиро аз сар гузаронанд. Таҳмили расму оин ва фарҳанги кишварҳои пешрафта болои намояндагони фарҳангҳои дигар, ки дар ҳама давру замон ба мушоҳида мерасид, дар раванди ҷаҳонишавӣ суръату вусъат ва хусусияти тезутунд пайдо намудааст. Замони зудсайри муосир бошад, имкони пеш аз қабул намудан таҳлилу баррасии падидаҳои гуногунро, ки аксаран дар чаҳорчӯби ҷаҳонбинии баъзе миллатҳо намеғунҷанд, хеле маҳдуд намудааст. Яъне насли ҷавон ба ҳайси ворис аз насли калонсол дар баробари ашёи гаронбаҳо колои нодаркори зиёдеро ба мерос мегирад ва минбаъд умри худро сарфи ҷудо намудани ин сараю сақат (даркору нодаркор) месозад.

Раванди дуруст ба роҳ мондани ворисияти наслҳо ба самаранокии раванди тарбия, таҳсилот, маърифат, дин ва ҳунаромӯзӣ вобастагӣ дорад, ки ҳар яке бахши муайяни мероси гузаштаро ба ояндагон интиқол медиҳад. Раванди ворисият аз муносибати мутақобила иборат мебошад: насли ҷавон корҳои шуруънамуда, нотамом ва анҷомёфтаи калонсолонро дар заминаи баҳогузорӣ

қисман қабул ва қисман рад намуда, ифтихормандона ба такмилу табдили онҳо мепардозад; насли калонсол бошад маҳсули заҳматҳои худро бо умедворӣ ва эҳсоси ғамангез ба ихтиёри насли оянда вогузор мекунад. Ин эҳсоси ғамангези калонсолон аз он ҷо сарчашма мегирад, ки ояндагон шояд моҳияти кори онҳоро дуруст дарк накарда, дастовардҳои онҳоро ғайримақсаднок истифода мебаранд, ё бадтар аз ин, онҳоро нолозим шуморида, аз баҳрашон мегузаранд.

Пас аз таҳлилу баррасии масъалаи ворисият ва мухолифати наслҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ мо ба хулосаҳои зерин расидем:

- масъалаи ворисият ва мухолифат, ки ба тамоми наслҳо хос мебошад, дар доираи муносибати насли ҷавон ва калонсол аҳамияти бештар пайдо мекунад;
- ворисият ва мухолифати наслҳо, ки тӯли асрҳои зиёд аз мубрамтарин масоили ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб мерафтанд, бо таъсири раванди ҷаҳонишавӣ хусусияти боз ҳам мураккабтар касб намудаанд;
- агар дар асрҳои гузашта раванди ворисият ва мухолифат дар доираи хонавода, оила ва халқу миллат амалӣ мегашт, айни замон ин раванд хусусияти ҷаҳонӣ касб намудааст. Насли ҷавонро мебояд, ки дар раванди иҷтимоишавӣ дар баробари омӯзиш, таҳлилу баррасӣ, интихоб, ҳифз ва истифодаи арзишҳои гузаштагони худ, инчунин марҳалаи бархӯрд бо арзишҳои ҷомеаҳои гуногунро низ сипарӣ намояд. Ин масъала асосан дар нисбати муҳоҷирони маҷбурию меҳнатӣ, ки дар муҳити барои онҳо бегона қарор мегиранд, хусусияти актуалӣ пайдо мекунад;
- дар марҳалаи кунунии зиндагии башар раванди ворисият заиф гардида, мухолифати наслҳо вусъат ва шиддати бештар пайдо намудааст;
- новобаста аз шароит ва имкониятҳои зиёде, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар ихтиёр дорад, айни замон таъсири манфии он ба масъалаи ворисият ва мухолифати наслҳо бештар ба мушоҳида мерасад;
- баъзе унсурҳои раванди ҷаҳонишавӣ бо таъсиррасонӣ ба тавозуни муносибати байниҳамдигарии наслҳо ва халалдор намудани он боиси бенизомии ҷомеаи башарӣ мегарданд.

**Адабиёт**


1. Бек У. Что такое глобализация? – М: Прогресс-Традиция, 2001, – 304 с.
2. Бьюкенен П. Смерть Запада. – М.: АСТ, 2004. – 444 с.
3. Валеев И.И. Преемственность поколений: традиции и современность //ж. Ядкяр. – Уфа, 2008. - №2 (42), - С. 5–14.
4. Глотов М.Б. Поколение как категория социологии // Соц. Ис. №10. 2004 г. – С. 42–49.
5. Лезгина Д.В. Проблема преемственности поколений. – Автореф. дис. ... канд. филос. наук. – СПб., 2004. – 28 с.
6. Сайфулин Ф.Ф. Преемственность поколений как условие сохранения культуры в межэтнических браках /ж. Современные проблемы науки и образования. – 2015. – № 1. Раздел Социологические науки.
7. Социология молодежи: учебник для академического бакалавриата /Под ред. Р.В. Ленькова. – М.: Издательство Юрайт, 2014. – 416 с.


## ВЛИЯНИЕ ПРОЦЕССА ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА ПРОБЛЕМУ ПРЕЕМСТВЕННОСТИ И КОНФЛИКТА ПОКОЛЕНИЙ

**Сулаймони Парвина**

В статье рассматривается проблема преемственности и конфликта поколений в контексте современной глобализации. Автор убеждён в том, что социальное отношение поколений, прежде всего, складывается на основе признания и отрицания ценностей друг друга, и основу этого конфликта необходимо искать в этой области. По-особому отмечено, что в современной жизни наблюдается ослабление процесса преемственности поколений и усиление их конфликтов. В заключении излагается, что отдельные механизмы глобализации, способствуя разрушению баланса в отношениях поколений, тем самым препятствуют естественному развитию человеческого общества.

**Ключевые слова:** глобализация, преемственность, конфликт, молодёжь, взрос-

лые, поколение, ценности, обычай, порядок, традиция

## THE INFLUENCE OF GLOBALIZATION PROCESS ON THE ISSUE OF SUCCESSION AND CONFLICT OF GENERATIONS

**Sulaimoni P.**

The article explores the problem of succession and conflict of generations in the context of modern globalization. The author believes that the social relation of generations, first of all, is based on the recognition and denial of each other's values, and that the basis of this conflict must be sought in this area. It was especially noted that in modern life there is a weakening of the process of succession of generations and the intensification of their conflicts.

In conclusion, it is stated that while contributing to the destruction of the balance in the relations of generations, certain mechanisms of globalization hinder the natural development of human society.

**Keywords**: globalization, continuity, conflict, youth, adults, generation, values, custom, order, tradition

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ГЕНДЕР ҲАМЧУН РАВИЯИ ИЛМӢ

**Раҳмонзода Г. Р.** –директори Коллеҷи омӯзгории ш.Конибодом.
Email:college-kand@mail.ru

*Дар мақола асосҳои назариявии ташаккули гендер ҳамчун равияи илмӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, дар доираи он мафҳуми биологӣ ва иҷтимоии «ҷинс» ҳаматарафа таҳлил карда шудааст, ки заминаи асосиро бахри ташаккули назарияҳои гендерӣ мегузорад. Ҳамчунин, ҷанбаҳои фалсафӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва биологии гендер ҳамчун масъалаи муҳимми илмӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуда, заминаҳо бахри ташаккули назарияҳои муосири гендерӣ дақиқ карда шудаанд.*

*Калидвожаҳо: гендер, ҷинс, фарҳанг, фарҳанги гендерӣ, худшиносии гендерӣ, ҳувияти гендерӣ, баробарӣ.*

Масъалаи баробарҳуқуқии инсонҳо аз руи мансубияти ҷинсӣ яке аз баҳсҳои илмие мебошад, ки тули чандин садсолаҳо идома дорад. Муҳиммият ва аҳамияти илмию назариявии ин масъала аз эҳтиёҷоти иҷтимоию сиёсии ҷомеа пеш омада, вобаста ба раванди рушди он ба худ самтҳои муайяни мубрам касб намуда, дар назди олимони соҳаҳои гуногуни илм масъалаҳои тозаро бахри ҳаллу баррасӣ пешниҳод мекунад. Ин аст, ки мубрамияти мавзуи гендер ҳамчун консепсияи илмӣ, гендер ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ ва гендер ҳамчун зуҳуроти биологию иҷтимоӣ аз байн нарафта, баръакс, дар заминаи дастовардҳои илму сиёсат он боз ҳам мубрамтар аён мегардад.

Олимони файласуф ва сиёсатшиносу равоншинос вобаста ба паҳлуҳои гуногуни масъала нуқтаи назари худро баён намуда, ҳамзамон байнисоҳавӣ ва фарогир будани зуҳуроти мазкурро эътироф мекунанд.

Мафҳуми «gender», ки аз забони англисӣ гирифта шудааст, ифодакунандаи маънои «ҷинс» мебошад. Дар таснифи мафҳуми «ҷинс» ҳамчун зуҳуроти биологӣ ва ҳамчун зуҳуроти «иҷтимоӣ» фарқиятҳое мавҷуданд, ки тавассути онҳо таъсиррасониҳо ба сатҳҳои гуногуни сиёсат амалӣ мегарданд. Н.Туана қайд мекунад, ки «Ҷинс (sex) мафҳуми ифодакунандаи тафриқаҳои биологӣ байни мардон ва занон мебошад, «гендер» (gender) ин объекти фарҳанг буда, ба таснифи иҷтимоии «қудрат» ва «феминӣ» хос буда, доимияти ҷинс бояд эътироф шавад ва ҳамзамон гуногунии он низ» [1. 77]. Таснифи пешниҳоднамудаи Н.Туана аз он шаҳодат медиҳад, ки тафриқа байни маъноҳои биологӣ ва иҷтимоии мафҳуми ҷинс дар маҷмуъ ифодакунандаи мавҷудияти тафриқа байни субъектҳои иҷтимоӣ низ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, тафовутҳои функсионалӣ-табиии онҳо нақш пайдо намуда, дар ин замина мавқеъҳо низ иваз мешаванд. Дар заминаи ин тафовутҳо барои ишғоли мавқеи сазовори иҷтимоӣ талошҳо байни занон ва мардон ба вуҷуд омада, ҷанбаҳои иҷтимоӣ фаъол мегарданд. Яъне, масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ, аз қабили таъмини ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробар, дастрасӣ ба захираҳои иқтисодию маънавӣ ва сиёсӣ, иштирок дар раванди қабули қарор дар сатҳҳои гуногун ба миён омада, танзимро аз ҷониби ниҳодҳои дахлдори давлатию ҷамъиятӣ тақозо менамояд.

Мафҳуми «гендер» яке аз механизмҳои паси сар намудани идеологияи патриархатӣ ва андросентризм мебошад. Ба ақидаи Г.Брандт татбиқи мафҳумҳои ҷинс ва гендер дар назарияи феминизми ғарбӣ бо танқиди андросентризм ва дастгирии ҷомеаи андрогенӣ вобаста буд [2. 8-9]. Андросентризм ҳамчун назарияи ҷонибдорӣ аз қудрати меҳварии мардон дар оила ва ҷомеа, ба мавқеи истисноии мардон дар ҷомеа диққати ҷиддӣ дода, қудрати занонро дар ин масир заиф мепиндорад. Вобаста ба ин ташаккули назарияҳои қолабӣ ба вуҷуд омада, мавқеи занон дар ҷомеа дар зинаи дуюм қарор дода мешавад. Дар тафовут аз ҷомеаи андросентрӣ ҷомеаи андрогенӣ ҳосиятҳои хоси худро дошта, нисбат ба ҷомеаи аввалӣ дар масъалаи мансубияти ҷинсӣ муносибати мӯътадил дорад. «Баръакси ҷомеаи андро-

сентрӣ дар ҷомеаи андрогенӣ тафовутҳои ҷинсӣ аҳамияти калон надошта, зан ва мард дар фаҳмиши анъанавии онҳо вуҷуд надоранд, дар ин ҳолат фардиятҳои дорои хислатҳои гуногуни мардона ва занона, новобаста ба сохтори организм фаъолият намуда, ҷомеа ба онҳо маҷбуран интихоби шакли рафтори иҷтимоӣ ва тамоюли ҷинсиро бор намекунад» [3. 94 ].

Вобаста ба пайдоиш ва истифодаи ин мафҳум месазад қайд намоем, ки маҳз дар натиҷаи таҳқиқотҳои равоншиносии гузаронидашуда асоснокуниҳои ин мафҳум аз диди иҷтимоӣ ва биологӣ ба вуҷуд омадаанд.

Вобаста ба марҳилаҳои ташаккулёбии гендер ҳамчун равияи илмӣ фикру ақидаҳо гуногун мебошанд. Масалан, О.А. Воронина назарияҳои зерини гендерро ҷудо мекунад:

- назарияи тарҳсозии иҷтимоии гендер;
- дарки гендер ҳамчун мафҳуми стратификатсионӣ, ки бо дигар мафҳумҳои стратификатсионӣ вобаста аст;
- тавсифи гендер ҳамчун ташбеҳи фарҳангӣ [4. 101].

Мафҳуми ҷинс ё гендер тавсифи фалсафӣ, сиёсӣ, биологӣ, иҷтимоӣ фарҳангӣ ва таърихиро доро мебошад.

Фаҳмиши фалсафии ҷинс ҳам ба асосҳои биологӣ ва ҳам иҷтимоии он такя мекунад. Дар парадигмаи муқаррарии тафаккур ҷинс аз руи сифатҳои биологӣ тавсиф шуда, рафтори инсон вобаста ба мансубияти ҷинсии он маънидод карда мешавад. Ҳар як инсон вобаста ба ин фарқиятҳои рафторӣ дорад, ки онҳо маҳз ба зан ё мард хос будани онҳоро нишон медиҳад. Ин мавқеъ дар фалсафа то асри XX ҳукмфармо буд. Масъалаи нақши ҷомеа дар ташаккули ҳувияти ҷинсӣ ба масъалаи муносибати байни ҷинсҳо вобастагӣ надошт. Нобаробарии иҷтимоии ҷинсҳо ҳамчун инъикоси нобаробарии табиии онҳо баромад мекард. Дар фалсафаи муосир яке аз масъалаҳои асосӣ ин вобастагии ҷинси инсон бо табиати инсон ва то кадом дараҷа натиҷаи таҳавуллоти самараноки ҷомеа будани он баромад мекунад [5. 134].

Лозим ба ёдоварист, ки муносибати табиати биологӣ ва иҷтимоии ҷинс натанҳо масъалаи баҳси фалсафӣ аст, балки баҳри шаклгирии равия ва назарияҳои дигари илмӣ, ки дар омӯзиши дигар падидаҳои ҷомеа васеъ истифода бурда мешаванд, зарур мебошанд. Аз ин нуқтаи назар масъалаи баҳси фалсафӣ оид ба масъалаи ҷинсҳо имконият медиҳад то моҳияти аслии решаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар алоҳидагӣ омӯхта шаванд. Вобаста ба ин метавон ду равияро ҷудо намуд, ки яке равияи эссенсиализм ва дигаре равияи гендерӣ мебошад. Эссенсиализм моҳиятан кушиши ивазнашаванда будани ҷавҳари баъзе мавҷудот, дар ҳолати мазкур – ҷинсҳоро ифода намуда, онҳоро ҳамчун як зуҳуроти атошуда (аз ҷониби Худо ё табиат) маънидод мекунад, ки абадан вуҷуд доранд» [6. 247]. Аломати ҳатмии ин равия мухолифати заминаҳои мардона ва занона мебошад. Ба ақидаи эссенсиализм мавҷудияти ҷинсҳо муқарраршуда буда, касе қудрати иваз намудани онҳоро надорад. Абадияти ҷинсҳо мавҷудияти абадияти тафовутҳои иҷтимоиро то як дараҷа асоснок мекунад. Ба ақидаи О. А. Селиванова «эссенсиализм дар тавсифи табиати ҷинс детерменизми билогӣ баромад мекунад. Ҷонибдорони эссенсиализм бар он ақидаанд, ки иҷтимоиёт аз диди биологӣ муайян шудааст ва аз ин сабаб маъмулӣ ва муқаррарӣ мебошад [7. 134]. Модоме, ки ин равия маъмулӣ будани детерменизми биологиро таъкид менамояд, пас тавсифи дигар раванду ҷараёнҳои дар ин замина асосёфта, аз он ҷумла андросентризм ҳам метавонанд ҳамчун зуҳуроти муқаррарӣ ва маъмулии табиӣ барои ҷомеа маънидод гардад.

О.Селиванова равияи гендериро тавсиф намуда қайд мекунад, ки он ҳамчун «мавҷудияти биологии тақдирсозест, ки муносибатҳои ташаккулёфтаи байни ҷинсҳоро ҳамчун муносибатҳои дорои асосҳои таърихӣ ва мантиқӣ ва бошуурона маънидод мекунад. Тавсифи иҷтимоию равониро ба тафовутҳои биологӣ асоснок намуда, тафовути иҷтимоии байни ҷинсҳоро эътироф мекунанд. Фарҳанге, ки ташаккули рафтори инсон равона шудааст, бояд хусусиятҳои табиии мавҷударо рушд диҳанд. Мардон назар ба занон пурқувваттар ва боҷуръату қатъитар мебошанд. Онҳо метавонанд ҷанг кунанд, табиатро тобеъ кунанд, таърих ва асосҳои фарҳангро офаранд. Дар ин ҳолат занон нисбатан камфаъол, таҳаммулпазир ва заифанд. Макони занон – хона, муҳити оилавӣ мебошад» [8. 135-136]. Аз ин ҷо ху-

лоса баровардан мумкин аст, ки равияи гендерии аз диди О.Селиванова пешниҳодшуда баҳри заминагузории назарияҳои мардмеҳварӣ замина гузоштааст.

Вобаста ба дарки фалсафӣ ва иҷтимоии мафҳуми гендер метавон қайд намуд, ки ба он масъалаҳоиэҳсоси ҳуввияти гендерӣ ва худшиносии гендерӣ низ хос мебошад. Дар асари худ А.Чекалина худшиносӣ ва ҳуввияти гендериро ҳамчун ҷузъҳои гендер ва ё ҷинси психологӣ маънидод мекунад. Ӯ тавассути муайян намудани таркибҳои маърифатӣ (худшиносии гендерӣ), эҳсосӣ (ҳувияти гендерӣ) ва рафторӣ (нақшҳои гендерӣ ва хусусиятҳои рафтор) моҳияти онҳоро мекушояд. Худшиносии гендерӣ дар худ донишҳои психологӣ, аз қабили дарки ҷисми худ ҳамчун ҷисми инсони дорои ҷинси муайян, донистани стереотипҳои гендерӣ (дар бораи навъи либос, имкониятҳо ва машғулиятҳо) ва нақшҳо (шахсӣ, оилавӣ ва касбӣ), тасаввурот дар бораи мақом, нақш ва стереотипҳои гендериро дар бар мегирад. Ҳуввияти гендерӣ мансуб донистани худ ба ҷинси муайянро ифода мекунад. Рафтори гендерӣ бошад мутобиқати рафтори инсонро маънидод мекунад [9. 31].

Дар баробари фаҳмиши фалсафӣ фаҳмиши фарҳангии гендер ҳам аҳамияти муҳим дорад. Зеро дар ҳама гуна тамаддун ва ҳар як миллат фаҳмишҳо ва тасаввуротҳои фарҳангие мавҷуданд, ки гендерро ҳамчун падидаи фарҳангӣ тавсиф менамоянд. Маънидодкунии фарҳангии гендер ҷанбаи иҷтимоӣ буда, тавассути он қоидаҳои рафтори ҷинсҳо дар доираи талаботи анъанаҳо ташаккул ёфта, меъёрҳои муносибати шаклгирифта барои ин ё он ҷомеа хос ва тарзи тафаккури вобаста ба мавқеъ ва нақши ҷинсҳо ташаккулёфта муайян карда мешаванд.

Фарҳанги дилхоҳ халқ дорои аломатҳои муайяни ҷинсӣ, меъёрҳои муқарраршудаи устуравӣ дар бораи нақшҳо ва рафтори гендерӣ, стратификатсияи ҷинсӣ, дигар аломатҳо ва маъниҳои фарҳангӣ мебошад [10. 6]. Ин заминаи муҳимми фарҳангие мебошад, ки ба ташшакул ва рушди равандҳо вобаста ба мавқеи ҷинсҳо таъсири бевоситаи худро расонида метавонад. Таҷрибаи таҳлили равандҳои гендерӣ нишон медиҳад, ки заминаи фарҳангӣ баҳри таҳаввулоти тафаккури ҷомеа аҳамияти калон дорад. Зеро инсон дар раванди зиндагии худ бо таъсирҳои фарҳангӣ дар шакли меъёру анъана ва суннатҳои ташаккулёфта, ки аз насл ба насл мегузаранд борҳо рӯ ба рӯ шуда, онҳоро ҳамчун чаҳорчубаи рафтор барои худ қабул мекунад. Аз ин рӯ, дар чаҳорчубаи муайян рафтор кардан як навъ шакли худназоратро ба вуҷуд меорад. Ин худназорат зери таъсири дарки ҳуввияти гендерӣ ба вуҷуд омада, дар минбаъда метавонад ҷиҳати пайдоиши маҳдудиятҳои нақшҳои гендерӣ мусоидат намоянд. Бинобар ин ҷанбаи фарҳангӣ дар ташаккули масъалаҳои гендерӣ нақши таъсиррасон дошта, пайдоиши қолабҳо ва стереотипҳои гендерӣ ҳам аз ҳамин замина мегиранд.

Тарзи зиндагии патриархалӣ, стереотипҳои анъанавии гендерӣ, ки дар сатҳҳои гуногун офарида мешаванд, иштироки камтарини занон дар идоракунии ҷомеа – ҳамаи ин омилҳое ҳастанд, ки баҳри ташаккули идеологияи баробарҳуқуқии воқеии ҷинсҳо мусоидат намекунанд [11. 135-136].

Дар ин раванд метавон аз таъсири омилҳои динӣ низ ёдовар шуд. Консерватизми ба динҳо хос мавқеи занонро аз диди офариниш баҳо дода, мавқеи онҳоро дар оила ва ҷомеа, ва пеш аз ҳама, дар муносибат ба мардҳо аз нигоҳи муқаррарнамудаи илоҳӣ абадӣ, тағйирнопазир ва муайяншуда ҳисоб мекунад. Дар натиҷа ҳама гуна талоши тағйир додани мавқеъ ва нуфуз, шакли рафтор, нақши иҷтимоӣ ҳамчун итоат накардан ба офаридгор маънидод карда мешавад. Ин аст, ки зери таъсири омилҳои таъсиррасони динӣ ва тафаккури динӣ шаклгирии қолабҳои гендерӣ сурати нав пайдо мекунанд. Устуворие, ки ба онҳо дар натиҷаи таъсиррасониҳои динӣ дода мешавад, мутобиқат ва мавҷудияти онҳоро барои садсолаҳои дигар таъмин мекунад.

Масалан, дар фарҳангу ҳаёти иҷтимоии аъроб қабл аз ислом мақоми хеле паст дошт, бо сабаби сахтии зиндагӣ духтарони зиёдатиро зинда ба гӯр мекарданд. Бо пайдоиши ислом ва ислоҳ гардидани тарзи тафаккур ва тарзи зиндагии ҷоҳилонаи араб зан то андозае ҳуқуқҳои муайянро соҳиб шуд ва аз баъзе анъанаву одатҳои замони ҷоҳилият раҳоӣ ёфт. Вале

нобаробарии зану мард дар байни арабҳо дар замони ислом ҳам боқӣ монд, ки он минбаъд барои маҳдуд сохтани ҳуқуқи зан дар ҳаёти иҷтимоӣ истифода шуда, дар шариати ислом ҳукми қонунро гирифт. Масалан, агар аз як тараф мувофиқи ҳадисҳо «биҳишт зери қудуми модарон аст», вале аз тарафи дигар дар Қуръон ҳуқуқи мард нисбат ба зан ду баробар бартарӣ дорад: «Худо Шуморо дар ҳаққи фарзандонатон ҳукм мекунад, ки (ҳиссаи) мард монанди хиссаи ду зан аст» (Нисо 4:11) [12. 67]. Лозим ба ёдоварист, ки дар заминаи муқаррароти Қуръон тафаккури шаклгирифта қудрати ивазнашаванда гирифта, аз ин доира берун баровардани он ғайриимкон аст. Маҳз аз ҳамин сабаб, ин омил дар муайян намудани нақшҳои гендерӣ ва дарки онҳо аз ҷониби ҷомеа қудрати бештари таъсиррасонӣ дорад. Нобаробарӣ дар масъалаи дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ хоси натанҳо фарҳанги исломӣ, балки дигар фарҳангҳо ҳам ҳаст, ки ҳатто ба «модархудо» доштани худ нигоҳ накарда, мавқеи занро муқаддас дар оила, тарбияи фарзанд ва эътирофи қудрати офаридгории ӯ медонанд.

Лозим ба тазаккур аст, ки вақте дар шариати ислом ҳуқуқи зан назар ба мард ду маротиба кам гардид ва ин фарҳанги араб дар ислом қудсият касб кард, ин раванд дар байни фарҳангҳои ғайриарабӣ, аз ҷумла тоҷикон низ паҳн шуд, уламо ва руҳониён ба зан ҳамчун ба офаридаи дараҷаи дуюм менигаристанд. Ҳатто дар замони Сомониён, ки фарҳанги таҳаммулпазирӣ то андозае ривоҷ ёфта буд, бо чунин андешаи Ҳаким Тирмизӣ дучор меоем: «Силоҳи кудак дар рафтан ба мактаб (китоб), ҷавон дар касби илм, пирамард дар пойбанд ба масҷид ва зан дар хонанишинӣ аст» [12. 68]. Вобаста ба ин метавон қайд кард, ки муайян намудани мавқеи иҷтимоии зан дар оила дар минбаъда баҳри устувор гаштани қолабҳои гендерӣ дар ин самт мусоидат намуданд ва то ба имрӯз дар сангари муборизаҳои идеологӣ қарор дорад.

Таҳлили ҷанбаҳои таърихии гендер ҳамчун равияи таҳқиқотӣ имконият медиҳад онро аз нуқтаи назари ташаккули ҷомеаи инсонӣ ҳамчун шакли ҳамзистии марду зан маънидод намуда, дар ин раванди дурударози ташаккулёбии ҷомеаи инсонӣ нақши ҳар ду ҷинсро маълум намоем. Яке аз умумиятҳои таърихие, ки дар доираи онҳо ҳамзистӣ, ташаккули тарзи рафтор, мафкура, зиндагӣ, умумияти фарҳангӣ ва анъанаву урфу одат ба миён омадааст, ин миллат аст, ки фардҳои ҳар ду ҷинс дар мавҷудияти имрӯзаи он нақши асосӣ доранд. Е.Н.Симбаева барҳақ қайд менамояд, ки «миллат на танҳо гурӯҳҳои гуногуни дорои тафовутҳои таърихӣ, ҳудудӣ, забонӣ ё фарқиятҳои иҷтимоиро, балки ду ҷинси аз якдигар ба кулли фарққунандаро муттаҳид мекунад, ки бе таҳлили ҳамкории онҳо дарки бисёр хусусиятҳои миллӣ номумкин аст. Фаҳмиши мафҳумҳои «мардона» ва «занона» дар доираҳои гуногуни таърихию миллӣ мазмуни гуногун касб намуда, ҳамкорӣ ва муқобилияти онҳо қувваи муҳимми рушди раванди миллӣ ва эволютсияи ин ё он этнос ба шумор меравад. Таърихи миллат ҳамчун шакли таърихии инкишофи ҷомеаи инсонӣ, ки асоси онро зиддиятҳои ҷинсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд, маънидод карда мешавад» [13. 6].

Барои мардон тамоюли мустақилӣ хос буда, занон ба ҳамкорӣ ва ҳамбастагӣ майл доранд. Занон нисбатан майли иҷтимоӣ дошта, робитаҳое, ки одамонро муттаҳид мекунанд, нағзтар медонанд ва муоширати онҳоро нисбатан боварибахш мегардонанд. Тафовутҳои иҷтимоии дар рафтори мардон инъикосёбанда нисбати занон хусусияти зӯроварона дошта, ин таърихан асоснок карда мешавад, чунки мардон ҳангоми азхуд намудани муҳити беруна муносибати таҷовузкорона дошта, тавассути чунин шакли рафтор мавҷудияти худро таъмин мекунад. Аз ин рӯ, тамоми тафовутҳоро наметавон танҳо ба фарқиятҳои биологӣ асоснок кард. Бисёр ҳолатҳо аз нақшҳои таърихӣ… низ вобаста мебошанд [14. 7].

Таҳлили ҷанбаҳои таърихии масъалахои гендерӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки тафовутҳои гендерие, ки таърихан ташаккул ёфтаанд, заминаҳои мусоидро бахри ташаккули консепсияҳои дигари гендерӣ гузоштанд. Зеро ҳақ баровардани қувваи мардона фақат бо назардошти хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоию таърихии он заминаро барои рушди муносибатҳои патриархатӣ дар ҷомеа фароҳам

овард. Мардмеҳварӣ дар табиат, ҷомеа ва таърих боиси чуқур реша давонидани тафовутҳо дар дастрасӣ ба захираҳои муайян дар ҷомеа гаштанд. Дар натиҷа масъалаи мавҷудаи зиддияти байни ҷинсҳоро боз ҳам қавитар гардонид. Вобаста ба ин ҳамчун нишони эътирози гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ замина барои ташаккули консепсияҳои нави гендерӣ муҳайё гашт.

### Адабиёт


1. Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017.- 127с.
2. Брандт Г.А. Природа женщины как проблема. (Концепции феминизма) // Женщина в обществе: мифы и реалии. Сборник статей. / Редактор-составитель Круминг Л.С. - М.: Информация - XXI век 2001. –С.88-98.
3. Булавина Т.Е. Эссенциализм // Словарь гендерных терминов.- М., 2002.- 256с.
4. Воронина О. А. Основы гендерной теории и методологии // Теория и методология гендерных исследований. Курс лекций. / Под общ. Ред. Ворониной О.А. - М.: МЦГИ - МВШСЭН-МФФ, 2001. С. 38-49.
5. Коноплева Н.А. Культурологический и гендерный подходы к исследованию креативного типа личности//Современные проблемы науки и образования. – М.,2015, №2.// URL: http://www.science-education.ru/ru/article/view?id=22414 (дата обращения: 12.01.2019).
6. Селиванова О.С. Природа пола как проблема// Сумма философии, 2006.Вып.5.С.135-136.
7. Словарь гендерных терминов./ Под ред. А. А. Денисова. – М. : Информация - XXI век, 2002. – 256с.
8. Чекалина, А. Что такое гендер? / А. Чекалина // Детский сад от А до Я. – 2006. - № 1. - С. 31-51.
9. Цимбаева Е. Н. Современное состояние гендерных исследований по материалам международных конференций. Информационно-аналитический обзор.//http: / / www. Hist .msu. ru / Departments / His Theory /Ed2/nutr3.htm
10. Фролова А.А., Валынская И.М. Проблема гендера: психологический, исторический, социальный аспект// conf.sfu-kras.ru/sites/mn2013/thesis/s084/s084-010.pdf
11. Tuana N. Re-fusing Nature/Nurture //Hypatia Reborn.Essays in Feminist Philosophy. Ed. By Azizan Y.Al-Hibri and Margaret Simons.Indiana University Press.Bloomington and Indianapolis. 1990. P.77.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ГЕНДЕРА КАК НАУЧНОГО НАПРАВЛЕНИЯ

**Рахмонзода Г.Р.**

В статье анализируются теоретические основы формирования гендера как научного направления, рассматривается биологическое и социальное значение категории «пол» и его значение в формировании гендерных теоретических позиций. Также в рамках данной статьи рассматриваются философские, исторические, социальные и биологические аспекты, позволяющие рассматривать гендер, как важную научную концепцию, определяются основы для формирования современных гендерных теорий.

**Ключевые слова:** гендер, пол, культура, гендерная культура, гендерное самопознание, гендерная идентичность, равенство.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE GENDER FORMATION AS A SCIENTIFIC DIRECTION

**Rahmonzoda G.R.**

This article analyzes the theoretical foundations of the formation of gender as a scientific direction, the biological and social significance of the category of "gender" and its importance in the design of gender theoretical positions. This article also discusses philosophical, historical, social, and biological aspects that make it possible to consider gender as an important scientific concept.

**Keywords:** gender, gender, culture, gender culture, gender self-knowledge, gender identity, equality.

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

# УСЛОВИЯ РЕАЛИЗАЦИИ КОММУНИКАТИВНОГО ПОТЕНЦИАЛА ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Норова Н. Н.** – соискатель ИФПП АН РТ

Иловатан бо гузашти вақт ва пайдо гардидани зарурат ба қонунҳои марбутаи соҳа ҷиҳати пешгирӣ намудани таблиғу ташвиқи ғояҳои номатлуб, ба мисли андешаҳои ифротӣ ва терористию экстремистӣ, фарҳангу арзишҳои барои мардуми тоҷик бегона, риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва намояндагони ВАО аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаду меъёрҳои ҳуқуқии мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои марбут ба соҳаи ВАО тадбири саривақтӣ буд. Чунки, дар шароити фазои озоди иттилоотӣ бархе аз воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар инъикоси рӯйдоду ҳаводис ва мушкилот

ҷомеа аз иттилоои носанҷидаву тахриф-шуда ва овозаҳои исботнашуда истифода бурда, дар зеҳни ҷомеа афкори манфиро ба вуҷуд оварданд. Яъне, бо пахши маълумоти носаҳеҳ байни иштирокчиёни ҷомеаи кишвар давлату ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нофаҳмиҳо ба вуҷуд омаданд, ки дар паст задани имиҷи давлат низ бе таъсир намемонд. Бо дарназардошти хатари ба вуҷуд омадани иғвоангезию беэътидолӣ дар фазои иттилоотӣ, ҳукумати кишвар зарур донист, ки дар ин самт чораҳои зарурӣ андешад, ки натиҷаҳои хубро ба бор овард. Ин тадбирҳо то ҳадди зарурӣ фазои иттилоотии кишварро аз маълумоти дар асоси овозаву иттилои носанҷида таҳияшуда, маълумоти таблиғ-гари андешаҳои носолим, хабарҳои зидди давлату ҳукумат, зидди сулҳу эътидол, ва бо мақсади ба вуҷуд овардани ихтилоф миёни аҳли ҷомеаи кишвар равонагардида холӣ намуд, ки дар самти ба вуҷуд овардани афкори сиёсию иҷтимоии аудиорияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат гузошт.

Бо гузашти марҳилаҳои гуногун дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат ва ба амал омадани тағйироту таҳаввулоти муҳими ҷомеа ва тағйир ёфтани ҳадафҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри мутобиқ гардидан ба талаботи замон ва таъмини намудани ниёзи аудиторияи худ бо иттилооти зарурӣ дар фаъолиятҳои худ ҷиҳати инъикоси масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бештар талош ба он намуданд, ки ба сарчашмаҳои маълумоти воқеӣ такя намоянд, то тавонанд дар ҷомеа андешаи солиму созандаро ба вуҷуд оварданд. Дар ин самт ВАО-и кишвар ба дастовардҳои зиёд ноил гардид. Дар солҳои 2010 -2016-ум натиҷаи фаъолияти пурсамари Ҳукума-ти мамлакат ва воситаҳои ахбори омма ҷиҳати тарбияи насли солиму созанда, таблиғу ташвиқи илму дониш ва иштиро-ки фаъол дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ки-швар, ки ҳама аз ташаккули афкори соли-ми ҷомеа ба вуҷуд меоянд, назаррас ме-бошад.

Ин аст, ки имрӯз талаботи ҷомеа ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, иштирок дар чорабиниҳои муҳими сиёсии кишвар, маъракаҳои ободониву созандагӣ афзудааст. Ҷомеаи Тоҷикистон аллакай соҳиби андешаву афкори худ гардида, таъсири омилҳои беруна коҳиш ёфтааст. Чунин эҳсос мегардад, ки ба мисли солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ мардуми кишвар доир ба тақдири мамлакат бета-раф набуда, баҳри ҳалли масоили ҷомеа талош менамояд. [8]

Ин, албатта, муваффақияти давлату ҳукумат, ва дар навбати худ, воситаҳои ахбори оммаи мамлакат мебошад, ки дар ташаккули андешаи солиму созандаи сиёсии аудитория саҳм гузоштаанд. Дар замони муосир, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ тағйироту таҳаввулоти бузург ба амал омада истодаанд, муборизаҳои иттилоотӣ то рафт шиддат гирифта истодаанд, воситаҳои техникиву технологии марбут ба ВАО ба таври бесобиқа рушд карда истодаанд, созмону ташкилоти террористию экстремистии байналмилалӣ ба фазои иттилоотӣ бо дастгоҳу механизмҳои боиқтидор ворид гардидаанд, барои ВАО марҳилаи мураккабтаре фаро расидааст.

Дар чунин шароит воситаҳои ахбори омма бояд сари масъалаи дарёфти роҳу усулҳои нави корӣ, фарогирии васеътари рӯйдоду ҳаводиси олам бо таҳлилу омӯзишҳои амиқу асоснок, инчунин мутобиқ гардидан бо пешрафти илму технологияҳои иттилоотию коммуникат-сионӣ андеша намоянд.

**Адабиёт**

1. С.Гулов Пешвои миллат ва рушди воситаҳои электронӣ. Душанбе.2018. 145с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон. Душанбе. 1994 Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» (таҳти №382.14.11.1996), Душанбе. 1996 [сарчашмаи электронӣ] URL:https:// www.ktr.tj [Рузи муроҷиат 05.05.2018]
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» (таҳти №961.19.03.2013), Душанбе. 2013 [сарчашмаи электронӣ] URL:https:// www.ktr.tj [Рузи муроҷиат 11.06.2018]

4. Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи ҳифзи иттилот» (тахти №40.6.08.2001), Душанбе. 2001 [сарчашмаи электронӣ] URL:https:// www.ktr.tj [Рузи мурочиат 8.11.2018]
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Точикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе 22.12.2016 [сарчашмаи электронӣ] URL:https:// www.president.tj [Рузи мурочиат 09.04.2018]
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе 22.12.2017 [сарчашмаи электронӣ] URL:https:// www.president.tj [Рузи мурочиат 11.11.2018]
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе 26.12.2018 [сарчашмаи электронӣ] URL:https:// www.president.tj [Рузи мурочиат 11.01.2019]
8. Э.Раҳмон. Мулоқот бо намояндагони васоити ахбори оммаи давлатӣ. Душанбе. 20.02.2019. [сарчашмаи электронӣ] URL:https:// www.president.tj [Рузи мурочиат 03.03.2019]

## ВЛИЯНИЕ СМИ НА ФОРМИРОВАНИЕ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ В РТ

**Р.Дж. Хайдаров Махсумова М.А.**

В статье были рассмотрены некоторые вопросы воздействия СМИ в формировании общественного мнения. В ходе исследования выявлены различные этапы развития средств массовой информации в Таджикистане. В результате скрупулезного анализа также стало ясным, что после приобретения государственной независимости возник вопрос, что должны возродить институты государственного управления и структура национальных ценностей. Авторы отметили, что высокое политическое руководство страны также демонстрирует значительное внимание к этому вопросу.

**Ключевые слова:** СМИ, гражданское общество, государство, международный имидж, современные технологии, международное сообщество, внутренняя и внешняя политика

## INFLUENCE OF THE MASS MEDIA ON FORMATION OF PUBLIC OPINION IN THE REPUBLIF OF TAJIKISTAN

**Haydarov R.Dj., Makhsumova M.A.**

The article discusses some issues of the influence of the media on the development of Tajik society. According to the survey, in the Republic of Tajikistan the stages of media development are different. As a result of the analysis, it became clear that in the Republic of Tajikistan, after state independence, one state and each nation and national value should be revived, and the need to form a national opinion and political opinion of the people should be resolved. It was noted that the high political leadership of the country also showed considerable attention to this issue.

**Key words:** media, civil society, state, international image, modern technology, international community, domestic and foreign policy

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

# ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ-СИЁСӢ ВА ТАҲДИДИ ОН БА МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,** унвонҷӯи ИФСҲ АИ ҶТ

*Муаллиф дар мақола кӯшиш намудааст, ки ифротгароии динӣ-сиёсиро, ки яке аз падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир буда нишон дода, онро ҳамчун таҳдид ва хатари асосӣ ба манфиатҳои миллӣ баррасӣ намуда, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар баробари ин, муаллиф ҳифзи манфиатҳои миллиро яке аз вазифаҳои асосии ҳар давлат муаррифӣ намудааст.*

*Дар баробари ин, роҳҳои пешгирии ифротгароии динӣ-сиёсиро дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод намуда, мубориза ба алайҳи онро на танҳо дар сатҳи як кишвар, балки дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон муҳим медонад.*

***Калидвожаҳо:*** *ифротгароии динӣ-сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ, падидаи глобалӣ, минтақа, созмони террористӣ, созмонҳои террористӣ, падидаҳои номатлуб, муносибатҳои иқтисодӣ, масъалаҳои меҳварӣ.*

Дар замони ҳозира терроризм, ифротгароӣ ва махсусан ифротгароии динӣ ва сиёсӣ ҳамчун падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир ба яке аз хатарҳои ҷиддӣ ва фишанги таҳдид ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, хусусан ба кишварҳои тозаистиқлол дониста мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши ин масъала тақозои замон буда, шаклҳои зуҳур, заминаҳои пайдоиш, таҳаввулот ва сабабҳои фаъол гардидани онҳо пайваста, пурра ва ҳамаҷониба омӯхта шаванд. Чунки ин падидаҳои номатлуб пеш аз ҳама ба манфиатҳои миллии як кишвар халал ворид намуда, амнияти миллиро барҳам медиҳад ва ба рушди босуботи кишвар монеа эҷод месозад. Маълум аст, ки вазифаи ҳар кишвар, пеш аз ҳама, таъмини амнияти шаҳрвандон ва ҳифзи манфиат ҳои миллӣ мебошад. Аз ин рӯ, ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва таҳдидҳои он ба манфиатҳои миллӣ на танҳо барои Тоҷикистон балки барои дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ хатарзо мебошад.

Дар ин ҷо пеш аз ҳама метавон мафҳуми манфиатҳои миллиро шарҳ дод, ки барои як кишвари соҳибистиқлол шарҳу баёни он хеле муҳим аст. Манфиатҳои миллӣ ин пеш аз ҳама талаботҳо ва манфиатҳои даркшудаи давлат мебошанд, ки аз зарурати, муносибатҳои иктисодӣ ва геополитикӣ дар замири инкишофи давлат бармеоянд ва анъанаҳои таърихию маданӣ, стратегияи таъмини бехатарию амнияти миллӣ, ҳифзи амнияти шаҳрвандон аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ, хатарҳои экологӣ ва инчунин иҷрои вазифаҳои геостратегии рушди давлат, институтҳои дигари сиёсии ҷомеа ва ғайраҳоро фаро мегирад.

Дар раванди ташаккул ва инкишофи истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ, метавон гуфт, яке аз ҳадафҳои асосии стратегияи давлат ба шумор меравад. Ҳоло ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба сифати асоси фаъолияти ҳар як давлат баромад мекунад. Бесабаб нест, ки манфиатҳои миллӣ дар низоми илмҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ маҳсуб меёбад ва дорои аҳамияти бузурги илмию назариявӣ ва амалию сиёсӣ мебошад.

Дар ин раванд ба манфиатҳои миллӣ ҳам хатараҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ таҳдид менамоянд.Яке аз чуни хатарҳои зухури ифротгароии динӣ- сиёсӣ мебошад, ки ин ба сиёсатҳои ҷаҳонӣ вобастагии зич дорад: «Дар шароити муосир мо воқеан эҳсос менамоем, ки қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар роҳандозӣ намудани сиёсати худ ҳанӯз аз тактикаи дастгирии молиявию низомии ҷангҳои динию мазҳабӣ ҳамчун омили асосии нигаҳдории ихтилофот дар Ховари Миёна даст накашидаанд. Идома ёфтани ин раванд ба вазъи муносибати давлат ба дин дар ҳама гуна ҷомеаҳои мусулмонӣ таъсиргузор шудааст ва ҳар лаҳза метавонад ҳамзистии тарафайнро халалдор созад, ҳифзи манфиатҳои давлатдории миллӣ, пойдории сулҳу субот ва таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ин кишварҳоро зери шубҳа андозад. Баробари оғози инқилобҳои «баҳори арабӣ» чунин ба

назар менамуд, ки сиёсати «бозсозӣ»-и барои пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ таҷрибашуда корбурди худро баъди таъсиси ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол хотима набахшид, балки гурӯҳи давлатҳои пирӯз ғояҳои идеологии ҳамин сиёсатро дар тарҳу мазмуни нав барои ба завқу салиқаи худ муносиб сохтани низомҳои мавҷуда асосан дар кишварҳои арабӣ аз нав ба ҳаракат дароварданд» [1].

Ифротгароӣ ҳамчун раванди номатлуби ҷаҳони муосир ҳадафҳои худро дар доираи созмонҳо ва ташкилотҳои махсуси террористӣ амалӣ менамояд. Ташкилоти террористӣ, чуноне, ки таърифи он Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубриза бар зидди терроризм омадааст, фаъолияти террористиро ҳадафи худ қарор медиҳад: «…ташкилоти террористӣ – ташкилоте, ки ба мақсади содир намудани фаъолияти террористӣ таьссис дода шудааст ё дар фаъолияти худ имконияти истифодаи терроризмро эътироф менамояд. ташкилоти террористӣ ба ҳисоб меравад, агар аалан яке аз ҷузъу томҳои дохилии ташкилот ё бо огоҳии ақалан яке аз мақомоти роҳбарикунандаи он фаъолияти террористиро анхом медиҳад»[2].

Дар аксар маврид, ифротгароии динӣ хосияти сиёсӣ пайдо намуда, тарафдорони он барои ҳокимият мубориза мебарад. Махсусан, дар мамлакатҳои исломии Шарқи наздик амали мазкур бештар мушоҳида мегардад. Мураккабтарин ва хатарноктарин зуҳури экстремизм он аст, ки агар дар заминаи этиқоди динӣ хосияти соф идеологӣ намуда бошад. Чунин шакли ифротгароӣ хело мураккаб аст. Зеро раванди ташаккули он асосан ноаён мегузарад. Он метавонад дар доираи маҳдуди вақт фазои номаҳдудро фаро бигирад ва дар муносибатҳои ҷомеаи сиёсӣ нақши барҷаста пайдо намояд.

Дар асоси таҳлилҳои ба анҷом расида метавон ифротгароии сиёсӣ ва динииро як падидаи номатлуби ҷаҳони муосир донист, ки он пеш аз ҳама дар байни ҷавонон бо роҳҳои гуногун зуҳур менамояд ва аз чунин омилҳо иборат мебошад:

- ифротгароиро новобаста аз шакли зуҳураш характери глобалӣ дорад ва он хоси як минтақа ва ё кишвари алоҳида нест, балки он умумиҷаҳонӣ аст;

- омили меҳварӣ, омили иқтисодӣ аст, ки буҳронҳои шадиди иқтисодӣ, молиявӣ ба паст гардидани сатҳи зиндагӣ ва авҷуи бекориҳо оварда расон, ки заминае буд барои тақвиятим рушди ифротгароӣ дар саросари ҷаҳон;

- ба вуҷуд омадани кишварҳои тақвиятахшанди ифротгароӣ ва майдонҳои озмоӣшии ҷангӣ ба истилоҳ «кишварҳои ҷангзада» ба монанди Афғонистон, Ироқ, Сурия ва ғ.

- ба як идеологияи «ифротгароӣ ва террористӣ» табдил намудани дин ва арзишҳои динӣ, ки дар аксари ташкилотҳои террористӣ омили динӣ нақши муҳим бозида, онро ба манфиатҳои сиёсӣ ва ғаразноки худ истифода мебаранд;

- ба ҳайси тақвият бахшидани мухолифатҳо баҳри амалӣ гардидани ҳадафҳои сиёсӣ-иқтисодӣ, истифода намудани таҷрибаи талхи таърихии низоъи шиа ва суннӣ дар либоси нав ва ё кофир эълон намудани мусулмон аз ҷониби мусулмони дигар;

- бо сабаби буҳронҳои иқтисодиву молиявӣ, рушди нобаробари вазъи иҷтимоии-иқтисодии аҳолӣ, ки дар баробари рушди вазъи иқтисодии як қишри ҷомеа паст гардидани сатҳи некуаҳволии қишри дигар, ки барои пайдо гардидани синфи миёна монеа эҷод менамояд;

- коста гардидани маънавиёт дар ҷомеа, заиф гардидани мақоми арзишҳои ахлоқӣ ва ғайра.

Албатта, ин омилҳои калидие ҳастанд, ки барои рушди ифротгароии сиёсӣ-динӣ мусоидат менамоянд ва бартараф нагардилани онҳо метавонд хатари азимро ба манфиатҳои миллии кишвар расонад.

Дар заминаи таҳлили омилҳои дар боло овардашуда, қайд кардан зарур аст, ки барои муборизаи самарабахши зидди зуҳуроти мухталифи экстремизм ва терроризм бояд тадбирҳои ҷиддие андешида шаванд, ки ба ошкор ва равшан сохтани сиёсат ва идеологияи экстремистӣ равона гардида, ба пешгирӣ ва бартараф намудани терроризм, ки онро қувваҳои сиёсӣ барои амалӣ гаштани мафиатҳои худ истифода мебаранд, мусоидат намоянд.

Муборизаи зидди ифротгароӣ бояд мушаххасан ва мақсаднок сурат бигирад ва манфиатҳои умумибашарӣ дар мадди аввал гузошта шаванд. Ин мубориза фақат бо нобуд сохтани ташкилоти террористие ба охир намерасад. Бояд сабабҳо ва заминаҳои мухталифи ташаккулу инкишофи ин падидаи иртиҷоӣ ҳамаҷониба дарк карда шаванд ва роҳу воситаҳои беҳтари мубориза дарёфт гарданд.. Бояд қайд кард, ифротгароӣ, ки аз ҷиҳати характери фаъолияташ глобалӣ аст, пас мубориза бо он низ бояд дар сатҳи глобалӣ сурат гирад. Аз ин лиҳоз дар Моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо экстремизм ва терроризм, ки «Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм омадааст:

Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм бо давлатҳои хориҷӣ, бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси онҳо, инчунин бо ташкилотҳои байналмилалии бар зидди терроризм муборизабаранда, ҳамкорӣ менамояд.

Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳоро дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарии СААД, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва ИДМ давом дода истодааст. Ҳамаи ин созмонҳоро вазифаҳои умумӣ, аз қабили мубориза ба муқобили терроризм, таҳдиди васеъшавии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, истодагарӣ намудан ва ҷавоб ба амалҳои давлатҳои аъзои Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ ва ғайраҳо муттаҳид мегардонад.

Маҷмӯи принсипҳои асосии муборизаи зидди ифротгароии ҳам динӣ ва ҳам сиёсӣ, риояи санадҳои байналхалқӣ, истифодаи дурусти низоми ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ, эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз рӯи адолат муносибати дутарафа намудан бо қувваҳои сиёсӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Барои пешгирӣ ва бартараф намудани экстремизм ва терроризм ҳамаи усулу воситаҳоро бояд истифода намуд.

Ҳамин тариқ, барои пешгирӣ намудан аз ифротгароӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ бояд шароити мусоидро фароҳам овард, ки он пеш аз ҳама бояд аз таъмини ва хдати милл ӣ ва оромии вазъи иҷтимоию сиёсӣ; таъмини тамомияти арзии Тохикистон ва ҳимояи дахлнопазирии сарҳад; мубориза бар зидди маҳалгароӣ ба хотири ташаккули шуури ягонаи миллӣ ва таъмини афзалиятҳои манфиатҳои миллӣ; мубориза бар зидди камбизоатӣ; рушди иқтисоди бозоргонӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ; мусоидат намудан ба демократияи воқеӣ; ҳамкорӣ ва муносибат бо созмонҳои байналхалқӣ ва бо кишварҳои хориҷӣ баҳри вориди озодонаи Тоҷикистон ба иқтисодиёту сиёсати ҷаҳонӣ; таъмини амният ва бехатарии кишвар; раҳоӣ аз хавфи дохилӣ ва берунӣ ва ғайраҳо бояд бошанд.

Бояд тазаккур дод, ки ифротгароии динӣ-сиёсӣ метавонад ба пояҳои давлатдорӣ ва истиқлолияти сиёсии кишвар таъсири манфӣ расонида, арзишҳо ва манфиатҳои миллиро ба хатари бегонапарастӣ рӯбарӯ намояд. Ифротгароии динию сиёсӣ зуҳуротест, ки махсус барои нест кардани миллат ва оромии ҷомеа созмон дода шудааст. Бинобар ин шинохти ин падидаи номатлуб хусусан барои ҷавонони Тоҷикистон ва дигар шаҳрвандони мо айни замон, муҳимияти хосса дорад.

**Адабиёт**


1. Баротзода Ф. Таҳаввули ифротгароӣ ва тундгароии динӣ дар шароити муосир: баъзе масъалаҳои он.АМИТ Ховар. Ноябрь 1, 2016 16:54.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар бораи мубориза бар зидди терроризм.Моддаи 4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, №11, мод. 275; соли 2005, № 3, мод. 116; соли 2007, ,№11,мод.647;мод.648, ҚҶТ аз 25.12.2015 сол. №1266.


## РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКИЙ ЭКСТРЕМИЗМ И ЕГО УГРОЗЫ НАЦИОНАЛЬНЫМ ИНТЕРЕСАМ


**Рахмон Ю.А.**



В статье автор рассматривает религиозно-политический экстремизм как негативное явление современности и как угрозы на национальные интересы. Также в статье отмечается, что защита национальных интересов является основной функцией многих государств.

Наряду с этим автор выдвигает пути

противодействия этой мировой угрозы и отмечает, что борьбу с этим явлением необходимо осуществить не только в рамках одной страны, а скорее всего на региональном и мировом уровнях.

***Ключевые слова:*** *религиозно-политический экстремизм, национальные интересы, глобальное явление, регион, террористическая организация.*

## RELIGIOUS-POLITICAL EXTREMISM AND ITS THREAT TO THE NATIONAL INTERESTS OF THE STATE

**Rahmon U. A.**

In the article, the author tries to analyze religious and political extremism as a negative phenomenon of modernity and its threat to national interests. The article also notes that the protection of national interests is the main function of each state.

At the same time, the author puts forward ways to counter this world threat and notes that the fight against this phenomenon must be carried out not only within one country, but most likely at the regional and world levels.

***Keywords:*** *religious and political extremism, national interests, global phenomenon, region, terrorist organization.*

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН -2/2019

# ЗНАЧЕНИЕ КИТАЙСКОЙ ИНИЦИАТИВЫ «ОДИН ПОЯС–ОДИН ПУТЬ» ДЛЯ ТАДЖИКИСТАНА

**Хайдаров Р. Дж.-** д.ф.н., зам.директора ИФПП АН РТ

*В статье рассматриваются вопросы реализации китайской инициативы «Один пояс, один путь» и отмечается , что этот проект является своевременным и востребованным, так как отражает и объединяет экономические интересы многих стран. В статье подчеркивается, что Таджикистан убежден в том , что этот китайский суперпроект нацелен на формирование транспортного, энергетического и торгового коридора между странами Центральной, Южной Азии и Европы, а в более широком плане – на углубление экономического взаимодействия между десятками государств, интенсификацию научно- технического сотрудничества между ними.*

***Ключевые слова:*** *Инициатива, мегапроект, транспортный коридор, политическая координация, взаимосвязь инфраструктуры, либерализация торговли, транзитный потенциал.*

Председатель КНР Си Цзиньпин в 2013 году презентовал мировому сообществу мегапроект «Один пояс - один путь». Концепция "Один пояс - один путь" - международная инициатива Китая, направленная на совершенствование существующих и создание новых торговых путей, транспортных, а также экономических коридоров, связывающих более чем 60 стран ЦА, Европы и Африки, которая будет способствовать развитию торговых отношений между ними и Китаем. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент РТ уважаемый Эмомали Рахмон выступая 27 апреля 2019 года в Китае на втором Международном форуме «Один пояс, один путь» по международному сотрудничеству отметил, что «учитывая новые глобальные реалии, Инициатива «Один пояс - один путь» является своевременной и востребованной, так как отражает и объединяет экономические интересы многих стран. Ведь главная цель Инициативы заключается в стимулировании общего развития и процветания, основанных на принципах совместного использования преимуществ каждой стороны во имя общего блага всех государств, расположенных вдоль Шелкового пути»[1].

Как отметил Си Цзиньпин, «у Китая и стран Центрально-Азиатского региона - общая стратегическая цель, которая заключается в стабильном развитии экономики, процветании и могуществе государств. Китайский лидер подчеркнул необходимость всесторонне укреплять практическое взаимодействие и конвертировать преимущества политического диалога, географической близости и экономической взаимодополняемости в преимущества сотрудничества, устойчивого роста, создания общности интересов на основе взаимной выгоды и общего выигрыша»[2].

Си Цзиньпин призвал применять на пространстве Евразии новые модели сотрудничества, общими усилиями формировать "Экономический пояс Шелкового пути" (ЭПШП) и предложил пять необходимых для этого мер: политическая координация, взаимосвязь инфраструктуры, либерализация торговли, свободное передвижение капитала и укрепление взаимопонимания между народами.

В октябре 2013 года глава КНР предложил странам - членам АСЕАН идею совместного строительства "Морского Шелкового пути XXI века" (МШП). Обе инициативы - ЭПШП и МШП - были объединены в общую стратегическую концепцию Китая под названием "Один пояс - один путь", которая представляет сегодня одно из основных направлений внешнеэкономического и внешнеполитического курса КНР. Инициативы уважаемого господина Си Цзиньпина имеют не только межрегиональные черты, но и глобальное измерение. Таджикистан, как известно, первым подписал Меморандум о совместном продвижении инициативы лидера Китая “Один пояс, один путь”. В настоящее время Таджикистан совместно с международными партнерами работает над реализацией ряда крупных инфраструктурных проектов регионального значения. Таджикистан всегда поддерживал и поддерживает любые конструктивные инициативы, направленные на развитие регионально-

ного торгово-экономического сотрудничества на взаимовыгодной основе.

В этой связи Таджикистан высоко оценивает инициативу Председателя Китайской Народной Республики уважаемого господина Си Цзиньпиня «Один пояс, один путь», которая нацелена на решение стратегической задачи — совместной разработки и реализации программ по обеспечению экономического развития в нашем регионе. Находясь на одном из азиатских перекрестков, Таджикистан может быть связующим мостом между Китаем и другими странами, прилегающими к региону. Таджикистан убежден в том , что этот китайский суперпроект нацелен на формирование транспортного, энергетического и торгового коридора между странами Центральной, Южной Азии и Европы, а в более широком плане – на углубление экономического взаимодействия между десятками государств, интенсификацию научно- технического сотрудничества между ними.

Важнейшим компонентом стратегии по повышению уровня благосостоянии народа является устойчиво функционирующая национальная и региональная транспортная система. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон выступив на круглом столе в рамках второго Международного форума «Один пояс, один путь» 27 апреля 2019 года в Китае, подчеркнул, что «Таджикистан придаёт огромное значение успешной реализации Инициативы «Один Пояс, Один Путь» и готов к плодотворному сотрудничеству в рамках этого проекта со всеми заинтересованными странами.Данная инициатива, может содействовать Таджикистану в реализации Национальной стратегии развития на период до две тысячи тридцатого (2030) года и достижении Целей устойчивого развития. Участие Таджикистана в данной инициативе, как страны, не имеющей выхода к морю, способствует развитию его транзитного потенциала. Мы также рассчитываем на увеличение объемов внешней торговли, сокращение стоимости и времени доставки товаров.

Реализация этого масштабного проекта позволит Таджикистану получить доступ к новым рынкам по более выгодным маршрутам через новые транспортные и экономические коридоры; генерировать дополнительные доходы через содействие индустриализации - создание новых производств и предприятий.

Наша цель в транзитно-транспортной сфере – это создание максимально благоприятных условий для международных автомобильных, воздушных и железнодорожных транспортных маршрутов между нашими странами. В этом направлении мы предлагаем включить автомобильные трассы «Китай-Таджикистан-Узбекистан» и «Китай-Таджикистан-Афганистан» в проектный лист данной инициативы». [3].

Поэтому с целью приведения автомобильных дорог и другой транспортной инфраструктуры в соответствие с современными стандартами и превращения Таджикистана в транзитную страну осуществляются соответствующие проекты.

В этом контексте Таджикистан всегда открыт к сотрудничеству для расширения взаимовыгодного регионального сотрудничества, в том числе и путем создания транспортных коридоров, связывающих наши страны с другими странами региона, тем самым способствуя продвижению процесса экономического роста и повышения уровня благосостояния народов. Таджикское экспертное сообщество считает, что Китай – заинтересованный сторонник продолжения и расширения процессов глобализации, о чем неоднократно говорили руководители страны. Объем инвестиций КНР в зарубежные страны в ближайшие пять лет может достичь 600-800 млрд. дол. Подчеркивается, что значительная часть этих инвестиций пойдет в страны Экономического пояса Шелкового пути.

По мнению ряда таджикских экспертов, «участие в проекте «Один пояс – один путь», очень выгоден Таджикистану, который связан с Китаем узами стратегического партнерства. Реализация концепции создания «Один пояс — один путь» сулит Таджикистану решение ряда важных вопросов, прежде всего экономических, на решение которых республика всеми силами старается привлечь инвестиции. В целом идея «одного пояса и пути» заключается в создании инфраструктуры и налаживании взаимосвязей между странами Евразии. Этот пункт данного проекта решит стратегическую задачу – вывод Таджикистана из географической изолированности и превращение страны в транзитную зону. Долгие годы обсуждаются железнодорожные и автомобильные проекты, которые могут соединить много-

численные страны – от Китая до Персидского залива через территорию Таджикистана. Однако, эти проекты так и остались на уровне разговоров из-за отсутствия конкретной программы, которая могла бы обеспечить их финансовую устойчивость и загруженность. Теперь, в рамках идеи создания «одного пояса и пути» транспортные проекты могут быть реализованы с учетом заинтересованности многочисленных стран в его осуществления» [5].

В этом контексте, по нашему мнению совершенно очевидно, что необходимо усовершенствовать трансграничную транспортную инфраструктуры. Китай располагает достаточным объемом финансовых ресурсов, чтобы участвовать в создании транспортных сетей, соединяющих Восточную, Западную, Центральную и Южную Азию, что создало бы благоприятные условия для экономического развития региона.

Экспертное сообщество Таджикистана полагает, что «учитывая серьёзность намерений Китая в реализации «одного пояса и пути» можно полагать, что в ближайшие годы начнется реализация проекта по строительству железной дороги Китай-Кыргызстан-Таджикистан-Афганистан-Иран. Этот фактор способствует индустриализации восточной части Таджикистана. Данный проект выгоден Таджикистану, учитывая постоянную помощь, которую оказывает Китай таджикской экономике. Таджикские эксперты уверены в том, что реализация программы «Один пояс – один путь» даст серьезный толчок экономике Таджикистана, появятся новые рабочие места, улучшится уровень жизни населения. Проект сблизит страны – участницы, и от реализации данной программы можно ожидать серьезные изменения к лучшему. «Решение Таджикистана об участии в проекте «Шелковый путь», а затем в программе «Один пояс – один путь» является логичным, так, как страна не остается сторонним наблюдателем в реализации данной грандиозной инициативы, а становится непосредственной участницей проекта, что в будущем принесет только пользу[4]. Несомненно, Таджикистан, участвуя в проекте, обязан найти и занят свою нишу в нем с максимальной экономической и политической пользой для себя. Я поддерживаю мнения таджикских ученых о том, что «проект «Один пояс – один путь» – это инициатива Китая, обладающего не только идеей, но и огромными ресурсами для его реализации. Хотя данный проект выгоднее, прежде всего КНР, но и другие страны также будут извлекать выгоду из него. Страны-участницы проекта станут не только потребителями, но и производителями, поставляющими свою продукцию по заданному маршруту, и если, Таджикистан также займется развитием производства конкурентоспособной продукции, то республика сможет выйти на рынки стран-участниц проекта»[4]

Сегодня в РТ реализуются некоторые проекты, которые располагаются на протяжении всего маршрута «Один пояс — один путь». Эти проекты охватывают различные отрасли, от сельского хозяйства до промышленности. В частности, реализованы ряд проектов промышленного назначения, которые специализируются в производстве строительных материалов, сельскохозяйственной продукции, а также драгметаллов. С помощью китайских инвестиций количество таких предприятий в республике увеличивается, и, соответственно растет объем их производства.

Реализация проектов по строительству высоковольтных линий электропередачи Юг -Север (500 кВ), Лолазор -Хатлон (220 кВ) и Худжанд -Айни (220 кВ) создало единую энергетическую систему Таджикистана и внесло огромный вклад в развитие экономики республики. Эти ЛЭП также позволили соединить разрозненные энергетические сети Согдийской области и Центрального Таджикистана, и создали единое энергетическое кольцо. Указанные проекты реализованы китайской компанией TBEA и они (энергообъекты) успешно функционируют и выдерживают высокие нагрузки, особенно в зимний период, когда происходит значительный рост потребления электроэнергии.

В 2013 году между Таджикистаном и Китаем было подписано Соглашение о стратегическом партнерстве и китайские власти сразу же начали инвестировать в развитие всех отраслей дружественной страны. Китай в настоящее время находится на первом месте по объему вложенных в экономику Таджикистана прямых инвестиций.

«По данным главы Госкомитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Таджикистана Каххорзода Файзиддина Саттора, в первом полугодии 2017 года правительством Таджикистана было одобрено два проекта с Китаем:

инвестиционное соглашение по золоторудному месторождению ООО «Пакрут» на 180 млн долларов и ООО «КМ Муосир» по строительству предприятия по выпуску взрывчатых веществ в Дангаре на 20 млн долларов.»[5]

Китай оказывает помощь в развитии инфраструктуры и в экономическом развитии РТ в целом. Реализация проектов Китая способствует улучшению жизни людей. Дорога Душанбе – Джиргаталь – Сары-Таш укрепила торговые отношения с Кыргызстаном. Линия электропередачи ЛЭП-500 соединила юг и север страны, строительство Душанбинской ТЭЦ решило вопрос с энергообеспечением столицы и окрестностей.Автомагистраль Душанбе – Куляб – Калай-Хумб – Хорог – Мургаб – Кульма – Кашгар связала основные таджикские города с коммуникационной системой Северо-Западного Китая. Китайская компания по строительству дорог и мостов , при строительстве и реконструкции автодорог в Таджикистане создала более 10 тыс. рабочих мест для местных жителей. Улучшение транспортной инфраструктуры в Таджикистане в значительной степени способствовало улучшению жизни местного населения, придало большой импульс развитию национальной экономики.

В Таджикистане надеяться, что Китай выполнит все свои обязательства по инвестированию таджикской экономики, прописанные в документах, подписанных ранее между Таджикистаном и КНР. «Эти документы были подписаны во время визита в Таджикистан председателя КНР Си Цзиньпина. Они предусматривают финансирование реализации различных проектов в Таджикистане на сумму более $6 млрд.»[ 8]

Инициатива создания «Одного пояса и пути» уже находится на стадии активной реализации. Создан Азиатский банк инфраструктурных инвестиций (АБИИ) под патронажем КНР с уставным капиталом $100 млрд., куда в январе 2015 года вошел Таджикистан. Таджикистан уже получил первый транш указанного банка для реализации своего транспортного проекта.

«По данным ТПП РТ, в Таджикистане сегодня функционируют более 70 предприятий с китайским капиталом, а также присутствует свыше 200 китайских компаний. Кроме этого, Китай участвует в реализации более 50 инвестиционных проектов, охватывающих ряд приоритетных отраслей экономики и инфраструктурных объектов. В настоящее время китайские компании инвестируют в гидроэнергетику, производство сталелитейной продукции, цветных и черных металлов, инфраструктуру туризма, агропромышленный сектор, табаководство. Китайцы хотят вкладывать инвестиции в Таджикистан и создать здесь крупные предприятия с полным циклом прогрессивных китайских технологий и оборудования под «ключ» [6].

Как считают таджикские эксперты «Образование нового региона ЦА в конце прошлого столетия привело к переформатированию всей геополитической и геоэкономической системы на обширном Евразийском континенте. По мере успешного решения пограничного вопроса и создания и укрепления региональной организации (Шанхайская пятерка, ШОС) наладились и расширились двусторонние взаимовыгодные торгово-экономические отношения. За четверть века суверенного развития ни одна мировая или региональная организация не смогла разработать проект равноценной компенсации странам ЦА, не имеющим выхода к мировым портам. В то время как масштабная реализация проекта Экономический пояс Шелкового пути позволит всем государствам этого региона компенсировать издержки от данного геоэкономического фактора. Создание широкой сети современных мультимодальных хабов, охватывающих все разновидности сухопутных торговых путей от авто- и железнодорожных до воздушных и оптиковолоконных способно не только дать выход региону ЦА к морским портам, но и позволить обратную привязку к национальным экономикам. Создание разветвленных газопроводов (газопроводы из Туркменистана и нефтепроводы из Казахстана в Китай и другие направления), ЛЭП и других региональных и межрегиональных инфраструктурно-логистических проектов, начало функционирования АБИИ с его менеджерско - финансовыми ресурсами дает нам больше оптимизма в отношении успешного слияния стран региона с китайским мегапроектом»[7]

Таджикский народ приветствует созидательные инициативы КНР. Таджикистанцы вместе с дружественным китайским народом верят и надеются на успешную реализацию созидательного мегапроекта "Один пояс — один путь"

**Источники:**

1. **Рахмон Э.** Выступление на втором Международном форуме «Один пояс, один путь» по международному сотрудничеству// URL: http://president.tj/ru/node/19974[Дата обращения: 26.05.2019]
2. Стратегия экономического развития "Один пояс — один путь"\\ URL: https://ria.ru/spravka/20170514/1494097368.html [Дата обращения: 26.05.2019]
3. **Рахмон Э.** Выступление на круглом столе в рамках второго Международного форума «Один пояс, один путь»\\ URL:http://president.tj/ru/node/19990 [Дата обращения: 27.05.2019]
4. Проект «Один пояс – один путь» – выгоден всем странам-участницам \\URL:http://avesta.tj/2017/05/17/proekt-odin-poyas-odin-put-vygoden-vsem-stranam-uchastnitsam-eksperty/[Дата обращения: 26.05.2019]
5.Таджикско-китайский роман: чем все закончится?\\URL: http://mirperemen.net/2017/09/tadzhiksko-kitajskij-roman-chem-vse-zakonchitsya [Дата обращения: 25.05.2019]
6. Вхождению китайских компаний на таджикский рынок способствует интерес деловых кругов Таджикистана.\\ URL: https://www.asiaplus.tj/ru/news/tajikistan/economic/20181030/kitai-sozdast-v-tadzhikistane-krupnie-predpriyatiya-s-polnim-proizvodstvennim-tsiklom[Дата обращения: 27.05.2019]
7.Мегапроект Китая «Один пояс, Один путь» и перспектива участия в нем Таджикистана \\ URL: https: // docplayer.ru /36909126-Megaproekt-kitaya-odin-poyas-odin-put-i-perspektiva-uchastiya-v-nem-tadzhikistana.html[Дата обращения: 27.05.2019]
8. Китай инвестирует $6 млрд в проекты в Таджикистане// URL: https://regnum.ru/news/2335132.html[Дата обращения: 27.05.2019]

## АҲАМИЯТИ ТАШАББУСИ ЧИНИИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ” БАРОИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳайдаров Р.Ҷ.**

Дар мақола масоили татбиқи ташаббуси чинии “Як камарбанд,як роҳ” мавриди омӯзиш қарор гирифта, қайд меградад, ки ин лоиҳаи саривақтӣ ва мувофиқи талаби рӯз, манфиатҳои иқтисодии ҳамаи мамлакатҳоро мутаҳҳид ва инъикос менамояд. Зикр мегардад,ки лоиҳаи бузурги чинӣ ба ташаккули долонҳои транспортӣ, энергетикӣ ва тиҷоратии байни давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Аврупо нигаронида шудааст ва дар нақшаи фарохтар - ба амиқтар намудани ҳамкории мутақобилан судманди даҳҳо кишварҳо ва интенсификатсияи ҳамкориҳои илмӣ-техникии онҳо хизмат менамояд.

**Калидвожаҳо:** ташаббус, мегалоиҳа, долони транспортӣ, ҳамоҳангсозии сиёсӣ, робитаи мутақобилаи сохтор , либерализатсияи тиҷорат, иқтидори транзитӣ.

## SIGNIFICANCE OF THE CHINESE INITIATIVE THE “BELT AND ROAD INITIATIVE” FOR TAJIKISTAN

**Haydarov R.Dj**.

The article discusses the implementation of the Chinese initiative “One Belt, One Way” and notes that this project is timely and relevant as it reflects and unites the economic interests of many countries. The article emphasizes that Tajikistan is convinced that this Chinese super-project is aimed at creating a transport, energy and trade corridor between the countries of Central, South Asia and Europe, and more generally, at deepening the economic interaction between dozens of states, intensifying scientific - technical cooperation between them.

**Keywords:** Initiative, megaproject, transport corridor, political coordination, interconnection of infrastructure, trade liberalization, transit potential

# ҲАМКОРИИ НИҲОДҲОИ ДАВЛАТӢ ВА ҒАЙРИДАВЛАТӢ ДАР МУСТАҲКАМНАМОИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Акмалова М. А.**, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

*Дар мақола муаллиф нақши ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро дар мустаҳкамсозии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашад. Дар мақола чунин қайд намуда шудааст, ки дар такмили рӯҳияи истиқлолхоҳӣ дар Тоҷикистон нақши ниҳодҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар бузург мебошад. Дар натиҷаи фаъолияти самараноки ниҳодҳои давлативу ғайридавлатӣ чунин шароите фароҳам омад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон истиқлолияти давлатиро ҳамчун арзиши муҳими сиёсӣ шиносанд ва онро қадр намоянд. Ҳамчунин муаллиф ба нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳкими низоми демократии давлатдорӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ба андешаи ӯ маҳз такмили ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад ба таҳкими низоми демократӣ мусоидат намояд ва дар ин замина ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ғайриҳукуматӣ қувват бахшида шавад. Муаллиф ҳамчунин принсипҳои фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро дар самти ҳамкорӣ бо давлат муайян намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *давлат, соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

Дар шароити муосири инкишофи давлатдории миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият яке аз масъалаҳои муҳими давлату давлатдориро ташкил медиҳад. Олимон ва мутахассисони соҳаи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ ба масъалаи мазкур таваҷҷӯҳу аҳамияти хосса зоҳир менамоянд, ҷиҳати таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ пешниҳод ва таклифҳои худро баён менамоянд. Бо мақсади устувории пойдевори соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар амалияи сиёсӣ аз тарафи як қатор мутахассисони соҳа, аз ҷумла Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ мондани ҳамкории самараноки ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ тавсия шудааст. Чу гуна ба роҳ мондани чунин ҳамкорӣ ва рушд бахшидани нақши ниҳодҳои давлативу ғайридавлатӣ дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ масъалаи муҳиме мебошад, ки бояд баррасӣ ва омӯхта шавад.

Дар таърихи афкори сиёсӣ оид ба хусусият, моҳият ва нишонаҳои мафҳуми соҳибихтиёрӣ ақидаҳои гуногун баён шудаанд. Дар гузашта онро ба таври абстрактӣ мефаҳмиданд. Фаҳмиши муосири ин падида ба давраи шикасти ҷомеаи асримиёнагӣ ва зуҳури давлатҳои миллӣ рост меояд.

Мавҷудияти давлатҳо дар замони муосир бе ғояи соҳибихтиёрӣ ва истиқлолият ғайриимкон аст ва ғояи мазкур нишонаи асосии давлатро ташкил медиҳад. Соҳибихтиёрӣ маънои онро дорад, ки дар ҳудуди давлат ягон ҳокимияти олие ба ғайр аз ҳокимияти давлатӣ нест. Хусусияти универсалӣ ва фарққунандаи давлат соҳибихтиёрии он ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми «суверенитет» аз забони франсавӣ ва лотинии «Souverainete» гирифта шуда, маънои «ҳокимияти олӣ»-ро дорад [7, 194]. Соҳибихтиёр будан, маънои амалигардии ҳокимият дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро дорад. Хусусияти хоси истиқлолияти давлатӣ ягонагӣ, ҳудуди тақсимнопазир, дахлнопазирии ҳудудҳои сарҳадӣ ва дахолат накардан ба сиёсати дохилии давлат аз ҷониби давлатҳои дигар мебошад.

Соҳибихтиёрӣ – ин на танҳо мустақилият ва озодӣ, балки ҳуқуқи идора намудан, фармон додан, қобилияти озодона қабул намудани қарори сиёсӣ ва амалишавии тамоми вазифаҳои ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Истиқлолияти сиёсӣ воситаи асосии ҳалли вазифаҳои ҳаёти умумимиллӣ ва мубориза дар роҳи

пешрафти иҷтимоии кишвар ба шумор меравад. Барои барҳам додани қафомонии иҷтимоию иқтисодӣ, аз байн бурдани ҳар гуна зулму истибдод, хоҳ асосҳои нажодӣ дошта бошанд, хоҳ миллию динӣ ва ғайра, оқилона истифода бурдани захираҳои инсонӣ ва сарватҳои табиат, мутаносибан аз рӯи манфиатҳои кишвар ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда ва дигар раванду падидаҳои ҷомеаи инсонӣ замина муҳайё менамояд [7, с. 195].

Соҳибихтиёрии давлатӣ дар волоияти давлат дар ҳудуди муайян ва соҳибистиқлолии он дар муносибатҳои байналхалқӣ зоҳир мегардад. Давлатҳои мустақил дар муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ бо давлатҳои дигар дар асоси принсипҳои эҳтиром ва эътирофи соҳибихтиёрии онҳо ҳамкориҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ ва ғайраро ба роҳ мемонанд ва инчунин ба созмонҳои байналхалқӣ аъзо мегарданд. Сиёсати хориҷии ҳар як давлати мустақил, пеш аз ҳама барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона карда мешавад.

Қонун рукни асосӣ ва омили зарурии давлат мебошад, ки иҷроиши он барои ҳама ҳатмӣ мебошад. Давлат ва низоми идоракунии он дар масири ҳазорсолаҳо ташаккул ва инкишоф ёфта, қонун низ бо инкишофи давлатдорӣ ташаккул ёфтааст. Таърихи таъсири мутақобилаи давлат ва шахсият, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар идораи давлатиро таҳлил намуда, метавон онро ба ду давра тақсим намуд: анъанавӣ ва конститутсионӣ.

Яке аз нишонаҳои соҳибистиқлолии давлат – мавҷудияти Қонуни асосии давлат, яъне Конститутсияи он ба ҳисоб меравад. Дар Констиутсия ҳокимияти давлатиро ба ҷомеаву шаҳрванд тобеъ намуда, фаъолияти давлатро меъёрҳои муайяни қонунӣ танзим менамоянд, дар навбати худ давлат риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар оғози бунёди давлатдории миллӣ, яъне 6 ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Дар моддаи 7 – уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омаддааст: «Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд» [1].

Раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ дар замони муосир дар Тоҷикистон аз рӯи хусусияти хеш миллӣ ва аз рӯи моҳияти он демократӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Тоҷикон ҳамчун миллати таҳҷой дар Осиёи Марказӣ дар ҳудуди хеш ҳуқуқи миллӣ-таърихии худ ба худмуайянкуниро амалӣ намуд. Истиқлолияти миллӣ бо истиқлолияти давлатӣ алоқамандии зич дорад. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сохтори мураккаби этносиёсӣ ва ҳуқуқиро дорост. Соҳибихтиёрӣ имконият медиҳад, ки анъанаҳо ва урфу одатҳои давлатдории миллӣ эҳё шаванд.

Ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дастоварди бузурги таърихӣ барои халқи тоҷик дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди бадастоварии соҳибистиқлолӣ раванди ниҳоят мураккаб ва тӯлонӣ мебошад. Таърихи ҷаҳонӣ собит месозад, ки халқият ва миллатҳое, ки дар тӯли солҳои дароз барои озодӣ ва истиқлолият мубориза мебаранд, дар ин роҳи хеш ба талафотҳои зиёд дучор мегарданд. Дар замони муосир низ низоъҳои озодихоҳона ва шӯриши халқиятҳо барои ба даст овардани истиқлолият ба назар мерасанд. Дар шароити имрӯза низ дар ҷаҳон даҳҳо миллион одамон аз ҳуқуқи худмуайянкунии миллӣ бархурдор нестанд.

Дар мавриди Тоҷикистон он нуктаро қайд намудан зарур аст, ки барои истиқлолият агарчанде қишри муайяни аҳолӣ кӯшиш ба харҷ медод, аммо истиқлолхоҳӣ дар солҳои аввал чандон хосияти оммавӣ надошт. Аз ин рӯ, то ба як андоза метавонем гуфт, ки агарчанде кӯшишҳои ба даст овардани соҳибистиқлолӣ мавҷуд буданд, аммо истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар хосияти вазъиятӣ дошт. Яъне аз ҳаракатҳои озодихоҳонаи кишварҳои дигар ва ҳамчунин фурӯ пошидани ИҶШС ҳамчун давлат вобаста буд. Дар он замон элитаи сиёсии кишвар интихобе ба ҷузъ эълони соҳибистиқлолии кишвар надошт.

Албатта, тадриҷан тафаккури соҳибистиқлолӣ миёни мардуми мо тақвият пайдо намуд, ки онро метавонем чун заминаи асосии густариш пайдо намудан ва таҳким ёфтани истиқлолияти кишвар

донист. Метавонем чунин иддао намуд, ки нақши ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар ин самт хеле бузург мебошад. Пеш аз ҳама дар натиҷаи фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳисси давлатдории миллӣ, демократия, озодихоҳӣ, истиқлолхоҳӣ дар миёни мардуми мо тадриҷан мустаҳкам намуда шуданд. Ташаккул ва рушди тафаккури истиқлолхоҳиро мо метавонем чун дастоварди арзишмандтарин дар самти таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қаламдод намоем.

Барои мустаҳкам намудани пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият дар шароити муосири инкишофи Тоҷикистон фаъолияти босамари ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеа ва ҳамкории онҳо бо мақомоти давлатӣ дар роҳи ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ мақоми хосса дорад.

Дар замони муосир давлатҳо аз ӯҳдаи ҳалли тамоми масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҷомеа баромада наметавонанд ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати ёрдамчии давлат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ хизмат мерасонанд. Дар он давлате, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ва рушд ёфтааст, ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ самаранок ба роҳ монда шуда, шаҳрвандон ба воситаи иттиҳодияҳои таъсиснамудаи хеш манфиатҳои худро ҳимоя менамоянд.

Низоми ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ин низоми мунтазам рушдёбанда буда, он усул ва воситаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-сиёсиро дарбар мегирад. Дар кишвари мо таҷрибаи мусбати ҳамкории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ ба назар мерасанд. Албатта дар ин самт камбудиҳо низ мавҷуданд, ки зарур мешуморем онро ҳам давлат ва ҳам ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба назар бигиранд ва барои рафъи камбудиҳо чораҷӯӣ намоянд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин маҷмӯи муносибатҳои байнишахсӣ, оилавӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, маданӣ, динӣ ва ғайраҳо, ки дар ҷомеа бе дахолати давлат инкишоф меёбад[5, с. 154].

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он вақте пайдо мешавад, ки ташаббуси шаҳрвандӣ ба вуҷуд меояд. Чӣ тавре, ки Г. Зокиров қайд менамояд, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони сармоядорӣ ба вуҷуд омадааст [7, с. 249].

Агар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз як тараф ҳамчун ҳимоятгари манфиатҳои шаҳрвандон баромад намоянд, аз тарафи дигар онҳо метавонанд, гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро муттаҳид намоянд ва онҳоро бахри расидан ба мақсадҳои гузошташуда равона намоянд. Аз вазъи муносибати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ устуворӣ ва инкишофи минбаъдаи ҷомеа вобастагии зич дорад. Инчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд байни худ муносибати қавӣ ва устувор дошта бошанд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ як механизми муҳимми такмили низоми демократӣ мебошад. Миёни низоми демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаи дутарафа вуҷуд дорад. Низоми демократӣ заминаи ҳуқуқиро барои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд меоварад, то ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсис дода шаванд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар навбати худ пас аз ташаккулёбӣ ва инкишофи худ метавонад ҳамчун механизми муҳими такмили арзишҳои демократӣ баромад намояд. Он метавонад механизми ҳокимияти мардум аз барои мардумро тақвият бахшад, ки рақобатнокӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳандагӣ ва масъулиятшиносиро дар низоми идораи давлатӣ талаб намуда, бо ин роҳ барои рушду тараққии давлат шароити мусоид фароҳам менамояд.

Сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ аз чунин унсурҳо иборат аст: шахсият, оила, мактаб, масҷид, моликият ва соҳибкорӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, табақаҳо, синфҳо, ҳаёти шахсии шаҳрвандон ва кафолатнокии он, ниҳодҳои демократӣ, низоми мустақили судӣ, низоми таълим ва тарбия, воситаҳои ахбори омма, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ғайридавлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва ғ.

Чӣ тавре, ки маълум аст, оила, моликият, шахсият, озодӣ, ҳуқуқ, маънавиёт, тартибот, давлатдории демократӣ арзишҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳисобида мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи нав заминаҳои меъёрию ҳуқуқии давлати демокративу

Дар мақола муаллиф кӯшиш намудааст, ки заминаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии бунёди давлатдоии миллиро дар Афғонистон мавриди баррасӣ қарор диҳад. Муаллиф қайд намудааст, ки барои ноил гардидан ба ин ҳадаф бояд дар ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуда, барнома ва лоиҳаҳо дар ин самт амалӣ карда шаванд. Инчунин дар мақола қайд гардидааст, ки дар ин раванд нақши ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан созмонҳои байналмилалӣ бузург аст.

***Калидвожаҳо**: ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлатдории миллӣ, Афғонистон, ИМА, Иттиҳодияи Аврупо, конвенсия, ЮНЕСКО.*

Раванди бунёди давлатдории миллӣ дар як кишвар вақте муваффақ мегардад, ки шаҳрвандони ин кишвар моҳияти зарур будани онро дарк намоянд. Роҳандозӣ намудани барномаҳои ичтимоӣ ва фарҳангӣ ягона роҳе барои расидан ба ин масир мебошад. Дар раванди эъмори давлатдории миллӣ дар Афғонистон бояд муайян намуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ чи нақш дорад.

Ҷомеаи байналмилалӣ дар канори масоили сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодӣ дар Афғонистон, умури фарҳангӣ ва иҷтимоиро аз назар дур надошта, ҳамкориҳо ва барномаҳои вижаро дар ин арса дар дастури кор доштанд, аз тариқи роҳандозии барномаҳои мухталифи иҷтимоӣ-сиёсӣ заминаи табодули дидгоҳҳо ва назарияҳоро муҳайё сохтанд. Дар воқеъ дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи миллатҳо ва халқҳо дар ин раванд боис мегардад, ки он таҷрибаҳо мавриди назар қарор гиранд. Дар ин раванд ИМА, Иттиҳодияи Аврупо, ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва фарҳанг бо давлати Афғонистон ҳамкорӣ намудаанд, то лоиҳаи мушаххасро дар ин самт амалӣ намоянд.[2.23]

Дар натиҷаи ҳамкориҳои муштараки ҷомеаи байналмилалӣ ва Афғонистон, иқдомот ва фаъолиятҳои зерин сурат гирифтанд: ташкил намудани намоишгоҳҳо, густариши равобит ва ҷалби ҳамкориии созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалии фарҳангӣ, бозсозӣ ва таҳкими мероси фарҳангӣ, ташкил намудани намоишгоҳҳо барои шиносоии маконҳои таърихӣ ва бостонӣ, ҷалби ҳамкориҳои ЮНЕСКО дар раванди рушд ва инкишофи умури илмӣ-фарҳангӣ ва муаррифии шаҳри Ғазна ба ҳайси пеойтахти фарҳанги ҷаҳон дар соли 2013, ҷамъоварӣ намудани осори атиқаи ғоратгардида, доир намудани маҳфиҳои мутааддиди илмӣ бо мақсади гиромидошт аз шахсиятҳои илмӣ, фарҳангӣ ва ҳунарии афғон ва хориҷӣ, иштироки фаъолона дар мусобиқаҳои варзишӣ ва муаррифии бозиҳои суннатии Афғонистон, муаррифии боғҳои миллӣ ва ғайра.[2.64]

Раванди фарҳангии давлатдории миллӣ, ки арзиши ҳаётӣ дар амри субот ва мондагорӣ аст, бояд ба таври дақиқ мавриди пайгирӣ қарор гирад, то мардум арзишҳои фарҳангии ҷадидро пазируфта ва мабнои рафтори хеш қарор диҳанд. ИМА ба баъзе ин назарияҳо кӯшид, ки бо истиқрори қудрати низомӣ таъсиси давлат дар Афғонистон монеъаҳо ва муқовиматҳои мусаллаҳонаро саркуб намояд, то заминае барои эъмори давлатдорӣ ба вуҷуд ояд.[6.72]

Ҷомеаи байналмилалӣ ва Афғонистон бо дарки аҳамият ва нақши меҳварии таълимоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ дар самти рушд ва инкишофи сатҳи зеҳнӣ ва фикрӣ дар кишвар як силсила иқдомотро анҷом доданд. Дар ин раванд баҳри рушди соҳаи маориф, таҳсилот ва ниҳодҳои таҳқиқотӣ дар Афғонистон, ҷиҳати иртибот миёни ниҳодҳои ғарбӣ ва афғонӣ, бурсҳои таҳсилӣ ва эҷоди курсҳои омӯзишии забони англисӣ фароҳам оварда шуданд.

Иттиҳодияи Аврупо дар арсаи табодули фарҳангӣ гуфтугӯ ва музокироти му-

ассиреро рӯи даст доштанд. Дар ҳамин росто буд, ки Иттиҳодияи Аврупо барои узвияти Афғонистон дар Конвенсияи ЮНЕСКО дар мавриди танаввуъи фарҳангӣ, Афғонистонро ҳимоят намудааст.

Муассисаи тавсияи фарҳангии ҳамкориҳои байналмилалии ИМА (USAID) дар мувофиқа бо Вазорати маорифи Афғонистон макотиби зиёдеро дар вилоятҳо, музофотҳо ва рустоҳои Афғонистон таъмир, таъсис ва бунёд намуданд. Ҳамчунон иқдомоти дигаре монанди таъсиси Донишгоҳи америкоӣ дар Кобул, тадриси забони англисӣ, таъсиси муассисаи омӯзишӣ барои муаллимтайёркунӣ барои занон дар Кобул, чопи китобҳои дарсӣ бар асоси барномаи таълимии ҷадид ва ҷорӣ намудани он дар мактабҳо, эъмор ва тармими бештар аз ҳазор мактаб дар кишвар, таъсиси мактабҳои байналмилалӣ бо методи таълимии америкоӣ, ва баргузор намудани конференсияҳо ва семинарҳои илмиро метавон ёдоварӣ намуд.[1.178]

Бояд қайд намуд, ки дар асоси баъзе факту рақамҳо шумораи бесаводон дар Афғонистон ба 48% мерасад. Ин нишондод аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вазъи соҳаи маориф дар кишвар дар ҳолати хуб қарор надорад. Бояд қайд намуд, ки мактабу таълимгоҳҳо аз лиҳози сифати таълим мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифта ва ҳанӯз ҳам садҳо ҳазор шаҳрвандон шароити ба мактаб фарогир шудан надоранд. Ба ҳамин тартиб, роҳ ёфтан ба донишгоҳҳои давлатӣ бо маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ аст ва танҳо теъдоди муайян аз мутааллимин метавонанд ба таҳсилоти олии дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳои давлатӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Сектори хусусии таҳсилоти олӣ бо вуҷуди ин, ки бисёре аз донишҷӯёнро ҷазб намудааст, аммо аз лиҳози кайфият ва рақобат дар бозори кор, ҷойгоҳи муносиберо ба даст наёварда аст.

Дар асоси конвенсияҳои байналмилалӣ умури фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, дар Конститутсияи Афғонистон ҳам тасреҳ шудааст, ки давлат ҳам бояд барномаҳо ва роҳкорҳои муфид ва асосиро барои беҳбуди вазъи таълиму тарбия, тарҳ ва татбиқ намояд. Шароити номусоид ва набудани имконот ва таҳсилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ боис гардида, ки теъдоди касире аз кӯдакони афғон аз ҳаққи таҳсили хеш бенасиб бимонанд.

Ҳуқуқи фарҳангӣ низ яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳуқуқи башарӣ ба ҳисоб меравад, ки то кунун дастоварди андаке дар ин замина ба даст оварда аст. Афғонистон сарзамини фарох ва бузург ва бархурдор аз фарҳанги ғанӣ ва таърихӣ аст. Ин фарҳанги таърихӣ марбут ба соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва ҳам ақвоми сокин дар ин сарзамин мешавад. Аммо вуҷуд надоштани барномаҳои миллӣ ва ҷомеъ барои эҷоди заминаҳои ҳамсони қавмӣ, тақвияти фарҳангҳои хурду кӯчак ва набудани ҳимоят аз забонҳо ва расму оинҳои гурӯҳҳои мухталифи этникӣ боис гардида, ки ҳуқуқи фарҳангӣ-иҷтимоии теъдоди бузурги шаҳрвандони Афғонистон риоя нагардад. Ҳар гоҳ ҳукумат стратегияҳои ҷомеъ ва қобили татбиқро дар ҷомеа тарҳ ва татбиқ кунад, бешубҳа бахше аз монеаҳои мавҷуда бартараф шуда ва заминаи тафоҳуми миллӣ ва эҳсоси ҳамбастагӣ дар миёни ақвом беҳтар хоҳад гардид.

Баъзе аз муҳаққиқони кишварҳои ғарбӣ, ба ин боваранд, ки сатҳи поёни саводнокӣ ва набуди огоҳии кофӣ ва ҳамаҷониба дар Афғонистон ва Ховари Миёна аз авомил ва ангезаҳои рушди бунёдгароии исломӣ буда, боис гардидааст то ифротгароёни мазҳабӣ ин вазъият ва халоҳои ақидавиро бештар ба нафъи худ истифода баранд. Аз ин рӯ, густариши таълиму тарбия дар ҷомеа ва баланд бардоштани чигунагӣ ва сифати он,роҳҳоеанд, ки боиси баланд бардоштани огоҳӣ ва тағйири зеҳнии ҷомеа гардида, аз бурузи хушунат ва ифротгароӣ ҷилавгирӣ менамояд.

Муҳаққиқони соҳаҳои иҷтимоӣ ва фарҳанг барои ба анҷом расондани фитнаҳои фирқагароёни ифротӣ ва расидан ба ҳадафҳои фавқуззикр, иқдомот ва равишҳои зерро таҷвиз намудаанд: таъсис ва таҷҳизи мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ, таҳияи китобҳо ва маводҳои дарсӣ, баргузориҳои семинарҳо ва чорабиниҳои илмӣ, баланд бардоштан ва ба роҳ мондани робитаи зичи ҳамкориҳо миёни секторҳои давлатӣ ва хусусӣ, эҷоди фарҳанги сулҳ ва ҳамзистии осоишта дар ҷомеаи чандфарҳангӣ ва ғайра.[3.90-91]

Таҳлилгарони улуми сиёсӣ ба ин боваранд, ки ки беҳтарин роҳи мубориза барои таъмини ҳуқуқи инсонҳо дар ҷомеаи шаҳвандӣ ин таваҷҷуҳ намудан ба ҳуқуқи иқтисодии шаҳрвандони ва эҷоди ҷойҳои корӣ аст. Ҳиросат ва ҳифозат аз ҳуқуқи башарии афроди бидуни заминасозӣ ва эҷоди фурсатҳои шуғлӣ ва даромадзоли камтар таҳаққуқ пазир хоҳад буд, бо ҳамин руйкард аст, ки аз ҷониби ниҳодҳои ҳуқуқи башарӣ пешниҳод гардид, то ҳукумати ваҳдати миллӣ барномаҳои муфид ва созандаро барои омӯзиши беҳтар ва эҷоди фурсатҳои шуғлӣ фароҳам созад. Ҳукумати Афғонистон ба назардошти ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ки дар Қонуни асосӣ мундариҷ гардидааст, барои эъмори ҷомеаи демократӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи башар талош варзида, дар ростои таъмини орзуҳои ҷомеаи мадании навпои Афғонистон бархурдории занон ва духтарон аз фурсатҳои таҳсилӣ ва пойдории адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа кӯшиш менамояд.[5.39]

Фаъолони ҳуқуқи башар ва ҷомеаи маданӣ ба ин боваранд, ки дар заминаи ҳуқуқи иҷтимоӣ низ корҳои қобили мулоҳиза сурат гирифта ва дастрасии бештари шаҳрвандони Афғонистон ба беҳдошт ва омӯзиш аз нукоти қобили таваҷҷуҳ ба шумор меравад, аммо монеаҳое низ дар ин заминаҳо вуҷуд дорад, ки аз камбуди мутахассисон ва докторони моҳир боис мегардад, ки ҳар сол ҳазорон тан аз ҳаққи ҳимояти хеш бебаҳра гарданд, модарони ҳомила, кӯдакони навзод ва атфол аз қурбониёни аслии он гарданд. Мавҷудияти ин чолишҳо бисёре аз шаҳрвандонро маҷбур сохта аст, то барои дармони ибтидоитарин бемориҳояшон ба кишварҳои ҳамсоя сафар намуда, маблағҳои зиёдеро харҷ намоянд.

Эҷоди фазои муносиб барои таъмини ҳуқуқи иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон боис мегардад, то заминаҳои муносибе барои давлатсозӣ мусоид гардида ва рӯҳияи хамдигарпазирӣ дар ҷомеа тақвият ёбад. Муҳаққиқони умури ҳуқуқи башар ва фаъолони ҳуқуқи занон аз лиҳози назарӣ ба ин боваранд, ки табъйиз дар баробари занон то ҳол ба унвони як мушкил боқӣ монда аст, ҳамчунон иддао мекунанд, ки дар асоси сиёсати байналмилалӣ ҳам навъе аз бартарии «ҷинсиятӣ» ҳоким мебошад. Яъне сиёсати байналмилалӣ бештар тавассути мардон танзим мсешавад ва ҳамонҷост, ки манфиатҳои мардонро таъмин мекунад. Мардон бо ҷангу рақобат ва занон бо сулҳу ҳамкорӣ моҳият ва олгӯҳои ҷинсиятии хешро ба намоиш мегузоранд.[6.70]

Хушбахтона дар натиҷаи фаъолиятҳои дохилӣ ва хориҷӣ як силсила таҳаввулоти муҳим дар пайванд бо ҳуқуқи занон дар ҷомеа иттифоқ афтода, ки метавон аз ҳузури пурранги занон дар ниҳодҳои муҳимми давлатӣ аз ҷумла дар парлумон, ҳукумат ва соири ниҳодҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ном бурд. Бо вуҷуди таъсиси Вазорати умури занон ва додани нақши раҳбарӣ ва мудириятӣ ба занон ҳанӯз ҳам нигарониҳо ва душвориҳои вуҷуд дошта ва набудани амният боис гардида, ки занон дар изтироб ва тарс ба сар бурда ва натавонанд нақши иҷтимоии хешро ба дурустӣ амалӣ созанд.[8.34]

Ҳамин тариқ, нобуди пуштибонии иқтисодӣ барои занон, таъсироти ногуворе ба ҷо гузошта ва дар аксар маврид занон мавриди таҳқир, тавҳин ва бархурдҳои ғайри инсонӣ қарор мегиранд. Ниҳодҳои ҳомии ҷомеаи маданӣ ва ҳуқуқи башар хостори онанд, ки ҳукумат, масъалаи нақши занон дар иҷтимоъро ба яке аз улувиятҳои муҳими хеш мубаддал созад. Занон ба унвони ниме аз пайкараи ҷомеаи мо набояд ба қурбониёни муомилоти сиёсӣ мубаддал гарданд, ба ҳамин далел аст, ки занони Афғонистон аз пешрафти музокироти Афғонистон бо Толибон ба хотири мавҷудияти ибҳом дар чигунагии нақши иҷтимоӣ-сиёсиашон дар оянда нигаронанд.

Фасли дуввуми Қонуни асосии Афғонистон, ҳуқуқи башарро муаллафаи иҷтинобнопазир дар тааҳудоти миллӣ ва байналмилалии ин кишвар дониста ва эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башарро ба унвони яке аз манобеи қавонини миллӣ ба расмият мешиносад. Ҳукумати Афғонистон дар заминаи сиёсати хориҷӣ, гомҳои арзишмандеро ба пеш гузошта ва аз чигунагии риояти ҳуқуқи башар дар Афғонистон ба СММ ва ниҳодҳои байналмилалии дигар гузориш медиҳад. Ҳукумати ваҳдати миллӣ бояд гуфтумонҳои созанда ва арзишманд бо ниҳодҳои маданиро идома диҳад то ҷомеаи мадании Афғонистон битаво-

над дар эҷоди заминаҳои лозим барои созмондиҳии арзишҳои ҳуқуқи башарӣ дар сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷӣ мушорикати васеътаре дошта бошанд.

Вазъи муҳоҷирон ва паноҳандагон, қурбониёни аслии ҷанг аз ҷумлаи нафароне ҳастанд, ки ҳуқуқҳояшон поймол гардидаанд. Бештар аз 9 миллион шаҳрвандони Афғонистон ба наҳве аз онҳо дар дохил ва ё хориҷ аз кишвар саргардонанд. Бинобар гузоришҳо ва таҳқиқотҳои ниҳодҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ҳуқуқи башарии муҳоҷирони афғонӣ ба ишколи мухталифе зери по гардида аст, ки бештарини онҳо дар кишварҳои Эрон ва Покистон, иттифоқ афтода аст. Иддае аз муҳоҷирон ва паноҳандагони афғонӣ дархостҳои паноҳандагиашон дар кишварҳои аврупоӣ ва америкоӣ рад гардида, дар ҳолати бе сарнавиштӣ ва било таклифӣ ба сар мебаранд. Баъзеҳо иттифоқ ба он доранд, ки давлати Афғонистон то ҳанӯз натавониста стартегияи муфидеро дар заминаи фароҳамсозии фурсатҳои шуғлӣ, иҷтимои суккони бозгашткунандагон эҷод намояд. Ин бе сарнавиште боис мегардад, то мушкилот ва муаззалоти дигари иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба вуқуъ бипайвандад. Ҳукумати ҷадид ба ҳимояти ҷомеаи байналмилали бояд заминаҳои мусоидеро барои ин гурӯҳи бузурги иҷтимоӣ фароҳам созад.

Гуфтумони ҷомеаи маданӣ, падидаи ҷадиде аст, ки пас аз вожгун шудани Толибон ва эҷоди заминаҳои ҷадиди давлатсозӣ бар мабнои арзишҳои ҳуқуқи башар ва демократия дар ин кишвар шакл гирифта аст. Низоми ҷадид, ки дар ҳимояти густурдаи ҷомеаи байналмилалӣ таъсис гардида бояд бистари муносиберо барои эҷод ва фаъолияти густурдаи ҷомеаи маданӣ мусоид гардонад. Қонуни асосии Афғонистон нақши ҷомеаи маданиро ба расмият шинохта ва қавонини байналмилалӣ ба вижа кишварҳои узви Иттиҳодияи Аврупо ҳимояти густурдаи хешро барои тарвиҷ ва таъмими фарҳанги маданӣ дар Афғонистон ироа намуда аст. Ҳарчанд ҳимояти ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷомеаи мадании Афғонистон, бисёр андак аст, аммо бояд хотирнишон сохт, ки чаҳордаҳ соли охир, даврони шукуфоии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ дар таърих ба ҳисоб меояд. Нақши ҷомеаи маданӣ ва ҳузури фаъолонаи онҳо дар сатҳи кишвар падидаи зарурӣ ва дархури ситоиш аст. Ҷомеаи маданӣ ва ҳукумат бояд бо истифода аз роҳандозӣ гуфтумони созанда, раванди таҳаққуқ арзишҳои ҳуқуқи башариро тақвият намояд. Ҷомеаи мадани пули иртиботӣ миёни шаҳрвандон ва давлат мебошад. Ҳокимияти қонун, муҳимтарин зомини адолати иҷтимоӣ ва риояти мавозини ҳуқуқи башар ва нақши ҷомеаи маданиро ба расмият мешиносад. Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон додааст, ки таъкид барои арзишҳои ҳуқуқи башарӣ бидуни заминасозӣ барои ҳокимияти қонун ҳеҷ мафҳуме нахоҳад дошт.

Муҳаққиқон таъкид доранд, ки бояд ҳукумати ваҳдати миллӣ, фарҳанги эҳтироми қонунро ба яке аз мавозини аслии кории хеш мубаддал созад. Ҷомеаи Афғонистон ба ҳукумати қонун ниёзи асосӣ доранд ва талабгори ҳукумате ҳастанд, ки қонун ҷавҳари онро бисозад. Беҳбуди вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар кишвар, вазифаи асосии давлат ва мардум аст. Барои берун рафт аз вазъияти ноҳинҷори кунунӣ ва чолишҳои бузурге, ки дар баробари ҷомеаи мо қарор дорад, бояд ки фарҳанги қонуни мадорӣ дар ҷомеа устувор гардад.

Аз сукути режими Толибон то ҳол, миллионҳо афғони муҳоҷир тавонистаанд, ки ба хонаҳояшон боз гарданд ва зиндагии навро оғоз намоянд. Бисёре аз ин бозгаштагон бо муҳоҷират ва таҷрибаҳои хубе бозгашт намуда ва нақши боризеро дар Афғонистон иҷро намудаанд. Бинои ҳокимияти қонун, муҳимтарин зомини адолати иҷтимоӣ ва риояти мавозини ҳуқуқи башарӣ ба ҳисоб меояд. Афғонистон бо доштани Қонуни асосӣ, ки мавозини ҳуқуқи башар ва нақши ҷомеаи маданиро ба расмият мешиносад, ки дар ростои ҳокимияти қонун иқдомоти иҷроиро рӯи даст гирад, то дар заминаи риояи арзишҳои ҳуқуқи башарӣ ба яке аз кишварҳои муҳим дар минтақа мубаддал гардад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки таъкид дар арзишҳои ҳуқуқи башарӣ бидуни заминасозӣ барои ҳокимияти қонун, ҳеҷ мафҳуме нахоҳад дошт.

Ҳамин тариқ, парокандагӣ иҷтимоӣ, набудани рӯҳияи якдигарфаҳмӣ дар масъалаҳои меҳварии сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва нодида ангоштани дигарон, ум-

датарин далелҳое ҳастанд, ки давлат ва ҷомеаи Афғонистонро барои пешрафт дур дошта аст. Мубориза бо омилҳои вогаронӣ дар як ҷомеа ва роҳандозии барномаҳои лозим барои ҳамгироии иҷтимоӣ аз нахустин гомҳои арзишманд дар таҳким ва тақвияти барномаи миллатсозӣ аст, ки мутаассифона дар ростои кори матлуб сурат нагирифта аст.

### Адабиёт


1. Гайданез Антониё. Таҷаддуд ва ташаххус: Ҷомеа ва ҳувият дар асри ҷадид. Тарҷумаи Носир-Мувафақиён.Чопи 4. 1385.
2. Муллозиҳӣ Пирмуҳаммад. Субот дар Афғонистон ва нақши он бар амнияти миллии Эрон. Китоби Осиё. 1385.
3. Маширзода Ҳумайро, Масъуди Ҳайдаралӣ. Ҳувият ва ҳавзаҳои мафҳумии равобити байналмилалӣ. Фаслномаи Сиёсат. №4. 1388.
4. Шайҳон Майкл. Амнияти байналмилалӣ. Тарҷумаи Ҷалол Деҳқонӣ. Чопи аввал. Теҳрон. 1388.
5. Яздон Маҳмуд. Давлатҳои шикананда ва амнияти инсонӣ. Теҳрон. 1390.
6. William Maley. Afghanistan Wars. 2002. Canberra.
7. Afghanistan Index. Tracking variables of Reconstruction and Security in Post 9/11 Afghanistan Brookings. 2011.
8. Inter national Crisis Group. Asia Report. (2009) Afghanistan. Election Challenges.


## СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНЫЕ ПРЕДПОСЫЛКИ СТРОИТЕЛЬСТВА НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ В АФГАНИСТАНЕ

**Асадулло Мубориз**

Автор статьи анализирует основные социально-культурные предпосылки строительства национальной государственности в Афганистане. В статье приводится, что для осуществления данной цели необходимо реализовать сооответсвенные программы и проекты в этом направлении. Также в статье отмечается, что в этом направлении роль мирового сообщества, особенно международных организаций, очень великоа

***Ключевые слова:*** мировое сообщество, национальная государственность, США, Европейский Союз, конвенция, ЮНЕСКО.

## SOCIAL AND CULTURAL PRECONDITIONS OF CONSTRUCTION OF NATIONAL STATEHOOD IN AFGHANISTAN

**Asadullo Mubariz**

The author analyzes the main socio-cultural prerequisites for the construction of national state property in Afghanistan. The article provides that in order to achieve this goal, it is necessary to implement appropriate programs and projects in this direction. The article also notes that in this direction the role of the international community, especially international organizations are great.

***Keywords*****:** international community, national statehood, the United States, the European Union, the Convention of UNESCO.

# ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ ВА ТАҲДИДҲОИ НАВИ АМНИЯТИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Муҳаммадзода П. А.**, д.и.с., муовини директори МТС назди Президенти ҶТ;
**Шарипов А. Н.** – дотсенти ДМТ

*Дар мақолаи мазкур муаллифон дурнамои рушди ҳамгироии минтақавӣ ва таҳдидҳои нави амниятии Осиёи Марказиро дар шароити муосир баррасӣ намуда, қайд менамоянд, ки дар заминаи боз ҳам боло рафтани нуфузи геополитикии Россия, Чин, ИМА, ки манфиатҳои стратегии геополитикӣ доранд, ҳамчунин сиёсати Ҳиндустон ҳам дар минтақа фаъол шудаистодааст. Илова бар ин, дарҷ мегардад, ки ҳамкориҳо миёни кишварҳои нави Осиёи Марказӣ фаоъл гардида, раванди нави ҳамигироии дохилиминтақавӣ муҳимияти бештар пайдо кардааст ва ба андеши муаллифон намунаи олии ҳамкорӣ дар минтақа ин эҳёи ҳамкориҳо ва муколама миёни Тоҷикистон ва Узбекистон ба шумор меравад.*

*Ба ақидаи муаллифон таҳдидҳои нав ба амниятии Осиёи Марказӣ ба монанди терроризм, кибертерроризм, онлайн-эктремизма, сепаратизм, ифротгароии сиёсӣ ва динӣ, ҷинояткории муташакил, низоъҳои байниэтникӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, инчунин қоҷоқи маводи мухаддир ва силоҳ дар навбати аввал баромаданд. Илова бар ин, интиқоли ҷангҷӯён, пеш аз ҳама аъзоёни ДОИШ, аз Сурия ва дигар нуқтаҳои даргир ба минтақаҳои шимолии Афғонистон боиси нигаронии ҷиддӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Узбекистон, Афғонистон, дурнамо, ҳамгироӣ, минтақавӣ, таҳдидҳои нави амниятӣ, экстремизм, онлайн-эктремизм, терроризм, қочоқи маводи мухаддир, СААД, СҲШ, ИДМ, амнияти минтақавӣ, амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, амнияти иттилоотӣ, истиқлолияти давлатӣ, сигаи ҳамгироӣ, равандҳои ҳамгироӣ, равандҳои геополитикӣ, бозингарони минтақавӣ, гидроэнергетика, омилҳои сиёсӣ-амниятӣ, фарҳангӣ-таърихӣ ва иқтисодӣ-молиявӣ.*

Ҳамгироӣ ва умқи бисёрҷонибаи ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои муҳокимашавандаи муносибатҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Дар ҳоле, ки кишварҳои минтақаро сарҳадҳои умумӣ, таърихи умумӣ ва ба ҳам печида, мероси умумии маънавӣ, ҳавзаҳои умумии обӣ, шабакаи умумии роҳҳои автомобилӣ ва оҳан, низомҳои мушобеҳи хоҷагӣ ва бозорҳои дохилӣ, мушкилоти умумии иҷтимоӣ-иқтисодӣ мепайванданд, мутаносибан ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ барои онҳо зурурати айнӣ ба шумор мераванд. Ба ғайр аз ин, дарки манфиатҳои умумии минтақавӣ ва зуҳури таҳдиду хатарҳои умумӣ барои амнияти минтақавӣ ба равандҳои ҳамгироӣ такону мундариҷаи нав мебахшад.

Бо назардошти ин, рушди ҳамкории мутақобила минтақавӣ ва умқи равандҳои ҳамгироӣ дар минтақа яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Ҳангоми муайян намудани афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистона дар марҳилаи муосир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон таъкид намуд: «Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад ва ин бардоштро дар амалияи сиёсии худ дар тӯли бист соли охир борҳо намоиш додааст. Мо якҷоя ва дар ҳамкории созандаву ҳусни эътимод бо якдигар метавонем бар зидди таҳдиду хатарҳои глобалии муосир дар минтақа муқовимат ва истодагарӣ намоем»[2].

Зимни муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёмҳои солонаи худ доимо ба рушди муносибатҳои

минтақавӣ ҳамчун ба самти афзалиятноки сиёсати хориҷии мо таъкид менамояд.

Дар Паёми соли 2018 низ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Мо ба таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба дар минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳем. Густариш ва таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, чун анъана, дар асоси дӯстиву эътимод, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории судманд ба роҳ монда шуда, ба иҷрои ҳадафу вазифаҳо, ҳамчунин, рафъи мушкилоти муштарак равона гардидааст»[1].

Бо пайгирӣ аз чунин самти сиёсати хориҷӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми марҳилаҳо бошуурона ғояи рушди ҳамкорӣ ва лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавиро дастгирӣ менамуд. Дар чунин руҳия, ташаббусҳои ҳамгироии Ӯзбекистони дӯстро дастгирӣ намуда, мехостем ячанд сухан дар бораи аҳамияти онҳо барои тамоми минтақа гуфта бошем. Фаъолшавии сиёсати хориҷӣ, бахусус муайян намудани рушди ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун афзалияти асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ин раванд такони нав бахшиданд. Воридшавии Ӯзбекистон ба равандҳои ҳамгироӣ вазъи сиёсӣ-иқтисодиро дар минтақа тағйир дода, ба равандҳои геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ ва атрофи минтақа таъсири ҷиддии мусбӣ расонид.

Баромадани сатҳи муносибати ду кишвари дӯст – Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба дараҷаи баланд аҳамияти, на танҳо минтақавӣ, балки байналхалқӣ дорад. Айни замон коршиносони аксари марказҳои таҳлилӣ ва сиёсии берун аз фазои минтақа аллакай барнома ва усулҳои нав нисбат ба воқеиятҳои муосири Осиёи Марказӣ коркард менамоянд. Зеро сиёсати як қатор бозингарони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нисбат ба минтақаи мо маҳз бо назардошти ҳамгироии заифи кишварҳои Осиёи Марказӣ коркард шудаанд.

Аҳамияти махсуси беҳшавии ҳамаҷонибаи муносибатро бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва расидан ба сатҳи шарикии стратегииро таъкид намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олӣ ин воқеаро ба қатори се воқеаи таърихии соли 2018 дар таърихи минтақаи мо дохил намуд. Дар бораи алоқаҳои амиқи халқҳои тоҷику ӯзбек сухан гуфта, мо бешубҳа ва пайваста ба дӯстии таърихӣ ва достонзеб Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ рӯ меорем. Дӯстии онҳо ҳамчун амсила ва намунаи дӯстии халқҳои мо тайи асрҳои зиёд барои нафъи тамоми минтақа мусоидат менамуд. Дӯстӣ ва эҷодиёти онҳо ин воқеан бойигарии маънавии мо, яке аз асосҳои ахлоқи мо ба шумор мераванд. Ва мо хурсандем, ки имрӯз фарзандони барӯманди халқҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев муваффақона ин дӯстии таърихиро инкишоф медиҳанд.

Нақши Тоҷикистонро дар равандҳои ҳамгироии минтақа баҳо дода, мехостем саҳми муассири онро дар ҳифзи амнияти минтақавӣ таъкид намоем. Дар ин самт, яке аз шароитҳои асосии рушди ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ зарурати такмили методологияи муайян намудани манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама, муайян намудани манфиатҳои миллии ҳар як кишвар дар қаринаи манфиатҳои умумии минтақавӣ ба шумор мераванд. Маҳз ҳангоми дарки ҷудонопазирии табиӣ ва мутақобилаи манфиатҳои миллӣ ва минтақавӣ, кишварҳои минтақа метавонанд ба муваффақиятҳои куллӣ на танҳо дар масъалаҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ, балки дар таъмини воқеии манфиатҳои миллӣ ноил гарданд.

Имрӯз масъалаи амниятро ба ақидаи мо мебояд васеътар тавассути қаринаи ҷанги гибридӣ барарсӣ намуд, ки дорои унсурҳои таркибӣ мебошад. Чунин усул имкони эҳёи баҳодиҳии воқеии амнияти кишварҳои минтақаро фароҳам меорад.

Масалан бинобар доштани сарҳади тӯлонӣ бо Афғонистон, Тоҷикистон дар сангари пеши мубориза бо чунин хатарҳои воқеӣ барои тамоми кишварҳои минтақа, аз қабили экстремизм, терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва ғайра қарор дорад. Бухрони Афғонистон таъсири манфии худро ба амнияти кишварҳои ҳамҷавор мерасонад. Имрӯз масъали нигоҳ доштани амният ва дарки моҳият ва миқёси

хатарҳои мавҷуда яке аз самтҳои назарраси ҳамкории кишварҳои минтақа ба шумор меравbooанд. Дар чунин ҳолат, талоши зиёд ва таҷрибаи бузурги амалии Тоҷикистона дар пешгирии хатарҳои мазкур яке аз омилҳои муҳимтарини ҳифзи субот ва амният дар тамоми Осиёи Марказӣ маҳсуб мегардад. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон қисмати муҳими таркибии Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, татбиқи иқтидори он метавонад ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодии тамоми минтақа, инчунин таъмини амнияти умумии минтақавӣ баромад намояд. Аз ҷониби дигар, таъкиди ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси маркази зидди маводи мухаддири Созмони ҳамкории Шанхай дар Тоҷикистон метавонад омили муҳими таъмини амният дар ин самт гардад.

Имрӯз минтақа ба сатҳи нави эътимод оид ба рушди ҳамкорӣ дар самти обӣ-энергетикӣ мебарояд. Вобаста ба ин, мехостем таъкид намоем, ки истифодаи иқтидори бузурги гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони таъмини ҳиссаи асосии истеъмоли кишварҳои минтақаро бо оби тозаи экологӣ фароҳам меорад. Айни замон, мутобиқи баҳодиҳии созмонҳои байналхалқӣ Тоҷикистон ҷойи 6 –умро дар ҷаҳон оид ба истеҳсоли нерӯи барқ аз сарчашмаҳои барқароршаванда ишғол менамояд. Кишвари мо имкони ба ҷойи дуюм ё сеюм баромадан дар ин раддабандиро баъди оғози фаъолияти пурраи НБО Роғун дорад. Бешубҳа инро метавон саҳми Тоҷикистон дар ҳалли яке аз масъалаҳои асосии ҷаҳонӣ– ихтисори коҳиши газҳои зарарасон ба фазои атмосфера ва коҳиши оқибатҳои фоҷиабори тағйирёбии иқлим арзёбӣ намуд.

Аз фаъолшавии минбаъада дар танзими масъалаҳои минтақавии Осиёи Марказӣ дар бахши обӣ-энергетикӣ дурнамои рушди ҳамгироии минтақавӣ ва амният дар минтақа, имкониятҳои ҷалби сармоя дар рушди гидроэнергетика вобаста мебошад. Дар дурнамо ҳалли комплексии вазифаҳои мавҷуд ва истифодаи оқилона ва самараноки иқтидори обӣ-энергетикӣ мусоидат намуда, рушди устувори истифодаи фаромарзии обро таъмин месозад, ки яке аз самтҳои муҳимтарини афзоиши иқтисоди кишварҳои минтақа мебошад.

Омилҳои мазкур нишон медиҳанд, маҳз ҳамкории наздик ва ҳамгироии воқеии кишварҳои минтақа дар шароитҳои баробар метавонад таъмини воқеии манфиатҳои миллии кишварҳои минтақаро дар якҷоягӣ ва ҳар як кишварро дар алоҳидагӣ татбиқ намояд. Маҳз аз ин рӯ, мо ҳамгироиро ба сифати яке аз шароитҳои муҳимтарини рушди сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин таъмини амният ва манфиатҳои миллӣ баррасӣ мекунем.

Агар аз манфиатҳои миллии воқеии тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ назар афканем, пас метавон хулоса намуд, ки маҳз рушди ҳамкории минтақавӣ ва умқи ҳамгироии минтақавӣ яке аз шароитҳои асосии рушди минтақа дар маҷмуъ ва ҳар як кишвар дар алоҳидагӣ ба шумор меравад. Маҳз ҳамкории созанда, истифодаи муштараки захираҳои бузург ва нотакрори минтақавӣ ва рушди муштарак метавонад татбиқи манфиатҳои миллии кишварҳои минтақаро дар самти сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва амният кафолат диҳад.

Масъалаи амниятӣ дар Осиёи Марказӣ хислати мураккаби геополитикӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Душвории он дар таъсири бисёрсатҳаи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳолати амнияти минтақа инъикос мегарад. Масалан дар ҷаҳони муосир дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ минтақагароии муносибатҳои байналхалқӣ ҷараён дорад, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хос мебошад. Яке аз сабабҳои ташаккули кишварҳои Осиёи Марказӣ ба воҳиди ягонаи геополитикӣ таъмини амният ба шумор меравад. Таъмини амнияти миллии кишварҳои нави мустақил бо роҳи бунёди низоми бисёрсатҳаи амнияти минтақавӣ ба даст меояд, ки тавассути ҳамкории мутақобилаи бисёрҷонибаи онҳо ба даст меояд. Кишварҳое ки ҳамкории Осиёи Марказиро созмон доданд иштирокчиёни созмонҳои минтақавию байналхалқӣ ба шумор мераванд, ки унсурҳои низоми амнияти ҳам минтақавӣ ва ҳам ҷаҳониро ташкил медиҳанд. [6].

Кишварҳои Осиёи Марказӣ кӯшиши ваҳдати талош ва дастгирии муштараки

амнияту суботро дар минтақа бо роҳи бунёди низоми муътамади амнияти минтақавӣ доранд, ки тавонад алайҳи таҳдидҳои дохиливу хориҷӣ муқовимат намояд. Густариши ифротгароии динӣ ва терроризм дар кишварҳои Осиёи Марказӣ хислати дарозмуддат мегирад. Ин раванд бо як қатор омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобаста мебошад. Ба гурӯҳи якум метавон тафаккури нодурусти ҷавонон ва рафтори аксари аҳолӣ, таъсири зиёди арзишҳои динӣ ба афкори ҷамъиятӣ. Ҳамаи ин ба рушди руҳияи эътирозии шаҳрвандон нисбати сиёсати расмии кишварҳо муосидат менамояд.

Омилҳои хориҷӣ бошад, бо ҷойгиршавии геополитикии Осиёи Марказӣ минтақа алоқаманд мебошад. Кишварҳои минтақа дар иҳотаи минтақаҳои бесуботӣ ва низоъ аз қабили Қафқоз, Синҷон, Кашмир, Афғонистон, Шарқи Наздик ва Миёна қарор гирифтанд.

Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ масоили таъмини амният бевосита бо ҳифзи суботи миллӣ, томият, ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ алоқаманд мебошад. Таҳдиду хатарҳои замони муосир сустии кишварҳои минтақаро афзун менамоянд.

Аллакай аз солҳои аввали мустақилият возеҳ гардид, ки раҳои аз бухрони иқтисодӣ, таъмини амнияти давлатӣ, болоравии мақоми кишвар дар низоми ҷаҳонӣ ба роҳ мондани равобитро дар тамоми соҳаҳо байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ҳамҷавор ва ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозо менамояд.

Табиист, ки ин кишварҳо наметавонистанд дар баробари хатарҳои зикргардида дар танҳоӣ истадагарӣ намоянд, аз ин рӯ воридшавӣ ба Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхайро метавон ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати амниятии кишварҳои минтақа арзёбӣ намуд.

Дар чаҳорчӯбаи сохторҳои фавқуззикр ҳамкорӣ дар ин самт яке аз афзалиятҳо буда, дар маҷмӯъ чунин соҳаҳоро фаро мегиранд:

1) Дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҳамкории бисёрҷонибаи ҳарбӣ амалӣ мешавад, ки баҳри таъмини амнияту суббот дар фазои Иттиҳод зарур аст. Дар ин самт 3 лоиҳа амал менамояд: низоми ягонаи мудофиаи зиддиҳавоӣ, фаъолияти сулхоҳи ва маркази зиддитеррористӣ. Маркази зиддитеррористӣ мақомоти доимоамалкунандаи махсус буда баҳри ҳамоҳангии ҳамкории мақомоти махсус дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ фаъолият менамояд.

2) Василаи дигари ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии амал дар самти таъмини субот ва амният дар минтақа Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ маҳсуб мешавад. Ҳадафи асосии он таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи мустақилият ва томияти ҳудуди кишварҳои аъзо, таҳкими иқтидори қувваҳои мусаллаҳ, ҳифзи низоми ягонаи мудофиаи зиддиҳавоӣ, густариши ҳаикорӣ баҳри ҳифзи сарҳад ба шумор меравад.

Дар кори муқовимат бо хатар ва таҳдидоти муосир байни иштирокчиён ҳамоҳангии талош алайҳи ифротгароии динӣ, терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ҷинояткории муташаккил амалӣ мегардад.

3) Созмони ҳамкории Шанхай стратегияи амниятии на танҳо Россия, балки Чинро низ дар минтақа инъикос менамояд. Бунёди он дар асоси «Панҷгона» ба миён омадааст, ки баҳри танзими ихтилофҳои сарҳадӣ – ҳудудӣ зуҳур намуда буд.

Минтақае, ки созмон фаро мегирад ҳамзамон бо он нодир аст, ки чор тамаддунро: православия, ислом, конфусия ва ҳиндуияро инъикос менамояд. Дар ин самт мебояд муколамаи таммадунҳо, ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва арзишҳои олии инсониро тибқи ақоиди ин таммадунҳо таҳким бахшид.

Агар мо таҳдиду хатарҳои нави амниятиро барои кишварҳои ОМ мушаххасан гурӯҳбандӣ кардан хоҳем, пас метавон онро ба хориҷӣ ва дохилӣ ҷудо намуд.

Ба гурӯҳи омилҳои хориҷӣ ҷанбаҳои зерин дохил мешаванд: 1) Бухрони Афғонистон. Новобаста аз ташкили эътилофи байналхалқӣ ва амалиёти зиддитеррористӣ дар кишвар хатари тавсеаи терроризм ҳамчун омили бесуботии минтақа боқӣ мемонад. Дар қаламрави Афғонистон гурӯҳҳои мухталифи терро-

ристони байналхалқӣ ва ифротгароёни динӣ амал менамоянд.

Бухрони муосири кишвар таҳдиди фурӯпоширо инъикос намуда, тавсеаи заминаи истифодаи қаламрави Афғонистонро барои бунёди таҳдиди амният – аз болоравии истеҳсол ва қочоқи маводи мухаддир то афзоиши фазои қаламрави террористон фароҳам меорад.

Дар Афғонистон равандҳои мураккабе ҷараён доранд, ки ба умқи бухрон мусоидат менамоянд. Яке аз муҳимтарини онҳо бухрони сиёсӣ баъди интихоботи президентӣ аз соли 2014 мебошад.

Зиёда аз он қаламрави кишвар ба майдони фаъолияти ДИИШ табдил ёфтааст. Пайвастани гурӯҳҳои мухталифи террористон ва баъзе шохаҳои Толибон хатари ин омилро бештар месозанд. [8].

Омили дигари хислати дарозмуддат доштани ифротгароӣ ва терроризм дар минтақа, қочоқи маводи мухаддир ба шумор меравад. Имрӯз қочоқи маводи мухаддир яке аз таҳдидҳои асосии ҳам амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳам амнияти минтақа дар маҷмуъ ба шумор меравад. Вобаста ба ҳамсоягӣ бо Афғонистон минтақа ба маркази ҷаҳонии қочоқи маводи мухаддир табдил ёфтааст. Ба ин амр раванди рушди бозори ҷаҳонии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, тағйиротҳои геополитикии охири асри гузашта ва оғози асри нав, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат намуданд.

Дар чунин шароит ташаккули низоми самараноки амнияти минтақавӣ вазифаи муҳим ба шумор меравад. [9].

Тавре маълум, бо оғози амалиёти зиддитеррористии байналхалқӣ дар Афғонистон парвариш ва истеҳсоли маводи мухаддир афзоиш ёфт. Агар дар соли 2001 ҳаҷми истеҳсоли маводи мухаддир ба 800 тона баробар бошад, пас он дар соли 2014 ба 6400 тонна расид. [4].

Вобаста ба ин масъла қайд кардан ба маврид аст, ки мувофиқи маълумотҳои Агентии назорати маводи нашъаоварии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи зиёд гардидани истеҳсоли гардидани маводи нашъадор дар Афғонистон, аз ҷониби Тоҷикистон дар соли 2018 аз гардиши ғайриқонунӣ беш аз 3,1 тона маводи мухаддир гирифта шуд, ки ин назар ба соли 2017-ум 23,5 кг бештар буд.

Мавриди зикр аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромад ва суханронии худ дар Конфронси сатҳи баланд таҳти унвони “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккил”, ки рӯзи 17 май соли 2019 дар шари Душанбе баргузор гардида буд, перомуни мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо терроризм ва маблағгузории он аз ҷумла чунин ибро намуданд: «Маблағҳои аз муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар бадаставардашуда яке аз сарчашмаҳои асосии таъмини молиявии терроризм мебошанд. Тоҷикистон бо дарки воқеии хатари глобалии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар давоми солҳои тӯлонӣ талошҳои худро ба мубориза бо ин зуҳуроти хатарбор равона намуда, дар ин самт таҷрибаи кофӣ низ касб кардааст. Мо ҳанӯз соли 2013 Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро барои давраи то соли 2020 таҳия ва қабул кардем. Стратегияи мазкур бо дарназардошти ҳамбастагии зич миёни гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва терроризм ба бартараф намудани омилҳои ин зуҳурот дар ҷомеа равона шудааст. Танҳо дар соли гузашта 67 амалиёти фаврӣ алайҳи қочоқбарон гузаронида шуд. Тайи 20 соли сипаришуда мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон зиёда аз 125 тонна маводи нашъаоварро аз муомилоти ғайриқонунӣ баровардаанд». [3].

2) Фаъолияти гурӯҳ ва созмонҳои иртиҷоии динӣ. Дар баробари фаъолияти «Ҳизб-ут-Таҳрир», Ҷундуллоҳ, Ансор-уллоҳ, ки зери шиорҳои ислом ба татбиқи ҳадафҳои сиёсӣ – шикасти сохтори конститутсионӣ дар кишварҳои минтақа даъват менамуданд, мубаллиғони ДИИШ авзои фикри-маънавии Осиёи Марказӣ, ба хусус қишри ҷавонро нооором намудааст.

3) Аз лиҳози геостратегӣ Осиёи Марказӣ ба минтақаи таваҷҷуҳи қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ дохил мегардад, ки барои дастёбӣ ба ин минтақа мубориза мебаранд. Омилҳои геоиқтисодӣ, мубориза барои захираҳои энергетикии минтақа низ баҳри табдили Осиёи Марказӣ ба яке аз гиреҳҳои мушкили сиёсати ҷаҳонӣ муосидат менамояд.[12].

Илова бар ин таъсири зиддиятҳои русӣ-ғарбӣ ва фаъолшавии ҳузури Чин, густариши майдони рақобати русӣ-амрикоӣ, ба хусус ҳаводиси Украина ва рақобат дар Сурия ба шиддат гирифтани «Бозии нави бузург» таъсир менамоянд. [7].

4) Тақвияти масъалаи амнияти иттилоотӣ. Интернет дар кишварҳои минтақа – ба яке аз унсурҳои асосии ҳаёти ҷомеа табдил ёфтааст. Аллакай дар оғози соли 2012 16,1 млн. аҳолии кишварҳои минтақа ба шабакаи умумиҷаҳонӣ дастрасӣ доштанд.[13].

Агар шумораи истифодабарандагони интернет дар митақаи Осиё дар соли 2012 16,1 млн. аҳолиро ташкил медод, пас мувофиқи маълумотҳои охирин то 31 марти 2019 ин шумора ба 2 млрд 197 млн 444 ҳазору 783 нафар расид. Ё ба таври дигар аз шумораи истифодабарандагони аҳолии ҷаҳон 51,8% танҳо ба митақаи Осиё рост меояд ва 62,9% дигараш бошад, ба боқимонда кишварҳои ҷаҳон рост меояд.

Мувофиқи ҳамин раддабандӣ шумораи истифодабарандагони интернет то 31 марти 2019 дар панҷ кишвари Осиё Марказӣ дар умум 38 млн 141 ҳазору 591 нафарро ташкил намуд.

Шумораи истифодабарандагони интернет дар кишварҳои Осиё Марказӣ дар алоҳидгӣ то 31 марти 2019 чунин аст: Қазоқистон – 14 млн 210 ҳазору 607 нафар, Қирғизистон – 2 млн 493 ҳазору 400 нафар, Тоҷикистон – 3 млн 013 ҳазору 256 нафар, Туркманистон – 1 млн 262 ҳазору 794 нафар ва Узбекистон – 17 млн 161 ҳазору 534 нафар. Аз инҷо ба мо маълум гардид, ки истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҷойи сеюм меситад.[14].

Тавсеаи хатари иттилоотӣ боиси сафарбар намудани тамоми захираҳои маънавию моддӣ баҳри пешгирии хатарҳои марбут ба он мегарданд.

Ба гурӯҳи омилҳои дохилӣ асосан танзим нагаштани баъзе ҷанбаҳои равобити байнидавлатӣ, аз қабили масъалаи муайян намудани сарҳад, реҷаи истифодаи муштараки об ва дарёҳои фаромарзӣ дохил мешаванд. Вале мебояд таъкид намуд, ки вазъи мавҷуда аз ҷониби ВАО зиёд оҳангу тобиш мегирад. [12].

Дар пасманзари омилҳои дохилӣ ва мушкилоти минтақавӣ, масъалаи бекорӣ, камбизоатӣ, мушкилоти экологӣ ва бесаводии нисбии ҷавонон меистанд, ки метавонанд сабабгори халали амнияти дохилиминтақавӣ гарданд. Омилҳои мазкур метавонанд ҳар лаҳза ангезаи ташаккули ихтилофу низоъ гашта, ба амнияти минтақа таъсири манфӣ расонанд.

Эҳтимолияти манфӣ барои Осиёи Марказӣ – ин бесуботӣ бо назардошти низоъҳои байнидавлатӣ, шикасти режимҳои минтақавӣ бо назардошти омилҳои дохилӣ ва ҷангҳои шаҳрвандӣ ба шумор меравад.[10].

Таҳдидҳои калидӣ ба амнияти Осиёи Марказӣ асосан хислати дохилӣ низ доранд. Таҳдидҳои ҷиддӣ ба суботи дохилии кишварҳои минтақа мавҷуданд. Дар ин радиф омили мазҳабӣ, тақсимоти захираҳои обӣ ва ихтилофи давлатҳои минтақа таъсири муассир доранд.

Раванди ҳамкории кишварҳои мутақобила ва бунёди низоми нисбии амнияти дастаҷамъӣ бо ширкати Россия ва Чин мусоидат намуда, ба дарки ваҳдати талошу кӯшишҳои дастаҷамъӣ овард. Ин омилҳо аз таъмини амнияти нисбии кишварҳои минтақа шаҳодат медоданд, ки дар фаъолияти дуҷониба ва бисёрҷониба дар доираи созмонҳои минтақавӣ инъикос мегардад.

Вале ҳаводиси нави муносибатҳои байналхалқӣ, ба хусус «Баҳори араб», бухрони Ироқ ва Сурия, зуҳури ДИИШ ва масъалаи Украина воқеиятҳои наверо барои ҷаҳониён возеҳ намуданд, ки бо зуҳури хатарҳои нав ва шиддат гирифтани хатарҳои маъмулӣ алоқаманд буданд. Хатару таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ ҳамқадам бо раванди ҷаҳонишавӣ буда инкишоф меёбанд. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ ва мубориза бо онҳо усулҳои нав ва муассир зарур мебошанд.

Ин хатарҳо асосан дар ҷанбаҳои зерин инъикос мегарданд:

- Терроризми худкифо бо унсур ва нишонаҳои давлатдорӣ – зуҳури «давлати исломӣ» дар Шарқи Наздик ба ҷаҳониён даҳшати терроризми муосир ва ифротгароии диниро нишон дод. Ин навъи терроризм новобаста аз маблағгузории гурӯҳҳои алоҳида фаъолият намуда, квазикишвари бесобиқаеро ба рӯйи саҳна овард, ки инъикоси рақобати абарқудратҳо ва ташаккули василаҳои террор ва ифрот маҳсуб мегардад;

- Афзоиши хатарҳои иттиллотӣ – марҳилаи нави ташаккули ҷаҳонишавӣ сатҳи нави хатари иттилоотиро возеҳ намуд. Тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ раванди суқути режимҳои давлатии Шимоли Африқо ва Шарқи Наздик амалӣ гардид. Зиёда аз он ҷалби размандагон ба «ДИИШ», мағзшӯии ҷавонон ва густариши ақидаҳои ифротӣ низ маҳз тавассути шабакаҳои иттилоотии муосир сурат гирифтанд.

- Осебпазирии кишварҳои миллӣ-тағйирёбии арзишҳои геополитикӣ ва шиддати рақобати қудратҳо мавқеи кишварҳои миллиро осебпазир намуда, онҳоро ба манбаи таваҷҷуҳ ва бархӯрди кишварҳои муқтадир табдил додааст. Тақдири талхи Ироқ, Сурия ва кишварҳои Африқо шаҳодати осебпазирии кишварҳои миллӣ гаштааст;

- Зуҳур ва ташаккули ақида ва руҳияи нави нажодпарастии шадид ва неофашизм – ҳаводиси Украина ва ҷудоиандозӣ дар байни қавмҳои славянӣ бо истифода аз ғояҳои миллатгароӣ, неофашизм ва нажодпарастӣ таҳдиди хатари мазкурро боло бурд.

Таваҷҷуҳи хосаро ҳолати амнияти иттилоотӣ дар кишварҳои мустақили Осиёи Марказӣ ҷалб менамояд, ки низомҳои сиёсии онҳо дар раванди ташаккул ва таҳаввул буда, гирифтори ҳуҷумҳои иттилоотӣ аз ҷониби созмонҳои байналхалқии террористӣ ва экстремистӣ мегарданд, ба фишори бозингарони ҷаҳонӣ дучор шуда, ба рақобати минтақавӣ кашида мешаванд.

Ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз оғози истиқлолияти давлатӣ (аз соли 1991) ба ташаккули дидгоҳи (идеология) мустақили худ нисбат ба раванди воридшавӣ ба фазои иттилооти ҷаҳонӣ, қонунгузории миллӣ, барои танзими амнияти иттилоотӣ оғоз намуда, ниҳодҳои мутаносибро барои таъмини ҳифзи инфрасохтори иттилоотӣ ва фазои иттилоотӣ бунёд намуданд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилоти умумии таъмини амният иттилоотӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба онҳо дохил мешаванд: афзоиши таъмири манфӣ ва харобиовари иттилоотии қувваҳои хориҷӣ, рушди нокофии бахшҳои миллии фазои иттилоотӣ бо забонҳои давлатӣ, нобаробарии иттилоотии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳуриҳо, арзиши нисбатан баланди дастрасӣ ба Интернет ва ғайра.

Амнияти иттилоотӣ дар ҳама ҷамоҳири Осиёи Марказӣ ҳамчун шакли амнияти миллӣ баррасӣ шуда, аҳамияти аввалиндараҷа ба муҳофизат аз таъсири харобиовари иттилоотии хориҷӣ ба мақсади барҳам задани сохти конститутсионӣ, халалдор намудани истиқлолият ва тамомияти арзӣ, суботи дохилӣ ва қобилияти мудофиавӣ равона мегардад.

Дар тамоми кишварҳои минтақа сохторҳои махсуси ҳокимият бунёд гаштаанд, ки ба салоҳияти онҳо ҳалли масоили амният иттилоотӣ дохил мегардад. Ҳамаи кишварҳои минтақа иштирокчиёни аҳднома ва созишномаҳои байниҳукуматӣ дар самти муҳофизати фазоиттилоотӣ ва таъмини амнияти байналхалқии иттилоотӣ ба шумор мераванд.

Бояд таъкид намоем, ки монеаи ҷиддӣ дар таъмини амнияти коммуникатсияи сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ афзоиши хатарҳои хислати ҳарбӣ-сиёсӣ, террористӣ ва ҷиноятдошта ба шумор мераванд. Ин, дар навбати худ, назди олимон вазифаи коркард ва татбиқи стратегияи амнияти дастаҷамъонаи иттилоотиро мегузорад, ки метавонад дар чаҳорчӯбаи СААД, СҲШ ва ИДМ ҳал гардад. Зарур аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ татбиқи муқаррароти «Кодекси моделии иттилоотӣ барои кишварҳои аъзои ИДМ» ва «Тавсияҳо оид ба такмил ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллии кишварҳои аъзои ИДМ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ» (23.11.2012), қонуни моделӣ «Дар бораи иттилоот, иттилоотикунонӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ» (28.11.2014), ки дар доираи Маҷмааи байнипардумонии кишварҳои аъзои ИДМ

қабул шудаанд, назорат ва ҳамоҳанг намоянд.

Дар чаҳорчӯбаи кишварҳои СААД Осиёи Марказӣ Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон пайваста дар амалиёти «ПРОКСИ» иштирок менамоянд, ки таҷрибаи аввалини муборизаи ҳамоҳангшуда бо киберҷинояткорӣ дар қаламрави масъулияти созмон мебошад. Ҳамасола дар фазои иттилоотии кишварҳои аъзои Созмон сомонаҳои мухталиф ба қайд гирифта мешаванд, ки тавассути онҳо иттилооте паҳн мегардад, ки ба манфиатҳои давлатӣ ва умумӣ зарар мерасонад. Ҷамъбасти ин таҷриба ва пешниҳоди тавсияҳо барои такмили он вазифаи муҳими муоиср мебошад.

Дар инҷо, барои мисол мехостем, рӯйхати сомонаҳои террористиву экстремистии яке аз кишварҳои Осиё Марказӣ – Ҷумҳурии Узбекистонро, ки айни ҳол кишвари аъзои СААД намебошад, пешкаш намоем. Вазорати адлияи Узбекситсон рӯйхати сомонаҳои экстремистӣ, шабакаҳо, саҳифаҳо ва саҳифаҳои соҳавӣ, инчунин номгӯи сомонаҳои экстремистӣ ва террористиро дар шабакаҳои иҷтимоие, ки бо қарори Суди олии Узбекситон аз 12 марти 2019 асос ёфтааст, нашр намуд. Рӯйхати мазкур аз 40 номгӯ иборат мебошад. Дар он сомонаҳои интернетии "najot.info" ва "hizbuzistan.com" ва инчунин профилҳои зерин дар Facebook, Youtube и Telegram ҳамчун экстремистӣ ва террористӣ дониста мешванд: "Абу Салоҳ дарсликлари", "Жаннат ошиқлари", "Шом овози", "Тавҳид ва жиҳод", "Islam Abu Khalil", "Полвон Новқатлик", "Сохиб Махмудов", "Фаррухбек Абдуллаев", "Мамарахимов Абдурахим Миркомилович", "Мухожир Полвон", "Abu Aisha", "Turkiston", "Хуррият инфо", "Нажот", "ал-Ваъй", "Роя", "Usulul fiqh", "Mustalahul hadis", "Darslardan qisqa lavhalar", "Fiqh ahkomlari", "Tavhid darsi", "Qiyomatdan avvalgi fitnalar", "Savol va javoblar", "Foida Mp3", "Foida va qoidalar", "Tafsir darslari", "Talbisu iblis darslari", "Islomni buzuvchi amallar darslari", "Nomoz va benomozga taluqli masalalar", "Ayollar darslari silsilasi", "Aqiyda darslari", "Silsilaviy darslar va ma’ruzalar", "Muhim darslar", "Aqiydatul vositiya", "Mustalahul hadis", "Alfatx", "Talabalar uchun darslar", "АЛЪ-ФАТҲ ТВ", "DA’VAT UZ" ва "HIDOYAT TV". [11].

Метавон гуфт, ки масъалаи амнияти иттилоотии кишварҳои мустақили пасошӯравӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати амнияти иттилоотии Тоҷикистон ба шумор меравад. Амнияти иттилоотӣ дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун таркиби манфиатҳои миллии ҳар як кишвар баромад менамояд. Дар ин самт, кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти умумӣ барои таъмини он рӯ ба рӯ мегарданд.

Аз ин рӯ, бунёди низоми дастаҷамъонаи амнияти иттилоотӣ ва коммуникатсияи сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи СААД, СҲШ ва ИДМ мебояд дар усули иштироки баробар дар муносибатҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, усулҳои умумӣ баҳри ҳалли ҳуқуқӣ ва эътирофи зарурати муқовимати истифодаи иқтидори технологияҳои иттилоотӣ асос ёбад, ки хатари воқеиро ба манфиатҳои миллӣ ва дастаҷамъонаи кишварҳои аъзо эҷод менамоянд.

Форуми Сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки бо ибтикори ҷониби Ӯзбекистон пешниҳод шуда буд, яке аз намунаи ҳамгироии минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, ҷаласаи аввалини он дар Қазоқистон баргузор гардид ва дар назар аст, ки ҷаласаи навабтии он дар Узбекистон доир шавад.

Ё ин ки сиғаи ҳамгироии минтақавии дигаре, ки дар Осиёи Марказӣ дар марҳилаи рушд қарор дорад, ин сиғаи «Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ » мебошад.

Россия бошад, сиғаи ҳамгироии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёгиро барои ҳамгироии кишварҳои Осиё Марказӣ пешниҳод намудааст, ки дар марҳилаи оғози рушд қарор дорад.

Амрико низ аз ин равандҳои минтақавӣ дар канор намонда, барои ҳамгироии кишварҳои Осиё Марказӣ модели ҳамгироии худро таҳти унвони «С5+1» яъне панҷ кишвари Осиёи Маркази + Амрикоро пешниҳод намудааст, ки айни ҳол амал мекунад ва дар марҳилаи рушд қарор дорад.

Ҷумҳурии Мардумии Чин низ ба монанди дигар кишварҳои абаркудрат модели хоси ҳамгироии худро роҳандозӣ наму-

дааст, ки тавассути ташаббуси байналмилалии «Як камарбанд, як роҳ» дар раванди ҳамгироии минтақаи Осиё Марказӣ иштирок намуда, бо кишварҳои минтақа дар доираи он ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам сатҳи бисёрҷониба ҳамкориро ба роҳ монадааст.

Ба андешаи мо СААД ва СҲШ дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ нақши калидӣ доранд. Метавон гуфт, ки омили «чоргонаи ядроӣ» дар СҲШ ҳамчун омили муҳими пешгирикунанда барои таъмини амнияти минтақа ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти воқеиятҳои муосир зарурати қабули чораҳои махсус, асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва кӯшиши дастаҷамъонаи кишварҳои минтақа возеҳ мегардад. Тоҷикистон низ барои пешгирии хатарҳои муосир ва муайян намудани ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ чораҳои муайянеро меандешад. Дар ин самт яке аз асноди муҳим Консепсияи сиёсати хориҷӣ мебошад.

Зарурати таҳия ва қабули ин Консепсия аз мушаххас намудани ҳадаф, вазифа ва самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии кишвар ва ташаккули симои нави геополитикӣ дар ҷаҳону минтақа дар даҳаи дуюми асри XXI бармеояд. Консепсия таҳия ва роҳандозии чунин сиёсати хориҷиро пешбинӣ мекунад, ки он ба мутобиқ намудани рушди кишвар ба равандҳои тавсеаёбандаи ҳамгироӣ, минтақавишавӣ ва ҷаҳонишавӣ мусоидат намояд, имкониятҳои муносиби навро ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи хатарҳову чолишҳои имконпазир ба амнияти миллии он фароҳам оварад, заминаҳои мусоидро барои татбиқи пайгиронаи манфиатҳои миллӣ дар асоси воқеъбинӣ ва мутавозинӣ таъмин кунад.[5].

Бо дарназардошти омилҳои берунӣ ва дохилии рушди минтақа, метавон хулоса намуд, ки дар минтақа марҳилаи нави раванди рушди ҳамгироӣ ба назар мерасад ва дурнамои минтақаи Осиёи Марказӣ агар аз бисёр ҷиҳат аз ҳамкории давлатҳои шомили он бо акторҳои байналмилалӣ, ки дар фазои пасошӯравӣ ва берун аз он мавҷуданд, сахт вобастагӣ дошта бошад, вале ба андешаи аксарияти коршиносон шарти асосии роҳандозии ҳамбастагиию ҳамёрӣ ва ё дурнамои ҳамгироии минтақаи Осиёи Марказӣ соҳибистиқлолии комили давлатҳо ҳангоми гирифтани тасмимот ва набудани ҳеҷ як фишори сиёсии берунӣ мебошад.

Илова бар ин, дар минтақа аз оғози соли 2018 ҳамкориҳо миёни кишварҳои нави Осиёи Марказӣ фаъол гардида, раванди нави ҳамигироии дохилиминтақавӣ муҳимияти бештар пайдо кардааст ва намунаи олии ҳамкорӣ дар минтақа ин эҳёи ҳамкориҳо ва муколама миёни Тоҷикистон ва Узбекистон ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, ҳавасмандию манфиатдорӣ ба ҳамкорию ҳамбастагии миёни кишварҳои минтақаро метавон оғози давраи эҳиёи ҳамгироӣ дар минтақа арзёбӣ намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пуштибонӣ аз чунин равиши сиёсати хориҷӣ дар минтақа дар ҳама марҳилаҳо ғояи рушди ҳамкориҳо ва лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавиро дастгирӣ менамояд.

Илова бар ин, кишварҳои минтақаро зарур аст, дар марҳилаи ҳассоси замони муосир вобаста ба масоили амниятӣ ва мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, онлайн-экстремизм, кибертероризм, низоъҳои иттилоотӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, бахусус қоҷоқӣ маводи мухаддир ва силоҳ, инчунин фаъолшавии гуруҳҳои террористию экстремистӣ, аз ҷумла ДОИШ ҳамкории бисёрҷониба ва дастҷамъонаю амалиро тақвият бахшанд.

**Адабиёт:**

анд, бо душворӣ вориди гуногунии тарзҳои фарҳанги ҷаҳонӣ мегарданд. Худмуайянсозӣ, ҳамчун хусусияти умумии фарҳанг кухна будани анъанаҳо, содда ва номураккабии шаклҳои фарҳангро нишон надода, инчунин мурккабшавии доимӣ, устуворшавии ҷавҳари марказии фарҳанг, ки дар атрофии он навгониҳо ба вуҷуд меоянд фаҳмида мешавад.

### Адабиёт


1. Азроянц Э.А, Глобализация: катастрофа или путь к развитию. Современные тенденции мирового развития и политические амбиции. М.: Издательский дом «Новый век»,2002.- 416с.
2. Алимов Р.М. Центральная Азия: общность интересов.-Т.: «Шарк»,2005.-4 64с.
3. Бжезинский 3. Великая шахматная доска. Господство Америки и геостратегические империативы.-М.:1998. -157с.
4. Додихудоев Х. Культура и цивилизация. Истины и парадоксы традиций.Т.1,Ч.1.Душанбе, 200б, 354 с.
5. Ашимбаев М. Евразийство в условиях глобализации \\ Казахстан в глобальных процессах.- 2004.- №1.-С.6-16
6. Байсалбаева Ж. Информационная безопасность в условиях глобализации\\ Казахстан в глобальных процессах. -2005. -№1. -С. 89-93
7. Бобоев К., Роль России в интеграции стран ЦА.//Региональная интеграция Центральной Азии: проблемы и перспективы. -Душанбе : «Ирфон», 2006.-С.110-120
8. Видоевич 3. Глобализация, хаотизация и конфликтыв современном мире // «СОЦИС». -2005.- №4(252) .-С.25-3211.«Вашингтонский консенсус».\\ Монд дипломатик. 2000,март . -С.3-5
9. Гладков И., Митрафанова А., Тетерин В. Республика Корея. Уроки экономического кризиса \\ «Азия и Африка». -2000. -№5. -С. 20-25
10. Гладкий Ю. Глобалистика: трудный путь становления // Мировая экономика и международные отношения. -1994. -№ 10.-С. 104-116.
11. Гусева Л. ТНК: основные тенденции развития и влияния на экономику принимающих государств \\ Казахстан в глобальных процессах.- 2004.- №1.-С.104-121


## ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ ВЛИЯНИЯ ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА ПРОЦЕССЫ ТРАНСФОРМАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ ОБЩЕСТВА

**Файзалиев Ш. М.**


В статье рассматриваются основные аспекты влияния глобализации на процессы трансформации политической системы общества. В силу множественности своих проявлений глобализация достаточно сложно поддается общим оценкам и характеристикам, поэтому термин «глобализация» будет использоваться как общее понятие. Такое понимание глобализации как сложного социокультурного процесса требует особых подходов, так как изучение отдельных сторон глобализации в границах конкретных научных дисциплин без учета всего спектра социокультурных трансформаций приводит к упрощению и односторонним трактовкам одного из самых сложных явлений, истоки которого нетрудно обнаружить в предыдущие эпохи, но влияние которого на современную цивилизацию значительно усилилось. Широкое использование методов интегративных научных дисциплин, в том числе глобалистики позволяет по-новому осмыслить эффективность выбранных человечеством на ближайшее будущее ориентиров. В этом отношении, например, концепция устойчивого развития, рассматривающая в своем расширительном толковании возможность достижения определенных форм взаимодействия природных, социальных и культурных процессов, как условия дальнейшего существования человечества, может выступать одной из базовых в глобалистике.


***Ключевые слова***: глобализация, политическая система, изменение, культура, цивилизация, планета, явление, социальный.

## BASIC ASPECTS OF GLOBALISATION INFLUENCE ON THE PROCESSES OF TRANSFORMATION OF POLITICAL SYSTEM OF THE SOCIETY

**Fayzaliev Sh.M.**


The mentioned article analyses the basic features of the effect of globalization to the

changing process of the society's political system. With the consideration of spontaneous comprehension of diverse features of globalization that can be found difficult to generally depict and evaluate, therefore the concept of "globalization" is utilized as a general concept. The depiction of total and yet more complex processes of off-limit integrations of various surfaces with the comprehension of productive relations between social and cultural formations in the fields like economy, politics and culture contains them. It has generated the new general solidarity, connection and dependence and at the same time has contributed to the unity of the world and its diversities by means of total changes in various fields of people's activities. This perception of globalization as a complex and social-cultural process requires as specific attitude because the survey of separate features of globalization within the framework of individual sciences without taking into consideration of the sets of social and cultural changes with the simple and unilateral assessment of this most complex occurrence which originates from the past centuries but its effect has enlarged over the culture of modern world has existed.

***Keywords*:** globalization, political system, society, changes, culture, civilization, world, occurrence, social.

**ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН –2/2019**

# КУЛЬТУРНЫЕ И НАУЧНО-ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ОТНОШЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА И США В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Дороншоева Н.Ш.**, научный сотрудник ИФПП АНРТ

*Работа посвящена обзору и анализу культурных и научно-образовательных отношений между РТ и США. Актуальность исследования обусловлена тем, что культурный компонент помогает выявить сходства и различия между таджикским и американским обществами, прямо или косвенно влияет на общий характер американо-таджикских отношений. В работе показывается связь между культурами обеих стран. Исследуются особенности общего таджикско-американского пространства науки, образования и культуры, а также основы гуманитарного сотрудничества США и Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *культура, наука и образование, Таджикистан, США, современные международные отношения, сотрудничество.*

Современные международные отношения и межцивилизационный диалог трудно представить без культурной составляющей. Вместе с экономикой и политикой культура является ключевым фактором, определяющим специфику внешней политики. Культура, в нашей работе, исследуется как полноценная и интегрированная часть стратегического плана того или иного государства на международном уровне. Всеобъемлющее и результативное развитие культурных связей международного уровня содействует защите взаимосвязанных интересов личности, общества и государства.

После приобритения независимости Республикой Таджикистан, ее сотрудничество с США успешно развивается во многих областях, в том числе, в области культуры, науки и образования.

Как отметил Президент Республики Таджикистан, Основатель мира и национального единства – Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон, «Культура – это неотъемлемая часть государства и общественной жизни народа». [5.80].

«Начиная с 1999 по 2002 гг. группы профессиональных и самодеятельных артистов со всех районов ГБАО гастролировали в США, Канаде и Великобритании. В программу поездок входило проведение выставок художников, изделий народного промысла, концерты песен и танцев, а также фольклора жителей Памира» [3.592]. Также в феврале 1995 и марте 1996 гг. «в Душанбе прошли гастроли известного дирижера из США, основателя Бостонского оркестра «Лэндмаркс», много раз выступавшего в постсоветских республиках, Чарльза Ансбахера» [4]. В июне 2003 г. в Душанбе состоялся Международный фестиваль театров стран Центральной Азии «Навруз». В сентябре 2005г. в Душанбе под патронажем Президента Республики Таджикистан прошел шестидневный международный фестиваль фольклорно-этнографических профессиональных коллективов «Голоса сердец». В нем приняло участие более 10 творческих коллективов из Таджикистана, США и других стран. [2].

С 2004 г. при финансовой поддержке Института открытого общества – Фонд Содействия в Нью-Йорке и Будапеште, а также Швейцарского Агентства по развитию и сотрудничеству в Таджикистане каждые два года проводятся международные кинофестивали «Дидор», на которых представляют свои фильмы кинематографисты Центральной Азии.

Как пишет в своей книге Американский политолог, бывший помощник государственного секретаря по национальной безопасности США Збигнев Бжезинский, «Культурное превосходство - недооцененный аспект глобальной мощи Америки. Что бы ни думали некоторые об их эстетических ценностях, американская популярная культура излучает магнитное притяжение, особенно для молодых людей во всем мире. Вероятно, ее привлекательность исходит из качества жизни, которое она проповедует, но ее привлекательность

бесспорна во всем мире. Американские телевизионные программы и фильмы занимают почти три четверти мирового рынка. Американская популярная музыка также доминирует, и американские увлечения, предпочтения в еде и даже одежда все более и более подражают во всем мире. Языком Интернета является английский, и подавляющее большинство «болтовни» о компьютерах в мире также происходит из Америки и влияет на содержание глобальных разговоров. Наконец, Америка стала Меккой для тех, кто ищет современное образование; около полумиллиона иностранных студентов стекаются в Соединенные Штаты, причем многие из наиболее способных никогда не возвращаются домой. Выпускников американских университетов можно найти практически в каждом правительстве на каждом континенте». [1.. 68].

Договор о сотрудничестве между Министерством образования Республики Таджикистан и Американских советов по международному образованию (ACCELS) был подписан в июне 1996 в Вашингтоне. В рамках этих научно-образовательных обменов осуществляются сотрудничество, ежегодно многие ученые и студенты могут учиться в Соединенных Штатах.

В этой сфере запущены многочисленные обмены, которые подробно написаны в книге Д.С. Попова «Центральная Азия во внешней политике США. 1991–2016 гг.». Они администрируются по линии Бюро Госдепартамента по делам образования и культуры (Bureau of Educational and Cultural Affairs, ECA), USAID и структурами типа ACCELS, IREX и др. Известность приобрели программы Fulbright, Muskie, Global UGRAD, FLEX, ACCELS, TEA, каждая из которых рассчитана на свою целевую аудиторию (учителей, школьников, студентов и т. д.). Для привлечения в них иностранных граждан за рубежом создаются консультационные центры (комплексные, стандартные и справочные). Они размещаются в дипредставительствах США, на партнёрских площадках НКО (АКЕАС, Билим и др.) или в виде американских уголков в библиотеках и вузах. В Центральной Азии действует 13 центров, имеющих такой официальный статус.

В значительно меньшем объёме идут образовательные обмены в обратном направлении, когда американские учащиеся приезжают в Центральную Азию. Среди них выделяются оплачиваемые языковые практики для будущих специалистов Пентагона и американских ведомств, курирующих вопросы национальной безопасности и внешней политики (National Security Education Program, стипендия Дэвида Борена, Project Global Officer). В ходе выездов в регион их участники из числа граждан США кроме совершенствования языковых навыков выполняют поручения по сбору информации и написанию аналитических работ о политической обстановке, энергетике, этнических противоречиях и других проблемах «критических стран». В Центральной Азии к данной категории отнесены Казахстан, Узбекистан, Киргизия и Таджикистан. [6. Стр.183].

С 30 марта по 7 мая 2005 г. Делегация Университета Монтаны посетила Душанбе. Во время этого визита был подписан Меморандум о взаимопонимании между Министерством образования и Университетом Монтаны. Кроме того, были подписаны протоколы о сотрудничестве между Университетом Монтаны и Кулябским государственным университетом и Курган-Тюбинским государственным университетом. 19 июля 2005 года посол США в Таджикистане Р. Хоугланд открыл образовательный интернет-центр в Таджикском исламском институте им. Имама Аъзама. Этот центр является одним из 24 образовательных центров в Таджикистане. 3 сентября 2008 г. церемония открытия интернет-кафе в Душанбе состоялась с участием мэра Болдер, США Шон Макграт. Интернет-кафе стал ответным подарком народа США для жителей Душанбе. 25-26 февраля 2014 г. делегация Таджикистана во главе с министром образования Нуриддин Саидов участвовали в заседании Совета директоров Глобального партнерства по образованию (GPE) в Вашингтоне.

В 1992 г. в Душанбе был открыт Education USA – Американский образовательный центр. Кроме этого в Таджикистане функционирует восемь Американ-

ских уголков – в Душанбе, Исфаре, Кулябе, Хороге, Курган-Тюбе, Гарме, Пенджикенте и Мургабе и два Американских культурных центра в Душанбе и Худжанде.

При финансовой поддержке проекта «Программа USAID/PIX» были отремонтированы и сданы в эксплуатацию 16 лабораторных классов в школах по этой программе, в районах Колхозабад, Хуросон, Хамадони и Ганчи, на общую сумму 61000 долл. США. [3].

Помимо USAID, в Таджикистане действуют такие неправительственные организации США, как Евразийский фонд Центральной Азии (Eurasian Foundation of Central Asia), Каунтерпарт Интернэшнл (Counterpart International), корпорация «Прагма (Pragma Corporation) и другие. Основная аудитория при реализации проекта - молодежь и граждане Республики Таджикистан, окончившие американские университеты, а также те, кто получил образование по различным образовательным программам США. Похоже, что будет увеличиваться число американских НПО, занимающихся созданием и развитием местных общественных объединений и независимых органов самоуправления.

За последние 10 лет было проведено 8 инвестиционных конференций в сфере образования при участии представителей международных организаций, в том числе Всемирного Банка, Банка развития Азии, USAID, Фонда Сороса, Фонда Ага-Хана, ЮНИСЕФ и др., на которых рассматривались и решались вопросы развития сферы образования. [3].

Департамент по связям с общественностью посольства США в Таджикистане способствует укреплению взаимопонимания между Соединенными Штатами Америки и Таджикистаном в рамках международных программ обмена в области образования и профессиональной подготовки. Новые отношения между участниками способствуют личным, профессиональным и институциональным отношениям между людьми и организациями в Соединенных Штатах и за рубежом.

Education USA - Американский образовательный центр в Душанбе открылся в 1992 году; его работой руководит общественная организация Американские Советы по международному образованию.

Задача этого центра способствовать развитию таджикско-американских связей в науке и высшем образовании, предоставляя точную, полную и объективную информацию о возможностях обучения в США, процедуре поступления в университеты и колледжи, стандартизированных тестах для поступления в высшие учебные заведения США и возможностях финансирования обучения.

Программа грантов для выпускников. Целью грантов для поддержки выпускников американской программы является предоставление грантов выпускникам американских программ обмена или организаций, членами которых они являются, для реализации мероприятий, направленных на развитие демократии и экономических реформ в Таджикистане. Программа направлена на то, чтобы предоставить выпускникам возможность установить профессиональные контакты; содействие профессиональному развитию выпускников и их коллег, а также содействие выпускникам в распространении и применении знаний, полученных в ходе их участия в программах обмена. [7].

Ресурсы для выпускников всех американских программ обмена и обучения, финансируемых правительством США.

Департамент по связям с общественностью посольства США предлагает различные возможности для поддержки выпускников в Таджикистане. Департамент управляет программой грантов для выпускников, которая поддерживает общественные инициативы и помогает выпускникам распространять и применять знания, полученные в результате стажировок или обучения в Соединенных Штатах. Департамент по связям с общественностью издает ежеквартальную электронную газету для укрепления отношений между выпускниками американских программ в Таджикистане посредством публикации статей об их профессиональных достижениях и другой деятельности, инициированной выпускниками.

Согласно Программе сотрудничества, с Американским Советом о международном образовании (АКСЕЛС), в 1992-2005 гг. в США были направлены 361 школьника, 55 студента и 69 магистра республики, а также 28 преподавателей ан-

глийского языка для повышения своей квалификации. В рамках данной программы 50 преподавателей английского языка общеобразовательных учреждений были обеспечены учебными материалами и техническими средствами на сумму 2000 долл. США. [3.].

Помимо студентов, в фокусе внимания иностранных «охотников за головами» находятся перспективные учёные. Интересно, что связи с ними налаживают не только западные университеты, но и НАТО (проект «Наука ради мира и безопасности»). Альянс выделяет гранты на исследование вопросов трансграничного использования рек, защиты кибернетических сетей, токсичных загрязнений, перспектив добычи урана и других полезных ископаемых, на деятельность экспертных площадок по Афганистану и т. д. Гранты осваиваются совместно с учёными из США, Германии и Турции. Под патронажем НАТО действует инициатива «Виртуальная Шёлковая магистраль», в рамках которой внедрена компьютерная сеть, объединяющая научные исследовательские центры и вузы восьми стран ЦА и Кавказа. Здесь размещено оборудование, предоставленное американской корпорацией Cisco. Трафик сети контролируется операторами за рубежом, в частности оперативным центром на базе германского научно-исследовательского института в Гамбурге.

Целью Программы малых грантов демократической комиссии Посольства США является оказание поддержки гражданскому обществу и решение общественно-важных проблем через реализацию малых проектов.

Малые гранты предоставляются в основном неправительственным некоммерческим организациям (НПО). Комиссия по развитию демократии в Республике Таджикистан действует с 2001 года.

Департамент по связям с общественностью посольства США осуществляет ряд программ малых грантов, в том числе программу Фонда культурного наследия посла, небольшие гранты Комиссии по развитию демократии и программу поддержки выпускников программ обмена. В этом разделе сайта представлена вся информация о подаче заявки на программы грантовой поддержки для посольства США.

Программа Фонда посла по сохранению культурного наследия Бюро по образованию и культуры Государственного департамента США была создана в 2001 году с целью содействия в сохранении и продлении жизни исторических памятников культуры в развивающихся странах. Со времени образования в 2001 году в Таджикистане было профинансировано десять проектов в рамках данной программы, на общую сумму более 500, 000 долларов США.

В рамках данной программы была оказана помощь Археологическому музею Саразм в Пенджикенте для восстановления полевого музея и помещений для хранения артефактов, найденных при раскопках в Саразме; библиотеке Академии наук Таджикистана для сохранения редких книг; Национальному музею древностей Таджикистана для реставрации 14-метровой статуи Будды в нирване, найденной в 1966 году на юге Таджикистана; Министерству культуры Таджикистана для создания базы данных и электронного каталога культурных и исторических памятников Таджикистана; и реставрации памятника 9-11 веков - медресе и мавзолея Ходжа Машхад в Шахритузском районе Таджикистана. [8]

«Американские уголки» - это партнерство между отделами по связям с общественностью посольств США и местными институтами. Они предоставляют доступ к актуальной и компетентной информации о Соединенных Штатах через книжные коллекции, Интернет и программы, предназначенные для широкой публики за пределами Соединенных Штатов.

American Corners содержат коллекцию книг на английском языке о США. В эту коллекцию входят справочники, информационные материалы международных программ управления информацией Государственного департамента США, художественные произведения, деловые и правительственные публикации, а также учебные материалы для изучения английского языка. Американские уголки также предоставляют доступ к информации через Интернет, аудио и видео продукции и

компакт-дискам. Углы персонала состоят из сотрудников местных учреждений.

В настоящее время в Таджикистане существует шесть американских уголков в Душанбе, Худжанде, Кулябе, Хороге, Курган-Тюбе и Гарме.

Существуют проблемы по проектам, реализуемых по линии Минобразования. Большинство выпускников зарубежных высших учебных заведений предпочитают остаться в развитых странах, а иные из них не могут трудоустроиться по месту жительства

Расширить культурно - образовательное сотрудничество и академический обмен между Таджикистаном и США. В этом плане подготовка специалистов высокого класса является приоритетной задачей, которые впоследствии могут сыграть решающую роль в развитии региона.

**Литература**


1. Бжезинский З.К. Великая шахматная доска, М. 1998.
2. Вечерный Душанбе.-2005.-23 сент.
3. История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история) – Душанбе: «Империал-Групп», 2011.
4. Московский симфонический оркестр. http://moscowsymphony.ru/ru/mso/conductors. Дата обращения:24 апреля 2016.
5. Назаров Т. Дипломатия Таджикистана: Выступление Президента Республики Таджикистан Э.Рахмон /Т.Назаров Т// Информ. бюл. Министерства иностранных дел Республики Таджикистан № 15 - Душанбе,2006
6. Попов Д. С. Центральная Азия во внешней политике США. 1991–2016 гг. М.: РИСИ, 2016.
7. Программа грантов для выпускников// http://russian.dushanbe.usembassy.gov/alumnigrants.html//
8. Фонд посла по сохранению культурного наследия//http://russian.dushanbe.usembassy.gov/amb_fund.html


## МУНОСИБАТҲОИ ФАРҲАНГӢ, ИЛМӢ ВА ТАЪЛИМӢ ТОҶИКИСТОН ВА ИМА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Дороншоева Н.Ш.**


Корҳо ба баррасӣ ва таҳлили муносибатҳои фарҳангӣ, илмӣ-таълимӣ миёни Тоҷикистону Иёлоти Муттаҳида бахшида шудааст. Муҳимияти тадқиқот бо сабаби он, ки ҷузъи фарҳангӣ муайян кардани монандӣ ва фарқияти байни ҷомеаҳои тоҷик ва амрикоӣ, бевосита ё бавосита ба хусусияти умумии муносибатҳои Амрико ва Тоҷикистон таъсир мерасонад. Дар кор муносибати байни фарҳангҳои ҳарду кишварро нишон медиҳад. Хусусияти фарогирии умумии Тоҷикистон ва Амрико дар соҳаи илм, маориф ва фарҳанг, инчунин асосҳои ҳамкории гуманитарии байни Иёлоти Муттаҳида ва Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** фарҳанг, илм ва маориф, Тоҷикистон, ИМА, муносибатҳои муосири байналмилалӣ, ҳамкорӣ.


## CULTURAL, SCIENTIFIC AND EDUCATIONAL RELATIONS OF TAJIKISTAN WITH THE USA

**Doronshoeva N.Sh.**


The work is devoted to the review and analysis of cultural and scientific-educational relations between Tajikistan and the United States. The relevance of the study is due to the fact that the cultural component helps to identify the similarities and differences between the Tajik and American societies, directly or indirectly affect the overall nature of American-Tajik relations. The paper shows the relationship between the cultures of both countries. The features of the general Tajik-American space of science, education, and culture, as well as the fundamentals of humanitarian cooperation between the United States and Tajikistan, are explored.



**Keywords:** culture, science and education, Tajikistan, USA, modern international relations, cooperation.

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҲАМЧУН МИНТАҚАИ ХОСИ ГЕОПОЛИТИКӢ

**Муродов С. А.** – н.и.с., мудири шуъбаи ИФСҲ АИ ҶТ
**Гадоев М. М.** – магистранти ИФСҲ АИ ҶТ

*Дар мақолаи мазкур минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи хоси геополитики таҳлилу барасӣ шуда аст. Дар он муаллиф вазъи гиополитикиминтақаи Осиёи Марказиро ба ду давра ҷудо менамояд –даврони Шӯравӣ ва давраи пасошуравӣ. Аммо дар мақола таваҷуҳи махсус ба «даврони пасошӯравӣ»ва ё ба ибораи дигар, вазъи имрӯзаи геополитикии ин минтақа равона шудааст. Дар ҳамин замина ҳузури абарқудратҳо ва нуфуз гирифтани онҳоро дар минтақа нишон додаст. Муаллифон, таҳаввулоти геополитикииоламроба инобат гирифа, қайд менамоя, ки ба вазъи дохили ва имиҷи хориҷи геополитики минтақаи Осиёи марказӣ бо дар ду даҳсолаи охир ба кулли тағир ёфтааст,ва он ба минтақаи хосси геополитики мубаддал гардидааст. Муқаррар гардидааст, ки дар солҳои охир ҳузури геополитикии кишварҳои абарқудрат дар минтақаи Осиёи Марказӣ то рафт меафзояд, махсусан, сиёсӣ, иқтисодӣ, амнияти,фарҳангӣ, иттилооти ва г.*

***Калидвожаҳо:*** *геополитика, манфиатҳои геополитикӣ, давлатҳои абарқудрат, бозии нави геополитики, минтақаи буфери, Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Шуравӣ, ИМА, Русия, Чин.*

Осиёи Марказӣ минтақаи хоси геополитикиест, ки ҳанӯз дар асри XIX мавриди таваҷҷӯҳи абарқудратҳо гардидааст. Баъд аз фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ «бозии нави геополитикӣ» оғоз гардид. Абарқудратҳои ҷаҳон бо стратегияи ба худ хос вориди ин бозӣ гардидаанд ва ҳар кадоме аз дидгоҳҳои мухталиф кӯшиш бар он медиҳанд, ки дар минтақа мақоме дошта бошанду ҳадафҳои геополитикии худро пиёда намоянд. Аз тарафи дигар арзишмандии мавқеи геополитикӣ ва минтақавии Осиёи Марказӣ дар солҳои охир бо шарофати тағйиротҳои азими сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хеле боло рафтааст. [1.68]

Баҳо додан ба ҷараёнҳои воқеии арсаи байналмиллале, ки дар ибтидои асри XXI сурат гирифта истодааст, кори басо душвор ба ҳисоб меравад.

Агар ба асосҳои ҳуқуқии таснифи минтақа муроҷиат кунем, пас минтақаи Осиёи Марказӣ аз рӯи истилоҳот дар вохурии сарони давлатҳои муштаракулманофеъ, (январи соли 1993 дар Алма-ато) номбаршуда минтақаест, ки ҳудуди панҷ ҷумҳуриҳои иттифоқи собиқро дар бар гирифтааст. Зимнан, давлати соҳибистиқлол, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон маҳаки муҳими ҳудудии қисми паҳновари ҷанубу шарқии Евразияро ташкил мекунад. Зеро Осиёи Марказӣ дар ҷуғрофиёи кунунии ҷаҳонӣ пайвандгари Аврупо ва Осиё буда, мавқеъияти геостратегӣ ва геополитикии бисёр муҳимеро дорост. Водии Фарғона яке аз муҳимтарин ва дар айни ҳол васеътарин водиҳое мебошад, ки арса ва марказӣ фарҳангию ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ аст. Вусъати Осиёи Марказӣ 3993900 км$^2$ ва аҳолии он беш аз 55 млн. нафар аст,

Ин сарзамин бо хусусиятҳои гуногуни ҷуғрофиёи дороӣ манобеи гуногун ва фаровон, ба хусус нефт, газ ва маъданҳост, аммо ҳавзаи нуфузи фарҳангӣ ва сиёсии Мовароуннаҳр, ки номи таърихии Осиёи Марказӣ аст, аз Туркистон то Афғонистону Балуҷистони Покистон ва Син Тзяни Чин густариш доштааст ва ин минтақа замоне масофати муҳиме аз Роҳи Абрешимро дар бар гирифта буд.

Аз лиҳози нажодӣ ба истиснои тоҷикон дар Тоҷикистон ва бахше аз Узбекистон, ки форсизабон ва аксаран ориёитаборанд, мушаххасоти зоҳирии забонӣ ва нажодии соири мардуми ин минтақа ба турк наздиктар аст.[2.7] Кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои аҳамияти муҳими геополитикӣ ва геоиқтисодӣ буда пули пайвасткунандаи Осиё бо Аврупо мебошанд.[3.9]

Таҳаввулоти ахир дар воқеияти геополитикии минтақа ва ҷаҳон ба

вазъияти дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири ҷиддӣ мегузорад. Муҳимтарин таъсири он тағйир ёфтани авлавиятҳои сиёсати дохилӣ ва ба «масъалаи рақами як» табдил шудани масъалаи субот ва амният мебошад.

Дар муқоиса бо вазъияти геополитикии атрофи минтақа, ки то фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ барқарор буд (ҳолати классикии масъала), хусусиятҳо ё параметрҳои «вазъияти нав» ё имрӯзаи геополитикӣ дар атрофи Осиёи Марказӣ чунинанд:

1.Таҳаввулоти ду даҳсолаи охир, аз ҷумла фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, барҳам хӯрдани тавозуни нуфӯзи геополитикӣ дар минтақа, имконпазир шудани дастрасии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба манбаъҳои иқтисодию энергетикии Осиёи Марказӣ, идомаи «бӯҳрони Афғонистон» ва хусусан, ворид гаштани нерӯҳои эътилофи байналмилалӣ ба ин кишвар, ҷойгиршавии нерӯҳои ғарбӣ дар баъзе кишварҳои минтақа ва ғайра, таърифи ҷойгоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятии Осиёи Марказиро дар сиёсати байналмилалӣ комилан тағйир доданд. Агар чи ин минтақа аз назари ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва манбаъҳои табиӣ ҳамеша муҳим ба ҳисоб мерафт, вале вазъияти нав, аз ҷумла қарор доштан «дар канори бӯҳрон» ҳамчун омили иловагӣ аҳамияти сиёсӣ ва амниятии онро болотар бурда, дар ниҳоят минтақаи Осиёи Марказиро аз ҳошияи равандҳои байналмилалӣ дубора ба маркази таваҷҷӯҳи сиёсати ҷаҳонӣ ворид намуд.

2. Бо оғози марҳилаи нави бӯҳрони Афғонистон аз соли 2001, воридшавии нерӯҳои эътилофи байналмилалӣ ва дар ниҳоят, бо ҷойгиршавии расмии пойгоҳҳои низомии ИМА ва НАТО (тибқи Қарордоди ҳамкории низомӣ ва амниятӣ байни Афғонистон ва ИМА аз (30.09.2014), Афғонистон аз нақши «минтақаи буферӣ» асосан берун омада, дар дохили «минтақаи нуфӯз»-и яке аз қутбҳои ҷаҳонӣқарор гирифт. Бо фурӯ бурда шудани «минтақаи буферӣ» аз сӯи яке аз тарафҳо, хатти рӯёрӯи қудратҳои ҷаҳонӣ аз дохили Афғонистон бевосита ба дохили Осиёи Марказӣ кӯчид. Шояд ин муҳимтарин тағйироти вазъияти геополитикӣ дар минтақа бошад, ки рӯи тамоми равандҳои минтақавӣ таъсири амиқи худро мегузорад.

Дар натиҷаи ин тағйироти муайянкунанда, Осиёи Марказӣ на фақат ба «минтақаи буферӣ», балки бештар ба минтақаи рӯёрӯи мустақими абарқудратҳо табдил гашта, манфиатҳо ва қаламрави нуфӯзи қудратҳои ҷаҳонӣ дар ҳудуди он бо ҳам бевосита «соиш хӯрданд». Ин рӯё рӯӣ дар ҳамаи ҷанбаҳо ба ҳадде наздик шуд, ки натанҳо дар ҳудуди кишварҳо, балки дар ҳудуди пойтахти баъзе аз кишварҳои Осиёи Марказӣҳамзамон нерӯҳо ё пойгоҳҳои дуҷониби набарди геополитикӣ аз ҳам «дар масофаи тиррас» ҷойгир шуданд. Ҷойгиршавии пойгоҳҳои нерӯҳои эътилофи ғарбӣ дар дохили кишварҳои Осиёи Марказӣ, новобаста аз ном ва унвони расмии ин пойгоҳҳо, пешравии ҷиддии Ғарб дар ҳудуде буд, ки одатан, «минтақаи нуфузи Русия» ва ё «ҳавлии қафо»-и Чин дониста мешуд. Дар кулл, нерӯҳои ИМА ва НАТО ҳаргиз ба Русия ва Чин аз ин самт то ин ҳад наздик нашуда буданд ва вуруди неруҳои ғарбӣ ба шимоли рӯди Ому, ки 20 сол пештар як афсона менамуд, ба воқеият табдил ёфт.

Нуфузёбии сиёсӣ, иқтисодӣ, арзишӣ ва амниятии Ғарб дар Осиёи Марказӣ дар ду даҳсолаи аввали пас аз фурӯпошии Шӯравӣ, хусусан дар шароити заъифи геополитикии Русия ба суръат идома ёфт. Аммо эҳёи қудратӣ ва фаъолшавии геополитикии Русия пас аз соли 2000-ум ва оғози талоши роҳбарияти ин кишвар барои ҳифз ё барқарории нуфӯзи Русия бар Осиёи Марказӣ, раванди ҷойгоҳёбии Ғарбро дар минтақа бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ намуда, дар умум, фазои геополитикии минтақаро мураккабтар сохт.[4.20]

Дар чунин ҳолат, фишор ва интизориҳои қудратҳои ҷаҳонӣ имкониятҳои сиёсати бисёрсамтӣ ё сиёсати хориҷии «дарҳои боз»-ро барои кишварҳои минтақа бисёр маҳдуд намуда, онҳоро ба интихоби мушаххастари «шарикони стратегӣ» маҷбур менамояд. Ҳамин тавр, «давраи тиллоӣ»-и геополитикаи Осиёи Марказӣ, ки аз замони фурӯпошии

Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз шуда буд, тадриҷан ба поёни худ мерасад.

Дар вазъияти нав, худи мафҳуми «Осиёи Марказӣ» ҳамчун фазои ягонаи сиёсӣ ва амниятӣ ва ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи маҷмӯаи кишварҳои ҳамсамт ва ҳамсӯ зери савол қарор гирифтааст. Яъне, мафҳум ё «конструкти сиёсӣ» бо номи «Осиёи Марказӣ», ки дар адабиёт ва муомилоти сиёсию байналмилалӣ роиҷ буд, дар вазъияти нав метавонад амалан барҳам хӯрад. Зеро рӯз аз рӯз дар бораи «Осиёи Марказӣ» ҳамчун мафҳуми сиёсӣ ва геополитикии ягона сухан гуфтан бисёр мушкил ё ҳатто номумкин мешавад. Ҳамин тавр, нообаста аз мафҳум ва воқеияти ҷуғрофиён, вазъияти нав боиси заволи «Осиёи Марказӣ»-и геополитикӣ мегардад.[5.87]

Мураккабшавии муносибати қудратҳо фазои иттилоотии минтақаро низ бисёр мураккабу муташанниҷ намуда, «ҷанги иттилоотӣ»-ро дар минтақа ба сатҳи ҳаҷман ва сифатан нави худ баровардааст. Дар ин раванд қудратҳои рақиб барои ҷалби бештари ҷомеа ба самти худ ва зарба задан ба манфиатҳои ҳамдигар ҳамчунин аз «нерӯи нарм» ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар натиҷа, сармоягузорӣ рӯи ин самт якбора афзоиш ёфта, хусусияти мубориза ва мусобиқаи ошкорро гирифтааст. Масалан, дар ду соли гузашта ҳам кишварҳои ғарбӣ, хусусан ИМА, ҳам Русия ва ҳам Чин дар самти иттилоотӣ ва «нерӯи нарм» имкониятҳои бисёр ҷиддитар аз пешинаро дар Осиёи Марказӣ сафарбар намудаанд. Аз тарафи дигар, осебпазир будани фазои иттилоотии дохилии кишварҳои минтақа, имкон медиҳад, ки мавҷи иттилоотии берунӣ ва «нерӯи нарм»-и хориҷӣ дар ташаккули афкори умумии ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ саҳми афзоянда гирифта, ба вазъияти ҷамъиятию сиёсии онҳо таъсири ҷиддӣ гузорад.

Агар ба ин масъала ба таври бисёр мушаххас ва корбурдӣ муносибат шавад, метавон гуфт, ки фазои нави сиёсӣ ва геополитикӣ ба вазъияти дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири гуногун дошта метавонад.

Дар вазъияти нав, вобастагии вазъияти сиёсию иҷтимоии дохилии кишварҳои минатқа ба «омили хориҷӣ» амиқтар мегардад. Мураккабшавии равандҳои байналмилалӣ, афзоиши таъсири фазои иттилоотии хориҷӣ, мураккабии вазъияти иқтисодии минтақавӣ ва байналмилалӣ ва ғайра таъсири муҳити геополитикӣ бар вазъияти дохилии кишварҳои ин минтақаро тоҳадди муайянкунанда расонида, ҳифзи низомҳо ва ҳифзи суботи кишварҳо на танҳо ба «сиёсатҳои хуби дохилӣ», балки ба чигунагии шаклгирии тавозун ва муносибатҳои геополитикӣ низ мустақиман вобаста мегардад. Дар чунин шароит барои барпо шудани «инқилоб» ва табаддулотҳои давлатӣ акнун «ба вуҷуд омадани вазъияти инқилобӣ» дар дохили кишварҳо зарур набуда, худи марказҳои қудрати геополитикӣ метавонад бо равишҳои коркардшуда «инқилобҳо»-ро таррохӣ ва амалӣ намоянд.[6.153]

Тавре зикр шуд, вазъияти нави геополитикӣ идомаи сиёсати бисёрсамтӣ ё «дарҳои боз» -ро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мушкилтар сохта, онҳоро ба интихоби мушаххастари самти стратегӣ ва геополитикӣ маҷбур менамояд. Албатта, ин кишварҳо талош менамоянд, ки моҳияти бисёрсамтии сиёсати хориҷии худро дар сатҳи расмӣ нигоҳ доранд, аммо амалан, онҳо бо масъалаи «интихоби ногузир» рӯ ба рӯ мешаванд. Яъне, вазъияти геополитикии пешомада фишорҳои ҷиддиеро рӯи сиёсати хориҷии ин кишварҳо мегузорад ва дар кулл, сиёсати хориҷии онҳо дар шароити бисёр мураккаб ва ҳассос идома меёбад.

Дар чунин вазъияти ҳассос, моҳияти таҳдидҳо ва вазифаҳои давлатҳо ва ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла ҷадвали авлавиятбандии ин таҳдидҳо ва масъалаҳо низ тағйир меёбанд. Яъне, баъзе масъалаҳои дохилии «ҳал шуда»-е чун ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, тақвияти давлатдории миллӣ, ҳифзи ваҳдат ва суботу амнияти кишвар, ҳифзи тамомияти арзӣ ва ғайра хусусияти аввалин дараҷа ва аҳаммияти ҳаётӣ пайдо карда, ба иборати дигар, моҳияти «оперативӣ» мегиранд. Зеро дар шароити нав, ҳамагуна бӯҳрони маҳдуди дохилии сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ё иттилоотӣ метавонад, бо таъсири мустақими

«омили хориҷӣ» ба осонӣ ба бӯҳрони ҷиддӣ табдил шавад. Дар шароити афзоиши хатари аз даст рафтани арзишҳо ва дастовардҳои зикршуда, ки бӯҳронҳои Сурия, Украина, Ироқ, Яман ва ғ. Онро ба таври рӯшан нишон доданд, масъалаҳои дигар, бо вуҷуди аҳаммияти бузургашон, ба рӯйхати масъалаҳои миёна муддат мегузаранд.[7.148]

Вазъияти нав кишварҳои минтақаро маҷбур месозад, ки дар сиёсати дохилии худ масъалаи таъмини амниятро дар дараҷаи аввал қарор диҳанд. Дар натиҷа, сиёсати дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ моҳияти амният меҳвар мегирад ва таҳдидҳои ҷиддии навин ин кишварҳоро дар «вазъияти фавқулода» нигоҳ медорад. Дарки пайомадҳои мудҳиши шикасти суботи сиёсӣ дар зеҳни низомҳои сиёсии минтақа масъалаи суботу амниятро ба масъалаи буду набуди на танҳо худи низомҳо, балки худи кишварҳо табдил менамояд. Дар чунин шароит ҳамагон дарк мекунанд, ки ё амният, ё нобудӣ. Табиист, ки дар раванди татбиқи чунин сиёсати ногузир дар танзими фазои сиёсию ҷамъиятии ин кишварҳо нақши доираҳои қудратӣ афзоиш меёбад. Дар ин «вазъияти фавқулодда» баъзе арзишҳои либералию демократӣ ва таъмини баъзе озодиҳои сиёсӣ низ ногузир ба «рӯйхати дуввум» мераванд.

Вазъияти нав моҳияти равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои минтақаро хусусияти муҳофизакор ва ҳатто консервативӣ мебахшад. Яъне, гарчӣ ҳамагон, аз ҷумла ҳукуматҳо, қабулдоранд, ки масъалаи асосии кишварҳои минтақаан ҷоми ислоҳоти сиёсӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ аст, аммо бо сабаби тағйири ҷадвали авлавиятҳо ва моҳияти «оперативӣ» гирифтани масъалаи суботу амният, масъалаи рушду ислоҳот ба рӯйхати масъалаҳои миёна муддат мегузаранд. Баракси он, ҳифзи дастовардҳо ва таъмини «контроли вазъият» аҳаммияти аввалиндараҷа мегирад.[8.8] Албатта, қишри илмӣ ва зиёии кишварҳои минтақа дар масъалаи авлавият миёни рушду ислоҳот ва суботу амният бо муаммои ҷиддии зеҳнӣ рӯ ба рӯянд, аммо барои давлатмадори масъул ва дорои дидгоҳҳои прагматикӣ дар ин масъала интихоб рӯшан аст. Аз ин рӯ, дар шароити нав тарҳҳои дорои хусусияти ҳифзкунанда ва суботсозанда, нисбат ба тарҳҳои дорои хусусияти ислоҳотӣ авлавият пайдо мекунанд. Ин мавқеъ зоҳиран консервативӣ намояд ҳам, аммо метавонад тасмими прагматикӣ дар пайи арзёбии воқеъбинонаи вазъият бошад.

Дар шароити нав, ки шиддат ёфтани ҷанги иттилоотиро низ дар пай дорад, таъмини амнияти иттилоотӣ барои кишварҳои минтақа аҳаммияти ҳаётӣпайдо мекунад. Вале аз сабабе, ки имкониятҳои моддӣ, фаннӣ ва зеҳнии кишварҳои Осиёи Марказӣ барои иштироки баробар дар «ҷанги иттилоотӣ» маҳдуд аст ва онҳо қудрати ба роҳ мондани «ҷавоби баробарвазн»-ро надоранд, аксари онҳо ногузир ба танзими шадидтари фазои иттилоотӣ рӯй меоранд.[9.7] Дар натиҷа, дар шароити нав фазои иттилоотии ин кишварҳо маҳдудтар шуда, масъалаи дастрасӣ ба иттилоот бо баъзе мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Аммо дар чунин ҳолати мураккаб, зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи суботу амният нисбат ба таъмини номаҳдудӣ «ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» барои ин кишварҳо аҳаммияти ҳаётӣ мегирад.

Дар вазъияте, ки «геополитика ҳамаро пахш мекунад», маҷмӯи муносибатҳои сиёсӣ ва идеологии дохилии кишварҳои минтақа низ зери сояи геополитика қарор мегиранд. Аз ҷумла, ҷонибдории бозигарони геополитикӣ аз ҳукуматҳо ва ё аз мухолифони онҳо, ҷонибҳои муборизаи дохилиро низ дар зеҳни ҳамдигар ба «дастҳои геополитикӣ» табдил дода, муборизаи сиёсии дохилиро мазмуни геополитикӣ мебахшад. Дар натиҷа, ҳам ҳукуматҳо ва ҳам мухолифини онҳо бо «мантиқи геополитикӣ» андешида, моҳияти равандҳои сиёсии дохилӣ ва аз ҷумла, фаъолияти ҳамдигарро тафсири геополитикӣ медиҳанд. Дар ниҳоят, дар фазои сиёсию иттилоотӣ гумонҳо ва воқеиятҳо бо ҳам бисёр омезиш ёфта, барои ҷомеаи ғайри касбӣ ташхиси мавқеи воқеии нерӯҳои сиёсӣ ва дараҷаи пайванди онҳо ба ин ё он маркази берунии геополитикӣ бисёр мушкил мегардад.

Вазъияти нав фурсатҳои зиёди рушди

иқтисодии минтақаро низ аз байн мебарад ва монеъи татбиқи тарҳҳои рушди иқтисодӣ ва иртиботии дар минтақа мегардад. Чунин вазъро метавон дар мисоли лоиҳаҳои ҷиддии энергетикие, чун интиқоли гази Туркманистон ба Афғонистон, Покистон ва Ҳиндустон («TAPI») ва интиқоли барқи Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ («CASA-1000»)[10.69] хатҳои фароминтақавии роҳи оҳан, бунёди НБО-ҳои бузург ва даҳҳо тарҳи дигар мушоҳида намуд. Ҳаминтавр, вазъияти мавҷудаи геополитикӣ ба рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ гузошта, ҳаррӯзи идомаи ин вазъият барои кишварҳои Осиёи Марказӣ миллионҳо доллари ИМА зиён меоварад.

Дар натиҷаи тағйири самтгириҳои стратегии кишварҳои минтақа, ҳарос ва рақобатҳои сиёсӣ байни онҳо амиқтар шуда, ҳар кишвар ба тақвияти бештари потенсиали ҳарбию амниятии худ талош мекунад. Ҳаминтавр, мусобиқаи таслиҳотӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ суръат ёфта, дар ниҳоят ба мусаллаҳшавии босуръати минтақа меанҷомад. Қудратҳои ҷаҳонӣ низ ҳам боҳадафи низомию стратегӣ ва ҳам бо мақсади тиҷорию иқтисодӣ ба мусаллаҳшавии шарикони худ дар минтақа мусоидат менамоянд. Яъне, таъсири дигари фазои нави геополитикӣ ба вазъияти кишварҳои минтақа ҳамин мусаллаҳшавии ин кишварҳо мебошад, ки дар ниҳоят ба нафъи минтақа нест.

Ба таври умум, дар солҳои охир таъсири «омили хориҷӣ» ё фазои нави геополитикӣ ба вазъияти сиёсии кишварҳои минтақа ҳамзамон дар чанд самти асосӣ – сиёсати дохилӣ(1), сиёсати хориҷӣ (2), иқтисодӣ(3), амниятӣ(4) ва иттилоотӣ(5) пурзӯр гашта, вазифаҳои сиёсии низомҳои минтақаро тағйир медиҳанд.[11.44] Дар чунин шароит, вазифаҳои аввалиндараҷаи ин кишварҳо чунин мешавад:

• Дар сиёсати дохилӣ: Дар мадди аввал гузоштани ҳифзи дастовардҳои мавҷудаи давлатию сиёсӣ, боло бурдани дарки сиёсӣ ва ватандории мардум, танзими ҷиддии равандҳои сиёсии дохилӣ, такмили ҷиддии дастгоҳи идеологӣ ва коркарди идеологияи рӯшани муттаҳид кунанда, ҳам оҳангии мутамаркази сиёсати хориҷӣ, амниятӣ, идеологӣ ва кадрӣ, корбурди сиёсати дохилии прагматикӣ, дода нашудан ба тахайюлоти либералӣ;

• Дар сиёсати хориҷӣ: Омодагӣ барои посухгӯӣ ба таҳдидҳои афзояндаи хориҷӣ, аз ҷумла ба мураккабшавии муносибати қудратҳои ҷаҳонӣ, пешгирии имкони интиқоли рақобати қудратҳо ба фазои дохилии кишвар, ба ҳадди аксари шаффофият ва эътимод расонидани муносибатҳо бо шарикони стратегӣ, ба ҳадди ақалл ё минималӣ расонидани таъсири хориҷии чандсамтӣ ба вазъияти дохилӣ;

• Дар самти иқтисодӣ: Омодагӣ ва посухгӯӣ ба мураккабшавии равандҳои иқтисодии минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, татбиқи барномаҳои зидди бӯҳронии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, талош барои камтар сохтани таъсири иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо ба вазъияти дохилӣ, гузор аз дидгоҳи андоз – меҳвар ба дидгоҳи иқтисод – меҳвар, ҳамчун гарави ташаккули иқтисоди дохилӣ;

• Дар самти амниятӣ: яке аз масъалаҳои мубрам барои кишварҳои минтақа дар шароити феълӣ ин масъалаи амнияти минтақа мебошад. Коршиносони масоили амнияти минтақа пешниҳод менамоянд, ки дар чунин шароити ҳассос, хукуматҳои кишварҳои минтақа манофеи миллӣ ва давлатии хешро метавонанд ба таври зайл таъмин намоянд:

а) Дуруст ва беғаразона бо назардошти манофеи дуҷониба ва бисёрҷониба ба роҳ андохтани муносиботи истеҳсолот, ҳифзу инкишофи робитаи сохторҳои иҷтимоии мардум ва муҳити зист. Риоя ва истифодаи бечунучарои қарордодҳо ва шартномаҳои дутарафа ва бисёртарафа тибқи қонунҳои байналмилалӣ, ба танзим овардан ва таъмин намудани иҷрои онҳо.

б) Ҳаллу фасли масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ, таҳким ва устувор намудани истиқлоли иқтисодӣ ва мустақлияти давлатӣ, мудохила накардан ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии якдигарӣ.[12.16]

Дар дараҷаи аввал гузоштани масъалаи таъмини амнияти миллӣ,

дастёбӣ ба дарки умумимардумии сиёсати амният меҳвар, пешгирии қатъии пахн-шавии тафаккури экстремистӣ дар ҷомеа, омодагӣ ва посухгӯӣ ба афзоиши хатари ифротгароӣ ва терроризм аз хориҷ, аз ҷумла пешгирии нуфузи гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ ба дохил, боз ҳам доданашудан ба баъзе бозиҳо ва арзишҳои либералӣ, коҳиши заминаҳои дохилии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологии рушди ифротгароӣ;

• Дар самти иттилоотӣ: Беҳбуди вазъи амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла такмили идоракунииии соҳаи иттилоот, афзоиши ҷиддии сармоягузорӣ дар самти таҳлил ва иттилоот, беҳбуди сифатии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва назди давлатии таҳлилӣ ва иттилоотӣ, танзими касбии фазои иттилоотӣ, идоракунии равандҳои иттилоотӣ дар самти ташаккули арзишҳо ва афкори ҷамъиятӣ.

Имрӯз Осиёи Марказии баъдишуравӣ дар маркази таваҷҷӯҳи давлатҳои бузурги ҷаҳониву минтақа ва ниҳодҳои молиявию иқтисодии байналхалқи қарор гирифтааст. Дар солҳои 90-ум ин минтақа ба майдони ҳамкориҳои нисбатан васеъ ва ҳамзамон саҳнаи рақобати қудратҳои мухталифи мансуб ба аҳамаияти геостратегӣ, мантабаҳои эҳтимолии бузурги нефту газ ва дигар маҳсулоти хом, пешомадҳои сохтмони инфраструктураҳои муктадири наклиётӣ табдил ёфт. Муҳимияти хоси хусусиятҳои ҳамкориҳои сиёсати берунаро дар фазои баъд аз шуравии минтақаи Осиёи Марказӣ чор омили асоси муайян менамоянд:

- дар ҳавзаи баҳри Хазар ва баъзе қисматҳои дигари Осиёи Марказӣ захи-раҳои азими нефту газ мавҷуд аст. Туркманистон дар ҷаҳон аз байни таҳвил-кунандагони гази табиӣ ҷои сеюмро ишғол менамояд, аммо захираҳои умумии минтақавии нефт, ки дар қисмати калони ҳудуди Қазоқистон маҳдуд мегардад: ба 10-25 млрд. тонна баробар дониста мешавад.[13.77] Ин дар ҳақиқат нисбат ба халиҷи Форс ниҳоят кам аст, вале талабот ба нефт ва газ дар ҷанубу шарқии Осиё, дар Ҳиндустон баланд мегардад ва дар ояндаи наздик дар Чин ҳам авҷ мегирад;

- зиёда аз нисфи маводи мухаддир, ки ба Аврупо ва Амрикои Шимолӣ таҳвил мегардад, истеҳсоли Афғонистон буда, тавассути Осиёи Маркази ба кишварҳои дигар расонида мешавад. Ин андозаи тиҷорати ҷиноиро дар муқоиса бо пешқадамтарин шаклҳои истеҳсолоти ошкоро ба андозаҳо муайян менамояд ва ҳамин тавр пояи иҷтимоии ҷинояткориҳои умуми миллиро вусъат медиҳад;

-ҳудуди миллии давлатҳои ҷавони минтақа дар доираи бархӯрди тамаддунҳову фарҳангҳо ҷойгир мебошад, бинобар ҳамин дар ҳолати таҳаввули номусоиди воқеаҳо «шароити доминои сиёсӣ» метавонад фоҷиабор гардад;

Лаҳзаи мусоиди таҳкими сохти давлатӣ – миллии кишварҳои минтақа вориди комилҳуқуқи онҳо ба доираи ҷомеаи ҷаҳон гардид. Давлатҳои нави Осиёи Марказӣ аъзои СММ, ОБСЕ, ОИК, Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ба ҳисоб мераваду бо бонкҳои умумиҷаҳони МВФ, ЕБРР, Бонки Осиё, Бонки Исломии Рушд, бо дигар институтҳои байналхалқии молия робитаҳо мураттаб гардидаанд. Соли 1999 Қирғизистон ва баъдан соли 2010 Тоҷикистон низ байни давлатҳои ИДМ аввалин шуда, узви Созмони умумиҷаҳонии тиҷорат гардиданд.

Ин масоил агар чи дар қавонини байналмилалӣ инъикос ёфта бошанд ҳам, вазифаи ҳар як сиёсатмадор ва роҳбари ҳокимияти давлатӣ мебошад, то таҳдиду хатарҳои дохилӣ ва хориҷиро пешгирӣ намуда, барои аз байн бурдани онҳо, ба хотири таъмини амнияти минтақа ва давлат таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намояд ва тавассути ҳамкории иқтисодӣ ва иттилоотии манфиатдор дар асоси манофеи умумӣ ва робитаҳои озодона ҳаргуна мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии минтақаро аз байн баранд.[14.120]

Ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ байни давлатҳо ва мардуми минтақа ҳангоме ба вуҷуд меояд, ки арзиш ва манфиати шахсият, ки субъекти асосии сиёсиву чамъиятӣ мебошад, мустаҳкам ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ба арзишҳои ҷамъиятӣҳамоҳанг ва сиёсати давлат ба ҳифзи ин арзишҳо равона шуда бошад. Ҳуқуқ ва озодии шахсият, арзишу манофеи ҷамъият ва истиқлолияти давлат бо

якдигар вобаста буда, дар таҳкиму татбиқи манфиатхои миллӣ ва ваҳдати миллат, пешбиниву пешгирии падидаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иттилоотиву технологӣ, низомиву ҳуқуқӣ нақши асосиро бозӣ мекунанд.

Хело ҳам муҳим аст, ки давлатҳои минтақа бо назардошти манофеи мардуми худ ва арзишҳои ҷамъиятӣ на фақат шартномаву қарордодҳо қабул намоянд, лозим аст, ки ин шартномаву қарордодҳо татбиқу ташвиқ шаванд ва иҷрооти онҳо пеш аз ҳама аз масъулини ҳокимияти давлатӣқотеъона талаб карда шавад. Масалан, байни Тоҷикистону Русия, Узбакистон, Қирғизистон ва Қазоқистон зиёда аз садҳо шартномаву қарордодҳо дар соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ, низомиву фарҳангӣ баста шудааст.

Ҷинояткории трансмиллӣ ҷиддан тартиботи ҷамъиятиро дар давлатҳои Осиёи Марказӣ вайрон месозад. Ҷанги афғонӣ, ки зиёда аз се даҳсола инҷониб давом мекунад, ба зиёдшавии истеҳсоли маводи мухаддир дар ҳудуди Афғонистон оварда расонид. Шароити мусоиди ҷуғрофии Афғонистон имконият медиҳад, ки маводи нашаъовар аз Афғонистон ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба Россия ва Аврупо интиқол дода шавад. Мувофиқи маълумотҳои СММ тавассути Осиёи Марказӣ ҳамасола 90 тонна маводи мухаддира гузаронида мешавад. Аз ин натанҳоРоссия ва Осиёи Марказӣ, балки Аврупо ва Чин низ зарар мебинанд. Васеъ шудани тиҷорати маводи мухадир гурӯҳои мафиобозӣ бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор алоқамандро хеле мустаҳкам намуда, онро дар доираи трансмиллӣ боз ҳам хафнок мегардонад. Дар баробари ин муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва қочоқи яроқу аслиҳа дар Осиёи Миёна афзоиш ёфта, ба омили ҳақиқии таҳдид ба амнияти минтақа мубадал гардидааст. Ҳама гурӯҳҳои дар боло зикршуда аз савдои маводи мухаддир фоида ба даст меоваранд.

**Адабиёт**

1. Кузьмина Е.М. Геополитика Центральной Азии. М. «Наука». 2007 Лаумулин М. «Большая Центральная Азия» (БЦА) новый мега-проект США? //http://centrasia.oTg/newsA.php4?st=1 132564860/

2. Ҳофизниё Маҳмудризо. Нақшофарии геополитики меҳвари Қафқоз-Осиёи Марказӣ дар рақобатҳои ҷаҳонӣ. Мутолеоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз соли 11 №38, 1381.

3. Центральная Азия. Геоэкономика, геополитика, безопасность. – Ташкент. 2002.

4. Сюкияйнен Л.Р. Ислам протав ислама. 06 исламской альтернативе экстремизму и терроризму. //Центральная Азия иКавказ: 2002,№ 3.

5. С.Г. Лузянин. КНР – Центральная Азия. Сборнике докладов «Вызовы безопасности в Центральной Азии». – М.: ИМЭМО РАН, 2013.

6. Малышева Д.Б. Центральноазиатский узел мировой политики. – М.: ИМЭМОРАН, 2010. http://www.imemo.ru/files/File/ru/publ/2010/10009.pdf.

7. С.Г. Лузянин. КНР – Центральная Азия. Сборнике докладов «Вызовы безопасности в Центральной Азии». – М.: ИМЭМО РАН, 2013.

8 Ҷалилов К. "Бозии бузург" идома дорад. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ин шароит чӣ кор бояд кунанд?// http://www.ruzgor.-tj/siyosat/9871-bozii-buzurg-idoma-dorad-davlathoi-om-dar-in-sharoit-chi-kor-boyad-kunand.html.

9. С.Г. Лузянин. КНР – Центральная Азия. Сборнике докладов «Вызовы безопасности в Центральной Азии». – М.: ИМЭМО РАН, 2013.

10. Ҷалилов К. "Бозии бузург" идома дорад. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ин шароит чӣ кор бояд кунанд?//http://www.ruzgor.tj/siyosat/ 9871-bozii-buzurg-idoma-dorad-davlathoi-om-dar-in-sharoit-chi-kor-boyad-kunand.html.

11. Центральная Азия. Геоэкономика, геополитика, безопасность. – Ташкент: 2002.

12. Ҷалилов К. "Бозии бузург" идома дорад. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ин шароит чӣ кор бояд кунанд? //http://www.ruzgor.tj/siyosat/9871-bozii-buzurg-idoma-dorad-davlathoi-om-dar-in-sharoit-chi-kor-boyad-kunand.html.

13. Central Asia: Political and Economic Challenges in the post-Soviet Era—London: Saqi, 2001.

14. Лузянин С.Г. КНР – Центральная Азия.

Сборнике докладов «Вызовы безопасности в Центральной Азии». – М.: ИМЭМО РАН, 2013.

## ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ КАК ОСОБЫЙ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЙ РЕГИОН

**Муродов С. А., Гадоев М. М.**

В данной статье Центрально-Азиатский регион рассматривается как особый геополитический регион. Авторы выделяют геополитическое положение Центральной Азии в два периода - советский и постсоветский период. Однако в ней особое внимание посвящено исключительно «Постсоветскому периоду», другими словами, нынешнему геополитическому расположению этого региона. Принимая во внимание глобальную трансформацию мировой политики, отмечается, что за последние два десятилетия она влияет на внутреннюю и внешнюю политику региона Центральной Азии. Соответственно, Центральная Азия стала особым геополитическим регионом. Констатируется, что в последние годы геополитическое присутствие мировых держав в регионе все больше возрастает, особенно в политической, военной, экономической, культурной технической и других сферах.

***Ключевые слова***: геополитика, геополитические интересы, сверхдержавы, новая геополитическая игра, буферная зона, Центральная азия, Советский союз, США, Россия, Китай.

## CENTRAL ASIA AS A SPECIAL GEOPOLITICAL REGION

**Murodov S.A. , Gadoev M.M**.

In this article, the Central Asian region is analyzed as a special geopolitical region. The author highlights the geopolitical position of Central Asia in two periods - the Soviet and Post-Soviet period. However, it focuses exclusively on the “Post-Soviet Period,” in other words, the current geopolitical location of this region. The author, taking into account the global transformation of world politics, notes that over the past two decades, it has influenced the domestic and foreign policy of the Central Asian region. Accordingly, Central Asia has become a special geopolitical region. It is stated that in recent years the geopolitical presence of world powers in the region has been increasing, especially in the political, military, economic, cultural, technical and other fields.

**Keywords:** geopolitics, geopolitical interests, superpowers, new geopolitical game, buffer zone, Central Asia, Soviet Union, USA, Russia, China.

# ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НАЗАРИЯҲОИ ЭЛИТАИ СИЁСӢ

**Шоисматуллоев Ш. -** доктори илмҳои сотсиология, профессор, аъзо-корр. АИ ҶТ
**Ализода Н.А. -** ассистенти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

*Дар мақолаи мазкур давраҳои асосии ташаккул ва инкишофи назрияҳои элитаи сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки ҳанӯз дар давраи антиқа, мутафаккирон масъалаҳои мухталифи идоракунии ҷомеро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода буданд. Ба ин масъала Афлотун ва Арасту диққат дода, ақидаҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намудаанд.*

*Мутаффакирони давраҳои минбаъдаи инкишофи таърихӣ, назароти Афлотун ва Арастуро дар самти баррасии масъалаҳои ташаккул ва инкишофи элита инкишоф додаанд. Аз нуқтаи назари ҷустуҷӯи асосҳои консептуалии парадигмаҳои элитавӣ корҳои мутафаккирони барҷаста, ба монанди Н.Макиавеллӣ, Ш.Монтеске, П.Голбах диққтҷалбкунанда мебошанд.*

*Низоми ақидаҳо ва тасаввурот дар шакли назарияи элита дар сотсиология ва сиёсатшиносӣ дар асрҳои Х1Х-ХХ ташаккул ёфтасст. Тамоми назарияҳои элита ба он андеша равона карда мешавад, ки дар ҳар як ҷомеа, дар ҳар як соҳаи фаъолият нисбатан қишри олии на он қадар калон амал менамояд, ки аз болои дигарон ҳукмронӣ менамояд.*

*Бо дигаргун шудани шароити иҷтимоиву иқтисодӣ, ташаккул ва инкишофи элита низ дигаргун шуда, ба тариқи ҳамешагӣ дар ҳолати гузариш қарор дошт. Дар ин муддат миқдори аъзоён, алоқаи байни элитаҳои марказӣ ва минтақавӣ, муносибати байни элитаҳои соҳавӣ дигаргун шудаанд. Аз ин хотир, самти ташаккули элитаҳои сифатан нав дар ҳама давраҳои таърихӣ мушоҳида карда мешуд.*

*Барои ҳар як давраи мавҷудияти элита сатҳи муйаяни инкишофи назарияи элита хос аст. Масалан, дар охири иасри Х1Х ва нимаи авали асри ХХ назарияҳои классики элита ташаккул ёфтанд, мактабҳои асосии элитизм пайдо шуданд, ки то ба имрӯз аҳамияти худро нигоҳ медоранд.*

***Калидвожаҳо:*** *элита, идоракунӣ, ҷомеа, синфи ҳукмрон, назарияи элита, элитарзм, назарияҳои классикӣ, механизмҳои иҷтимоӣ, сарварӣ сиёсӣ, шахсият, сифатҳои шахсӣ.*

Масъалаҳои мухталифи идора намудани ҷомеа дар тамоми давру замон яке аз масъалаҳои марказӣ ва муҳими ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Аз ин хотир ҳамеша дар маркази диққати мутафаккирон ва муҳаққиқони ҷомеашинос қарор дошт. Аз ин хотир, дар таърихи афкори сиёсӣ масъалаҳои омӯзиши қишри идоракунандаи ҷомеа ҳодисаи нав набуда, ба ин масъала мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ диққати махсус зоҳир намуданд.

Ҳанӯз дар давраи антиқа, мутафаккирон масъалаҳои мухталифи идоракунии ҷомеро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода буданд. Ба ин масъала Афлотун ва Арасту диққат дода, ақидаҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намудаанд. Афлотун гурӯҳи имтиёздори муҳими одамонро ҷудо намуда буд, ки тарзи идора кардани давлатро хуб медонистанд. Дар чунин ҳолат сухан оид ба файласуфон аристократҳо меравад. Афлотун, ба муқобили дастрасӣ доштани одамон аз қишрҳои поёнӣ ба идоракунии давлат, ба тамоми шаҳрвандон пешниҳод намудани ҳуқуқҳои якхела баромад намудааст. Ҳар як нафар бояд вазифаи худро иҷро намояд, далели иҷроиши вазифаҳои функсионалии як қишр аз ҷониби қишри дигар, боиси бефайзӣ ва проблемаҳо дар давлат мегардад. Сарчашмаи тамоми бадбахтиҳо доштани хоҳиши зиёд нисбат ба ҳокимият аст[6, 87].

Мутаффакирони давраҳои минбаъдаи инкишофи таърихӣ, назароти Афлотун ва Арастуро дар самти баррасии масъалаҳои ташаккул ва инкишофи элита инкишоф додаанд. Аз нуқтаи назари ҷустуҷӯи асосҳои консептуалии парадигмаҳои элитавӣ корҳои мутафаккирони

барҷаста, ба монанди Н.Макиавеллӣ, Ш.Монтеске, П.Голбах диққтҷалбкунанда мебошанд. Диққти асосиро нуқтаи назари Н. Макиавеллӣ оид ба нақши сарвар ва элита дар ҳаёти сиёсӣ ба худ ҷалб менамояд. Мувофиқи ақидаи ӯ, инсон махлуқи фаъоли мустақил аст, ки сатҳи чунин мустақилӣ дар асоси мансаби ишғолнамудааш дар «иерархияи сиёсӣ» муайян карда мешавад. Мувофиқи ақидаи Н.Макиавеллӣ, ҳоким бояд чандир бошад, ки одамон ӯро дастгирӣ намоянд. Аз ин рӯ, ҳокимро зарур аст, ки дорои сифатҳои хуб буданашро ба омма нишон диҳад [3, 344]. Аксарияти ақидаҳои Н.Макиавелли дар дарки мазмуну мундариҷаи элитаи сиёсии мусоир нақши муайян доранд.

Ҳамин тавр, низоми ақидаҳо ва тасаввурот дар шакли назарияи элита дар сотсиология ва сиёсатшиносӣ дар асрҳои Х1Х-ХХ ташаккул ёфтасст. Тамоми назарияҳои элита ба он андеша равона карда мешавад, ки дар ҳар як ҷомеа, дар ҳар як соҳаи фаъолият нисбатан қишри олии на он қадар калон амал менамояд, ки аз болои дигарон ҳукмронӣ менамояд.

Яке аз аввалинҳо, ки назарияи элитаро ташаккул додааст, Г. Моска ба ҳисоб меравад. Назарияи синфи ҳукмрон, ки аз тарафи Г.Моска пешниҳод карда шудааст, дар қоидаи маълум асос меёбад, ки «дар тамоми ҷомеаҳо, ҳатто дар ҳамон ҷомеаҳо, ки ба тамаддун ҳануз наздик нестанд ва ҷомеаҳои муосири дорои сатҳи баланди инкишоф, ба таври ҳамешагӣ ду синфи одамон ташаккул меёбад, ки яке идора менамояд, гурӯҳи дигар бошад идора карда мешавад». [5, 187].

Г.Моска кӯшиш намудааст, ки зарурати тақими ҳар як ҷомеаро дар асоси мавқеъ ва нақши иҷтимоӣ, ба ду гурӯҳи нобаробар исбот намояд. Ӯ қайд менамояд, ки дар тамоми ҷомеаҳо ду синфи одамон мавҷуд аст: синфи идоракунандагон ва синфи идорашавандагон. Синфи идоракунанда нисбатан хурд буда, вазифаҳои сиёсиро иҷро менамояд, ҳокимиятро монополия намуда, як қатор имтиёзҳоро истифода менамояд. Синфи идорашаванда бошад, аксариятро ташкил намуда, аз тарафи синфи якум идора ва танзим карда мешавад, ба синфи якум воситаҳои дастгириро, ки барои қобилияти ҳаётии организми сиёсӣ зарур аст, пешниҳод менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки синфи ҳукмрон дар ҳар як шакли идоракунӣ мавҷуд аст. Дар режимҳли истибдоди синфи ҳукмрон аз боло ҳамчун истибдодгар ташаккул меёбад, ки барои идора намудани давлат аз миёнаравон истифода менамояд. Дар ҷомеаҳои либераливу демократӣ синфи ҳукмрон аз поён, аз тарафи халқ ҳамчун мақомоти ҳамоҳансоз ташаккул меёбад. Ба он нигоҳ накарда, ки синфи ҳукмрон аз аққалият иборат аст, бояд нисбат ба аксарият муташаккил бошад, аз ин рӯ синфи ҳукмрон гурӯҳи хеле пушида ва устувор ба ҳисоб меравад[7, 53].

Қайд намудан зарур аст, ки барои Г.Моска нишондиандаи асосии синфи ҳукмрон, муносибати ин гурӯҳ нисбат ба ҳокимият ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, Г.Моска як қатор хусусиятҳои синфи ҳукмронро пешниҳод менамояд, ки аз дигар гурӯҳҳо фарқ менамояд. «Намояндагони аққалияти ҳукмрон бетағйир дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд, ки дар ҷомеа эҳтиром ва эътибори хоса доранд»[5, 189]. Дар ин самт, метавон ин нуқтаи назарро дастгирӣ намуд, зеро дар ҳар давру замон, дар ҷомеа арзишҳои мухталиф пайдо мешаванд, ки боиси эҳром ва эътибори хоса бошанд. Дар шароити имрӯза, дар ҳолати ҷой доштани арзишҳои демократӣ, ҳамон хусусиятҳои синфи ҳукмрон эътибор пайдо менамоянд, ки хоси ҷомеаи либераливу демократӣ мебошанд. Хусусиятҳои зулму истибдодӣ, фармондииву амрдиҳии сатҳи баланд асосан хоси давлатҳои авторитариву тоталитарӣ аст.

Синфи ҳукмрон метавонад худро ҳамчун барандаи интихобгардидаи иродаи Худо, ки бо хислатҳои шоистаи ғайримуқаррарӣ фарқ мекунад, одамони содиқ нисбат ба асосҳо ва анъанаҳои ҷамъиятӣ, ё оне, ки аз сарварон сарчашма мегирад, пешниҳод намояд[7, 36-37]. Ба ақидаи мо, чунин хислатҳо дар якҷоягӣ боиси фарқияти намояндагони синфи ҳукмрон аз дигар одамон мегардад. Лекин танҳо дар ҳолати ҷой доштани яке аз онҳо, чунин фарқият назаррас нест. Таҳлили шароити имрӯзаи таркиби синфи ҳукмрон дар кишварҳои алоҳида, аз он ҷумла дар Тоҷикистон, нишон медиҳад, ки ин ху-

сусиятҳо, критерияи аввалиндарача ва ягонаи ворид гардидан ба синфи ҳукмрон нест.

Г.Моска масъалаи ташаккули элитаи сиёсӣ ва сифатҳои хоси онро таҳлил намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки нишондиҳандаи асосии ворид шудан ба элитаи сиёсӣ қобилият ба идоракунии одамони дигар, яъне қобилияти ташкилнамоӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин барои ворид шудан ба элитаи сиёсӣ бартарии моддӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ, ки онро аз дигар қисматҳои ҷомеа ҷудо менамояд, зарур мебошад. Лекин қайд намудан зарур аст, ки ба тариқи умумӣ ин қишри аҳолӣ дорои қобилияти сатҳи баланди идоракунӣ бошад ҳам, на ҳамаи намояндагони он нисбат ба дигар қишрҳои аҳолӣ дорои сифатҳои беҳтарин ва олӣ мебошанд.

Назарияпардозони назарияи синфи ҳукмрон ба нишондиҳандаҳои асосии ворид гардидан ба элита диққати махсус равона намудаанд. Ба ақидаи Г.Моска нишондиҳандаи асосии интихоб ё ворид шудан ба синфи ҳукмрон, «қобилияти идоракунӣ» ба ҳисоб меравад. Ин на танҳо майлу рағбати психологии як нафар нисбат ба ҳукмрони намудани дигарон ва на танҳо сифатҳои шахсӣ, ки сатҳи баланди касбӣ ва фаъолияти идоракуниро таъмин менамоянд, балки мавҷудияти хусусиятҳое мебошад, ки хоси давраҳои муайяни таърихӣ мебошанд[9, 389].

Қайд намудан зарур аст, ки самтҳои асосии инкишофи синфи ҳукмрон, аз бисёр ҷиҳат, аз тағйироту дигаргуниҳо дар зери фишори аломатҳои объективии сифатҳо, ки барои идора намудани аъзоёни синфи ҳукмрон заруранд, вобаста мебошад.

Ба доираи илм мафҳуми «элита» якумин маротиба аз тарафи ӯ ворид карда шудааст, ки пештар дар маънии беҳтарин, сифати баландошта истифода карда мешуд. Қайд намудан зарур аст, ки интихоби ин мафҳум аз тарафи В. Парето тасодуфӣ буд, зеро ӯ таҳқиқи этимологии онро асоснок накардааст. Мафҳуми «элита» аз ҷониби В. Парето ҳамчун маҷмӯи одамон, ки дар соҳаҳои худ индекси аз ҳама баландро доро мебошанд, тасниф карда шудааст.

Ҳамин тариқ, элита на танҳо дар сохторҳои ҳокимиятӣ, балки дар дигар соҳаҳои фаъолият ҷой дорад. Масалан, элитаи иқтисодӣ, элитаи ҳуқуқӣ, элитаи варзишгарон, элитаи санъаткорон ва ғ. Фарқият дар индекси одамони гуногун аз хусусиятҳои психологӣ, ақлу хирад ва тафаккури онҳо бармеояд. Дар асоси нобаробарии азалӣ, ҷудо намудани ҷомеа ба элита ва омма ногузир аст[10, 432].

Қайд намудан зарур аст, ки таснифоти элитаи ҳукмрон, ки аз ҷониби В. Парето пешниҳод карда шудааст, ба таснифоти синфи ҳукмрони аз тарафи Г.Моска таъминшуда, монанд аст. Як қатор муаққиқон чунин мешуморанд, ки мумкин аст, ки таснифоти В. Парето дар зери таъсири идеяҳои Г. Моска пешниҳод шудааст.

Парето элитаро ҳамчун гурӯҳи шахсоне тасниф намудааст, ки мавқеи баланд ва мутобиқан сатҳи баланди таъсиррасониро ишғол намуда, дорои иқтидори сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Парето ба он шахсон, ки ба элита ворид мешавад, сифатҳои фавқуллодаро хос мешуморад, ки ҳокимияти ӯро таъмин менамоянд[11, 51].

Қайд намудан зарур аст, ки муносибати В.Парето ба элита дорои мухолифати дохилӣ мебошад. Аз як тараф, одамоне, ки дорои сатҳи баланди индекси касбӣ мебошанд, метавонанд ба ҳеҷ ваҷҳ байни якдигар алоқа надошта бошанд. Аз тарафи дигар, В.Парето элитаро маҳз ҳамчун гурӯҳи сарбаста мефаҳмад, ки ба оммаи мардум таъсир мерасонад. Чунин гурӯҳ ба тариқи ногузир дар натиҷаи сатҳи салоҳиятнокии аъзоёни худ, дарои сатҳи баланди муташаккилӣ аст ва дар натиҷаи эътирофи қобилияти ҳар як аъзоёни гурӯҳ обрӯ ва эътибори он аз тарафи аксарият эътироф карда мешавад.

Ӯ қайд менамояд, одамон ягона набуда, дорои сифатҳои мухталифи ҷисмонӣ,маънавӣ ва зеҳнӣ мебошанд. Маҷмӯи одамоне, ки фаъолияти онҳо бо самаранокӣ, сатҳи баланди натиҷанокӣ дар соҳаҳои мухталиф фарқ менамояд, элитаро ташкил менамоянд.

Дар асоси баррасии амалияи сиёсӣ, Р.Михелс қонуни нави иҷтимоиро пешниҳод менамояд, ки онро «қонуни қавии олигархия» номидааст. Моҳияти ин қонунро метавон чунин баррасӣ намуд, ки ҳар як сохтори демократӣ барои бадастории устуворӣ маҷбур аст, ки созмони бю-

рократӣ бунёд намояд ё сарваронеро интихоб намояд, ки дорои ваколату салоҳиятҳои зиёд мебошанд. Дар ҳар ҳолат, натиҷа ғасби ҳокимият аз тарафи сарварон ё бюрократия аст, ки демократияро ба олигархия мубаддал мегардонад. Тамоми ҷараёни таърихи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки «ҳар як системаи сарварӣ бо қоидаҳои воқеии демократия номувофиқ аст. Ҳамин тариқ, аксарият комилан ба худидоракунӣ қобилият надоранд. Дар ҳама ҳолат, ҳатман, аз омма аққалияти муташаккили нав ҷудо мегардад, ки худро то ба мавқеи синфи ҳукмрон оварда мерасонад. Ба он нигоҳ накарда, ки демократия ба таври пурра дастнорас аст, меъёрҳои алоҳидаи онро метавон дар асоси саъйу кӯшиши зиёд дар ҷомеа ба роҳ монд.

Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи консепсияи манфиатҳои гурӯҳӣ, дар фаъолияти ҳизби сиёсӣ набояд барои ҷудо намудани элита асос ҷой дошта бошад. Ҳизб ин умумияти муташаккил аст, ки бояд манфиати умумияти нисбатан васеъро ҳимоя намояд. Пас, метавон қайд намуд, ки дар ин ҷо муносибатҳои дақиқ ва талаботҳои психологии иддае аз одамон нисбат ба ҳукмронӣ ва қисмати дигари одамон дар тобеият ҷой дорад.

Тассаруф намудани омма, нисбат ба тасарруфи гурӯҳи на он қадар калон, соддаву осон аст, зеро гурӯҳи на он қадар калон тасвиби худро нисбатан пурҷӯшухуруш ва бо қатъият иброз менамояд. Ҳамин тариқ, метавон чунин шуморид, ки элитаи ҳизбӣ ин инъикоскунандаи манфиатҳои иқтисодии синфи ҳукмрон набуда, баръакс, аз он ҷудо гардидааст.

Сарваре, ки баромадаш коргар аст, аллакай сиёсатмадори касбӣ аст, барои ӯ ташвиқу тарғиби коргарон ба муборизаи инқилобӣ аввалиндараҷа аст. Дар дигар синфҳо низ чунин ҳолат мушоҳида карда мешавад. Пас, дар асоси гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки элита ин на қисми синфи ҳукмрон, балки гурӯҳи мустақиле мебошад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои худ амал менамояд.

Р. Михелс механизмҳои иҷтимоиро таҳқиқ намудааст, ки ҷомеаи элитариро тавлид менамоянд. Асосан, бо Г.Моска дар самти сабабҳои элитарият ҳамфикр гардида, диққати асосиро ба қобилияти ташкилотчигӣ, сохторҳои ташкилии ҷомеа равона намудааст, ки элитариятро қувват бахшида, онро ҳамчун қишри ҳукмрон боло мебаранд. Р.Михелс ба чунин хулосае меояд, ки худ ташкил намудани ҷомеа элитариятро талаб менамояд ва чун қоида онро ба миён меорад.

Бо дигаргун шудани шароити иҷтимоиву иқтисодӣ, ташаккул ва инкишофи элита низ дигаргун шуда, ба тариқи ҳамешагӣ дар ҳолати гузариш қарор дошт. Дар ин муддат миқдори аъзоён, алоқаи байни элитаҳои марказӣ ва минтақавӣ, муносибати байни элитаҳои соҳавӣ дигаргун шудаанд. Аз ин хотир, самти ташаккули элитаҳои сифатан нав дар ҳама давраҳои таърихӣ мушоҳида карда мешуд.

Аз ин хотир, даврабандии ташаккул ва инкишофи назарияҳои элитаи сиёсӣ муҳим ҳисобида мешавад.

- давраи авали ташаккул ва инккишофи назаряи элитаи сиёсӣ охирҳои асри Х1Х ва аввавли асри ХХ ба ҳисоб меравад, ки дар ин давра элитаҳои нав зери таъсири ҷараёнҳои империалистӣ ва инқилобии инкишофи муносибатҳои ҳокимиятӣ ташаккул ёфтаанд;
- нимаи дуюми асри ХХ давраи дуюми ташаккули назаряи элита ба ҳисоб меравад, ки асосан бо пошхурии империяҳои мустиамликадорӣ, пайдоиши сохторҳои вертикали ҳокимиятиву маъмурӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ дар давлатҳои тозаистиқлоли Африка, Осиё ва Америкаи Лотинӣ алоқаманд аст. Илова бар ин, ба характери ташаккул ва инкишофи элита, дар ин давра, мухолифати системаҳои ҷамъиятиву сиёсии ҷаҳонӣ, аз байн рафтани ҷаҳони дуқутбӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, байналмиллалӣ гардидани равандҳои ҷамъиятӣ, бӯҳрони инкишофи як қатор кишварҳо таъсири амиқ расонидаан;
- давраи сеюм охири асри ХХ то ба имрӯз аст, ки бо тағйиротҳои назаррас дар амалияи инкишофи идоракунӣ, умумгардии раванди қабули қарор, муборизаи кишварҳои мутараққӣ дар самти ба даст овардани бартарӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, алоқаманд аст.

Барои ҳар як давраи мавҷудияти элита сатҳи муйаяни инкишофи назарияи элита хос аст. Масалан, дар охири иасри Х1Х ва нимаи авали асри ХХ назарияҳои классики элита ташаккул ёфтанд, мактабҳои асосии элитизм пайдо шуданд, ки

то ба имрӯз аҳамияти худро нигоҳ медоранд.

**Адабиёт**

1. Богатуров А.Д. Современная мировая политика. Прикладной анализ. Второе издание / А.Д. Богатуров.– М.: Аспект-пресс, 2010. – 589с.
2. Косолапов Н.А. Глобализация: территориально-пространственный аспект // Мировая экономика и международные отношения. – 2005. – № 6. – С. 3–13.
3. Макиавелли Н. Государь. Изб.соч. / Н. Макиавелли. – М.,1982. 344 с.
4. Михельс Р. Необходимость организации / Р. Михельс // Диалог. 1990. № 3. –С. 56 - 67.
5. Моска Г. Правящий класс / Г.Моска // Социальное исследование.1994. № 10. –С. 173- 187.
6. Платон. Государство / Платон. - Спб., 1993. 231с.
7. Mosca G. The Ruling Class.-London: McGraw-Hill, 1939.
8. Mosca G. Teorica dei govemi e govemo parlamentare. - Turin, 1925. 321 p.
9. Mosca G. The Final Version of the Theory of Ruling Class. 390 c.
10. Pareto V. Mind and Society. -N.Y., 1935. V. 4. - P. 2027–2031.
11. Pareto V. Sociological Writings. Transl. by D. Merfin. - London: Pall Malt-Press.1966. 283 p.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЭЛИТЫ

**Шоисматуллоев Ш., Ализода Н.А.**

В статье рассматриваются основные этапы формирования и развития политической элиты. Авторы отмечают, что еще в античности мыслители изучали и анализировали различные проблемы в области управления. Платон и Аристотель выдвигали свои точки зрения по проблемам управления в античности.

Мыслители последующих этапов исторического развития развивали концепции Платона и Аристотеля в области формирования и развития политической элиты. С точки зрения концептуальных концепций элитарный парадигм, привлекает внимание работы отдельных мыслителей, таких как Н. Макиавелли, Ш. Монтескье, П. Голлбах.

Система идей в виде теории элиты в социологии и политологии формировались в X1X-XXвв. Все идеи элиты сосредоточены на том факте, что в каждом обществе, в каждой сфере деятельности существует отдельная группа людей, которая находится выше других и осуществляет управление в данном обществе.

С изменением социально-экономических условий, формирование и развитие элиты также изменились, и всегда находились в трансформации. За этот период, количество членов, связь между центральной и региональной элитой, отношения между элитами изменились. В связи с этим всегда наблюдалось формирование новых элит во все исторические периоды.

Для каждого периода существования элиты характерен особый уровень развития теории элиты. Например, в конце XIXв. и начала XXв. были сформированы классические элиты, появились основные школы элитизма, которые и сегодня сохранили свое значение.

**Ключевые слова:** элита, управление, общество, правящий класс, теория элиты, элитаризм, классические теории, социальный механизм, политическое лидерство, личность, личностные качества.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE THEORY OF POLITICAL ELITE

**Shoismatulloev Sh., Alizoda N.A.**

This article discusses the main stages of the formation and development of the political elite. The authors note that even in antiquity, thinkers studied and analyzed various problems in the field of management. Plato and Aristotle expounded their views on the problems of governance in antiquity.

The thinkers of the subsequent stages of historical development developed the concepts of Plato and Aristotle in the field of the formation and development of the political elite. From the point of view of conceptual concepts of the elite paradigm, the work of individual thinkers, such as N. Machiavelli, S. Montesquieu, P. Gollbach, attracts the attention.

The system of ideas in the form of the theory of elite in sociology and political science was formed in X1X-XXвв. All ideas

of the elite are focused on the fact that in every society, in every sphere of activity there is a separate group of people who are above others and will exercise control in this society.

With the change of socio-economic conditions, the formation and development of the elite also changed, and were always in transformation. During this period, the number of members, the relationship between the central and regional elites, the relationship between the elites has changed. In this regard, the formation of new elites has always been observed in all historical periods.

For each period, the existence of an elite is characterized by a special level of development of the theory of the elite. For example, at the end of XIX century. and the beginning of XX. classical elites were formed, the main schools of elitism appeared, which today have retained their significance.

**Keywords:** elite, management, society, ruling class, elite theory, elitism, classical theories, social mechanism, political leadership, personality, personal qualities.

# ТАСНИФИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ВА МОҲИЯТИ ОНҲО

**Маҳмадизода Н. Д.**, н.и.ф., декани факултети фалсафаи ДМТ;
**Фазлиддини М.,** ассистенти Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ

*Дар мақола масъалаи манфиатҳои миллӣ унсури марказӣ ва меҳварии низоми давлатдорӣ баррасӣ шудааст. Мақсаду ҳадафи ниҳоии ҳар як давлату миллат ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими бақодории он мебошад. Манфиатҳои миллӣ омили меҳварии рушди давлатдорӣ буда нигаронии тамоми давлатҳо ба он равона шудааст, зеро ки мавҷудияти давлат, ҳадафу мақсад ва низоми идоракунии он дар асоси ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда мешавад.*

*Муаллифон мақолаи мазкурро дар асоси ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон баррасӣ намудаанд, то ки он аз мади назари шаҳрвандон дур нагардад. Манфиатҳои миллии Тоҷикистонро асоси музаффариятҳои давлат нишон дода таҳкид менамоянд, ки муҳаққиқи ҳаққиқи ҳамонест, ки дар доираи манфиатҳои миллии мамлакати худ ҳарф мезанад.*

***Важаҳои калидӣ:*** *манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои муҳим, манфиатҳои ҳаётан муҳим, манфиатҳои бақодорӣ, талабот, ниёз, неъмат, давлатдорӣ, геополитика, глобализатсия, эҳёи маънавӣ, тафаккури солим, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, навъбандии манфиатҳо, манфиатҳои ҷамъиятӣ, сиёсат, истиқлолиятӣ сиёсӣ, амнияти тоҷикистон, сохтори конститутсионӣ, ваҳдат.*

Имрӯзҳо дар шароити муосири фазои геополитикии олам ва таъсири равандҳои глобализатсионӣ, тамоми давлатҳои олам кӯшиш ба он менамоянд, ки хамкорӣ дар самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ байни якдигар дар асоси таҳкими манфиатҳои миллӣ сурат гирад. Зеро, ки дар сайёраи олам имрӯзҳо давлатеро ёфтан ғаёриимкон аст, ки дар муносибатҳои байналхалқи дар доираи манфиатҳои худ амал нанамояд. Дар шароити муосир тамоми давлатҳои олам, раванди идоракунии мамлакат, самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, муайян намудани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро танҳо бахри ҳимояи манфиатҳои миллии мамлакати худ ба роҳ мемонад, зеро манфиатҳои миллӣ ягона воситаест, ки фазои солими ҷомеа, фазои оромию осудагӣ ва сулҳу суботи мамлакат аз он маншаъ мегирад. Моро зарур мебояд, ки пеш аз ҳама ба мазмун ва моҳияти манфиятҳо сарфаҳм равем. Манфиат ин талабот, неъмат ва ниёзи мардум аст, ки дар ҳамбастагӣ бо он муносибатҳои гуногун ба миён меояд. [1,9]

Дар илмҳои сиёсӣ ва худи сиёсат манфиатҳои миллӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳимтарин ба ҳисоб рафта, асоси давлатдорӣ ва суннати роҳбариро ташкил мекунад. Зеро ҳар як давлатҳои олам, чи давлатҳои бузург ва чи давлатҳои хурд, сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро танҳо дар асоси манфиатҳои миллӣ ба роҳ мемонад. Чунки сиёсат худ манфиат аст ва асоси сиёсатро нигоҳ доштани манфиатҳо ташкил медиҳад. Талоши ҳар як давлат низ дар сатҳи тамоми муносибатҳо ин ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад.

Дар фазои геополитикии олам ва харитаи сиёсии ҷаҳони муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои ҷавон ба ҳисоб меравад, ки дар самти сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ дар асоси манфиатҳои миллии мамлакат ва бахри ҳимоя аз он амал мекунад.

Мо бояд, пеш ҳама, паҳлӯҳои асосии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барраси намоем, то ки он аз мадди назари шаҳрвандон дур нагардад: - психологияи шахс ва ҷомеа, маърифати ҳуқуқию сиёсии шаҳрвандон, густаришёбии илм ва эҳёи маънавӣ, тараққиёти иқтисодӣ ва бозоргонӣ, мавҷудияти тафаккури солим ва бунёдкорию созандагии кишвар, кафолати давлатии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои тамоми шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоти ҷамиятӣ, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти сиёсӣ, амнияти Тоҷикистон, асосҳои сохтори конститутсионии мамлакат, ҳифзи марзу

бум ва монанди инҳо ба сифати манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамоянд.

**Навъбандии манфиатҳои миллӣ**

Манфиатҳои миллӣ ҳамчун унсури марказӣ, меҳварӣ ва ягонаи идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, онро ба навҳои гуногун ҷудо намудан мумкин аст:

**а) Манфиатҳо аз рӯи дараҷаи умумият: шахсӣ, гурӯҳи ва ҷамъиятӣ:**

- манфиатҳои шахсӣ: ҳамчун талабот дар ниҳоди ҳар як фардият баромад мекунад. Шахсият ба сифати ҳамчун як инфироди мустақил дар ҷомеа манфиатҳои шахсии худро ҷустуҷӯ менамояд ва баҳри қонеъ намудани талабот ва ниёзи аввалиндараҷаи худ дар ҷомеа зиндагӣ мекунад. Аз мушоҳидаҳои амалияи ҷамъияти бар меояд, ки агар манфиатҳои шахсии фард то андозае қонеъ нагардад, шахс ба рушди ҷомеа мусоидат намекунад, вақте ки дар вуҷуди инсон талабот ва ниёз вуҷуд дорад, ин аз манфиатҳои ӯ дарак медиҳад, зеро манфиат дар ниҳоди инсон ба сифати ҳамчун раҳнамо баромад мекунад. Аз ин рӯ, дар раванди идоракунии ҷамъиятӣ бояд, ки манфиатҳои ҳар як шахс ба инобат гирифта шавад, зеро манфиат унсури марказии ва меҳварии ягонаи ниҳоди ҳар як фард аст;

- манфиатҳои гурӯҳӣ: инъикоси манфиатҳои якчанд шахс дар ҷомеа, ин ифодаи манфиатҳои гурӯҳиро ташкил медиҳад. Гурӯҳҳои иҷтимоӣ ин як қисмати таркиби инсонҳоеро дар назар дорад, ки онҳо дар алоҳидагӣ баҳри қонеъ намудани талаботҳои фардӣ ва гурӯҳии худ амал мекунанд. Дар натиҷаи бо ҳам омадани манфиатҳои якчанд шахс дар ҷомеа, ин боиси бавуҷудоии манфиатҳои гурӯҳи мегардад. Ба манфиатҳои гурӯҳи чунин шакли манфиатҳо дохил шуда метавонад: манфиатҳои ҳизбҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо, заводу фабрикаҳо, муҳити бозаргони ва монанди инҳо. Манфиатҳои гурӯҳи чунин шакли манфиатҳое мебошад, ки шахс бо баинобат гирифтани манфиатҳои гурӯҳ ва раванди инкишофи ҷомеа манфиатҳои ҷамъиятиро талқин мекунанд;

- манфиатҳои ҷамъиятӣ: ин шакли густариши манфиатҳои шахси ва манфиатҳои гурӯҳи одамоне мебошад, ки дар натиҷаи бо ҳам омадани манфиатҳои шахсӣ ва мафиатҳои гурӯҳи ба вуҷуд омадааст. Ҷамъият ин ҳолати иҳотакардаи гирду атрофи мо мебошад, ки дар он гурӯҳҳои гуногуни миллию этникӣ ва дигар навъҳое ки табиат онҳоро хостааст дарбаргиранда мебошад. Дар раванди идори ва ба танзимдарории сатҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба инобат гирифтани манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳи ва ҷамъиятӣ дар чорчубаи муайяншуда нақши ногусастани дорад.

Манфиатҳои миллӣ замоне мукамал мешавад, ки агар манфиатҳои шахсӣ, манфиатҳои гурӯҳи ва манфиатҳои ҷамъиятӣ бо ҳам омезиш наёбад ва рушди худро дар доираи муайян амалӣ намояд.

**б) Манфиатҳои миллӣ аз рӯи самтҳо: - иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, моддӣ ва маънавӣ.**

Дар илми манфиатшиносӣ ва амниятшиносӣ асосан ду навъи манфиатҳои миллиро тасниф мекунанд:

1. Манфиатҳои муҳими мамлакат, ки бо он дохил мешавад манфиатҳои милли дар самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илм ва маориф, маданият, маънавиёт ва монанди инҳо.

Манфиатҳо дар самти иқтисодӣ:- иқтисод яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар самти иҷтимоиёт ва некуаҳолии халқ нақши мубрам ва асоси дорад. Манфиатҳои иқтисодӣ дар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мегардад. Дар моддаи 12-13-уми конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои иқтисодӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи ин модда асосҳои иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошад. Давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. [3,5]

Манфиатҳо дар самти иҷтимоӣ:- ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз бахшҳои асосии мустақили сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Давлат субъекти асосии кафили манфиатҳои иҷтимоӣ буда, дар самти сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба сифати ҳифзку-

нандаи манфиатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад. Сиёсати иҷтимоӣ дар соҳаи инкишофи иҷтимоӣ ва таъмини иҷтимоӣ барои беҳтар намудани сифат ва сатҳи зиндагии гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.

Яке аз вазифаҳои муҳими илми сиёсӣ низ ин сотсиализатсияи шахс маҳсуб меёбад, яъне ташаккули шахс ҳамчун инфиродӣ мустақил фаъол мегардад. Ба сифати манфиатҳои иҷтимоӣ инҳо баромад карда метавонанд: илм ва маориф, манфиатҳои моддӣ (таъмини соҳаҳои озуқаворӣ ва пӯшокаю либоса) ва маънавӣ (соҳаҳои шуур ва маънавиёти иҷтимоӣ), соҳаҳои тандурустӣ ва сатҳу сифати хизматрасонии он, манзил ва суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷумла таъмини нафақавӣ, хизматҳои иҷтимоӣ, инфиродӣ ва ғайра мансуб мебошад.

Давлат барои ҳифзи манфиатҳои иҷтимоӣ сиёсати иҷтимоиро тавассути мақомотҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ амали менамояд. Сиёсати ичтимоӣ аз буҷаи давлат маблағгузорӣ мешавад. Объекти асосии иҷтимоиёт одатан умумияти бузурги одамон баромад мекунад.

Мақсади асосии манфиатҳои иҷтимоиро беҳтар намудан солимии миллат, таъмини даромади зарурии аҳолӣ ташкил медиҳад.

Манфиатҳои миллӣ дар самти фарҳанг: Фарҳанг асоси зиндагӣ ва бунёди ҳастии инсон аст. Фарҳанги миллӣ муаррифкунанда ва инъикоскунандаи симои мамлакат ба ҳисоб рафта, он мусоидат мекунад, ки симои аҳолӣ дар муносибатҳои хориҷии мамлакат ҳарчи бештар шинохта шавад. Фарҳанг офаридаи худи инсон аст, ки одамон тавассути он натанҳо ниёзу ҳастии худро таъмин мекунанд, балки ба муҳити табиию ичтимоӣ дигаргунӣ дароварда, худро низ тағйир медиҳад. Фарҳанг ба қудрати созандагии инсон мусоидат мекунад.

Ба сифати манфиатҳои фарҳангӣ инҳо баромад мекунад: забон, маданият, ахлоқ, маънавиёт, арзиш, мудди либос, анъана, урфу одат, ҷаҳонбинӣ, шуур ва монанди инҳо.

**2. Манфиатҳои миллии ҳаётан муҳими мамлакат, ки ба онҳо дохил мешавад:**

Манфиатҳои миллӣ дар соҳаи сиёсат:-сиёсат қисми таркибии ҷомеа буда, асоси онро нигоҳдоштани манфиатҳо ташкил медиҳад. Сиёсати манфиатҳои миллӣ ин системаи ҳамаҷонибa асоснокшудае мебошад, ки давлат дар системаи муносибатҳои миллӣ ба амал мебарорад. Мақсади асосии он ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳалли зиддиятҳо ва масъалаҳои байни умумиятҳои миллию этникӣ мебошад.

Манфиатҳои миллӣ дар соҳаи сиёсат ҳамчун манфиатҳои меҳварӣ ва маркази давлат буда ба он чунин навъи манфиатҳо доҳил мешавад: -истиқлолияти сиёсӣ, амнияти Тоҷикистон, асосҳои сохтори конститутсионии мамлакат, ҳифзи воҳидҳои марзию маъмурӣ, ваҳдати миллӣ, иҷлосияи 16-уми тақдирсозӣ Шӯрои Олии Ҷумҳирии Тоҷикистон, бунёди НБОР, сохтори ҳарбӣ, ҳифзи сарҳадот ва тамомияти арзии он ва монанди инҳо.

Истиқлолияти сиёсӣ яке аз омилҳои муҳими инкишофи давлати демократӣ мебошад, зеро истиқлолият бахтномаи ин ва ё он миллати сарнавиштсоз аст.

Истиқлолият ин дорои амри хеш будан аст, ки давлат дар тамоми сатҳи муносибатҳои идоракунии худ, муносибатҳои худро мустақилона ба роҳ монда онро ҳаллу фасл менамояд.

Истиқлолият ин мустақилона амал намудани мақсадҳо ва ормонҳои миллӣ, ки дар тули таърих ба вуҷуд омадаанд, дар бар мегирад. Истиқлолият падидаи сиёсиест, ки бо роҳбарияти олӣ ё ҳокимият пайваст аст. Мустақилияти комили давлат аз давлати дигар ҳангоми ба амал баровардани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Дар бештари кишварҳо мафҳуми «Истиқлолият»- раванди қабули қарори сиёсиро дар дохили давлат ва барои идораи корҳои давлатӣ ифода меёбад. [2,31]

Масъалаи истиқлолияти сиёсӣ ва таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи он дар шароити имрӯза ба муҳимтарин пажуҳиши соҳибназарон қарор гирифтааст. Бисёре аз падидаҳо ва равандҳои ҷомеа аз инкишофи солими истиқлолияти кишвар бар меояд.

Амнияти Тоҷикистон: Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати ҷавон, имрӯз ба фанни амният ба кулли ниёз дорад, чунки дар алоҳидагӣ давлат аз уҳдаи таъмини амният ба куллӣ баромада наметавонад.

Объекти худи амнияти Тоҷикистон ин нигоҳ доштани манфиатҳои миллӣ ва

мавҷудияти Тоҷикистон дар ҳамаи ҳолатҳо, аз он ҷумла аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ва баланд бардоштани рушди устувори давлат дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.

Амният кафили устувории рушди бомавзун ва босубот дар ҳамаи самтҳои ҷомеа мебошад. Маҳз он имконият медиҳад, ки умед ба фардои дурахшон, побанд намуда, умеду ормонҳои мардум озодона ва ихтиёрона дар ҷомеа амалӣ гардад.

Амният ниҳоят фаррох ва васеъ буда, дарбаргирандаи тамоми ҳолатҳои мавзуни ҷомеа, табиати зинда ва ғайризинда мебошад, ки ба онҳо шомил мебошад: олами башариат, инсонҳо, олами ҳайвоноту наботот, парандагону хазандагон, табиати олами растаниҳо ва дар маҷмуъ он чизе ки дар рӯи замин ва зери замин мавҷӯд аст, дар бар мегирад, чунки кафили рушд ва устувори ҳар яки инҳо осудагию оромӣ набудани хавфу хатар ва таҳдидҳо мебошад.

Амният ин мафҳуме мебошад, ки дар муносибат бо ҳамаи мавҷудоти зинда алоқамандӣ дорад. Амниятро дар адабиётҳои илмӣ ҳолати ҳимоятшавандагии шахс, ҷомеа ва давлат ном мебаранд.

Амният ин пеш аз ҳама арзиш аст, арзиши инсон, арзиши ҷомеа ва давлат мебошад. Вазъияте, дар он хавху хатар эҳсос намегардад, амният ном дорад. Амният ҳолати устувори шароити мусоид ва бехатар намудани шароити зиндагии арзанда мебошад. Амният кафили рушди инсоният мебошад, аз ин хотир он дар ҳаёти инсон нақши асоси дорад.

Дар луғати точикӣ амният- осоиштагӣ, тинҷию оромӣ, осудагию бехатарӣ шарҳ дода шудааст.

Амният худ аз худ арзиш аст (мутлақ аст) ва чун асбоби дастраскунии мақсадҳо, дар он ҳамзамон танҳо одатан яке- ошкор, дигараш- пинҳон. [5,97]

Иҷлосияи 16-уми тақдирсозӣ Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар ҷаҳонӣ муосир яке аз кишварҳои ҷавон ба ҳисоб рафта, дар шароити давлатдорӣ равандӣ худидоракуниро мустақилона ба роҳ мемонад, ин аз он шаҳодат медиҳад ки нақши «Иҷлосияи 16-уми тақдирсозӣ Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ташаккули давлатдорӣ нақши муассире бозидааст. Зеро яке аз дастовардҳои бузурги миллати сарнавиштсоз маҳз аз ҳамин иҷлосия иборат буд, ки миллати тоҷикро аз вартаи нестшавӣ раҳонид.

Бинобар сабаби ба даст омадани истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар дохили мамлакат равандҳои сиёсӣ, плюрализм, демократияхоҳӣ, ҳизбу ҳаракатҳои гуногун, ки онҳо даъвои ҳокимиятхоҳи карданд. Дар натиҷа майдонишинию намоишҳо ва роҳпаймоиҳои беҳуда миллатро бо гуруҳҳои бо ҳам муқобил ҷудо кард. Ин ҳолат ба он оварда расонид, ки миллат ба вартаи моҷарои мусаллаҳонаи ҳамватанӣ кашида шуд. Моҷаро паёмадҳои зиёдеро ба бор овард, ки он рушду инкишофи давлатро даҳсолаҳо қафо бурда ва ба маънавиёт ва ҷони инсонҳо таъсири ҷиддии манфие расонид, ки онҳо ҳаргиз барқарорнашаванда буданд.

Хушбахтона, ақли солим боло гирифт ва дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми тақдирсозӣ Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 ноябри соли 1992 дар қасри Саидхуҷа Урунхуҷаев баргузор гардид. Дар ин иҷлосия Эмомалӣ Раҳмон раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Дар ин вақт ҷанги ҳамватанӣ бо шиддат идома меёфт, миллатро парокандагӣ таҳдид мекард, тамоми сохторҳо ва аҳли ҷомеаро ноумеди фаро гирифта буд, ки миллати тоҷик давраи ниҳоят сангин ва душвореро аз сар мегузарониданд.

Дар чунин ҳолати хавфу хатарҳо ва таҳдидҳои пай дар пай Эмомалӣ Раҳмон раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интиҳоб шуд. Аввалин сухане, ки аз минбари иҷлосия садо дод «ман ба шумо сулҳ меорам ва мо ҳама бародар ҳастем…» воқеан ҳам ин гуфтаҳо дар шароити имрӯза хусусияти амалиро дар худ гирифтааст. [7,60]

Давлатдорӣ ба мисли лахчаи оташ аст, ки онро рӯи каф мегузорему ба соҳилҳои мақсад меравем, то ки ҳам мурод ҳосил шаваду ва ҳам кафи даст насӯзад.

Баргузоргардии ин иҷлосия ва дар ҳамин иҷлосия ба сари қудрат омадани Эмомалӣ Раҳмон барои мардуми тоҷик ин як навъ манфиати бузург буд, зеро маҳз кӯшишу ғайрат ва талошҳои побарҷои ин роҳбарияти олии мамлакат буд, ки милати тоҷикро аз вартаи нестшавӣ раҳонид. Ҳамаи ин талошҳо ва меҳнатҳои роҳбарияти олии мамлакат барои аз нав барқароркунии давлати тоҷикон на ин ки

бо забон, балки бо дилҳо ёд гардида, он ба пурраги̅ омухта шавад.

Ваҳдат омили меҳварии рушди устувори ҷомеа: инак 22- сол муқаддам аст, ки «Созишномаи Истиқлоли Сулҳ ва Ризоияти милли̅» ба имзо расидааст, ки мо ҳамасола онро иди ба волоият расидани ақли солим ва ба саодат расидани миллат ҷашн мегирем. Он дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши муҳим ва босазоеро ба миён гузошт.

Ваҳдати милли̅ барои муттаҳидшавии тамоми мардуми Тоҷикистон шароит фароҳам овард ва барои таҳкурсии ҷомеаи шаҳрванди̅ дар ҷумҳурии соҳибистиқлол мусоидат намуд.

Муддати зиёдест, ки оид ба моҳияти ваҳдати милли̅ ва роҳҳои расидан ба он диққати донишмандон ва равшанфикрону соҳибназаронро ба худ кашидааст. Ваҳдат ин якдили̅, муттаҳиди̅, тифоқи̅ ва аз як гиребон сар баровардан мебошад.

Ваҳдат ин омили созандаест, ки маҳсули тафаккури инсони̅ ва ақлу хиради солим буда, инъикосгари пиру̅зии нур бар зулмот, неки̅ бар бади̅ ва мушаххасан, пиру̅зии ақл бар ҳиссиёт мебошад. [4,151]

Ваҳдат ин омили пешрафти зиннаҳои идоракуни̅ ва бунёди давлатдори̅ маҳсуб гашта, дар самтҳои созандагию бунёдкори̅ ва риёкори̅ нақши калиди̅ дорад.

Аз ин хотир моро зарур аст, ки бар-раси масъалаи «Ваҳдати милли̅ омили меҳварии рушди давлатдори̅ ва нақши он дар бунёди давлати милли̅»- ро андешаҳои судманд намуда ва роҳу воситаҳои ба самар расонидани онро дар доираи далелҳои илми̅ асоснок намоем.

Манфиатҳои милли̅ дарки муҳимияти ҳифзи бақо ва таъмини рушду инкишофи устувор, нигоҳдошти ягонаги̅ ва симои фарҳангию таърихии худ, таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат ва ниҳоятан таъмини устувории ҷомеа мебошад. Амнияти мо замоне ба пурраги̅ таъмин мегардад, ки ҳамаи мо шаҳрвандон манфиатҳои миллии худро ба пурраги дарк намоем, агар тамоми шаҳрвандони давлат он ҳама масъулият, уҳдадори ва вазифаҳое, ки дар назди худ доранд ба пурраги̅ риоя намоянд, рушду инкишофи ҷомеа бо суръати кайҳон меафзояд. [6,82]

Ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон асоси музаффариятҳои давлат буда, роҳу воситаҳои ҳимоя аз он вазифаи мақомотҳои давлати̅, ҷомеаи шаҳрванди̅ ва ҳар як фарди ватанду̅ст мебошад.


**Адабиёт**

1. Зокиров Г. Н. , Абдулҳақов М. М. Манфиатҳои милли̅ – омили меҳварии рушди давлатдори̅. Душанбе, 2008. – 171с.
2. Зокиров Г. Н. Истиқлолияти сиёси̅. Душанбе, 2006.- 157с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.- 64с.
4. Маҳмадов А. Н. Муқаддимаи идеяи милли̅. Душанбе, 2015.- 177с.
5. Маҳмадов А. Н., Раҷабов Ш. Амният ҳамчун падидаи сиёси̅ ва иҷтимои̅. Душанбе, 2007.- 104с.
6. Сафарализода Х. Қ. Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёси̅ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2018. – 142с.
7. Шаъбонов Н. Н. Ташаккули падидаи маданияти сиёси̅ ҳамчун раванди сиёси̅ дар шароити дигаргунсозии ҷомеа. Душанбе, 2014.- 127с.


## КЛАССИФИКАЦИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ И ИХ СУЩНОСТИ


**Махмадизода Н. Д. Музаффарзода Ф.**



В статье рассматриваются вопросы национальных интересов. Конечная цель и задача каждой нации заключается в защите национальных интересов, их укреплении и процветании. Национальные интересы являются фактором развития государства и общества.

В статье дается классификация национальных интересов и анализируется их сущность.



***Ключевые слова*:** Национальные интересы, важные интересы, важные преимущества, интересы выживания, потребность, блага, государство, геополитика, глобализация, общественный интерес, политика, политическая независимость, безапасность Таджикистана, конституция, единство.


## CLASSIFICATION OF NATIONAL INTERESTS AND ITS ESSENCE


**Mahmadizoda N. D.** - Candidate of Philosophy, Associate Professor Dean of the Faculty of Philosophy of the Tajik National

University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. Phone: 939325942, **E-mail: nozim2985@mail.ru**

**Fazliddini Muzaffarzoda-** assistant, Department of Public Administration, Institute of Public Administration under tne President of tne Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 989171747, **E-mail: fazliddin_didp@mail.ru**

In this article the issue of the national interests of the national and central state system is consideret. The ultimate goal of every state and nation is protection of national interests and its prosperity. The national aspirations are the core factor of state development and focus on all States, lts purpose, and its management system is established based on the protection of national interest.

The autors reviewed this article on the bosis of the protection of national interests of Tajikistan so that it did not det away from the public opinion. The national values of Tajikistan are based on the basic of the state of the state and emphasize the right to the same level as the national interests of the country.

**Key words:** national interests, importan interests, vita interests, disadvantage interests, geopolitics, globalization, community interests, politics, political independence, security of Tajikistan, constitutional structure, unity.

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН –2/2019

# ПРОБЛЕМЫ ИНФОРМАЦИОННОЙ И КОММУНИКАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ «ГИБРИДНЫХ ВОЙН» И ИХ ОСОБЕННОСТИ

**Искандаров А. И.** – д.п.н., профессор, зав. отделом ИФПП АН РТ
**Сангинов Н. Н.** – сотрудник ЦСИ при Президенте РТ

*В данной статье авторами раскрыты основные технологии «гибридных войн», используемые против Республики Таджикистан на современном этапе. На конкретных примерах авторы показали сущность различных технологий «гибридных войн» и их влияние на национальную безопасность Республики Таджикистан, которая как самостоятельный субъект международного права, входит в орбиту геополитических и геоэкономических интересов мировых и региональных держав. Именно эти державы ведут «гибридные войны» друг против друга на чужой территории, в регионе или стране - мишени своих интересов.*

***Ключевые слова:*** *традиционные и нетрадиционные угрозы, «информационные войны», «террористические войны», «наркотические войны», радикальные группировки, «кибервойны», «мигрантские войны».*

Прежде всего, следует подчеркнуть, что Устав ООН (статьи 2 и 3) запрещает ведение традиционных глобальных/мировых войн. В этой связи, мировые и региональные державы в рамках реализации своих геополитических и геоэкономических интересов ведут друг против друга «гибридные войны» на всем мировом пространстве, где пересекаются их интересы.

Республика Таджикистан, находясь в составе Центральной Азии, которая образуя обширное пространство евразийского континента, как и другие государства - самостоятельные субъекты международного права, также подвержена «гибридным угрозам» и против неё также ведутся «гибридные войны» со стороны мировых и региональных держав, имеющие свои геополитические интересы.

Следует отметить, что «гибридные угрозы» бывают традиционные и нетрадиционные. К традиционным угрозам относят веками существующие военные угрозы государств с использованием армий. С развитием человечества и технологий, эти угрозы также развивались и развиваются, приобретая различие лишь в формах и методах использования оружия. Сейчас они приобрели глобальный и угрожающий характер, в связи с появлением ядерного, химического и других видов оружий массового уничтожения/поражения.

К нетрадиционным угрозам относятся: международный терроризм, религиозный экстремизм, незаконный оборот наркотиков, торговля людьми, контрабанда оружия, пиратство, экологические преступления, контрабанда ОМУ или его компонентов [1] и другие преступления транснационального характера.

На современном этапе против Республики Таджикистан используются следующие технологии «гибридных войн»: «информационные войны», «террористические войны», «наркотические войны»; «кибервойны»; «когнитивные войны»; «мигрантские войны», «пограничные войны», «биологические войны» и другие. Все указанные технологии зависят от формы противостояния между государствами.

Основу «информационных войн» против Республики Таджикистан составляет дезинформация. В этой связи, правильно отмечает российский ученый Почепцов Г.Г., что сам термин «информационная война» неадекватен по своей сути, поскольку этот тип войны является дезинформационным, а не информационным. [2] Иногда её называют как «фейковые войны» (от английского Faik – поддельный, фальшивый).

Слово «дезинформация», на наш взгляд, вошла в обиход благодаря спецслужбам. Так, в свое время бывший Председатель КГБ СССР Ю.В. Андропов следующим образом охарактеризовал дезинформацию: «Дезинформация действует, как кокаин, если вы вдохнете его один или два раза, то он, возможно, и не изменит

вашу жизнь, если же будете употреблять его каждый день, вы станете совершенно другим человеком – он превратит вас в наркомана». [3]

По мнению профессора А.В. Манойло: «Технологии информационных войн, основанные на манипулятивном управлении политическим сознанием и поведением граждан, исключительно опасны: их главная задача – разделить и поляризовать общество, разорвать его на множество клочков и фрагментов, заставить эти фрагменты искренне ненавидеть друг друга, с тем чтобы затем столкнуть их между собой, инициировав борьбу на уничтожение, или объединить их агрессию в единый поток и направить его против действующей власти». [4]

Тема «информационной войны» против Республики Таджикистан была озвучена еще в 2009 году в Послании Основателя мира и национального согласия, Лидера нации - Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в частности, он отметил: «В последние годы на различных Интернет-сайтах ведется сознательная и злонамеренная кампания, направленная против Таджикистана. Совершенно очевидно, что независимость государства таджиков и наша многовекторная политика не по душе определенным кругам. Достаточно взглянуть хотя бы на заголовки предвзятых и явно заказных материалов, и создастся впечатление, будто нашему государству не удалось добиться политической, экономической и социальной стабильности, и перспективы его развития являются туманными.

Этот нежелательный процесс сегодня набирает еще большую силу. Информационная война против нас, начавшаяся с 90-х годов прошлого века, преследует лишь одну цель: принизить роль независимого Таджикистана на международной арене, опорочить таджикскую нацию и, в конечном счете, вселить в наших людей пессимизм и неверие в свое будущее». [5]

«Террористические войны» против Республики Таджикистан ведутся с 90 – х годов прошлого столетия. Этому во многом способствовали развал Советского Союза и гражданская война 1992 – 1997 годов в Республике Таджикистан.

Начиная с 2001 года, «террористические войны» против Республики Таджикистан осуществляется преимущественно с нелегальных позиций под патронажем определенных внешних сил/игроков, с использованием радикальных группировок, оппозиционных партий, движений. В таких войнах участвуют ряд прославившихся на весь мир радикальных группировок т. к. «Аль - Каида», «Талибан», ИГИЛ/ИГ, «Братья мусульмане», «Ансоруллох», «Хизб – ут - тахрир», «Джебхат – ан - Нусра» и другие, деятельность которых запрещена на территории республики. О чем свидетельствуют выявление и осуждение к длительным срокам тюремного заключения их боевиков из «спящих ячеек» на территории страны и за её пределами.

Характеризуя отличие «террористических войн» от обычной, российский ученый Ю. Христензен отмечает: «Если в обычной войне армия воюет против армии, то в террористической, где цель не победа, а сама война - боевики воюют против населения. И ни одна армия мира защитить своё население от боевиков не в состоянии». [6] В последние годы особо прославился ИГИЛ/ИГ, на борьбу с которым в последние годы сфокусировано внимание мирового сообщества. После поражения в Сирии и Ираке, сегодня эта организация переориентировалась на Афганистан и начинает укрепляться в рамках создания «халифата» здесь и соседних с ним государствах.

Свидетельством причастности ИГИЛ/ИГ к «террористическим войнам» против Республики Таджикистан является то, что она взяла ответственность за совершение террористического акта под Дангарой в июле 2018 года.

Опасность ИГИЛ/ИГ для национальной безопасности страны заключается в том, что в её рядах воюют и таджики, среди которых беглый полковник Г. Халимовым, смерть которого не объявлено в официальном порядке, Назаров Тоджиддин по кличке «Абу Усома Нораки» и другие.

«Наркотические войны» против Республики Таджикистан ведутся с момента обретения страной независимости с территории Афганистана, которая также реализовывается в рамках геополитических игр

мировых и региональных держав. Как отмечает американский журналист Дэн Перцефф: «Идет жестокая борьба сверхдержав за наркотические оазисы Афганистана и Грузии, Таджикистана и Киргизии, Югославии и Ирана. Это шахматная игра без правил, где выигрыш – полный контроль территорий, где производят дурманящее зелье, а пешки – все мы. В этой игре много участников, а заложниками оказываются обычные люди, которых навсегда подсаживают на героиновую иглу, держат на коротком поводке кокаиновой трубочки, «заботливо» снабжают «колесами» - убийцами». [7]

Основная цель «наркотических войн» подорвать устои государства путем вовлечения её в наркобизнес, превратить граждан в наркозависящих, с последующим её захватом без особых усилий, по примеру имевшейся в истории «опиумных войн» между Великобританией и его западными союзниками и Китаем в XIX веке. Как свидетельствует история в результате двухэтапной «опиумной войны» (1840 – 1842 г.г. и 1856 – 1860 г.г.) с целью контроля над ресурсами Китая и её рынками сбыта, Великобританией в союзе с США и Францией была свергнута династия Цин. Благодаря распространению большего количества опиатов - наркотиков, англичане полностью деморализовали население и армию, которые не смогли оказать сопротивление из-за наркозависимости». [8]

Таъкид намудан ба маврид аст, ки дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ ва иҷтимоию гуманитарӣ консепсияи "амнияти энергетикӣ" ҳанӯз ҳам таърифи ягонаи худро пайдо накардааст. Агар мо ба мазмуни таърифҳои дар илм вуҷуд доштаи ин мафҳум назар андозем, пас метавон дарёфт кард, ки ҳар як олим тавзеҳоти худро нисбати амнияти энергетикӣ пешкаш намуда, дастовардҳои дастаҷамъиро дар ин самт тафсир мекунад. Ҳамин тавр ҳар як таҳқиқотчӣ таърифи худро ҳимоя карда, дуруст мешуморад ва шояд аз ҳамин сабаб дар илм то кунун консепсияи ягонаи амнияти энергетикӣ то ба имрӯз вуҷуд надорад. Таърифҳои падидаи мазкур, ки дар илми пешниҳод шудаанд, табиатан гуногунанд ва онҳоро метавон ба навъҳои асосии зерин тақсим намуд:

а) амнияти энергетикии давлатҳои алоҳида ё миллӣ;

б) амнияти энергетикии гуруҳи давлатҳо;

в) амнияти энергетикии байналмилалӣ ё ҷаҳонӣ.

Чуноне ки маълум аст, кишварҳои истифодабарандаи энергия, бехатарӣ, устуворӣ ва таъмини мунтазами ашёи хом бо нархҳои дастрасро аз кишварҳои содиркунада ҳатмӣ медонанд. Дар ин раванд кишварҳои содиркунанда бехатарии пардохти сариватӣ ва давлатҳои транзитӣ бошанд бехатарии экологӣ ва пардохти боҷи гумрукиро талаб менамоянд. Ҳамин тариқ, мо гуфта метавонем, ки кишварҳои содиркунанда, истифодабаранда ва транзитӣ барои

таъмини амнияти энергетикии худ аз фаъолияти ҳамдигарӣ сахт вобастагӣ доранд. Самти муҳими ҳалли масъалаи мазкур - ин тағйирот дар таъминот, ҷорӣ намудани технологияи нав, захираи энергетикӣ, ҷамъоварии захираҳои ашёи хом барои ҳадафҳои стратегӣ, рушди энергияи алтернативӣ, ки вобаста ба воридоти он аз дигар кишварҳо вобаста мебошад.

Бешубҳа, таъсири бузурги назарияи неореализм дар фаҳмиши ҳалли мушкилоти амнияти энергетикӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқотчиёни ғарбӣ ва Россияи муосир рӯшану возеҳ ба назар мерасад. Онҳо консепсияи неореализмро тарафдори карда, ба манфиатҳои кишварҳое, ки барои дастрасии ҳадди аққал ба захираҳои энергетикӣ кӯшиш мекунанд, дар муносибатҳои байналхалқии энергетикӣ ё нақши хеле мусоидро барои татбиқи онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ фароҳам меоранд, нақши асосиро медиҳанд. Пайравони таҳаввулоти неореалистӣ ба он ақидаанд, ки дар ҳолати рақобати сахт ва имконият пайдо накардани таъмини амнияти энергетикӣ, муноқишаҳои байнидавлатӣ ба вуҷуд меояд ва ин раванд метавонанд ба муноқиша бо истифода аз қувваҳои ҳарбӣ оварда расонад. Дар ин замина, ҷанбаҳои низомии амнияти энергетикӣ, чунон ки маълум аст, яке аз хусусиятҳои муҳимтарини таҳқиқоти неореалистӣ мебошад. Масъалан, ақидаҳои таҳқиқотчиёни ғарбӣ Д. Моран ва Д. Рассел дар бораи сохтори энергетикӣ ва амнияти энергетикӣ таваҷҷӯҳи олимонро ба худ ҷалб намудааст [9].

Хотиррасон намудан ба маврид аст, ки ҷонибдорони назарияи конструктивизм бештар барои таҳлили масъалаҳои амнияти энергетикӣ истифода мешаванд ва онҳо "тарафи сеюм"-и масъаларо ташкил медиҳанд. Фарқияти конструктивизм аз неореализм ва неолеберализм дар он аст, ки равияи аввал номбаршуда ба шароити иҷтимоии равандҳои сиёсии мавҷуда аҳамияти бештар медиҳад. Мавқеи ҷавҳарии конструктивизм - «секьюритизация» дар он ақида қарор дорад, ки сиёсати амнияти энергетикӣ ба ақидаҳои мушаххас эътимод дорад ва давлатҳо барои ҳимоя худ нисбати таҳдидҳои вуҷуд дошта бояд чораҳои дахлдор андешанд. Албатта, таҳлили масъалаҳои амнияти энергетикӣ дар чаҳорчӯбаи ин усул бояд дараҷаи омӯзиши фикру ақидаҳо, ки ба пайдоиши воқеии сиёсати мушаххас дар ин соҳа мусоидат мекунанд, асос ёфта бошанд.

Тадқиқотчии рус Н.В. Миронов дар асарҳои худ ба баъзе унсурҳои назарияи неореализм, ки ба ҷанбаҳои низомии амнияти энергетикӣ аҳамият дорад, таваҷҷӯҳи хосса медиҳад. Ҳамзамон, ӯ қайд мекунад, ки кишварҳои бештар ба истифодаи энергия ниёз дошта, барои таъмини амнияти энергетикии худ, эҳтимол дорад, даст ба низоъҳои ҳарбӣ зананд [4, с. 165]. Муҳақиқи дигари муосири рус Ю.В. Боровский ба ҳалли мушкилоти глобалии таъмини амнияти энергетикӣ диққати махсус зоҳир карда иштирокчиёни бозори энергетикиро барои муттаҳидшавӣ тавсия медиҳад. Пеш аз ҳама, амнияти энергетикӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллии ҳар як давлат мебошад. Дар робита ба масъалаи амнияти энергетикӣ дар ФР, ӯ сиёсати ин давлатро дар доираи институтҳои бисёрҷонибаи энергетикӣ муқоиса мекунад [1, с. 296].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷаҳони муосир нақши истифодаи силоҳ коҳиш ёфта, рақобат байни давлатҳо барои таъмини амнияти энергетикӣ босуръат ҷараён мегирад ва ҳар як кишвар барои ҳалли мушкилоти энергетикии милии худ талош меварзад. Яке аз хусусиятҳои хосӣ низоми таъминоти энергия дар он мебошад, ки ин низом ҳоло ба ҳамгирой дар сатҳи ҷаҳонӣ табдил меёбад ва дар навбати худ, оқибатҳои ғайричашмдоштро дар тамоми олам, бо ҳар гуна харобкорӣ дар силсилаи функсионалӣ ифода мекунад. Зеро, амнияти энергетикӣ ба рушди иқтисодӣ ва амнияти миллӣ таъсири беназир дорад ва кишварҳои содиркунанда, воридкунанда ва транзитӣ вобаста ба захираҳои энергетикӣ, коркард, интиқол, фурӯш ва ғайра консепсияи амнияти энергетикии худро пешниҳод менамоянд, ки таърифҳои онҳо гуногун мебошанд.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои дар боло зикргардидаба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амняти энергетикӣ яке аз

ҷузҳои асосии сиёсати давлат буда ба хотири дарёфт кардани ҳадафҳои сиёсии энергетикӣ равона шудааст. Ҳар як кишвар, вобаста ба вазъи таъминоти энергетикӣ, консепсияи амнияти энергетикии худро ба вуҷуд овардааст. Чунин амал ба он хотир иҷро гардидааст, ки тақсимоти гуногунӣ захираҳои энергетикӣ ва дастрасӣ ба онҳо, таъминоти амнияти онро дар ҷаҳон ба мушкилоти шадид рӯ ба рӯ гардонидааст ва ин проблемаи глобалӣ ба таъмини амнияти миллии кишварҳо халал эъҷод менамояд. Ҳамзамон, дар давраи ҳозира инсоният шоҳиди он гардидааст, ки кишварҳои абарқудрати истифодабарандаи энергия барои дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ аз қувваҳои ҳарбӣ низ истифода мебаранд. Дар барбари ин, кишварҳои содиркунандаи маҳсулоти энергетикӣ барои ба даст овардани манфиатҳои миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ таъсири манфии худро ба дигар иштирокчиён мерасонанд. Ҳамин тариқ, азбаски то кунун аз ҷониби давлатҳои дорои захираҳои бузурги энергетикӣ консепсияи ягонаи “амнияти энергетикӣ” қабул нагардидааст, дар самти ҳалли масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ рақобатҳо, мунокишаҳо ва мухолифатҳо дар ҷаҳони муосир ба назар мерасад.

**Адабиёт**


1. Боровский Ю.В. Мировая система энергоснабжения. - М., 2008. с. 296
2. Гафуров А. Р. Сущность категории «энергетическая безопасность» и её место в общей структуре безопасности// Вестник МГТУ, 2010. - Т. 13. - № 1. С. 178-182
3. Зыков К.С. Энергетическая безопасность как составляющая экономического развития России// Экономическая и энергетическаябезопасность регионов России Перм, 2003 с. 180
4. Миронов Н. В. Международная энергетическая безопасность: учеб. пособие. М., 2003 с.165
5. Трачук К. В. Эволюция подходов к энергетической безопасности: страны-импортеры против стран-экспортеров// Вестник МГИМО (у), 2010. - № 6. с. 261

**Манбаъҳои электронӣ:**

6. Электронный ресурс. - Режим доступа: http: //www.iea. org/topics/energysecurity/
7. Goldthau A. Global Energy Governance: The New Rules of the Game / A. Goldthau, J. M. Witte. - Brookings Institution, 2009. - 361 p.
8. Lieber R., Popczyk J., SyryjczykT. Energetyka – polityka- ekonomia // Zeszyty PBR-CASE. 2007. - № 91. - S. 6.
9. MoranD. Energy security and global politics: The militarization of resource management / D. Moran, J. Russell. - NewYork : Rout ledge Publ, 2009. - 245 p.
10. Энергетическая стратегия России на период до 2030 года: Утверждена распоряжением Правительства РФ от 13 ноября 2009 г. № 1715-р. URL: http://minenergo.gov.ru/node/1026 (дата обращения: 01.06.2014).


## ЭНЕРГОБЕЗОПАСНОСТЬ: СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ


**Гулмирзоев А. Ш.**



В статье рассматриваются проблемы энергетических ресурсов, связанных с энергетической безопасностью государства, национальными интересами и политическими целями в области энергетики. Также вопрос энергетической безопасности в современных международных отношениях был уточнен, лежащий в основе политической итерпретации к понятиям «энергетическая безопасность», «неолеберализм» и «консерватизм».



**Ключевые слова:** энергобезопасность, государство, политика, международные отношения, национальный интерес, «неолиберализм», «консерватизм»


## ENERGY SECURITY: ESSENCE AND PECULIARITIES


**Gulmirzoev A.Sh.**



The article attempts, on the basis of existing in science development on the problem of "energy security", to reveal the essence of this concept. The relations of the state’s energy security with its national interests are considered. The essence of the theories of "neoliberalism" and "conservatism" in solving the problem of energy security in modern international relations is briefly described.



**Keywords:** energy security, state, politics, international relations, national interest, "neoliberalism", "conservatism".



**Гулмирзоев Алидод Шарифович,** alidod2018@gmail.com Тел: 98726 01 00

# МАДАНИЯТИ СУХАНВАРӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК

**Саидова Ф.С.** – унвонҷӯи ИФСҲ АИ ҶТ

*Муаллиф дар мақолаи мазкур таърихи пайдоиш ва рушду инкишофи маданияти суханварии сиёсӣ ва шаклҳои онро дар осори мутафаккирони форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор додааст. Махсусан, таъсири идеяҳои суханваронро ба афкори оммаи мардум қайд намуда, нақши онҳоро дар дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ мавриди омузиш ва таҳлил қарор додааст. Ҳамзамон, таъсири сухани шахсиятҳои бузургро дар сарҷамъии мардум, ҳаёти сиёсии онҳо, инчунин риояи адолати иҷтимоӣ пешниҳод намудааст. Мақола характери иҷтимоию сиёсӣ дошта, барои илмҳои сиёсӣ ва санъати суханварӣ таҷрибаи нав мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *фарҳанги суханварӣ, адолати иҷтимоӣ, намудҳои суханварии сиёсӣ, одоби муошират, маданияти шарқӣ, суханварии додгоҳӣ.*

Маълум аст, ки таърихи инкишофи сухан ва суханварӣ ба пайдоиши инсоният рост меояд. Бо ташаккул ва рушду камол ёфтани инсон он ҳам нашъунамо ёфта, пеш рафтааст. Вақте ки як ҷамоате аз мардум пайдо мешавад, ки бо як забон сухан мегӯянд, дар миёни онҳо ҳатман ихтилоф дар ақида, эътиқодот ва ҳукм пайдо шуда, миёни онҳо баҳсу талош ба миён меояд. Дар байни онҳо равшанфикрон ва зиёиён барои ба тарафи худ майл кунонидан ва ҷалб намудани мардум талош менамуданд.

Воқеан, ҳаёти инсоният аз заҳмат, сабқат ва низоъҳо иборат аст. Албатта, ба одамон лозим меомад, ки барои истодагарӣ намудан дар муқобили ҳарифон худ омода бошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар раванди таърих сухан яке аз воситаҳои ҳифзи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии инсоният буд. Яке аз сабабҳои рушду нумуъ ёфтани суханварии сиёсӣ ин робитаи байниҳамдигарии мардумон мебошад. Инчунин, сар задани мушкилоту нофаҳмиҳои гуногун сабаби инкишофи илми суханварӣ гардидааст. Дар ин росто ҳар як миллат ва халқият мақсад ва ҳадафҳои хешро баён дошта, фикру андешаҳои хешро ҳимоя мекарданд ва андешаҳои тарафи мухталифро рад менамуданд.

Фарҳанги суханварӣ дар аҳди қадим дар қатори дигар намудҳои фарҳанг ҳамчун мерос ба кишварҳои фарогирандаи Рим, аз қабили Испания, Франсия, Италия, Византия ва қисмати Англия ва Олмон ворид шуд, ки баъдан ба сифати тарҳи классикии ҳунари суханварӣ дар ташаккули фарҳанги ин кишварҳо саҳм гузошт. [1, с.18]

Дар ин ҳангом мардуми Шарқ ба ҳаракат даромада, кӯшиш мекарданд, ки ба майдони озодӣ қадам ниҳанд ва дар роҳи истиқлолияти хеш ва бунёд намудани як сохти давлатдории миллӣ ҳуқуқи хешро дифоъ намоянд. Ҳамаи ин омилҳо сабаб шуданд, ки суханварии сиёсӣ дар осори мутафаккирон мавқеи устуворро ишғол намояд ва рушд кунад.

Дар сарчашмаҳои илмию таърихӣ оид ба мақом ва аҳамияти суханварӣ навиштаву гуфтаҳои зиёде ба қайд гирифта шудаанд, ки таваҷҷӯҳи мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб менамоянд. Ҳатто дар Юнони қадим фанни риторика, яъне суханвариро илми идораи ҷомеа мешумориданд. Имрӯз ҳам мақому мартабаи илму амал ва ҳусни инсонро бештар дар баёнаш медонанд, ки ин ҳам воқеият дорад.

Дар Шарқ ва маданияти шарқӣ сухандонию суханвариро мардум хеле эҳтиром гузошта, вожаҳои гуногунеро барои ифода ва баёни он мавриди истифода қарор додаанд. Ба монанди:

хитоба, суханварӣ, калом, воизӣ, нотиқӣ ва ғайра.

Мутафаккирони форсу тоҷик оиди суханварӣ асари алоҳида таълиф накарданд, вале дар як силсила асарҳои илмӣ дар одоби муошырати шоҳон, фасоҳату салосати сухан ба андозаи гуногун маълумот додаанд, ки ба ҳунар ва маҳорати суханварӣ низ алоқамандӣ доранд. Воқеан, муҳаққиқон нисбати худпарастӣ, мутассибӣ, бенизомӣ, фориғболӣ ва қаллобӣ муносибати манфӣ доштанд. Аз ин ҷост, ки ғояҳои олӣ, чун озодӣ, баробарҳуқуқӣ, гуногунандешӣ, худшиносӣ ва ғайраро бахри омма ташвиқу тарғиб мекарданд. Ҳунари суханварӣ дар байни издиҳоми зиёд маҳорат, малака, касбият, дониш, таҷриба ва ҷуръати комилро тақозо менамуд. Албатта, андешаҳои иҷтимоию сиёсии онҳо бахри муттаҳидии мардум дар замони худ мусоидат намуданд.

Дарвоқеъ, миллате, ки тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, забон, расму ойин ва арзишҳои фарҳангиашро аз даст медиҳад, истиқлолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи сухан ва мавқеи онро дар таърихи давлатдории тоҷикон бузург дониста ниёгонамонро аз қабили “беҳтарин донандагони калом ва шеваи гуфтор дар рӯзгори башарият”, [2, с.21]медонад.

Ҳамин тавр, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи риторикаи сиёсӣ такмили арзишҳои сиёсию мадании ҷомеа, тасдиқ ва собит гардонидани ғояву андешаҳо сиёсиест, ки онҳо дар марҳилаи мушаххаси таърихӣ барои миллату давлати муайян ба сифати унсурҳои ваҳдатофарӣ баромад мекунанд.

Дарвоқеъ, мутафаккирони тоҷику форс дар ашъори худ арзиши сухан ва суханвариро тараннум намудаанд. Осори офаридаи Рудакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насруддини Тусӣ, Саъдии Шерозӣ, Муҳаммад Умари Родуёнӣ, Маҳмуди Омулӣ, Унсурмаолии Кайковус, Низомулмулк, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Аҳмади Дониш, С.Айнӣ, Ҳоҷӣ Ҳусейн ва дигарон аз зумраи ҳамин қабил таълифоти илмӣ ба шумор мераванд.

Қоида ва усулҳои доир ба суханварӣ офаридаи бузургони миллатамон ба фарҳанги ҷаҳонӣ дохил гардида, дар осори зиёди таърихию фарҳангӣ инъикоси том ва возеҳ ёфтаанд, ки то имрӯз сеҳри сухани онҳо дар зеҳну тафаккури оламиён нақши хоса гузоштааст.

Зикр кардан хос аст, ки қадру манзалати суханвар ва сухандонию суханварзӣ ҳанӯз дар китоби муқаддаси «Авесто» мақоми хосса дошт. Шахсияти Зардушт низ ҳамчун як фарди сухандону суханвар дар таърих маълум аст. Дар «Авасто» ва дигар осори паҳлавӣ, бо афкору осори ибратомӯз вомехӯрем, ки ба сухан ва суханварӣ асос дода шудаанд. Аз гӯфтаҳои Зардушт чунин бармеояд, ки мақоми сухани нек дар радифи андеша ва рафтори нек басо баланд аст ва барои саодатманд гардидани афрод нақши босазо дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар эраи пеш аз милод дар катибаҳо дарҷ намудани сухан инкишоф ёфта буд. Дар таърихи маданияти форсу тоҷик чунин маъхазҳоро зиёд вохурдан мумкин аст. Онҳо дар баргирандаи суханвариҳои сиёсии шоҳону пешвоёни маънавӣ мебошанд.

Намунаи барҷастаи он дар таърихи тамаддуни форсу тоҷик Эъломияи Куруши кабир аст, ки бо номи «Устувонаи Куруш» маъруфият дорад ва имрӯз дар осорхонаи Англия маҳфуз аст. Он аз қадимтарин намунаҳои суханварист, ки матни он бо хат ва забони бобулӣ навишта шудааст. Фалсафаи тамаддуни миллат пайгири роҳи ҳақ ва адолат буда, устуории ҳокимиятро ба он рабт менамояд. Санъати давлатдории Куруши Кабир бозгӯйи воқеии тамаддун буда, ба он роҳи ҳақ ва адолат, санъати суханварӣ ва истеъдод дар муносибат имкон дод ҳудуд ва халқиятҳои зиёдеро дар империяи худ муттаҳид созад. Озодии виҷдон кафолати давлатиро соҳиб гардида, ҳуқуқ ва озодиҳои фитрӣ мақоми ҳуқуқиро касб карданд. Озодии мутлақ рӯи кор омада, асоси давлатдориро ислоҳот ташкил дод.[3]

Дарвоқеъ, мутафаккирони тоҷик ҷойгоҳи сухан ва суханварро дар рушду

инкишофи иҷтимоию сиёсӣ ва маънавии мардум бузург дониста, дар баробари ин намудҳои гуногуни суханро ҷудо менамоянд.

Яке аз чунин бузургони миллатамон Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Ӯ дар “Шоҳнома”- и безаволи худ оид ба қадру манзалати сухан, хирадмандию равшанфикрӣ, ширинзабонию нармгуфторӣ нақл мекунад. Махсусан, барои сафирону намояндагони давлат қобилияти баланди суханварӣ доштанро муҳим арзёбӣ менамояд. Ба андешаи ӯ аз инсон ба ҷуз аз сухан ва кирдори нек ҳеҷ чизи дигар боқӣ намемонад.

Табиб ва файласуфи бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино дар «Риторика» - и худ, ки онро дар яке аз қисматҳои «Китоб уш – шифо» баррасӣ менамояд суханвариро ба се навъ: машваратӣ, бурҳонӣ ва додгоҳӣ ҷудо кардааст, ки ҳар яке аз онҳо ҳадафҳои хосси худро доранд. Суханронии машваратӣ чунин суханрониест, ки ҳадаф аз он қонеъсозӣ дар он аст ки шахс бояд барои нафъи худ кореро анҷом диҳад ё бинобар зиёнаш он корро анҷом надиҳад. Суханронии бурҳонӣ бошад суханрониест, ки ҳадаф аз он қонеъсозӣ дар ситоиши чиз бинобар фазилате мебошад, ки дар он аст, ё накӯҳиши он бинобар нуқсоне ки дорад. Суханронии додгоҳӣ ҳамон суханрониеро мегӯянд, ки мурод аз он қонеъсозӣ дар шикоят аз зулми расида, ё узрхоҳӣ аз он ки зулм нест. Ва шояд ки ихтилоф дар худи амр воқеъ нашуда бошад, балки дар манфиатбахш ё ғайри манфиатбахш, зулм ё ғайри зулм, фазилат ё нуқсон будани он воқеъ шавад. [4, с.496] Яъне, суханварии додгоҳӣ ҳамон нутқи судиест, ки барои исботи бегуноҳии шахс аст.

Ибни Сино барои суханвар қувват ва иродаро ду чизи муҳим ва зарурӣ медонад. Қувватро барои исбот ва рад кардан зарур мешуморад. Абӯалӣ Ибни Сино дар таъмини адолату қонуният дар ҷомеа нақши суханварро бузург дониста ба дурустӣ таъкид дошта буд, ки «азбаски ҷомеа зодаи ҳамкорӣ ва ҳамраъӣ аст, ба касе ниёз дорад, ки «қонун ва адолатро муқаррар намояд ва чунин кас бояд имкони тавассути сухан ба мардум муроҷиат карданро дошта бошад ва мардумро барои риояи қонун уҳдадор созад». Албатта, ба сифати чунин шахсият сарварон низ дохил мешаванд.

Абуалӣ Ибни Сино инчунин шунавандагонро низ ба се гурӯҳ ҷудо намудааст: мухолифон, довар, ки ба қонеъсозии яке аз тарафҳо доварӣ мекунад ва шунавандагони назоракунанда. Аммо довар дар мавриди масъалаҳои марбут ба оянда ҳамон сарвари тадбиргари умури ҷамоат аст, вале дар мавриди масъалаҳои марбут ба воқеъияти ҳол шахси миёнаравест, ки баррасии ӯ мавриди эътимод аст. Назоракунандагон бошанд ҷуз ба назора кардани қуввати яке аз тарафҳо ва заъфи тарафи дигар, коре надоранд.

Ба андешаи Сино, суханвар бояд донишу фарҳанги пешрафта дошта бошад, то ки матлабро дурусту саҳеҳ ба шунавандагон расонад. Нутқи суханвар дарбар гирандаи ҳаёти омма бошад.

Яке аз бузургтарин абармандони дунёи хирад Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ мебошад, ки саҳми он на танҳо дар рушди маънавиёти халқҳои форсизабон, балки дар ташаккули афкори ҷаҳонӣ беназир аст. Дар осори Саъдӣ низ оид ба одоби сухану суханварӣ ва риояи меъёр дар он бисёр вохурдан мумкин аст. Ӯ дар ашъори марбут ба суханварӣ бахшидаи худ оид ба одоби муошарати шоҳону амирон мисол оварда, ҳамеша оммаи заҳматкашро тараннум менамояд. Махсусан, дар боби чаҳорум ва ҳаштуми «Гулистон» ин падидаро ӯ ба таври муфасал шарҳу эзоҳ додааст. Саъдӣ боби ҳаштуми китоби “Гулистон”- ро дар одоби муошират бахшидааст.

Сухан ва арзишу мавриди он, мусоҳиб ва дарку фаҳмиши он, одоби муошират ва риояти шеваи гуфтору рафтор дар “Гулистон”-и Саъдӣ мавқеъи бузург дорад. Мутафаккир қадру манзалати шахсро тавассути сухан мешиносад. Нутқи хубро нишони хирадмандӣ ва доштани илму дониши инсон медонад. Ба ақидаи Саъдӣ ҳангоми муошират бояд вобаста ба фаҳмиши мусоҳиб андешида суханронӣ намоем. Зеро сухане, ки бе андеша баён мешавад, номаҳкам ва бебунёд аст ва ғайр аз пушаймонӣ дигар чизе ба бор намеорад.

Саъдӣ барои инсон сухани рост гӯфтан, ҳақиқатҷӯ будан, аз ҳарфҳои

дурӯғу беҳуда ва таърифҳои барзиёд парҳез карданро хислатҳои нек донистааст. ”Ҳар кӣ дар гуфтор сухан насанҷад, аз ҷавобаш биранҷад. Ё ин ки:”Дурӯғ гуфтан ба зарбати шамшер монад, ки агар низ ҷароҳат дуруст шавад, нишон бимонад” [5,с255.]. Ҳатто нисбати дӯст низ сухани ҳақро бояд гуфт. Шайх Саъдӣ аз дӯсте, ки камбудӣ ва нуқсони ӯро бо сабаби дӯстӣ пинҳон медорад, “душмани бебок”-ро авлотар медонад.

Саъдӣ яке аз омилҳои одоби муоширатро дар имконият додан ба мусоҳиб медонад, ки фикри хешро баён созад. Ҳарчанд ки сухани ӯ мақбул набошад ҳам, сабр намуда, ҳарфи гӯяндаро то анҷом шунавад. Дар муоширад боодоб будан, мавзуну пурмаъно ва бо ҳикмату зарофат ҳарф заданро мутафаккир хислату сифатҳои хуҷастаи инсон мешуморад ва касе, ки нисбати Шумо бо лутфу меҳрубонӣ ҳарф мезанад, сазовори ҳурмату эҳтиром асту бо тавозуъ хоксори вай бош, вале бо ту ба пайкор бархезад, дидагонашро аз хок пур кун [6,с.61]. Мутафаккир зимни гуфтор аз такрорҳои бемаврид ва суханҳои беҳуда парҳез карданро ба мухотаби хеш таъкид менамояд.

Дарвоқеъ, арзиши маънавиёти офаридаи Саъдӣ дар рушду инкишоф ва ташаккули худшиносӣ саҳми беназир дорад. Эҷодиёти ӯ ба тамоми самтҳои ҷомеа бахшида шуда, арзиши ахлоқии он барои наслҳои башар аз аҳамият холӣ нест.

Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ дар асри худ «Кимиёи саодат» суханро ба чор қисм ҷудо намудааст: «яке ҳама зарар, дуввум, нисф зарар, саввум, на зарар ва на суд ва чаҳорум, ҳама суд» ҷудо кардааст. [7,с.68] Мутафаккир қисмати чаҳорумро «гуфтанӣ» ва боқиро «ногуфтанӣ» мешуморад. Ба андешаи Муҳаммад Ғазолӣ, суханвар бояд «сабукрӯҳу хушдидор ва доно» бошад.

Дар асараш «Насиҳат ул мулук» на танҳо аз меъёр ва усулҳои давлатдорӣ, одоби муошират, балки аз усули писандидаи номанигорӣ ҳам сухан ронда, ба дабирон тавсия мекунад, ки «чун нома нависӣ пеш аз он ки бинавардӣ (лӯлавор печонӣ), фурӯ хон, он гоҳ бинавард, то, гар хатое бошад, онро андарёфта ояд. Ва ҷаҳд бояд кард, то сухан кӯтоҳ буваду маъно дароз ва сухан дубора набишта нашаваду аз алфозн гарон парҳез кунад, то сутда бувад. [8,с.18]

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар байни ашъори офаридаи бузургони миллатамон китоби “Насиҳатнома”-и Унсурулмаолии Кайковус нақши хоса дорад. Ӯ дар боби ҳаштуми китоби хеш “Андар пеша ҷустан дар сухандонӣ” қадру қимат ва мартабаи суханро хеле баланд нишон дода таъкид менамояд: “Пас пушту рӯи сухан нигоҳ бояд дошт ва хар чӣ гӯй, ба накӯтарин ваҷҳе бояд гуфт, то ҳам сухангӯй бошӣ ва ҳам сухандон. Ва агар сухане гӯиву надонӣ, чи ту бошӣ ва чи он мурғ, ки ӯро тӯтӣ хонанд, ки вай низ сухангӯ аст, аммо сухандон нест. Ва сухангӯй, сухандон он бувад, ки ҳар чӣ ӯ бигӯяд, мардумонро маълум шавад. Аммо суханро бузург дон, ки аз осмон сухан омад ва ҳар суханро, ки бидонӣ аз ҷойгоҳ ин суханро дареғ мадор ва бо ноҷойгоҳ зоеъ макун, то бар дониш (ҷонвар, ҳайвон) ситам накарда бошӣ. Аммо ҳар чӣ гӯй, рост гӯй ва дурӯғ бояд, ки піромуни ту нагардад. »[9,с.24].

Мутафаккир дар он ақида аст, ки «сухан чор навъ аст: яке на донистанӣ аст, на гуфтанӣ, дигаре ҳам донистанӣ аст, ҳам гуфтанӣ, яке гуфтанӣ аст ва надонистанӣ ва яке донистанист ва ногуфтанӣ. Ва он ки ҳам гуфтанӣ аст ва ҳам донистанист, сухане бувад, ки силоҳи дин ва дунёдорон бувад ва ҳам бад-ин ҷаҳон ба кор ояд ва ҳам бад-он ҷаҳон. Ва аз гуфтану шунидани он гӯянда ва шунавандаро нафъ бувад. Ва он, ки донистанӣ аст ва ногуфтанӣ, чунон бувад, ки айби мӯҳташаме айби дусте туро маълум шавад. Аммо ин чаҳор навъ сухан ҳар якеро ду рӯй аст: яке некӯ, дигаре зишт. Сухан ки ба мардум намойи, бар руйи накутарин намой». Мутафаккир ҳар чаҳорро шомили ду ҷиҳат - манфию мусбӣ маънидод кардааст. Аммо ин чаҳор навъ сухан ҳар якеро ду рӯй аст: яке некӯ, дигаре зишт. Сухан ки ба мардум намойи, бар руйи накутарин намой». [9,с.24] Кайковус аз рӯзгори шоҳон Анушервон, Ҳорунаррашид ва Хусрав мисол оварда, тарзи муоширати онҳоро бо мардум дарҷ гардондааст.

Дарвоқеъ, тамоми бузургони илми адаби мо суханро воситаи ҳақиқату адолатпарварӣ, ростию иродаи мустақил медонистанд. Масалан, Закариёи Розӣ дар мавриди асолати сухани рост чунин ибрози ақида дорад: “...одами оқил худро ба чизе, ки оқибати он хавф дорад, чаро гирифтор кунад. Бинобар ин, одами оқил ҳамеша чи дар сухан ва чи дар ирода хаққонию ҳақиқатпараст бошад.”[10,с.85]

Амир Хусрави Деҳлавӣ (1254 – 1325) дар асари худ «Расоил – ул - эъҷоз» суханвариро ба ҳашт қисм ҷудо намудааст: тарзу тариқи сухани суфиён, сухани олимони роҳи ҳақ, мутарассилон, сухани ҳукамо, музаккирон, сухани устодони мадраса, тариқи сухани оммаи мардум бо асоси шевагии он, сухани шӯхтабъону ҳаҷвгӯён сабкҳои асосии сухананд, ки имрӯз ҳам дар истифода мебошанд[11,с.28]

Низомулмулки Тусӣ дар “Сиёсат-нома”-и худ хислати суханшунавӣ доштани шоҳро таранннум намудааст: “чора набошад подшоҳро аз он ки дар ҳафтае ду рӯз бо мазолим бинишинад ва дод аз бедодгар биситонаду инсоф бидиҳад ва сухани раият бишунавад бевосита”. [12,с.11]

Мутафаккир шоҳро ҳушдор мена-мояд, ки зирак бошад ва ҳар сухан ва хабаре мешунавад, ҳақиқати онро даққиқ санҷида хулоса барорад: “Андар корҳо шитобзадагӣ набояд кардан. Ва чун хабаре шунавад, андар оҳистагӣ кор бояд фармуд, то ҳақиқати он падид ояду дурӯғ аз рост пайдо гардад, ки шитобзадагӣ кори заифон аст на кори қодирон”. [12,с.8]

Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Футувватномаи султонӣ » низ бар он ақидааст, ки, ки сухан мусаххаргари мустамеъ бошад ва ваҷҳи адои он аз ғановати суханварии воиз маншаъ бигирад. Ҳамчунин, аҳли суханро аз тоифаи аввали «маърака»»[13,с.94].

медонад ва эшонро ба «маддоҳон, ғаррохонон, саққоён, хосагӯён, бисотандозон, қиссахонон ва афсонагӯён» қисмат месозад ва ибрози суханро бар ваҷҳе медонад, ки «дар дили мустамеъ ҷой гирад».«…дар миёни сухани мардум сухан дарнаёрад ва сухани гӯяндаро бурида нагардонад…» [13, с 79]. Ба ақидаи ӯ нотиқ сухане гӯяд, ки манфиати дунё дар он бошад.

Воқеан, барои таҳияи чунин сухани пурмуҳтаво, судманд ва дилиписанд ба суханвар лозим меояд, ки хангоми гирд овардани мавод, таҳлилу танзими он ва омода намудан ба гуфтор заҳмати зиёдеро паси сарнамояд.

Аҳмади Дониш бошад ба меъёрҳои ахлоқӣ дар суханварӣ аҳамият додааст. Ростқавлии шоҳро аз ҳама боло медонад. Чуноне, ки қайд менамояд:“Ҳоким бояд ростқавлу ҳақгӯ бошад. Ӯ набояд имрӯз як чизро гӯяду рӯзи дигар чизи дигар. Сухани ӯ бояд қатъи бошад”. Ӯ дар бобати сухандонӣ низ чунин қайд менамояд: «Дар зери осмону забари замин ба адаб бояд рафт ва сухан боадаб бояд гуфт ва ба оҳистагию нармӣ адо бояд кард. Ва сухан кам бояд гуфт, ило ба зарурат ва аз барои ҳар сухане панҷ шаш ҷавоб муҳайё бояд дошт, то назди суол оҷизӣ набояд кашид” [14,с.91].

Бояд гуфт, ки мақоми воизиву суханпардозӣ дар минтақаҳои кӯҳистони мо аз қадим заминаҳои диниву иҷтимоӣ дошт. Махсусан, дар нимаи дуюми асри 19 ва ибтидоӣ асри 20 ин раванд инкишоф ёфт. Чуноне, аз осори бузургони ин давра бар меояд, онҳо пушту паноҳи оммаи мардум буданд. Яке аз чунин шоирони ватанхоҳу ватанпарвари ин давра Ҳоҷӣ Ҳусейни Кангуртӣ аст.

Аз навиштаву дастхатҳои Ҳоҷӣ бармеояд, ки ӯ марди шуҷою далер ва пушту паноҳи мардуми оддӣ будааст. Дар аксари мактубҳои навиштаи ӯ ба ҳокимони Бухоро пешниҳоду мурочиатҳои зиёде нисбати кумаку дастгирии мардуми кӯҳистони диёраш дарҷ ёфтааст, ки хислатҳои бузургию олимартабагии ӯро баён менамояннд. [15,с.11]

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар асрҳои миёна санъати суханвариро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ маддоҳон рушду инкишоф доданд. Онҳо дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд дар маҳалҳои махсус мезистанд. Ин тоифа на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар Эрон, Туркия ва баъзе мамлакатҳои Арабистон мавҷуд буданд. Онҳо дар ҷойҳои серодами шаҳрназди ҳавз ва

бозорҳо ҳунарнамоӣ мекарданд.

Маддоҳон одатан роҳ гашта, нақл мекарданд ва бо ҳаракати дастҳо, имову ишораи рӯ, талаффузи бурро, нутқи фасеҳ диққати ҳозиринро ба худ ҷалб менамуданд. Нақли онҳо «достон» ном дошт. Мавзӯъ ва замони пайдоиши ин достонҳо гуногун буд. Дар онҳо бештар ривоятҳо аз ҳаёти анбиёву авлиё, нақлҳои пандомӯз, таркиботи вобаста ба шароити замон ва вазъияти сиёсии давр, инчунин порчаҳо аз Қуръон ва аҳкоми шариат истифода мешуданд ва баробари асарҳои динӣ, достонҳои халқию қаҳрамонии «Ҷангномаи Абӯмуслим», бобҳои алоҳидаи «Шоҳнома» («Рустам ва Сӯҳроб», «Сиёвуш») -ро низ нақл мекарданд. Аксари маддоҳон бо роҳбарии шайхҳои худ ба мардум таъсири ғоявӣ мерасониданд. Маддоҳӣ баъди инқилоби Октябр дар қаламрави советӣ аз байн рафт. [16,с.138]

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар замони инқилобҳо мутафаккирону шоирон низ ҳамқадаму ҳамнафаси зиндагии мардум ҳастанд. Онҳо дар ашъори худ халқи заҳматкашро тараннум намуда, барои аз зулми золимон халос шудан тавсияҳо медоданд. Ҳанӯз дар асрҳои миёна ин тамоюл дида мешуд. Дар асрҳои 19 – 20 –ум ин раванд инкишоф ёфт. Онҳо чун қудрати озодона сухан карданро надоштанд, ҳадафҳо ва суханвариҳои сиёсии худро дар назм медароварданд. Дар ашъори худ халқро бар сарҷамъӣ ва мубориза даъват мекарданд.

Дар ин марҳила суханварӣ востаи асосии таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию сиёсии мардум ба ҳисоб мерафт. Мутафаккирон тавассути асар ва ашъори назмии офаридаи худ оммаи камбизоатро бар зидди зулму истибдоди амирони ҷоҳилу мутаассиб даъват мекарданд. Албатта, дар осори эҷод намудаи онҳо хусусиятҳои иҷтимоию сиёсии падидаи риторика инъикос ёфтааст.

Хулоса, фарҳанги суханварӣ дар осори мутафаккирони форсу тоҷик хеле баланду боло тафсир ёфтааст, ки барои рушду нумуъиояндаи санъати сухан ва суханварӣ дар ҷомеа ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад.

**Адабиёт**


1.Кузнецов И.Н. Риторика или ораторское искусство.-М., 2004
2.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих.– Душанбе,-2002
3.Маҳмудзода М. Паём ва ҳадафҳои созандаи Пешвои миллат. Ҷумҳурият,12.02.2019, №:32
4.Абу Али ибни Сино(Авиценна). Сочинения.Том 7.-Душанбе, 2019
5.Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Иборат аз чаҳор ҷилд, ҷилди 3.-Душанбе, 1990
6.Хоҷаев Қ.Одоби муошират аз назари Шайх Саъдӣ. Паёмномаи фарҳанг, №2[30], 2015
7. Муҳаммад Ғаззолӣ. Кимиёи саодат.Ҷилди II. Душанбе, 2008
8.Камолиддинов Б.
9.Унсурмаолии Кайковус.Насиҳатнома,-Душанбе,1968
10.Маҳмадов А.Н.Риторика ва баҳси сиёсӣ,-Душанбе,2011
11.Шарифов Х.Балоғат ва суханварӣ,-Душанбе,2002
12. Низоулмулк. Сиёсатнома. -Душанбе, -1980
13. Кошифӣ Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи мӯҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия.- Душанбе,-1991
14.Раджабов З. Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониш.-Сталинабод,1961
15. Муҳаммад А. Ҳоҷи Ҳусайни Кангуртӣ. Душанбе,2018
16.Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ.Ҷилди 2, Душанбе,- 2015


## КУЛЬТУРА РИТОРИКИ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ В НАСЛЕДИИ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ


**Саидова Ф. С.**



Автор в данной статье рассматривает историю возникновения и развития культуры политической риторики и ее формы на основе наследия персидско-таджикских мыслителей. В частности, отмечается влияние идей риторики на основы размышлений простых людей и их место и роль в перестройке общественной и социальной

сферы. Исходя из этого, влияние политический риторики знаменитых людей в обществе становится объектом изучения, а также рассматривается соблюдение социальной справедливости.Статья имеет социально-политический характер и является новым опытом в политической науке.

***Ключевые слова***: Риторика культуры, социальная справедливость, типы (способы) политической риторики, деловая риторика, восточная культура, судебная риторика.

**CULTURE SPEECH AND ITS CHARACTERISTICS IN THE LITERARY PERSIAN-TAJIK THINKERS**

**Saidova F.S.**

The author in this article considers the history of the origin and development of the culture of political rhetoric and its form on the basis of the legacy of the Persian-Tajik thinkers. The influence of the idea of rhetoric on the foundations of the thinking of ordinary people is especially noted, and their very role becomes the object of study in the restructuring of the political and social sphere.

Based on this, the influence of rhetoric of famous people becomes the object of the study of such issues as; political activity and social justice.

This article also has political – social character, that's why trying to discovery firstly the new innovation in practice for political science and rhetoric.

***Keywords***: Culture rhetoric, social justice, types (methods) of political rhetoric, business rhetoric, eastern culture, oral speech, Jurisprudence speech.

# ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ "ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН"

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в "Правилах для авторов", публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

# ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БА "АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ АИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН" ПЕШНИҲОД ШУДААНД

Мақолаҳои ба идора расида, ташхисро гузашта (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), сипас тибқи тартиботи муқарраршуда қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони "Қоидаҳо барои муаллифон" дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳоеро, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳо оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо бояд пеш аз супурдан ба тақриз ислоҳ карда шаванд.

Сипас ба мақолаҳо бо тартиби муайян, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзӯи мақола алоқаманд, (номзад ва докторҳои илм) тақриз дода мешавад.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла, навоварӣ дар масъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, корбурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои чойдоштаро фаро гирад. Дар хулосаи тақриз бояд баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзӯъ, ё ба чоп тавсия надодан қайд шавад.

Ҳаҷми тақриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти заруриро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф, мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба хайати тахририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад.

Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхбардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷшударо надоранд.

## REVIEWING ORDER
## ARTICLES PRESENTED TO "THE NEWS OF THE INSTITUTE PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN"

Articles coming to the editory board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in "Rules for the authors" published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in the presence of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of reviewing of the manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for the needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

## ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ, бо назардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот ирсол намоянд.

Дар маҷаллаи Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳое чоп мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ марбут бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва вожаҳои калидию фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 12 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на зиёдтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд то даҳ адад бошанд. Матн бояд дар файли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хоси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаи марбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, сарҳарфи ном ва насаби муаллиф ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошанд, қабул карда мешаванд. Дар охири мақола, баъд аз матн ва фишурдаи рӯйхати адабиёти истифода шуда зикр гардида, аз тарафи чап номи муассисае, ки мақоларо пешниҳод кардааст, инчунин маълумот дар бораи муаллиф, телефон ва имзои муаллиф (муаллифон) оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушахассоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифа; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифа (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф барои ислоҳот ё ҷиҳати таҳрир, муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо дар муддати то 3 рӯз ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисорнамудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

## ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

1. В журнале "Известия Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан" печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по философским, социологическим, политологическим и юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии, в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать 1-го п.л. (до 12 страниц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова, приводимые в конце статьи. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего Отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора.

5. Статья принимается в одном экземпляре, в текстовом и в электронном вариантах. Статья должна быть напечатана: на компьютере, с одной стороны листа, через 1,5 (полуторный) интервал, в файле Microsoft Office Word, размером шрифта 14, гарнитура Times New Roman (для русских и английских текстов), Times New Roman Tj (для таджикских текстов), интервалом 1,5, поля с каждой стороны – 2,5 см. В статье обязательно использование таджикского шрифта для таджикских текстов гарнитурой Times New Roman Tj, аннотации и ключевых слов. Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

7. При оформлении списка использованной литературы следует указать:

а) для книг - фамилию и инициалы автора, полное название, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, автору необходимо в трехдневный срок внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

11. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

12. Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (авторами).

Адрес редакции: Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан.

## RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board asks authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 12 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size - 14 headset - Times New Roman Tj, line spacing - 1.5, farmland - 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, initials and surname of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. At the end of the article after the text and annotations there should be given a list of references, on the left side one should indicate the name(s) of the institution that submit the article(s), as well as information about the author(s), telephone and signature of the author (s).

When making a list of references one should indicate: a) for books - surname and initials of the author(s), full name of the books, place of publication, the publisher, year of publication, volume number, page; b) for journal articles and collections - surname and initials of the author, article title, journal title or collection, year of publication, and page number (for collection). After repeated references to the same literature standard abbreviations are acceptable.

To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.

*Ба матбаа супорида шуд 13.08.2019*
*Барои нашр имзо шуд 14.08.2019*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 24,9. Андоза 70х100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №80.*

*Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АИ ҶТ*
*ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.*